**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ**
**АКАДЕМИЯ**

# ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ВЕСТНИК АКАДЕМИИ МВД РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**№ 1 (1). 2026**

**Душанбе - 2026**

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ
АКАДЕМИЯ

# ПАЁМИ
# АКАДЕМИЯИ ВКД
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ВЕСТНИК
# АКАДЕМИИ МВД
# РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

№ 1 (1). 2026

**ТДУ 001 : [316+33+8+62] (575.3)**
**ТКБ 72 : 60.5.+65+8+30 (1 тоҷ)**
**П - 14**

# ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

Муассис – Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Дар маҷалла мақолаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд
Маҷаллаи илмӣ аз соли 2026 нашр мегардад

**РАИСИ ШУРОИ ТАҲРИРӢ:**
Раҳимзода Р.Ҳ. – Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, д.и.ҳ., дотсент, генерал-полковники милитсия.

**АЪЗОЁНИ ШУРОИ ТАҲРИРИЯ:**
Олимов К. – аъзои пайвастаи АМИТ, д.и.ф., профессор; Пирумшоев Ҳ. – аъзои пайвастаи АМИТ, д.и.т., профессор; Шоисматуллоев Ш. – узви вобастаи АМИТ, д.и.с., профессор; Норматов И.Ш. – узви вобастаи АМИТ, д.и.с., профессор; Шамолов С. – д.и.ф., профессор; Роизқзода А.Ш. – д.и.т., профессор; Ализода Б. – д.и.т., профессор; Муҳаммадзода П.А. – д.и.с., профессор; Абдуллозода С.Ф. – д.и.физика-математика, профессор; Шарофзода Ғ. – д.и.филологӣ., профессор; Шарофзода Р.Ш. – д.и.ҳ., профессор; Шарифзода Р.Ф. – д.и.ҳ., дотсент; Раҷабзода Р.М. – д.и.ҳ., дотсент; Раҳамадҷонзода Р.Р. – д.и.ҳ., дотсент; Назарзода Н.Ҷ. – д.и.т., Солиев К.Ҳ. – н.и.ҳ., дотсент, Зулфониён Р. – н.и.филологӣ., дотсент.

**РАИСИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРӢ:**
Насуриён П.А. – сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия.

**МУОВИНИ РАИСИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРӢ:**
Муҳаммад С.А. – сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.с., дотсент.

**АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
Арипов А.Л. – н.и.ҳ.; Шарофзода Ф.А. - н.и.техникӣ; Давлатшозода А.Ш. - н.и.педагогӣ, дотсент; Абдулло А.Р. – н.и.ҳ., дотсент; Қосимзода Ф.М. – н.и.ҳ., дотсент; Абдуллозода Н.Р. – н.и.ҳ.; Воҳидзода А.М. – н.и.ҳ.; Шарифзода П.Р. – н.и.ҳ.; Аҳёзода Ш.Т. – н.и.ҳ.; Қодирзода Ғ.Н. – н.и.ҳ.; Солеҳзода Ф.Ф. – н.и.ҳ.; Нуъмонов Т.И. – н.и.техникӣ; Хокироев Р.Г. - н.и.филологӣ, дотсент; Саидолимов К. - н.и.филологӣ, дотсент; Юсуфзода А.Ю. – н.и.т.; Холбойзода Б.Э. – н.и.и.; Хушвахтзода Х.Х. – н.и.т.; Асламов Б.С.

| | |
|---|---|
| Котиби масъул: | Самиъзода Б.С. |
| Масъули нашр: | Нарзуллозода С.С. |
| Муҳаррирони масъул: | Саидолимов К. – н.и.филологӣ, дотсент;<br>Хокироев Р. – н.и.филологӣ. |
| Муҳаррири техникӣ: | Холзода Б.М. |

**© Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026**

*Назари ҳайати таҳририя метавонад ба ақидаи муаллифон мувофиқ набошад. Барои мазмуни мақолаҳо ва маълумоти пешниҳодшуда муаллифон шахсан масъул мебошанд. Ҳангоми пурра ё қисман чоп намудан, истифода бурдан, истинод ба сарчашма ҳатмист.

# МУНДАРИҶА

**Насуриён, П.А.** Оғозсухан ба нашри аввали маҷалла ........ 5

**Абдуллоҳи Раҳнамо.** Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: таҳлили ҷомеъ дар мавзуи мубрам (Ёддоште дар ҳошияи китоби Раҳимзода Р.Ҳ., Душанбе, «ЭР-граф», 2025, 484 с.) ........ 7

**Комилов, Д.Р.** Давлатдорӣ ҳамчун мактаби сиёсат, адолат ва маърифат: таҷрибаи Пешвои миллат (Дар ҳошияи китоби Раҳимзода Р.Ҳ. (Душанбе, «ЭР-граф», 2025. 484 с.) ........ 15

## БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ

**Асламов, Б.С., Убайдуллоев, Ш.Э.** Ояндабинии стратегӣ ва таҳкими амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 23

**Бойзода, Ҷ.Ҷ., Комилов, Д.Р.** Ҳикмати фидокорӣ ва таъсири он дар рушди ҷомеа ........ 29

**Баротзода, О.Х.** Педагогикаи омодасозии кадрҳои идоракунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ........ 35

**Саидзода, З.А., Комилов, Д.Р.** Сулҳ ва суботи миллӣ дар афкори сиёсӣ: таҷассум ва роҳбарии Пешвои миллат ........ 41

**Самиев, Б.Ҷ., Расулзод, Л.Х., Одиназода, С.Р.** Ҳукумати электронӣ ҳамчун зинаи нави идоракунии давлатӣ ........ 49

**Сафарзода, Ҳ.С., Ахёзода, Ш.Т.** Ҷанбаҳои ирфонӣ-адабии муқовимат ба таассуботи динӣ ва идеологияи экстремистӣ ........ 54

**Самиъзода, Б.С.** Вазъи сиёсӣ ва маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1924-1931 ........ 62

**Султонзода, В.И., Одиназода, С.Р.** Тарбияи ҳуқуқӣ-маънавии курсантони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаи иҷтимоӣ-педагогӣ ........ 69

**Ниёззода, Б.З.** Рушди соҳаи сайёҳӣ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: захираҳои сайёҳию рекреатсионӣ дар вилояти Хатлон ........ 73

**Талбаков, С.И.** Масъалаҳои мубрами фарҳанги миллӣ дар марҳалаи нави рушди давлатдории Тоҷикистон ........ 77

**Фаттоев, М., Шарифхонзода, М.Ш.** Унсурҳои асосии идора намудани афкори ҷамъиятӣ дар шароити кунунӣ ........ 83

**Каримова, Т.** Муносибати давлат ва фарҳанг аз нигоҳи академик Муҳаммадҷон Шакурӣ ........ 93

**Назриев, К.** “ИДМ плюс”: Ҷойгоҳ ва рисолати он дар дунёи бисёрқутбӣ ........ 104

**Шарифхонзода, М.Ш.** Нақши афкори ҷамъиятӣ дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 110

**Латифзода, С.З.** Заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди психологияи ҳуқуқӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ........ 118

**Шарипов, Ш.Ш.** Талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат Эмомали Раҳмон дар муваффақ гардидан ба Ваҳдати миллӣ ........ 123

## БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

**Бегмуродзода, Ю.Э., Ахмедзода, С.А.** Некоторые особенности использования фразеологизмов в английской лингвокультуре ........ 108

**Максудзода, Р.М., Буриева, М.К.** Некоторые проблемы в сфере преподавания и изучения русского языка в современных условиях ........ 134

**Фарҳодова, С.А.** Муҳиммияти вожагони ифодакунандаи макони парвариши ҳайвонот дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи гӯйиши ғорон) ........ 139

**Шарифзода, Ҷ.Ш., Маҷонова, Н.М.** Муҳиммияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар сохторҳои қудратӣ ........ 144
**Ҳамрозода, М.Қ.** Забон – яке аз омилҳои ваҳдати миллӣ ........ 150

## БАХШИ ИЛМҲОИ ТАБИӢ, РИЁЗӢ ВА ДАҚИҚ

**Шарофзода, Ф.А.** Пешвои миллат – ташаббускори ғояҳои ҷаҳонии обу иқлим ........ 157
**Қосимов, А.А., Нарзуллоев, С.А., Холзода, Б.М.** Муҳиммияти истифодаи рамзгузорӣ барои ҳифзи иттиллоот ........ 163

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛАҲО

# ОҒОЗСУХАН БА НАШРИ АВВАЛИ МАҶАЛЛА



Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи олии касбӣ, боргоҳи асосии омодасозии кадрҳо барои мақомоти корҳои дохилӣ ва ниёзи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бояд қайд намуд, ки Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати хеш соҳаи маориф ва илмро муҳимтарин самти афзалиятнок шуморида, масъалаи омода намудани кадрҳои баландихтисос ва худшиносу худогоҳро барои ҳама самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муҳим арзёбӣ менамоянд.

Мисоли равшани суханони болозикр, панҷ маротиба ташриф овардани Пешвои муаззами миллат ба Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, баргузории Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ дар ин даргоҳи муқаддас дар соли 2017, сохта ба истифода дода шудани маҷмааи нави Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бинои нави таълимии факултети № 4-ум дар шаҳри Хуҷанд ва таъмини шароити муосири таълимии он мебошанд.

Вобаста ба ин яке аз вазифаҳои асосие, ки дар назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон меистад, омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳа, аз ҷумла, кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар самти таъмини раванди таълим, пешбурди корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, тарбиявӣ, робитаҳои байналмиллалӣ ва варзишӣ ба роҳ мондааст.

Самти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муҳимтарин самти фаъолият ба ҳисоб рафта, дар ин замина дастовардҳои назаррас ба бор оварда шудааст. Ҳоло дар пойгоҳи илмӣ – таълимии муассисаи мо натанҳо кадрҳои ниёзи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии баландихтисос омода карда мешаванд.

Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мутахассисони варзидаи дараҷа ва унвонҳои илмидошта, докторони илм, дотсентон, Ҳуқуқшиносони шоистаи Тоҷикистон, инчунин, Шурои диссертатсионӣ, маҷаллаҳои илмии низоми иқтибосоварии илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолият менамояд.

Мавҷудияти шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр, шуъбаи адъюнктура, ҳамзамон, фаъолияти Шурои олимони Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуроҳои олимони факултетҳо ва дигар шуроҳои марбута, гувоҳи возеҳи чунин гуфтаҳо мебошанд.

Таҷрибаи таъсис ва нашри маҷаллаҳои илмӣ дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дошта, то имрӯз дар ин муассисаи олии таълимӣ ду маҷаллаи илмӣ, яке бо номи «Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ҳанӯз аз соли 1998 ба табъ расида, дигаре маҷаллаи илмии «“Пайки оперативӣ”», ки бо махсусиятҳои касбӣ аз соли 2024 нашр мегардад.

Маҷаллаи «Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шохиси илмии иқтибосоварии Россия (РИНЦ) ворид гардида, маҷаллаи «Пайки оперативӣ» бошад ба феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон до-

хил гардидааст, ки барои тақвияти иқтидори илмии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раддабандии байналмилалии он мусоидат менамоянд.

Маҷаллаи илмии навтаъсиси «Паёми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 ба қайд гирифта шудааст, дастоварди навбатӣ дар ин самт мебошад.

Вобаста ба зарурати ташкили маҷаллаи мазкур дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон қайд намуд, ки ин муассисаи олии касбӣ дорои ихтисос ва бахшҳои алоҳида, аз ҷумла, сохторҳои таркибӣ дар самти фанҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ, табиӣ, риёзӣ ва дақиқ мебошад, ки роҳандозии таҳқиқоти илмӣ, омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, инчунин инъикоси натиҷаи таҳқиқотҳои илмӣ яке самтҳои мубрам ва саривақтӣ ҳисоб меёбанд. Бинобар ин таъсиси маҷаллаи навбатӣ бо номи «Паёми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз муҳиммтарин иқдом дар ин самт мебошад.

Маҷаллаи илмии «Паёми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаъолияти худро дар асоси талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти табъу нашр ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии соҳаҳои илму маориф ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, барои ба ихтиёри хонандагон вогузор намудани маводи чопии илмӣ ба роҳ мондааст.

Маҷаллаи мазкур фарогири чор бахш – илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, илмҳои филологӣ, табиӣ, риёзӣ ва дақиқ ва минбари муқарризон мебошад.

Ҳангоми таъсиси маҷаллаи мазкур мо тасмим гирифтем, ки дар заминаи ҳадафу рисолати хеш ба таҳқиқи масоили мубрам дар доираи илмҳои зикргардида, талаботи мавзуъҳои лоиҳаҳои илмии аз ҷониби буҷети давлат маблағгузоришаванда, доираи талаботи консепсияҳои омӯзиши илмҳо, бахусус илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ, таҳқиқоти илмии зарфиятҳои мактаби давлатдории Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар масоили ҳалталаби замони муосир оғоз намоем.

Маҷаллаи мазкур аслан ба ҳайси як минбари озоди нашри мақолаҳои илмии олимону муҳаққиқон, докторантон, аспирантон, адъюнктон ва унвонҷӯёни Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дигар муассисаҳои илмӣ ва таълимии Тоҷикистон, ҳамзамон кишварҳои бо мо дар ҳамкории илмӣ қарордошта таъсис дода шудааст.

Мусаллам аст, ки чунин дастовардҳои илмӣ бо ибтикороти муҳтарам Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро сурат гирифта, имрӯз бо суръат рушд менамоянд.

Боварии комил дорем, ки нашри маҷаллаи мазкур дар самти рушди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва умуман омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ мусоидат хоҳад кард.

**Насуриён Пулод Асадулло,**
сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
генерал-майори милитсия

# РИСОЛАТИ ДАВЛАТДОРИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН: ТАҲЛИЛИ ҶОМЕЪ ДАР МАВЗУИ МУБРАМ

## «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон»: Ёддоште дар ҳошияи китоби Раҳимзода Р.Ҳ. (Душанбе, «ЭР-граф», 2025, 484 с.)

**Абдуллоҳи Раҳнамо**
*номзади илмҳои сиёсӣ, сармуҳаррири ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»*

Солҳои охир шинохти шахсият, фаъолият ва мактаби давлатдории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз мавзуъҳои меҳварии тадқиқоти илмҳои ҷамъиятии кишвар буда, ҳамзамон таваҷҷуҳи доираи васеи муҳаққиқони хориҷиро низ ҷалб намудааст. Бинобар ин, ҳоло дар ин мавзуъ теъдоди хеле зиёди осори илмӣ, оммавӣ, адабӣ ва ҳунарӣ фароҳам омада, муаллифон паҳлуҳои гуногуни ин мавзуи доманадорро мавриди омӯзиш ва инъикос қарор додаанд. Аз ин рӯ, дар назари аввал гуфтани сухани нав ва навиштани асари тоза дар ин мавзуъ хеле мушкил менамояд. Аммо мутолиаи китоби нави доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Р.Ҳ. «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» нишон медиҳад, ки сатҳи шахсият, бузургии рисолат, аҳаммияти мактаби давлатдорӣ ва ҷойгоҳи миллию мардумии Эмомалӣ Раҳмон мавзуи фарохест, ки он метавонад аз паҳлуҳои боз ҳам дигар омӯхта шуда, ҷиҳатҳо ва хусусиятҳои комилан нави он барои ҷомеа пешниҳод гардад. Аз ин рӯ, хулосаи нахустин дар бораи китоби мазкур ин аст, ки ба муаллиф муяссар гаштааст, то дар мавзуи бисёр пажӯҳишшудае, ки дар он «олимон чилд-чилд китоб навиштаанд» (с. 171) асари шаклан ва мазмунан тозаву мустақил офарад.

Барои арзёбии асари бузургҳаҷми Раҳимзода Р.Ҳ. метавон аввал ба ду нуктае ишора намуд, ки китобро хос, муҳим ва хонданӣ намудаанд:

Якум, асар дорои равиши махсуси илмию методологии худ буда, сохтори он ба тарзи бисёр дақиқ ва бо пайвасту пайдарҳамии мантиқӣ чида шудааст. Муаллиф шахсият, фаъолият, рисолат ва мактаби давлатдории Пешвои муаззами миллатро фасл ба фасл бозкушоӣ карда, ҷараёну марҳилаҳои ташаккули шахсияти ӯро чун раванди зиндаи инсонӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ боз намудааст. Ин аст, ки бо тафовут аз аксари асарҳои дар ин мавзуъ дастрасшуда, китоби мазкур моҳияти ҷомеъ ва фарогир ёфта, тақрибан тамоми паҳлуҳои фаъолияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бар гирифтааст.

Дуюм, гарчӣ муаллиф барои такмили андешаҳои худ аз доираи васеи адабиёти илмию сиёсӣ истифода кардааст, лек нуктаи дигари қувватдиҳандаи асар маҳз дар он аст, ки худи муаллиф ҳамчун шоҳиди бевоситаи ҳодисаҳо, рӯйдодҳо ва равандҳои ҳассоси тасвиршаванда дар асар ширкат намуда, ба он навъе рӯҳ, ҳарорат ва динамикаи хоса бахшидааст. Яъне нуктаву лавҳаҳои асар танҳо натиҷаи тадқиқоти хушки дафтарию китобии шахси сеюм набуда, нависанда чун яке аз ҳамсафон ва пайравони Пешвои миллат диду таҷрибаи амалии худро низ бар он афзудааст. Тавре Раҳимзода Р.Ҳ. овардааст: «… мехостам ҳамчун шоҳиди ҳол паҳлуҳои гуногуни ҷоннисориҳои ӯро, ки барояшон обрӯю шарафи миллат аз ҳама чиз болотар аст… акс намоям» (саҳ.18) Табиист, ки ин ҳолат аҳаммияту мустанадии асарро дучанд менамояд.

Худи китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» аз баррасии амиқи яке аз масъалаҳои муҳимтарини илмҳои фалсафа ва сиёсат, яъне, мақоми шахсият дар таърих, ҷомеа ва сарнавишти миллатҳо оғоз мегардад. Ин мавзуъ ё муаммо дар пешгуфтор ва боби якуми китоб матраҳ шуда, муаллиф талош мекунад, ки нисбат ба ин саволи

ҷовидонии илму таърих назари худро баён созад, балки онро исбот намояд. Бо ин мақсад ӯ дидгоҳҳои файласуфони қадиму муосири ғарбӣ чун Софокл, Бернс, Бдондел, Теккер, бузургони андешаи миллӣ чун Фирдавсӣ, Низом-ул-мулк, Носири Хусрав, Саъдӣ Шерозӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Насириддини Тӯсӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва афкори донишмандони муосири тоҷик чун академик С.С. Ятимов, академик К. Олимов, Имомов А., Амиршоҳӣ Н., Саидзода З.Ш. ва ғайраро дар мавзуи мазкур ба таври васеъ баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат нақши шахсият дар таърих ниҳоят бузург ва калидӣ буда, умуман, худи моҳияти таърих аз фаъолияти ҳадафмандонаи инсон иборат аст. (саҳ.5)

Чунин вуруди васеи назариявӣ ва асосноккунии илмии муаллиф ба мавзуи мубрам аз ду назар бисёр муҳим мебошад.

Аввалан, ин гуна муҳокимаронӣ ва хулосагирӣ баъзе назарияҳои ғайриилмии постмодернистии инкоркунандаи нақши шахсият дар сарнавишти давлатҳо ва миллатҳоро рад менамояд.

Сониян, он заминаи назариявиро барои ифода ва исботи яке аз тезисҳои марказии китоб, яъне нақши таърихии шахсияти Эмомалӣ Раҳмон дар сарнавишти давлат ва миллати тоҷик ҳамвор месозад.

Дар қадами баъдӣ, муаллиф бо овардани мисолҳои мушаххас ва фаровон аз корнамоии Эмомалӣ Раҳмон ва натиҷаҳои он барои давлату миллати мо тезиси асосии худ, яъне, нақши таърихӣ доштани шахсияти Эмомалӣ Раҳмон дар сарнавишти давлат ва миллати тоҷикро ба пуррагӣ исбот менамояд. Ин усули коргирифтаи Раҳимзода Р.Ҳ. имкон медиҳад, ки масъала ҳам аз ҷиҳати илмию назариявӣ исбот ёбад ва ҳам аз назари таҷрибаю амалӣ устувор карда шавад. Яъне, метавон гуфт, ки худи боби якуми рисола ба танҳоӣ як асари мустақили илмию таълимӣ мебошад. Зеро, бар хилофи асарҳои тавсифӣ ё нақлӣ, дар он мавзуи мавриди назар бо бунёди илмию назариявӣ устувор карда шудааст.

Чунин ҳалли назариявӣ ва амалии масъалаи нақши шахсият дар таърих ва ҷомеа ва дар заминаи он нишон додани нақши таърихии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сарнавишти давлату миллати мо аҳаммияти хосаи амалии сиёсӣ ва иттилоотӣ низ касб мекунад, ба хотири он ки яке аз мавзуъҳо ва талошҳои асосии нохушбинони давлату миллат дар фазои иттилоотӣ маҳз дар зеҳни ҷомеа хароб кардани ҳақиқат ва инкори хидматҳои барҷастаи ин шахсияти таърихӣ мебошад. Бинобар ин, имрӯз ба миён омадани чунин асари бунёдӣ аз ҳар ҷиҳат ба манфиат аст.

Маҷмуаи далелҳо ё дастгоҳи истидлолии Раҳимзода Р.Ҳ. барои нишон додани рисолати давлатдорӣ ва нақши таърихии Эмомалӣ Раҳмон низ дар ин асар хеле фарогир аст. Гарчӣ ин мавзуъ ба таври мушаххас дар фаслҳои аввали боби якум омӯхта шудааст, ҳамзамон тамоми 14 фасл ва пешгуфтору хулосаи асар, дар маҷмуъ, ҳамин андешаи меҳварии онро исбот менамоянд.

Тавре муаллиф таъкид менамояд, муҳиммтарин рисолат ва хидмати Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи муосири тоҷикон худи аз вартаи нобудӣ наҷот додани давлатдории миллист. Зеро, маҳз бо роҳбарӣ ва талошҳои ӯ эҳтимоли аз байн рафтани давлати соҳибистиқлоли тоҷикон бартараф шуда, мардуми тоҷик тавонист, ки бори дигар давлати худро соҳибӣ намояд. Аҳаммияти ин хидмати Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама дар он аст, ки масъалаи давлат ва давлатдорӣ барои тамоми халқу миллатҳо, аз ҷумла, мардуми тоҷик масъалаи рақами як ба ҳисоб меояд. Агар ба сарнавишти печидаи тоҷикон ҳамчун миллат нигарем, меҳвари асосии таърих ва муборизаи миллии моро маҳз масъалаҳои Ватан, сарзамин, истиқлол ва давлат ташкил додаанд. То ҷое ки тамоми қаҳрамонони халқи тоҷик ва қаҳрамонони Тоҷикистон маҳз шахсоне будаанд, ки барои ҳифзи ин арзишҳо мубориза кардаанд.

Сабаби чунин ҷойгоҳи меҳварӣ пайдо кардани масъалаи давлат барои тоҷикон дар он аст, ки буду ҳастии миллии тоҷикон ҳамеша бо Ватан ва истиқлоли сиёсии онҳо вобаста будааст.

Яъне, ҳар гоҳе ва ҳар ҷое, ки тоҷикон соҳиби давлат будаанд, манфиатҳо, арзишҳо, ҳуқуқу озодиҳо ва бақои миллии худро таъмин карда тавонистаанд. Баръакси ин, ҳар ҷое, ки ҳокимияти сиёсӣ ва сарзамин, яъне, давлатро аз даст додаанд, раванди ҳалшавию нобудии тоҷикон оғоз шудааст. Бинобар ин, имрӯз бо боварӣ гуфта метавон, ки доштани давлати миллии мустақил муҳимтарин омили бақои миллии халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Хосса, дар шароити нави таърихӣ масъалаи бақои тоҷикон ҳамчун миллат бо бақои давлати миллии мустақили онҳо бевосита гиреҳ хӯрдааст. Ин аст, ки аз нақши Эмомалӣ Раҳмон дар наҷоти давлатдории миллӣ амалан хидмати ҳаётии ӯ дар наҷоти худи миллат ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, аз аҳаммияти хидмати аввал, рисолати дуввуми ӯ, яъне наҷоти миллат аз нобудию парокандагӣ исбот мегардад.

Албатта, худи ҳамин ду хидмат, яъне наҷоти давлат аз нобудӣ ва наҷоти миллат аз парокандагӣ, кофист, ки Эмомалӣ Раҳмон ҳамон шахсияти таърихӣ ва Пешвои наҷотбахши миллӣ эътироф гашта, номи ӯ дар таърихи халқи тоҷик дар канори бузургону қаҳрамононе чун Исмоили Сомонӣ, Садриддин Айнӣ, Шириншоҳ Шоҳтемур ва дигарон ҷовидонӣ гардад. Аммо муаллифи асар равиши мантиқию истидлолии худро идома дода, дар фаслу бобҳои дигар ҷойгоҳ ва фаъолияти Эмомалӣ Раҳмонро чун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ (фасли 1.2), Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фасли 1.3), Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ (фасли 1.4), Пешвои миллат (фасли 1.5), Қаҳрамони Тоҷикистон (фасли 1.6), Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ (фасли 1.7) ва ходими барҷастаи ҷамъиятӣ (фасли 1.8) ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ба ин восита, ба Раҳимзода Р.Ҳ. муяссар мешавад, ки бо инъикоси фаъолияти бисёрсамтаи Пешвои миллат симои ҷомеи ӯро барои хонандаи дохиливу берунӣ ба таври бисёр муфассал ва тоза муаррифӣ намояд.

Албатта, дар доираи ин навишта баррасӣ намудани моҳияти ҳар фасли китоб аз имкон берун аст, аммо барои дарёфти аҳаммияти ин боб таваҷҷуҳ ба се нуктаи ҷамъбастӣ басе зарур мебошад:

1. Тавре дар оғоз зикр шуд, муаллиф дар асар на танҳо ҳамчун муҳаққиқи собиқадори мавзуъ, балки ҳамчун яке аз ёрону пайравони Пешвои миллат ва шоҳиди бевоситаи бисёре аз раванду ҳодисаҳои тасвиршаванда ширкат мекунад. Аз ин рӯ, зимни таълифи фаслҳои зикршуда ӯ маҷмуаи бузурги иттилоот, маълумот ва факту рақамҳои таърихиву воқеиро ироа менамояд, ки дастрасӣ ба онҳо аз сарчашмаҳои дигар имконпазир нестанд. Ин аст, ки китоб, дар баробари аҳаммияти илмию сиёсӣ, аҳаммияти махсуси маълумотиву сарчашмавӣ мегирад.

Ба таври мисол, маълумотҳои дақиқ дар бораи баъзе ҳодисаҳое, ки дар он солҳои ҳассос дар муносибати Эмомалӣ Раҳмон бо шахсиятҳои сиёсӣ ва фармондеҳони низомӣ рух додаанд, ҳодисаҳои ағбаи Полезак, гузаргоҳи Каранак, ноҳияи Рӯшон, деҳаи Хосдеҳи Афғонистон, маълумотҳои нав дар бораи ҷузъиёти талошҳои сӯиқасд, ки дар он давраҳо нисбати Эмомалӣ Раҳмон анҷом шудаанд, гуфтугӯҳои ҳошиявӣ, ки бо роҳбарони баъзе давлатҳо дар баррасии нақшу ҷойгоҳи Эмомалӣ Раҳмон рух додаанд ва ғайра, то имрӯз дастрас набуданд. Аммо тавоноии илмию методии муаллиф дар он аст, ки ҳар яке аз ин ҷузъиётҳоро дар ҷои худ истифода намуда, ба воситаи онҳо паҳлуҳои гуногуни шахсияти қаҳрамони худро кушода, масъалаи меҳварии китобро ба таври қонеъкунанда ҳал ва исбот месозад.

2. Тавре зикр шуд, фаъолияти Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президент, Роҳбари давлат ва Пешвои миллат аз сӯи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ то имрӯз низ мавриди пажӯҳишҳои васеъ қарор гирифтааст. Аммо яке аз вижагиҳои китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» ин аст, ки муаллиф дар ин асар фаъолияти ҷамъиятии Пешвои миллатро ба таври ҷудогона ва муфассал мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ин аст, ки дар боби 1.8-уми китоб - «Фаъолияти ҷамъиятӣ» (саҳ. 265-

297) фаъолияти Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ходими ҷамъиятӣ; Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон; Раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон; Раиси Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони дунё «Пайванд»; Президенти Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон ва ғайра таҳлил ёфта, ҷанбаҳои нав ва бисёр муҳимми фаъолияти Пешвои миллат ва шеваҳои хоси роҳбарии ӯ нишон дода шудаанд. Тавре муаллиф таъкид мекунад, дар канори фаъолиятҳои корию сиёсӣ, фаъолиятҳои ҷамъиятӣ шахсияти Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун пешоҳанги муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ нишон медиҳад.

3. Бо тақсимбандӣ ва бозкушоии самтҳои асосии фаъолияти сиёсию ҷамъиятии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар 8 зербоби аввали китоб муаллиф тавонистааст, ки ҳамзамон тафовутҳои моҳиятӣ ва функсионалии мафҳум, нақш ва рисолатҳое чун арбоби сиёсию давлатӣ, ходими ҷамъиятӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон ва ғайраро ба таври рӯшан нишон диҳад. Зеро, дар бисёр мавридҳо мушоҳида мешавад, ки баъзе хонандагон миёни ин мафҳуму рисолатҳо тафовут гузошта наметавонанд. Илова бар ин, маҳз дар канори ҳам гузошта таҳлил намудани ин самтҳо вусъати шахсият ва фаъолияти қаҳрамони асарро ба таври эҳсосшаванда ифода мекунад.

Боби дуввуми китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» (с.с. 298-383) ба сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлат зери роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст. Он низ дар заминаи таҳлили доираи васеи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, гузоришҳои расмию оморӣ, адабиёти илмию таҳлилии соҳавӣ ва маълумотҳои хосаи муаллиф таҳия гашта, моҳияти асосии сиёсати иҷтимоиву иқтисодии давлат ва динамикаи рушди онро дар даҳсолаҳои охир ба таври асоснок нишон додааст. Дар ин самт сиёсати маорифпарваронаи Эмомалӣ Раҳмон, мавқеи занону ҷавонон дар сиёсати иҷтимоии давлат, таъсири ин сиёсат ба некуаҳволии шаҳрвандони кишвар, тарроҳӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди мамлакат ва ғайра, ба таври муфасал таҳлил шудаанд.

Чун ин боб бештар баррасии масъалаҳои соҳавии рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмонро дар бар мегирад, таҳлилу арзёбии ҷузъии он ба мутахассисони соҳаи иқтисодӣ вогузор мешавад. Аммо чун дар маркази сиёсати иҷтимоии Роҳбари давлати тоҷикон маҳз соҳаи маориф қарор дорад, дар бораи тарз ва сатҳи дар китоби мазкур баррасӣ шудани ин самти сиёсати давлатӣ таъкид ба нуктаи зерин муҳим мебошад.

Соҳаи маорифи кишвар, ки дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ амалан фалаҷ гашта буд, дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат марҳила ба марҳила эҳё шуда, ҳам аз назари сохторӣ ва ҳам аз назари мазмунӣ ислоҳ ва такмил гардид. Зербоби «Сиёсатмадори маорифпарвар» (с. 298) маҳз ин раванди мураккаби барқарориро тасвиру таҳлил намуда, маводи фаровони империкӣ, маълумоти дақиқи таърихиву оморӣ ва хулосаҳои муҳимми зарурӣ ироа мекунад.

Дар ин росто муаллиф моҳияти маорифро чунин таъриф менамояд: «Маориф раванди аз насл ба насл интиқол додани дониш, малака ва маҳорат аст, ки ба пешрафти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии миллату давлат мусоидат мекунад.» (с. 304).

Ин таъриф аввалан моҳияти маорифро на танҳо дар додани дониш, балки маҳз дар интиқоли ҳамзамони «дониш, малака ва маҳорат» дониста, сониян ба он ишорат дорад, ки комёбии як миллат ва рушди як давлат бе маориф имконпазир нест.

Таҳлили фасли зикршудаи китоб нишон медиҳад, ки сиёсати маорифпарваронаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама ду ҳадафи асосиро пайгирӣ мекунад:

1. Бо донишу маҳорати муосир таъмин намудани насли ҷавон ва барои зиндагӣ дар ҷаҳони таҳаввулёбандаи имрӯз омода намудани онҳо. Бинобар

ин, дар маркази ҳамаи барномаҳои ислоҳи соҳаи маориф маҳз баланд бардоштани сифати таълим ва ба талаботи муосир ҷавобгӯ шудани барномаҳои таълимӣ қарор доранд. Зеро агар низоми маорифи як кишвар аз замона қафо монад, худи он кишвар низ некуаҳволии ҷомеа ва пешрафти зарури иқтисодию иҷтимоиро таъмин карда наметавонад;

2. Дар баробари омӯзиши донишу малакаҳои муосир дар рӯҳияи баланди худшиносии миллӣ ва арзишҳои соҳибватанӣ тарбият намудани насли ҷавони миллат. Зеро, агар насли ҷавон дар ин рӯҳия парвариш наёбад, фарҳангу арзишҳои миллӣ, суннату анъанаҳои неки падарон ва манфиатҳои миллии худро дарк, ватани худро соҳибӣ ва ҳимоя карда наметавонад. Бинобар ин, низоми маориф, дар баробари қонуни донишу малака будан, бояд ҳамчунин мактаби бузурги ватандорӣ ва ҳувияти миллӣ бошад.

Ин ду ҳадафи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат на танҳо аҳаммияти илмию маърифатӣ, балки барои ҳифзи ояндаи миллат аҳаммияти бузурги амалӣ ва ҳаётӣ дорад. Чунончӣ худи Пешвои миллат дар ин замина фармудааст: «Миллате, ки қобилияти ташаккули донишу савод ва малакаи касбии аҳолии худро надорад, дар интиҳо ба нобудӣ маҳкум мегардад». (с. 307)

Барои расидан ба ин ҳадафҳои бузург роҳбарияти давлат тамоми чораҳоро меандешад, ки навтарин намунаи он бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба баррасии порлумони кишвар равон шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» мебошад.

Боби сеюми китоб (с. 384-478) масъалаи хеле ҳассос ва муҳим, яъне, таҳлилу баррасии сиёсати хориҷӣ ва фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бар мегирад. Дар ҳақиқат, сиёсати хориҷӣ яке аз муваффақтарин самтҳои фаъолияти Эмомалӣ Раҳмон буда, натиҷаи асосии он муаррифии сазовори миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ ва устувор гардонидани ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Дар ин боб Раҳимзода Р.Ҳ. сиёсати хориҷии Эмомалӣ Раҳмонро ба се самти асосӣ тақсим намуда, аввал худи моҳият ва хусусиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва ҷойгоҳи Эмомалӣ Раҳмон чун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ, дуввум моҳият ва аҳаммияти ташаббусҳои байналмилалии Роҳбари давлат ва сеюм, нақши ӯро ҳамчун Пешвои тоҷикони ҷаҳон мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар бораи муносибати муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд гуфт, ки ӯ на танҳо роҳбар ва ҳидояткунандаи ин сиёсат, балки муаллиф ва муҳандиси бевоситаи он низ мебошад. Зеро маҳз бо ташаббус ва роҳбарии ӯ Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳия ва қабул гашта, сиёсати «дарҳои кушода» ҳамчун равиши таъминкунандаи пайванди муътадилу мавзуни Тоҷикистон ба ҷаҳони муосир дар маркази сиёсати хориҷии кишвар қарор гирифт (саҳ.388). Таъкид ба аҳаммияти сиёсати «дарҳои кушода» аз он ҷиҳат зарур аст, ки маҳз татбиқи ин равиш аз вобастагии кишвар ба ин ё он қутби сиёсати ҷаҳонӣ пешгирӣ намуда, муносибати баробарҳуқуқи Тоҷикистон бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳонро таъмин намуд. Ба ибораи дигар, сиёсати «дарҳои кушода» як нав консепсияи таъмини истиқлол дар сиёсати хориҷӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ буд. Маҳз ба ин восита Эмомалӣ Раҳмон тавонист истиқлоли кишварро ҳимоят ва устувор намояд.

Аммо бо баррасии амиқтари сиёсати хориҷии кишвар, Раҳимзода Р.Ҳ. дар боби 3.2-и китоб нишон медиҳад, ки фаъолияти сиёсии хориҷии Эмомалӣ Раҳмон танҳо дар ҳадди ифодаю ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон маҳдуд намегардад. Ӯ ҳамчун яке аз ходимон ва лидерҳои сатҳи байналмилалӣ нисбат ба ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти глобалӣ низ таваҷҷуҳи хоса намуда, дар ин давра бо як силсила ташаббусҳои муҳим барои ҳалли масъалаҳои байнал-милалӣ баромад намудааст.

Хусусан ташаббусҳои ӯ дар мавриди ҳалли буҳрони Афғонистон, ҳалли масъалаҳои обу иқлим дар сатҳи сайёра,

эълони даҳсолаи таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, ҳалли сазовори бухрони Ховари Миёна ва ғайра, ки дар китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» ба таври муфассал таҳлил шудаанд, ҷойгоҳи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари соҳибташаббус ва ҷойгоҳи Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Пешвои ташаббускор дар сатҳи байнал-милалӣ устувор гардониданд.

Бо назардошти нисбатан ҷавон будани собиқаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ба чунин ҷойгоҳ ноил шудани он худ дастоварди бузург ба ҳисоб меравад. Ҷанбаи амалӣ ва инсонии ин ташаббусҳо дар он аст, ки дар доираи онҳо даҳҳо барномаҳои бузурги таъмини об ва рушди обёрӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ татбиқ гашта, миллионҳо инсон бо оби нӯшиданӣ ва оби кишоварзию саноатӣ таъмин гаштанд. Бе ҳеҷ шубҳа, ин саҳми инсонии Тоҷикистон ва Роҳбари ташаббускори он барои башарият аст.

Ин аст, ки собиқ Дабири кулли СММ Пан Ги Мун маҳз ба ҳамин ҷанбаи эътирофшудаи фаъолияти байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора намуда, чунин гуфта буд: «Шумо роҳбари давлате ҳастед, ки ман ба он эҳтироми хоса дорам. Иштироки Шумо дар ҷаласаҳои СММ ҳамчун роҳбари ташаббускор ва ҷонибдори ибтикорҳои СММ ба ҳалли масъалаҳои баррасишаванда мусоидат хоҳад намуд». (с. 4)

Дар баробари ин, фасли алоҳидаи китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» ҷойгоҳи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Пешвои тоҷикони ҷаҳон мавриди таҳлил қарор медиҳад. Дар ҳақиқат имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон хонаи умеди тамоми форсизабонон ва тоҷикони ҷаҳон буда, Роҳбари он пешвои тамоми онҳо ба ҳисоб меравад. Бояд зикр кард, ки Пешвои тоҷикони ҷаҳон ҳисоб шудани Эмомалӣ Раҳмон танҳо як унвони ташрифотӣ нест.

Моҳияти масъала дар он аст, ки гарчӣ қаламрави густариши тамаддуни ориёӣ ва забони форсию тоҷикӣ бисёр фаротар аз Тоҷикистон аст, аммо имрӯз Тоҷикистон танҳо кишварест, ки дар он тамаддуни ориёӣ ва фарҳанги форсию тоҷикӣ ҷойгоҳи расмию давлатӣ доранд. Агар имрӯз тоҷикон дар баъзе қаламравҳои сукунати таърихии худ аз ҳокимияти сиёсӣ маҳрум бошанд, дар бахши дигари ин қаламрави таърихӣ низомҳои динию идеологие ҳокимият мекунанд, ки манфиат ва арзишҳои тамаддуни ориёӣ ва забону фарҳанги форсию тоҷикиро ифода намекунанд. Бинобар ин, имрӯз бо амри тақдир Тоҷикистон марказ ва меросбари ягонаи он тамаддуни бузург буда, рисолати хосаи тамаддуниро ба дӯш дорад.

Хушбахтона, Эмомалӣ Раҳмон низ бо дарки ин масъулияти таърихию тамаддунӣ барои эҳё ва ҳифзи тамаддуни ориёӣ ва фарҳанги миллӣ талошҳои зиёд намуда, тамоми унсурҳои онро марҳила ба марҳила эҳё менамояд. Бинобар ин, аксари ҳамзабонони бурунмарзии мо ба Тоҷикистон маҳз ҳамчун охирин қонуни арзишҳои ориёӣ ва тоҷикӣ нигоҳ карда, ба роҳбари он ҳамчун пешвои ин раванди таърихӣ эҳтироми хоса қоиланд. Чуноне, ки Раҳимзода Р.Ҳ. дар ҷамъбасти ин мавзуъ оварадааст, «имрӯз на танҳо тоҷикони Тоҷикистон, балки тамоми тоҷикони ҷаҳон дар симои Пешвои худ пуштибони воқеии худро мебинанд. Аз ин лиҳоз, ӯ ҳуқуқи маънавии Пешвои тоҷикони ҷаҳон буданро дорад». (с. 478)

Дар бахши ниҳоии ёддошт дар атрофи китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» афзудан ва зикр кардани ду нуктаи дигар низ хеле муҳим мебошад:

1. Яке аз вижагиҳои асар ин аст, ки муаллиф дар раванди таълифи матни асосии китоб сухану дидгоҳҳои шахсиятҳои гуногуни сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳониро интихоб ва иқтибос намуда, ба ин восита назару хулосаи худро дучандон тақвият мебахшад. Дар айни замон, худи ҳамин силсилаи иқтибосҳои мустанад як тасвири паралелии симо ва ҷойгоҳи Пешвои тоҷиконро ба хонанда пешниҳод мекунанд, ки маҳз аз нигоҳи шахсиятҳои пурнуфузи ҷаҳонӣ фароҳам омадааст. Дар фаслҳои гуногуни китоб, аз ҷумла аз суханони шахсиятҳои бонуфузе чун собиқ Дабири Кулли СММ

Кофи Аннан, Президенти собиқи Шурои Аврупо Антон Каракча, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин, Президенти Федератсияи Русия В.В.Путин, Президенти собиқи Франсия Жак Ширак, Президенти собиқи Ҳиндустон Нараянана Раман, Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Ш.М.Мирзиёев, нависандаи бузурги қирғиз Чингиз Айтматов ва ғайра дар бораи шахсият, нақш, рисолат, хизматҳо ва фазилатҳои Эмомалӣ Раҳмон оварда шудаанд, ки худи онҳо, дар маҷмуъ метавонанд як гувоҳиномаи муътабари эътирофи ҷаҳонии шахсияти Пешвои муаззами тоҷикон бошанд. Аз ин силсилаи иқтибосу эътирофҳо метавон сухани Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпинро намуна овард, ки ӯ симои минтақавӣ ва ҷойгоҳи байналмилалии Пешвои тоҷиконро чунин ҷамъбаст мекунад: «Шумо, Ҷаноби Президент, миёни мо - сарони давлатҳо сиёсатмадори аз ҳама пуртаҷриба ба шумор меравед… Шумо сиёсатмадори хеле хирадманд, пуртаҷриба ва дурбин ҳастед ва дар рушди муносибатҳои дуҷониба нақши муҳим мебозед. Пешниҳод ва андешаҳои Шумо барои мо ниҳоят муҳим мебошанд». (с. 403)

2. Тавре маълум аст, Раҳимзода Р.Ҳ. ҳамчун пажӯҳишгар муаллифи даҳҳо асари тадқиқотӣ ва илмию оммавӣ буда, то имрӯз дар мавзуъҳои гуногуни сиёсати давлатӣ, аз ҷумла шахсият, фаъолият ва рисолати Пешвои муҳтарами миллат асарҳои мушаххаси худро таълифу ироа намудааст. Дар ин самт аз асарҳои пешини ӯ чун «Фазилати Пешво», «Дар ситоиши Пешвои миллат», «Ҳадафҳои стратегии миллӣ - асоси амнияти иқтисодӣ» ва ғайра ёдовар шуда, бояд қайд кард, ки асари навбатии ӯ низ дар ҷойи холии илмӣ ба вуҷуд наомадааст. Аммо муқоисаи китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» бо осори зикршудаи муаллиф нишон медиҳад, ки таҳқиқот ва дидгоҳҳои Раҳимзода Р.Ҳ. дар ин мавзуи муҳимми фалсафию сиёсӣ марҳила ба марҳила такмил ёфта, маҳз дар ин асари комил ба ҳадди камол ё кондитсияи худ расидаанд. Бинобар ин, бо тафовут аз навиштаҳои дигари муаллиф, китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» ҳам моҳияти ҷамъбастӣ ва ҳам аҳаммияти бунёдӣ дорад.

Албатта, дар бораи чунин тадқиқоти васеъ ва асари калонҳаҷме, ки дар мавзуи хеле муҳимми илмию амалии муосир таълиф гаштааст, метавон таҳлилу нуктаҳои зиёдеро ба миён гузошт. Илова бар ин, зимни баррасии муфассали асар чанд мулоҳизаи куллӣ ва ҷузъӣ нисбат ба такмили баъзе ҷанбаҳои шакливу мазмунии он ба миён омаданд, ки дар матни пурраи ёддошт ҷой дода шудаанд. Аммо мувофиқи мақсад аст, ки ин муаррифиномаро бо нигоҳе ба хулосаи худи ин китоби арзишманд хулоса намоем.

Дар бахши «Хулоса»-и китоб Раҳимзода Р.Ҳ. муҳтавои асосии асари худро ҷамъбаст карда, бори дигар чун шоҳиди тамоми ин раванди мураккабу пурифтихори таърихӣ ба хонандагони иззатманди худ мурочиат менамояд. Ин мурочиат бисёр ҷиддиву устувор ва дар айни замон, гарму самимона буда, дар он аз ҷумла чунин омадааст: «Ман худ шоҳиди ҳол ҳастам, ки Пешвои муаззам муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тақдири миллат ба саҳнаи сиёсат омада, дар шароити ниҳоят вазнин ва вазъияти пешгӯинашаванда, ки ба сари тақдири давлат ва давлатдории тоҷикон омада буд, тамоми масъулияти имрӯзу ояндаи як миллати куҳанбунёдро ба дӯш гирифта, баҳри ташаккули давлатдории миллӣ қадамҳои устувор, ҷавонмардона ва ҳаётбахш гузошт.

Корнамоиҳое, ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои миллати тоҷик ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон анҷом доданд, гувоҳи равшани иҷрои рисолати таърихӣ аз ҷониби ин чеҳраи мондагори миллат дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда мебошад…». (с. 481)

Бале, ин ҳақиқати таърихист, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рисолати таърихию давлатдории худро дар назди миллат ва давлати тоҷикон бо сари баланд иҷро намудааст. Ва ин воқеияти сиёсист, ки зери роҳбарии ӯ давлатдории миллии мо

аз вартаи нобудӣ наҷот ёфта, миллати тоҷик бори дигар сарҷамъ гашта, истиқлоли давлатӣ, суботу амнияти комил ва ваҳдати миллӣ таъмин шуда, заминаҳои асосии рушди устувори иқтисодию иҷтимоии ҷомеа фароҳам омадааст. Муаллифи китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳимзода Р.Ҳ. низ бо анҷоми чунин асари бунёдӣ ин ҳақиқати таърихиро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз назари амалӣ пурра ба исбот расонида, ба ин восита ҳам рисолати илмию миллӣ ва ҳам қарзи фарзандию шаҳрвандии худро ба ҷой овардааст. Ҳоло вазифаи ҷомеаи мо дарки дурусти ин масъала ва ҳифзи устувори он дастовардҳои беназири сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиест, ки зери роҳбарии шоистаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадаанд. Ва муҳимтарини ин дастовардҳо маҳз барқарории давлатдории миллӣ ва ҳифзи истиқлоли давлатии мо мебошанд, ки сарнавишт ва бақои таърихии миллат маҳз ба ҳифзи онҳо вобаста аст. Паёми асосии муаллиф ва китоб низ ҳамин аст.

Ҳамин тавр, китоби нави Раҳимзода Р.Ҳ. «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» як асари илмӣ-оммавии яклухт ва том дар мавзуи мубрами фалсафӣ ва сиёсии рӯз буда, аз аҳаммияти хосаи илмию назариявӣ ва амалию корбурдӣ бархурдор аст. Ба муаллиф муяссар гаштааст, ки бо истифода аз ҳаҷми бузурги маълумоти воқеию таърихӣ, арзёбии илмии равандҳои мураккаби сиёсии дохиливу берунӣ ва корбурди равишҳои пазируфтаи илмию методологӣ мавзуи мавриди назарро пурра ҳал намуда, андешаву тезисҳои асосии асарро пурра ба исбот расонад. Ин аст, ки китоби мазкур як падидаи наву ҷиддӣ дар фазои илмҳои ҷамъиятии ватанӣ буда, бешубҳа, қадами тозаву устувор дар таҳлилу баррасии ин мавзуи муҳим ва ҳассос ба шумор меравад.

Ҳамзамон бо ин, истифодаи равишманд аз нигориши илмию оммавӣ имкон додааст, ки асари мазкур дар канори аҳаммияти илмию маълумотӣ, аҳаммияти ҷиддии сиёсӣ ва маърифатию огоҳибахш касб намуда, барои баланд бардоштани сатҳи маърифат, ҳушёрии миллию сиёсии ҷомеа ва дарки дурусти як силсила масъалаҳои фазои фикрию иттилоотии кишвар низ бисёр муфид бошад. Ин аст, ки мутолиаи он на танҳо барои аҳли илму сиёсат, балки барои қишрҳои гуногуни ҷомеа аз аҳаммияти хосса бархурдор хоҳад буд.

# ДАВЛАТДОРӢ ҲАМЧУН МАКТАБИ СИЁСАТ, АДОЛАТ ВА МАЪРИФАТ: ТАҶРИБАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

## «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон»: Дар ҳошияи китоби Раҳимзода Р.Ҳ. (Душанбе, «ЭР-граф», 2025. 484 с.)

**Комилов Далер Рустамович**
*мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улугзода, номзади илмҳои фалсафа, дотсент*

Китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» дар партави фалсафаи сиёсӣ, таърихӣ ва ахлоқӣ, ҳамчун як мактаби давлатсозии муосирро пешниҳод мекунад, ки асоси онро шахсият, маърифат, ахлоқ ва ваҳдати миллӣ ташкил медиҳанд. Пешвои миллат дар ин таҳлил мураббии миллӣ, меъмори сулҳ ва намунаи иродаи устувори таърихии миллат тасвир шудааст.

Асари мазкур метавонад ҳамчун манбаи омӯзиши давлатдории миллӣ дар асри XXI, махсусан барои ҷомеаи Тоҷикистон ва ҷаҳон хизмат кунад. Китоб барои муҳаққиқони самти фалсафа, сиёсат, таърих, ҳуқуқ, фарҳангшиносӣ ва онҳое, ки дар ҷустуҷӯи намунаи давлатдории инсонмеҳвар ва ахлоқбунёд мебошанд, як сарчашмаи нодир ва муфид мебошад.

Асари мазкур намунаи барҷастаи ҳамгироии равишҳои илмӣ, фалсафӣ маҳсуб мешавад, ки дар он таҳлили равандҳои мураккаби давлатсозии муосири тоҷикон дар партави равишҳои герменевтикӣ, таърихи фалсафа сурат гирифтааст. Муаллиф бо истифода аз методологияи герменевтикаи таърихӣ ва фалсафаи шахсият, дар заминаи тафаккури таркибӣ, симои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун меъмори давлатдории миллӣ дар доираи як низоми маърифативу сиёсӣ тафсир менамоянд. Дар ин таҳлил, таърихи замони истиқлол ҳамчун заминаи таҷассум ва зуҳури иродаи шахсият баррасӣ мешаванд.

Асар на танҳо чеҳраи таърихии шахсиятро инъикос менамояд, балки ҳамбастагии фардият ва ҷараёни таърихиро дар заминаи маърифат ва ахлоқ равшан месозад. Таваҷҷуҳи муаллиф ба масъалаи масъулияти маънавии роҳбари миллӣ ва нақши арзишҳои умумифарҳангӣ дар шаклгирии сиёсати миллӣ ба асар хусусияти махсуси таҳлили иҷтимоиро эҳдо намудааст.

Бо ин тарзи таҳлил, асар дар доираи таърихи фалсафа ҷанбае аз назарияи шахсиятро инъикос мекунад, ки дар он шахсиятҳои таърихӣ, аз ҷумла, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун ташаккулдиҳандаи низоми маърифатии навин ва меъмори сохтори сиёсӣ дар шароити бӯҳрони давлатдорӣ бaромад мекунанд. Пешвои миллат дар матни асар ҳамчун фардияти таърихсоз ва ҳамзамон мураттиби маънои замон ифода меёбад, яъне, ҳамчун шахсият қодир аст муҳтавои маънавии таърихро шакл диҳад. Симои Пешвои миллат дар ин раванд ба сифати чеҳраи марказии ҳамбастагии мантиқ ва арзиш, ирода ва таърих, фарҳанг ва сиёсат муаррифӣ мешавад, ки қодир аст ҳамчун намунаи таърихи фалсафии роҳбари давлати миллӣ дар замони истиқлол арзёбӣ гардад.

Бо ин таҳрир, матн ба як намунаи возеҳи таҳлили фалсафии илмӣ табдил ёфт, ки дар он равишҳои муқоисавӣ бо равшанӣ ва дақиқӣ баён гардида, инчунин мафҳумҳои калидии фалсафаи сиёсат, аз ҷумла, рисолати шахсият, иродаи маънавӣ ва сохтори маърифатии давлатдорӣ, дар як низоми таҳлилии пайваста ва мураттаб таҷассум ёфтаанд. Дар ин раванд, асар ҳамчун пойдевори методологӣ барои рушди минбаъдаи мактаби маънавиёти миллати тоҷик хизмат мекунад. Мусоидат ба таҳияи

бахшҳои натиҷагирӣ ва пешниҳодҳои таҳқиқотӣ метавонад рушди минбаъдаро бо заминаҳои назариявӣ ва муқоисавии устувор таъмин намояд.

Муаллиф дар «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» таҷассуми равиши таҳлилии ҳамаҷониба дар шинохти низоми давлатдорӣ ва рисолати роҳбари миллӣ ба шумор меравад. Асар давлатсозиро ҳамчун як амали маърифативу ахлоқӣ ва ҷараёни мураккаби ташаккули арзишҳои сиёсӣ тасвир мекунанд, ки дар маркази он шахсият ҳамчун таърихсоз, арзишофар ва масъули иродаи маънавӣ қарор дорад. Дар доираи ин дидгоҳ, муаллиф ба ин натиҷа мерасад, ки пояҳои устувори давлатдорӣ пеш аз ҳама бо хиради таърихӣ, масъулияти маънавӣ ва ҷаҳонбинии арзишгароёнаи шахсияти роҳбар асос меёбанд ва қобилияти шаклдиҳии маънии давлат ва самти таърихиро матраҳ менамоянд.

Бо такя ба таҷрибаи таърихии Тоҷикистон муаллиф ҷанбаҳои ахлоқӣ ва маърифатии давлатдориро ҳам таҳлил мекунанд:

«Миллати тоҷик имрӯз истиқлолияти давлатиро дар симои ин абармарди замон мебинад» Раҳимзода Р.Ҳ. «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» (Душанбе, «ЭР-граф», 2025, с. 25).

Ин ибора хати роҳнамои тамоми асар аст, зеро рисолати Пешвои миллат дар доираи таърихи фалсафа ҳамчун зуҳури иродаи маънавии миллат ва таҷассум ёфтани хирад дар амалия арзёбӣ мешаванд. Дар китоб бо истифода аз методологияи таҳлили муқоисавӣ, таърихи фалсафа ва равиши шахсиятшиносии иҷтимоӣ, Пешвои миллат ҳамчун фардияти таърихсоз ва бунёдгузори мактаби давлатдории навини миллӣ таҳлил мегарданд. Муаллиф, бо диди амиқи илмӣ, амалӣ ва ахлоқӣ, нишон медиҳанд, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароити бӯҳрони сиёсӣ ва парокандагии иҷтимоӣ тавонистаанд маънои навини давлатдории тоҷиконро бар пояи фарҳанг, хирад, амният ва ваҳдати миллӣ бунёд кунанд.

Муаллиф, бо истифода аз методологияи таҳлили муқоисавии давлатдорӣ, дар оғози китоб таъкид менамоянд: «Таҷрибаи пурғановати таърихи башарият собит месозад, ки пешрафти ҳар миллату давлат ба нақши шахсиятҳои барҷаста вобастагии амиқ дорад. Барои англисҳо Уинстон Черчил, барои фаронсавиҳо Шарл де Голл, барои кубагиҳо Фидел Кастро, барои ҳиндуҳо Маҳатма Гандӣ, барои русҳо Пётри Кабир, барои чиниҳо Мао Сзэдун, барои туркҳо Мустафо Камол Отатурк, барои ветнамиҳо Ҳо Ши Мин, барои мардумони форсу тоҷик Куруши Кабир ва Исмоили Сомонӣ шахсиятҳое буданд, ки давлату давлатдорӣ ба номи онҳо вобастааст» (с. 4).

Ин иқтибос дорои аҳаммияти назариявии бузург аст, зеро муаллиф бо ин муқоиса нишон медиҳанд, ки давлатдорӣ танҳо сохтори сиёсӣ нест, балки таҷассум ёфтани хирад ва иродаи таърихист. Шахсиятҳо дар лаҳзаҳои буҳронӣ ҳамчун поягузори маъно ва устувории давлат зуҳур мекунанд. Ҳар миллат дар шахсияти хоси худ маънои ҳастии таърихии худро таҷассум мебахшад. Муаллиф ҳамин равишро дар сатҳи миллӣ татбиқ намуда, нишон медиҳанд, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамсон бо чеҳраҳои таърихсоз, Уинстон Черчилл, Шарл де Голл, Фидел Кастро, Маҳатма Ганди, Пётри Кабир, Мао Сзэдун, Мустафо Камол Отатурк ва Ҳо Ши Мин нақши роҳнамоии маънавӣ ва сиёсиро дар эҳёи давлатдории миллӣ иҷро кардааст.

Илова бар ин, таърихи давлатдорӣ ва фарҳанги сиёсии башарият собит сохтааст, ки ҳар миллату давлате, ки тавонистааст худро аз буҳронҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ наҷот диҳад, дар лаҳзаҳои ҳалкунанда соҳиби шахсиятҳои хирадманду рисолатдор будааст. Пешво, аз диди фалсафаи ҳастӣ, зуҳури рӯҳи таърих дар зоти инсон мебошад. Дар таълимоти Гегел, шахсиятҳои бузург муҷассамаҳои рухи умумиҷаҳонӣ ҳастанд, ки таърих тавассути онҳо худшиносӣ ҳосил мекунад. Пешво дар ин маъно на танҳо роҳбар, балки падидаи ҳастии худогоҳии миллат аст. Пешво ҳамчун шакли зоҳиршавии хирад амал мекунад, ҳамзамон амали сиёсиро ба қасди маънавӣ ва маънои иҷтимоӣ табдил

медиҳад. Таърихи мулку мулкдорӣ гувоҳ аст, ки аз қадим то имрӯз бисёре аз миллат ва давлатҳои ҷаҳон дорои Пешвои сиёсӣ буда, онҳо миллату давлати худро ба як ҷомеаи саодатманд расонида, аз нестшавӣ ва парокандагӣ наҷот додаанд. Аз ҳамин ҷиҳат, ҳар лаҳзаи эҳёи давлатдорӣ бо шахсияти дорои виҷдони таърихӣ иртибот мегирад.

Қудрати Пешво на дар идора кардан, балки дар рисолат ва масъулият аст. Пешво ба маънои ҳақиқӣ шахсе аст, ки дар худ ҳам қудрат ва ҳам эҳсоси маҳдудияти он дорад, ки медонад қудрат агар аз виҷдон ҷудо шавад ба зулм меанҷомад. Пешво посухи зиндаи хирад ба хатарҳои парокандагӣ, аз анархия ва бемаъноии иҷтимоӣ мебошад. Ин посух танҳо амали сиёсӣ нест, балки амали маънавии таърих аст: наҷоти маънои ҳастӣ тавассути шахсият. Аз ҳамин ҷиҳат, ҳар давлати устуворро метавон ҳамчун таҷассум ёфтани ҷавоби Пешвои хирадманд ба саволҳои замон фаҳмид. Пешво дар таърихи фалсафа ва ахлоқи давлатдорӣ танҳо чеҳраи сиёсӣ нест, балки он шакли ҳастии виҷдони ҷамъиятӣ аст, ки тавассути ӯ таърих маъно пайдо мекунад.

Пешво давлатро аз зоҳирият ба маънавиёт мебарад, ва миллатро аз парокандагӣ ба ваҳдат ва худшиносӣ мерасонад.

Ҳамин тавр, Пешво на зодаи замон, балки созандаи замон, на натиҷаи сиёсат, балки маншаи маънавии он мебошад. Пешво нуқтаи иттиҳоди хирад, виҷдон ва таърих аст, ки тавассути ӯ миллат ба худшиносии таърихӣ мерасад ва давлат ба сатҳи маънавиёт бармехезад.

Пешво дар маънои аслии он, падидаи фалсафаи иҷтимоӣ ва маншаи маънои таърих аст. «Имрӯз рисолати давлатдории тоҷикон бо номи чеҳраи мондагори миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайванди ногусастанӣ дорад» (с. 5).

Асари мазкур дар қатори навгониҳои муҳимми илмӣ ва таҳқиқотӣ оид ба дарки решаҳои таърихӣ ва фалсафии давлатдории навини тоҷикон буда, бо равиши таҳлилӣ ва таърихӣ, фаъолияти маънавию сиёсӣ ва шахсиятсозии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар заминаи таърихи давлатсозии миллӣ муаррифӣ мекунад.

Муаллиф, дар ин китоб муфассал талош варзида, ки бо истифода аз усулҳои тафсирӣ (герменевтикӣ), таърихи фалсафа ва таҳлили иҷтимоӣ-шахсиятӣ, чеҳраи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун фардияти таърихсоз ва бунёдгузори мактаби давлатдории миллӣ ба тасвир оваранд. Ин асар намунаи барҷастаи муттаҳидсозии афкори сиёсӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ ва таърихӣ мебошад.

Мафҳуми «Рисолат», ки дар унвони китоб ба таври марказӣ омадааст, дар доираи таърихи фалсафа ҳамчун як вазифаи иртиботи шахсияти Сарвари давлат бо ҷараёни таърихии миллат дарк карда мешавад. Ин мафҳум бо маънии он, ки шахсият ҳамчун таърих бояд замонро бишиносад ва роҳнамоии таърихиро ба уҳда бигирад, тавсиф мегардад.

Дар таҳлили шахсияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муаллиф ба тасвири ӯ ҳамчун ба симои муассири таърих таваҷҷуҳ медиҳанд. Ӯ ҳамчун роҳбаре муаррифӣ мегардад, ки дар шароити таназзули давлат ва фурӯпошии сохторҳои сиёсӣ тавонистааст як навъи навини давлатдориро бо пояҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангӣ тарроҳӣ намояд. Ин раванд дар доираи фалсафаи амал масъулияти ахлоқӣ ва иродаи сиёсӣ таҳлил мегардад.

Муаллиф дар симои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун омили тақдирсоз дар амали давлатдорӣ муаррифӣ мекунад. Таваҷҷуҳи хосса ба соҳаи маориф, ҷавонон, занон ва ташаккули ҳадафҳои стратегӣ нишондиҳандаи он аст, ки барномаи сиёсати иҷтимоӣ дар заминаи фалсафаи инсонмеҳварӣ ва таҳкими суботи иҷтимоӣ тарҳрезӣ шудааст.

Қобили зикр аст, ки муаллиф сиёсати хориҷии Пешвои миллатро ҳамчун падидаи муосири ҳамгироӣ таҳлил намуда, воқеияти фаъолияти амалии Сарвари давлатро чун ташаббускори ҳалли мушкилоти минтақавӣ ва байнал-

миллалӣ, аз ҷумла масъалаи об, амният ва сулҳ, муаррифӣ мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки асари «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» ба сифати як манбаи аслии ҳикмати давлатдорӣ ва рисолати давлатдории миллӣ қобили истифода мебошад. Он барои муҳаққиқони самти фалсафа, сиёсат, таърихнигорӣ, давлатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ имкони таҳлили равандҳои ташаккули миллат ва давлатро бо таваҷҷуҳ ба омилҳои шахсияти таърихӣ ва арзишмандии фаъолиятҳои намунаи ибрати он, фароҳам меорад.

Дар таърихи фалсафа, мафҳуми "бунёдгузор" (с. 22) ба шахсиятҳое дахл дорад, ки дар лаҳзаҳои таърихӣ ҳамчун поягузори низоми навин арзи вуҷуд мекунанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, тибқи шарҳи муаллиф, дар шароити парокандагии сиёсӣ ва ҷанги дохилӣ тавонистаанд сохтори давлатдории тоҷиконро аз нав барқарор ва мустаҳкам намоянд.

Аз диди сиёсӣ, ӯ як таърихсоз мебошад, ки тавонистаанд иродаи миллӣ ва шинохти таърихиро дар шакли низоми устувори сиёсӣ таҷассум намоянд. Ҳамин аст ки ««бунёдгузори давлатдории миллӣ» (с. 22) мафҳуми ҳастишиносӣ, таҳким бахшидани ватандорӣ ва ҳуввияти миллӣ мебошад.

Мафҳуми «Арбоби давлатӣ» дар таърихи фалсафа бо ҳикмати амал ва ахлоқи масъулият иртибот дорад. Эмомалӣ Раҳмон бо таҷрибаи тӯлонии роҳбарӣ ва қабул намудани қарорҳои таърихӣ нишон додаанд, ки сиёсат хирад ва иродаи ахлоқии устуворро тақозо мекунад.

Дар ин замина, Пешвои миллат ҳамчун шахсият бо ҷаҳонбинии миллӣ ва адолатпарварӣ муаррифӣ мешавад. Ин ҷанбаҳо ба мухтавои фалсафии давлат мувофиқ меоянд.

Ин унвон дар баробари мақоми расмии ҳуқуқӣ, дар китоби мазкур бо мафҳуми роҳнамои миллӣ пур карда шудааст. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президент, шахси ҳуқуқӣ, роҳнамои маънавиёти миллат ва таҷассуми ормони давлатдорӣ ҳисобида мешаванд.

Президенти давлат дар таърихи фалсафаи замони истиқлол як навъ мураббии эҳёгари давлатдорӣ мебошанд.

Унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат (с. 122), дар асар махсус таҳлилу таҳқиқ гардида, дорои моҳияти баланди фалсафӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ мебошад. Мафҳуми «Асосгузор» дар ин ҷо ба маънои рисолатдори замони истиқлол тафсир мешавад, ки тавонистааст миллатро ба ваҳдати комил ва устувории иҷтимоӣ бирасонад.

Ваҳдати миллӣ, аз диди фалсафаи иҷтимоӣ, ҳамоҳангсозии маънавӣ ва таҷдиди ҳуввият аст. Пешвои миллат дар ин нақш ҳамчун меъмори ваҳдат, таҷдидкунанда ва нерубахши худшиносиву ҳуввияти миллӣ арзёбӣ гардидаанд.

Унвони Қаҳрамони Тоҷикистон (с. 199) бошанд, эътирофи хидмати шахсии Пешвои миллат, дар заминаи ҳифзи арзишҳои миллӣ ҳастии таърихии миллат аст. Қаҳрамон дар таърихи фалсафа шахсияти офарандаи арзишҳо мебошад. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маънӣ, ҳамчун Қаҳрамони таърихӣ, рамзи мубориза барои нигоҳдошту таҳкими истиқлол, амнияти давлат ва эҳёи давлатдории ориёии тоҷикон возеҳ баён гардидааст.

Аз диди таърихи фалсафа, қудрат ва нерӯи мусаллаҳ бар асоси ҳастии сиёсии давлат мебошанд. Пешвои миллат, дар симои Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, масъулияти ниҳоии таъмини ҳастии ҳимояи арзишҳои миллатро бар дӯш доранд.

Китоб дорои аҳаммияти фавқулоддаи методологӣ барои омӯзиши давлатдории тоҷикон дар заминаи давлатдории миллӣ мебошад. Муаллиф бо истифода аз равишҳои тафсир (герменевтика) ва таърихи муқоисавӣ симои Пешвои миллатро таҳлил намуда, мушаххас мекунанд, ки шахсияти Пешвои муаззами миллат дар замон чӣ нақши ҳаётӣ гузоштаанд.

Дар боби дуввуми ин асар, ки «Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлат» (с. 298) номгузорӣ шудааст, муаллиф бо тавоноии таҳлили илмӣ сиёсати иқтисодиву иҷтимоии Пе-

швои миллатро ҳамчун пояи ҳастии давлатдории миллӣ меомӯзанд. Ин таҳқиқ дар партави воқеияти сиёсати миллӣ, муносибати шахсият ва давлатро ҳамчун низоми ягонаи хирад, маърифат ва масъулияти иҷтимоӣ шарҳ медиҳанд. Муаллиф нишон медиҳанд, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи шикасти сохторҳои иқтисодӣ ва парокандагии иҷтимоӣ, тавонистаанд қудрати давлатро бо маърифати иқтисодӣ ва амалияи иҷтимоӣ тавъам созанд. Аз диди воқеият, ин ҳолат таҷассумгари татбиқи ҳадафҳои миллӣ дар майдони иқтисод мебошад: қудрат ба воситаи хирад ва хирад тавассути масъулият амалӣ мегардад. Иқтисод дар диди Пешвои миллат танҳо низоми молиявӣ нест, балки ҷисми иҷтимоии маънавиёт аст, ки тавассути адолат, меҳнат, таҳаммул ва тавозуни манфиатҳои ҷамъиятӣ зинда нигоҳ дошта мешавад.

Дар зербоби аввали боби китоб, “Сиёсатмадори маорифпарвар” (с. 298), муаллиф, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун сиёсатмадори маорифпарвар муаррифӣ мекунанд, ки рисолати давлатдории худро на танҳо дар бунёди сохторҳо, балки дар афкори хирадмандии иҷтимоӣ мебинад. Дар ин замина, Пешвои миллат “Ман дар сиёсати худ маорифро дар ҷойи аввал мегузорам” (с. 298). Яъне, маорифро на соҳаи идоравӣ, балки маорифро ҳамчун пояи давлат дар рушди инсон ва аз диди тафаккури стратегӣ омили таъминсозандаи амнияту субот медонанд.

Пешвои миллат давлатро ҳамчун мактаби маънавиёт ва шаҳрвандро асоси ташаккулдиҳандаи ин замина мешуморанд. Аз ин нуқтаи афкор, сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, таҷассумгари афкори инсони таълимдида ва ҳамчун пояи давлат мебошанд.

Маориф, дар афкори муаллиф, барои Пешво асоси ҳастии миллӣ ва маънавии давлатдорӣ мебошанд ва ин аст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳёкунандаи маорифи миллӣ арзёбӣ гардидааст.

Дар зербоби дуввум “Сиёсати давлатӣ дар самти занону ҷавонон” (с. 320), муаллиф ба таври методологӣ нишон медиҳанд, ки сиёсати Пешвои миллат дар робита ба занон ва ҷавонон танҳо сиёсати иҷтимоӣ нест, балки мантиқи фалсафаи инсонгароӣ ва адолати иҷтимоӣ мебошанд.

Зан дар диди Пешво ҷанбаи маънавии давлат аст, модари маърифат, пояи ахлоқ ва рамзи ҳастии миллӣ.

*Чун муқаддас маънии зан-модару*
*ҳам меҳан аст,*
*Парчаму гимну нишон ҳар се яке*
*баҳри ман аст.* (с. 320)

Аз ҳамин сабаб, эҳёи нақши зан дар ҷомеа натанҳо баробарии ҳуқуқӣ, балки эҳёи ҳастии маънавии давлат ба ҳисоб меравад.

Ба ибораи дигар:

*Модари мушфиқ ҳаёту*
*зиндагониофар аст,*
*Ҳастию дунёи мо маҳсули сеҳри*
*модар аст.* (с. 321)

Каломи «Модари мушфиқ ҳаёту зиндагониофар аст» дорои сохт ва маънои фалсафии ниҳоят дақиқ аст. Ин калом модарро дар мақоми асли ҳастӣ, маншаи маънои зиндагӣ ва руҳи офариниш муаррифӣ менамояд.

Ҷавонон дар мактаби давлатдории Пешвои миллат «Таваҷҷуҳи Пешвои миллат пайваста ба ҷавонон ҳамчун насли ояндасоз равона шудааст». (с. 333). Дар ин замина, сиёсати давлатӣ нисбат ба ҷавонон стратегияи маънавии ҳастӣ аст.

Дар зербоби сеюм, муаллиф Пешвои миллатро ҳамчун «Тарроҳи ҳадафҳои стратегӣ» (с. 346) таҳқиқ мекунанд. Дар ин таҳлил, сиёсати стратегӣ натанҳо барномаи иқтисодӣ, балки нақшаи маънавии давлатдорӣ шуморида мешавад. Муаллиф нишон медиҳанд, ки ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлоли энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, ва саноатикунонии босуръат дар тафаккури стратегии Пешво ҳамчун ҳадафҳои ҳастӣ таҷассум ёфтаанд. Онҳо на танҳо василаи рушди иқтисодӣ, балки сохтори маърифатии соҳибистиқлолӣ мебошанд. Ин равандро метавон бо мафҳуми онтологияи рушди устувор тавзеҳ

дод: рушди воқеӣ вақте пойдор аст, ки ба арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ такя кунад.

Аз рӯи таҳлили муаллиф, стратегияи давлатдории Пешвои миллат бар заминаи сохтори маънавии таърихӣ устувор шудааст. Давлат тавассути ин ҳадафҳо ба мақсади худ, яъне ба маънии ҳастии худ мерасад.

Дар боби дуввуми асари «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» яке аз ҷузъҳои калидӣ таҳқиқ ёфтааст, ки дар он шахсият ва давлатдорӣ ҳамчун иттиҳоди хирад, виҷдон ва амал таҷассум ёфтааст.

Дар фалсафаи сиёсӣ, ин раванд ба герменевтикаи шахсият мутобиқ меояд, яъне, Пешвои миллат ҳамчун тафсиргари замон, меъмори маъно ва масъули ҳадафҳои ҳастии миллат таҷассум мегарданд. Муаллиф нишон медиҳанд, ки фаъолияти иқтисодӣ, сиёсати, иҷтимоӣ, маориф, занон ва ҷавонон ҳама дар зери як мафҳум, "муттаҳид" яъне, маънавиёти давлатдорӣ қарор доранд.

Аз ҳамин ҷиҳат, метавон гуфт: Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Пешвое мебошанд, ки давлатро ба сатҳи маънавиёти таърихӣ, иқтисодро ба сатҳи ахлоқи иҷтимоӣ ва сиёсатро ба сатҳи хирад расонидаанд.

Муаллиф дар боби сеюми китоб бо далелҳои мукаммали таърихӣ ва таҳлили фалсафӣ нишон медиҳад, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсатро ба сатҳи маънавӣ ва маърифат бардоштаанд. Пешвои миллат сиёсати хориҷиро танҳо ҳамчун воситаи ҳифзи манфиатҳо намебинанд, балки ҳамчун шакли ҳастии давлат дар ҷаҳон, яъне роҳи ифодаи маъно ва масъулияти миллат дар низоми башарӣ арзёбӣ менамоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин раванд асосгузори модели навини фалсафаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҷассум ёфта, ки бар пояи се сутуни фалсафӣ устувор аст:

Сиёсатмадори ҷаҳонӣ (с. 384), Ташаббускори ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ (саҳ.407), Пешвои тоҷикони ҷаҳон (с. 452).

Дар фалсафаи сиёсат, сиёсатмадори ҷаҳонӣ касест, ки тавонад давлатро ба сатҳи ҳузури маънавӣ дар низоми ҷаҳонӣ бардорад, яъне, ифодагари ҳастии фарҳангӣ ва ахлоқии миллат аст. Дар ин маъно, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистонро ҳамчун давлати хурди дорои рисолати бузург муаррифӣ намудаанд. Пешвои миллат давлатдории тоҷиконро ба сатҳи фалсафаи ҳамзистӣ ва арзишҳои умумибашарӣ рисолат бахшидаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати хориҷӣ ба се арзиши асосӣ такя намудаанд: сулҳ ҳамчун шарти ҳастӣ; ҳамкорӣ ҳамчун шакли ҳастии иҷтимоӣ; мувозинати арзишҳо ҳамчун меъёри ахлоқии давлатдорӣ. Муаллиф менависад, ки «Сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба маънои томаш зодаи даврони Соҳибистиқлол аст, ки таррохи он сиёсатмадори пуртаҷриба, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст» (с. 386). Ин маъно дорад, ки Пешвои миллат сиёсатро аз рӯи меъёри таърихӣ ва масъулияти башарӣ бунёд кардааст.

Дар сатҳи фалсафӣ, сиёсати Эмомалӣ Раҳмон бар меъёри ахлоқии «масъулият» асос ёфтааст. Пешвои миллат дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ инсонро на рақиб, балки ҳамин шарики маънавӣ маҳсуб медонад. Дар ин дид, Тоҷикистон ба ҳайси як давлате баромад мекунад, ки арзиши асосии он ҳаёт, сулҳ ва инсондӯстӣ аст. Ин сиёсат шакли навини фалсафаи сиёсати гуманистӣ мебошад, ки дар маркази он инсон, фарҳанг ва виҷдон қарор доранд.

Дар зербоби дуввум «Ташаббускори ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ» (с. 407) ба фалсафаи ҳастӣ, ташаббус маънои ҳаракати ҳастиро дорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббусро ҳамчун амали маънавии масъулият ифода мекунанд, ки ҳар як давлат бояд дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ҳиссаи худро гузорад. Ташаббусҳои Тоҷикистон дар масъалаи об, тағйирёбии иқлим, энергетика, амният ва сулҳ ифодаи ҳамин фалсафаи масъулияти ҷаҳонианд. Об дар таълимоти фалсафаи Шарқ рамзи ҳаёт ва покӣ

аст. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пешниҳоди ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба даҳсолаи «Об барои рушди устувор», дар асл масъалаи обро аз сатҳи сиёсӣ ба сатҳи ҷаҳонӣ бардоштаанд. Ин ташаббус нишон медиҳад, ки Тоҷикистон ба ҷаҳон аз манзари фалсафаи ҳастӣ менигарад: об, натанҳо сарват, балки рамзи зиндагӣ, ризқ ва адолат аст.

Муаллиф таҳқиқ мекунад: «Баъд аз гузашти солҳо мавзуи мазкур дар доираи дипломатияи об дар низоми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз низ идома дошта, бо ташаббусҳои навбатии кишвари мо қатъномаи махсуси СММ пай дар пай қабул мегарданд» (с. 397).

Дар зербоби севвум «Пешвои тоҷикони ҷаҳон» (с. 452) таҳқиқи илмӣ шудааст. Пас аз гиру дорҳои давраҳои таърихӣ, тоҷикон дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон пахн шуданд ва эҳсоси ягонагӣ суст гардид. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сиёсати фарҳангӣ ва маърифатии худ чунин парокандагиро ба ҳастии воҳид табдил додаанд. Пешвои тоҷикони ҷаҳон, натанҳо унвон, балки мафҳуми фалсафӣ аст.

Ҳикмати пешвошиносӣ бар пояи ваҳдати фарҳангӣ устувор аст. Тибқи таҳқиқи муаллиф: «Пешвои тоҷикони ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои арзанда дар назди миллат сазовори ин унвони баланд мебошанд, чунки дар тули таърих ҳеҷ як шахси дигар натавонистааст, ки чун ӯ барои миллати тоҷик рисолати муҳимми миллатсозиро иҷро намояд» (с. 478). Илова бар ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо эҳёи забони тоҷикӣ, мероси Исмоили Сомонӣ ва фарҳанги ориёӣ, ҳастии таърихиро ба худогоҳии миллӣ табдил додаанд. Дар фарҳангшиносӣ рамзи маъноофарии инсон аст. Пешво он касест, ки ин маъноофариро ба як низоми зиндагӣ табдил медиҳад. Аз ин рӯ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун герменевтикаи ҳастии тоҷик қобили фаҳм аст, яъне, тафсири маънои “тоҷик” будан дар ҷаҳони муосир.

Ӯ, ҳамзамон сиёсати хориҷиро ба сатҳи фалсафаи ҳастӣ табдил ва ба ҷаҳон нишон додаанд, ки давлат метавонад бо виҷдон сухан гӯяд ва миллати тоҷик бо фарҳанг, сулҳ ва масъулият метавонад худро дар низоми башарӣ ҳамчун қувваи маънавӣ муаррифӣ кунад. Хулосаи боби севвуми асари муаллиф бо истифода аз методологияи герменевтикаи таърихӣ, таҳлили муқоисавии сиёсат ва онтологияи шахсият исбот менамоянд, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо раҳбари сиёсӣ, балки меъмори маънавии сиёсат ва адолати ҷаҳонӣ мебошанд.

Сиёсати хориҷӣ дар дидгоҳи Пешво на воситаи фишор ва рақобат, балки ифшои ҳастии маънавии давлат аст. Тоҷикистон дар партави ин сиёсати нав худро ҳамчун давлати некбин муаррифӣ намудааст, ки ҳадафаш на фоида, балки маъно аст. Ин раванд нишон медиҳад, ки Пешвои миллат фалсафаи давлатдориро ба сатҳи масъулият бардоштааст, давлат ҳамчун шакли ҷавобгарии инсонӣ дар ҷаҳони пуртазод.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори ҷаҳонӣ дар замони пуртазоди сиёсати ҷаҳонӣ, ки манфиатҳо бар арзишҳо ғолиб омадаанд, сиёсати хирадмандонаи ҳамзистиро пешниҳод намуданд.

Ба ин маъно, Пешвои миллат сиёсати хориҷиро ба фалсафаи ҳамбастагии умумибашарӣ табдил додаанд, ки дар он сулҳ, ҳамкорӣ ва эҳтиром ба фарҳангҳо асоси ҳастӣ мебошанд.

Маҳз ҳамин равиши хирадмандона Тоҷикистонро ба як давлати боэътибори дипломатӣ ва арзишофар табдил намудааст.

Ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат бахусус дар масъалаи об, иқлим, сулҳ ва амният муассир мебошанд: онҳо на танҳо сиёсати минтақавӣ, балки пажӯҳиши инсонӣ дар бораи ҳастӣ ва наҷоти ҷаҳон мебошанд. Пешвои миллат нишон додаанд, ки роҳбарии сиёсӣ метавонад шакли хидмати маънавӣ ва ҳамчун амали виҷдон ва масъулияти умумбашарӣ бошад.

Дар афкори муаллиф, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Пешвои тоҷикони ҷаҳон» аст, зеро ӯ

тоҷиконро ба ҳамбастагӣ, худогоҳии таърихӣ ва маънавӣ баргардондаанд.

Маҳз дар асоси таҷрибаи Пешвои миллат, муаллиф ба хулосае меоянд, ки Тоҷикистон дорои модели навини сиёсати миллӣ ва хусусиятҳои зеринро доро мебошанд:

– гуманистӣ – инсон ва ҳаёт маркази арзишанд;

– виҷдонӣ – сиёсат бар асоси масъулияти ахлоқӣ сурат мегирад;

– фарҳангӣ – давлат ҳамчун идомаи маърифат ва фарҳанг фаҳмида мешавад;

– ҷаҳонӣ – Тоҷикистон узви фаъоли ҷомеаи башарист.

Пешвои миллат, ҳамчун таърихсоз амал мекунад, шахсе, ки на танҳо воқеиятро идора мекунад, балки маънои онро меофарад. Ин афкор нишон медиҳад, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар замони истиқлол як модели навини маънавии давлатдорист, ки дар маркази он Пешвои миллат ҳамчун роҳнамои миллат қарор дорад.

Китоби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳимзода Р.Ҳ. «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» як таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ ба шумор меравад, ки бо истинод ба беш аз 294 манбаи илмӣ аз муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, заминаи мустаҳками таърихиро фароҳам меорад. Сабки таҳқиқотии он бо низоми методологии муназзам ва таҳлили мукаммали муқоисавӣ, бо мантиқ ва равишҳои муосир таҳқиқ шуда, ба хонанда манзараи дақиқ ва возеҳро дар бораи рисолати давлатдорӣ ва нақши Пешво пешниҳод мекунад.

Дар ин замина метавон хулоса кард, ки таҳқиқоти минбаъдаи давлатдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бар пояи чунин асарҳои дорои заминаи методологии устувор рушд ёбанд. Асари мазкур метавонад ҳамчун модели навини намунавии таҳлили шахсияти Пешво ва давлат ба таври муассир истифода гардад. Дар ин замина, васеъ намудани ҳудуди пажуҳиш тавассути таҳлили муқоисавӣ бо равишҳои замони истиқлол ба мисли герменевтикаи иҷтимоӣ, ва таҷрибаи давлатдории дигар кишварҳо имкон медиҳад, ки дарки дақиқтар аз иродаи сиёсии фардӣ, ахлоқи роҳбарӣ, арзишҳои миллӣ ва модели маърифатии давлат таҳия гардад.

Ин асар дар воқеъ заминаи устувори рушди мактаби давлатдории миллати тоҷик буда, қобили истиқрор мебошад ва метавонад дар шинохт ва таҳкими низоми ахлоқӣ-арзишии ҳокимияти миллӣ саҳми назаррас гузорад.

Дар маҷмуъ, асари доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳимзода Р.Ҳ. «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» таҷассуми равиши таҳлилии ҳамаҷониба дар шинохти низоми давлатдорӣ ва рисолати роҳбари миллӣ ба шумор меравад. Асар давлатсозиро ҳамчун як амали мураккаби ташаккули арзишҳои сиёсӣ тасвир мекунад, ки дар маркази он шахсият ҳамчун таърихсоз, арзишофар ва масъули иродаи маънавӣ қарор дорад. Дар доираи ин, муаллиф ба натиҷа мерасад, ки пояҳои устувори давлатдорӣ пеш аз ҳама бо хиради таърихӣ, масъулияти маънавӣ асос мeёбанд, ки қобилияти шаклдиҳии маънии давлат ва самти таърихиро доро мебошанд.

# БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ

**ТДУ 351.81:330.341.1**

## ОЯНДАБИНИИ СТРАТЕГӢ ВА ТАҲКИМИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

**Аннотатсия:** Дар мақола сухан дар бораиояндабинии стратегӣ ва таҳкими амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи сиёсӣ рафта, муаллифон унсурҳои асосии он – забон, фарҳанг, иқтисоди миллӣ, ҳувияти миллӣ, стратегия ва мудофиаро барои ояндаи Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ намудаанд. Муаллифон нақши калидии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар таҳкими амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавии бошитоб инъикос намудаанд.

**Вожаҳои калидӣ:**ояндабинӣ, стратегия, мудофиа, амнияти миллӣ, рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, забон, Пешвои миллат, сохтори конститутсионӣ, ваҳдати миллӣ.

## СТРАТЕГИЧЕСКОЕ ПРОГНОЗИРОВАНИЕ И УКРЕПЛЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Аннотация:** В статье речь идет о стратегическом прогнозировании и укреплении национальной безопасности Республики Таджикистан с политической научной точки зрения, авторы проанализировали и обсудили его основные компоненты – язык, культуру, национальную экономику, национальную психологию, стратегию и обороноспособность и её роль для будущего Таджикистана. Авторы отметили ключевую роль Основателя национального единства и мира – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона в укреплении национальной безопасности Республики Таджикистан в условиях развития глобализации.

**Ключевые слова:** прогноз, стратегия, оборона, национальная безопасность, социально-экономическое развитие, язык, Лидер нации, конституционный строй, национальное единство.

## STRATEGIC FORECASTING AND STRENGTHENING OF THE NATIONAL SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Abstract:** The article deals with strategic forecasting and strengthening of the national security of the Republic of Tajikistan from a scientific point of view, the authors analyzed and discussed its main components - language, culture, national economy, national psychology, defense capability and its role for the future of Tajikistan. They noted the key role of the Founder of National Unity and Peace - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, and the respected Emomali Rahmon in strengthening the national security of the Republic of Tajikistan in the context of the development of globalization.

**Keywords:** forecast, strategy, defense, national security, socio-economic development, language, Leader of the nation, constitutional system, national unity.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:**

**Асламов Б.С.** - ходими калони илмии шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

e-mail. aslamov.bozorali.64@mail.ru, тел.93-922-50 -76.

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023 - 2028 », ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290

**Убайдуллоев Шавкат Эшонқулович** – дотсенти кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2-юми Академияи КД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,кӯчаи Масстонгулов, 3, тел.: 93-527-37-45.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:**

**Асламов Б.С.** – старший научный сотрудник отдела адъюнктуры Академии МВД Республики Таджикистан, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мастонгулова, 3, e-mail. aslamov.bozorali.64@mail.ru, тел.93-922-50 -76.

**Убайдуллоев Шавкат Эшонкулович** – доцент кафедры уголовного процесса факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, полковник милиции, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мастонгулова, 3. тел.: 93-527-37-45.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**

**Aslamov B.S**. - senior researcher of the Adjunct Department of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mastongulov str., 3, e-mail. aslamov.bozorali.64@mail.ru, tel.93-922-50-76.

**Ubaidulloev Shavkat Eshonkulovich** - Associate Professor of the Department of Criminal Procedure, Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Police Colonel, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mastongulova str., 3. tel.: 93-527-37-45.

Тафаккури стратегӣ – ин раванди равонӣ ва фикрӣ буда, бо назардошти комёбӣ дар бозӣ ё дигар намуди фаъолият истифода мегардад. Барои ба амалбарории тафаккури стратегӣ мавҷудияти ғоя ва имконият нақши асосӣ мебозад. Он метавонад, ки инфиродӣ ё дастаҷамъӣ бошад, ки ояндаро муайян карда тавонад.

Яке аз ҳадафҳои муҳими тафаккури стратегӣ ин банақшагирӣ ва хулосабандӣ барои оянда мебошад. Дар ибтидо стратегия фақат бо мақсадҳои харбӣ истифода мешуд. Мафҳуми «стратегия» аз забони юнонӣ гирифта шуда, (στρατηγία) – «қӯшун», санъати лашкаркашӣ) маънои санъати фармондеҳиро дорад. Ин мафҳум дар Чини қадим низ маъмул буд. Тахминан дар солхои 400 ва 421-и то мелод аз ҷониби фармондеҳи ҳарбии Чин Сун Изи китобе навишта шуда буд бо номи «Санъати ҷанг», ки асосҳои таълимотҳои ҳарбӣ ва иктишфиро дар бар мегрифт.

Ба акидаи генерали фаронсавӣ Андре Бофре (1902-1975) тафаккури стратегӣ ин раванди фикрие мебошад, ки хусусиятҳои абстрактӣ ва ақлонӣ дошта, маводҳои психологӣ ва моддиро мавриди истифода қарор медиҳад. Андре Бофре худ афсари артиши Фаронса, стратеги ҳарбӣ буд.

Ӯ муаллифи мафҳуми «тафаккури стратегӣ» мебошад. Стратег барои таҳлил ва ҷамбасткунии фикр бояд неруи бузурги ақлонӣ дошта бошад, воқеятро тахлили амиқ карда, ҷамбаст намуда, хулосабарорӣ ва қарори дахлдор қабул карда тавонад. Андре Бофре муаллифи асарҳои «Муқаддимаи стратегия» (Ню-Йорк,1965), «Боздошт ва стратегия» (Лондон,1965) мебошад.

Дар илми ҷомашиносӣ мафҳуми ягонаи тафаккури стратегӣ вуҷуд надорад ва он вобаста ба масоили ҷамъиятӣ – сиёсӣ тағйир меёбад. Ҷомеаи инсонӣ исбот намуд, ки на ҳама вақт тафаккури стратегӣ дар асоси банакшагирӣ дуруст мебарояд. Достенти Донишгоҳи миллии мудофиаи шаҳри Варшава, Мариан Козуб менависад, ки «тафаккури стратегӣ» ба воқеият ва масоили амниятӣ робита дорад, ки дар маркази муносибатҳои байналмиллалӣ меистад.

Тафакури стратегӣ ин бештар бо забони таҳдидҳои ҷаҳони муосир баррасӣ мегардад, аз қабили хатари паҳншавии яроқи ядроӣ, терроризм, экстремизм, савдои одамон, инкишофи босуръати технологӣ ва оқибатҳои хавфноки он, хатарҳои экологӣ, инкишофи нобаробари иқтисодии кишварҳо,

ҷангҳои дохилӣ ва минтақавӣ, ҷиноят-кории муташаккили фаромиллӣ ва ғайра.

Дар адабиёти илмӣ беш аз 400 - маънидодкунии мафҳуми «стратегия» мавҷуд мебошад, ки барои шароити муосир се гурӯҳи омилҳои онро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Мақсад ва методи ҳокимияти ҳарбӣ дар фаъолияти сиёсӣ.;

2. Дараҷаи муайянкунии мақсади стратегӣ ва тарзҳои амалигардонии он дар давлат.;

3. Дараҷаи муайян кардани вазифа ва айнияти амалигардонии вазифаҳои комплексӣ.

Дар ҷаласаи 46-уми Шурои роҳбарони хадамоти махсуси давлатҳои иштирокдори ИДМ, ки 21 – уми майи соли 2019 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид ин нукта бори дигар таъкид карда шуд: «Нақшаҳои ҳарбӣ-техникӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, бо Тоҷикистон дар масоили амниятӣ меафзоянд, ки ин ҳолат аз тахдидҳои Афғонистон рӯи кор меояд.

Намудҳои ҳамкориҳо дар ҷодаи ёрӣ ба қувваҳои муссалаҳ, омодагии кадрҳо, дастаҳои таъиноти махсус ворид намудани техника ва таҷҳизоти радиолакатсионӣ афзоиш меёбад» Иштирокдорони ҷаласа ба шарикон оид ба мушкилоти миллии мубориза бар зидди муқовимат ба терроризм маълумот дода, доир ба ташкили муқовимат бо терроризм табодули таҷриба ва роҳҳои ҳаллро пешниҳод карданд.

Аз ҷумла, Директори Хадамоти федералии амнияти Россия Александр Бортников, ки раисии Шуроро ба зимма дошд, таъкид намуд, ки ҳамгироии хадамоти махсуси кишварҳои ИДМ «имкон дод, ки давоми ҳашт сол ячейкаи террористӣ ошкор ва беш аз 100 аъзои онҳо дастгир гарданд». А. Бортников ҳамчунин зикр кард, ки яке аз самтҳои асосии ҳамкории хадамоти махсуси ИДМ табодули пайвастаи маълумоти оперативӣ мебошад. Маълумоти дастрасгардида махзани байналмилалии маълумот оид ба муқовимат бо терроризм, махзани махсусгардонидаи маълумоти Маркази зиддитеррористии ИДМ ва дигар низомҳои маълумотии мавриди истифодаи коллективиро пурра месозад. Ҳамзамон таъкид карда шуд, ки вазъияти бааламомада «такмили мунтазами амалҳои муштаракро дар самти мубориза бар зидди терроризм, бо дарназардошти тадбирҳои пешгирикунанда тақозо мекунад» [2].

Яке аз ҳадафҳои муҳим дар ин самт ин пешгирии пахншавии маводи мухаддир дар сарҳадхои ҷанубии ИДМ, маблағгузории гурӯҳҳои террористию экстремистӣ мебошад. Тафаккури стратегии кишварҳои гуногун мутаасифона ба қавли Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – «бархе аз кишварҳо мутаасифона дар бозиҳои геополитикӣ аз стандартҳои дугона истифода мебаранд, ки вазъи сиёсии минтақаҳоро боз ҳам мураккабтар менамояд».

Дар маҷмуъ тафаккури стратегӣ як қатор таҳдидҳои амнияти стратегиро барои Ҷумхурии Тоҷикистон барои оянда муайян менамояд:

1. Ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими давлатӣ.;

2. Устувории асосҳои сохтори конститутсионии давлат.;

3. Мавҷудияти неру ва захираи зарурии давлатӣ бахри дифоъ аз хатархои дохилӣ ва берунӣ.

Барои дар амал пиёдагардонии стратегия ғоя лозим аст. Бӯҳрони сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шахрвандии солҳои 1992-1997 бархурди идеявиро ба вуҷуд овард, ки бо таассуф боиси харобии иқтисодӣ ва зиёни иҷтимоию маънавӣ гашт, ки беш аз 150 ҳазор шахрванди Тоҷикистон кушта, 50 ҳазор кӯдакон ятим монда, зарари иқтисодии он ба зиёда аз 10 миллиард доллари ИМА баробар гардида, рукнҳо ва асосҳои давлатдориро фалаҷ гардонид, қонуншиканӣ ва бесарусомониҳоро дар мамлакат вусъат бахшид.

Хушбахтона, бо қавиироддагию ҷасорати Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри бостонии Хуҷанд, моҳи ноябри соли 1992 дар

Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон идеяи ягонагӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, созиши миллӣ ва эъмори давлати демократию дунявӣ ва соҳибихтиёр ироа гардид. Дар ин шароит ягон ходими ҷамъиятиву давлатӣ он замон чунин масъулияти баландро ба уҳда намегирифт.

Ба гуфтаи худи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳеҷ кас он давра вазифа лозим набуд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аёми ҷавонӣ ва мушкили давлати тоҷикон ин масъулияти баландро ба зиммаи худ гирифт ва иброз намуд, ки «манро ба ин вазифаи пурмасъул бовар намудед, акнун биёед вакилони мардумӣ якҷоя пеши роҳи хунрезиро гирем ва Тоҷикистонро аз ин вартаи нобудӣ наҷот диҳем. Ба ман, ки бовар кардед, ба шумо ваъда медиҳам, ки ҳар чӣ зудтар пеши роҳи хунрезиро мегирам, ба халқи азизам сулҳу салоҳ меорам. То он, ки охирин ҳамватани мо аз хориҷи кишвар барнагардад, ман худро ҳамчун сарвари давлат ором ҳис карда наметавонам» [1, с. 49-53]. Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баробари ба мақоми олии мамлакат нишастан, дар муроҷиат ба халқи шарифи Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1992 зимни нахустсавганди ёднамудааш гуфта буд: «Тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои шукуфоии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам». Ва ба қавли худ устувор монданд.

Дар ин Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шурои Оли бо роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳокимияти конститутсионӣ барқарор карда шуда, тасмим гирифта шуд, ки ба пойтахт шаҳри Душанбе биёянд. Теъдоди зиёди санадҳои ҳуқуқӣ дар Иҷлосияи мазкур қабул гардид, ки роҳи ояндаи Тоҷикистонро ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муайян намуд. Бо талошҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 6-уми ноябри соли 1994 Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, бо таври интихоботи умумхалқӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Аз рӯзҳои аввали роҳбарӣ баҳри сулҳу ваҳдати миллӣ талош меварзид. Дар шаҳри Душанбе дар як утоқи хурди мехмонхона роҳи халосӣ аз вартаи нобудии давлат ва миллати тоҷикро ҷуста, ба гуфти худаш худро қурбонии роҳи наҷоти миллат меҳисобид, ки дигар чашми модари тоҷик ашкро набинад ва танҳо хандаи тифлон ҳувайдо бошад. Марҳилаи муҳимтарин дар раванди сулҳ, гуфтушуниди байни тоҷикон аст, ки моҳи апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав оғоз гардида буд. Дар ин гуфтушунид нахустин Эъломияи муштарак оид ба оштии миллии устувор дар раванди сулҳи тоҷикон ба имзо расид.

Баъдан ҳайатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди нируҳои оппозитсияи тоҷик дар шаҳрҳои Алмаато, Ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул ва Машҳад мулоқот гузаронданд. Ҷустуҷӯи роҳу усулҳои расидан ба сулҳу амонӣ барои тоҷикон зиёда аз се сол идома ёфт. Табиист, ки дар ин мулоқотҳо ҳар тараф шартҳои манфиатноки худро пешниҳод менамуд ва билохира 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Маскав мулоқот баргузор гардид, ки бо таъсиси Комиссияи оштии миллӣ ва имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» анҷом пазируфт.

Президенти мамлакат бори дигар ба ҳамватанон муроҷиат намуда таъкид доштанд, ки «Бо назардошти ин руҳияи илҳомбахш ва иттиҳоди ҷовидонии миллат айни муддаост, ки рӯзи 27-уми июнро дар кишварамон Рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон намоем ва ин санаи фархундаро ҳар сол ба таври умумихалқӣ ид кунем». Аз ин идеяи миллӣ ва маҳсули тафаккури стратегии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардум тоҷик ва халқиятҳои гуногуни сокини кишвар истиқболи гарм намуданд. Беҳуда нест, ки аз ин ҳикмати наҷиб Пешвои муаззами миллат бори дигар ёдовар шуданд: «Дар паҳлуи халқ дар ҳама ҳолат будан меҳвари сиёсати давлат ва хизмати содиқона ба онро ташкил медиҳад [3].

Бо ташаббуси Пешвои миллат Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то соли 2030 қабул гардид. Асоси таҳияи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то соли 2030 се принсипи асосии рушди оянда:

– боздоранда (пешгирии осебпазирии рушди оянда),;

– саноатикунонӣ (баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ),;

– инноватсионӣ (рушд дар асоси навовариҳо дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар) ташкил менамоянд.

Дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои мазкур се вазифаи асосӣ гузошта шудааст, ки ҳалли онҳо дар шароити кунунӣ хеле зарур мебошад:

– якум, расидан ба сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии баробар ба сатҳи кишварҳои тараққиётаршон миёна бо дараҷаи миёнаи даромад муқоисашаванда;

– дуюм, таъмин намудани рушди устувор тариқи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ;

– сеюм, тавсеа ва таҳкими мавқеи табақаи миёна [5].

«Дар солҳои соҳибистиқлолӣ ҷиҳати барпо намудани давлат ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум эълон доштанд, барои рушди иқтисодиёт ва беҳтару хубтар гаштани сатҳи зиндагии мардум гузошта, миллати тоҷик дар миёни ҷомеаи ҷаҳонӣ бо сарбаландӣ ба истиқболи фардои дурахшон бо иродаи қавӣ ва эътимоди комил ба роҳи интихобкардаи худ қадамҳои устувор мегузорад», – қайд менамояд, профессор Раҳимзода Р. Ҳ. [4, с. 163].

Ҳар як миллати том, бахусус тоҷикон дорои хувият ва манфиатҳои милии хеш мебошанд. Таъмини амнияти миллӣ чун унсури таркибии таҳкими истиқлолити давлатӣ баромад менамояд. Дар китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих» Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон навиштаанд: «Ҳамчун номи тоҷик забони тоҷик ҳам таърихи ғанӣ ва рангин дорад ва барои мухофизати қаламрави хастии худ бо забонхои бегона ҳамеша дар набард будааст. Дар замони истилои араб тозиён басо кушиданд, ки забони дариро аз байн бубаранд.

Ғосибони араб ба ин хотир матнҳои авестоӣ ва маъбадҳоро несту нобуд ва забони паҳлавиро буғӣ карданд. Онҳо хона ба хона, деҳа ба деҳа, шаҳр ба шаҳр гашта, тоҷикони бомаърифатро сар буриданд ва бо зарби шамшер кеши моро саркуб карда, оини худро ҷорӣ намуданд.

Осори хатти сосонӣ, бохтарӣ, хоразмӣ, дарӣ ва суғдиро оташ зада, хирадмандони тоҷикро катли ом ва оовораву саргардони мулкҳои бегона карданд. Умуман, аз беху бун нест кардани фарҳанги як миллат, ба хусус забони вай хоси ҷахолати истилогарон аст. Аҷнабиёии истилогар маҳз ба ҳамин восита ба мақсади дуни худ расида метавонистанд. Зеро, забон – барҷастатарин ва гуётарин поя, шиноснома ва нишони бақои хар як халку миллат аст» [6, с. 5].

Хулоса, ҳифзи тамомияти арзӣ, таъмини сохти конститутсионӣ, ваҳдати миллӣ, рушди босуботи иқтисодӣ - иҷтимоӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва ҳувияти миллӣ ҳамчун унсурҳои муҳими таҳкими амнияти миллии Ҷумхурии Тоҷикистон дар шароити ҷахонишавии бошитоб ва рақобатҳои геополитикӣ маҳсуб меёбанд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Асламов, Б.С., Маҳмадов, С.Т. Саҳми Э.Ш. Раҳмон ҳамчун Пешвои сиёсӣ дар истиқрори сулҳ ва вахдати миллӣ / Б.С. Асламов, С.Т. Маҳмадов // Осори илмии Академияи ВКД Ҷумҳури Тоҷикистон. - Душанбе, 2002. - С. 49-53.

2. Дар Душанбе ҷаласаи 46-уми Шурои роҳбарони хадамоти давлатҳои иштирокдори ИДМ баргузор гардид // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj (санаи муроҷиат: 19.09.2023).

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj. (санаи муроҷиат: 26.01.2021).

4. Раҳимзода, Р.Ҳ. Ҳадафҳои стратегии миллӣ-асоси амнияти иқтисодӣ: монография / Р.Ҳ. Раҳимзода. - Душанбе, 2020. – 184 с.

5. Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то давраи соли 2030 // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: http://www.mfa.tj›tg/main/view/2104/strategiyai-millii-… (санаи муроҷиат: 06.05.2025).

6. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих: дастури таълимӣ барои мактабҳои миёна, миёнаи махсус ва олӣ. - Душанбе: «Ирфон», 1997. – 205 с.

**ТДУ 323.22:159.96**

## ҲИКМАТИ ФИДОКОРӢ ВА ТАЪСИРИ ОН ДАР РУШДИ ҶОМЕА

**Анотатсия:** Мақола ба таҳлили ҳикмати фидокорӣ ва таъсири он бар рушди ватандорӣ ва ҷомеашиносӣ мепардозад. Он фидокориро ҳамчун як маҷмуи ахлоқӣ ва амалӣ, ки шахсро барои хизмат ба манфиатҳои умумӣ ва давлат водор мекунад, ба назар мегирад. Мақола асосан ба ҳикмати фидокорӣ дар ҷомеаи муосир, ёдоварӣ аз амалҳои фидокорӣ дар таърих ва таъсироти он дар ташаккули сиёсат ва иҷтимоиёт сухан меравад. Муҳимтарин масъалаҳо, ки дар мақола таҳлил мешаванд, вобаста ба афкори фидокорӣ ва ёддоштҳои таърихӣ мебошанд. Мақолаи мазкур ба таҳлили фалсафии фидокорӣ ва таъсири он ба ҷомеа ва Ватандӯстӣ мепардозад, ки як арзиши фундаменталӣ дар рушди миллат ва ҷамъият мебошад.

**Вожаҳои калидӣ:** фидокорӣ, ватанҷӯӣ, ҷомеа, фалсафа, таърих, истиқлолият, муқовимат, ахлоқ, шахсиятҳои таърихӣ, ҷаҳонишавӣ, пешрафт, технология, маърифати иҷтимоӣ, ҳуқуқи инсон, равоншиносӣ, маънавиёт.

## СУТЬ САМОПОЖЕРТВОВАНИЯ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА РАЗВИТИЕ ОБЩЕСТВА

**Аннотация:** Статья посвящена анализу философии самопожертвования и его влияния на развитие патриотизма и социологии. Самопожертвование рассматривается как моральный и практический комплекс, побуждающий человека служить общим интересам и государству. В статье рассматриваются философские аспекты самопожертвования в современном обществе, упоминаются исторические примеры самоотверженных поступков и их влияние на формирование политики и социальных процессов. Ключевые темы статьи связаны с концепцией самопожертвования и исторической памятью. Рассматривается философский анализ самопожертвования и его влияние на общество и патриотизм, который является фундаментальной ценностью в развитии нации и общества.

**Ключевые слова:** самопожертвование, патриотизм, общество, философия, история, независимость, противодействие, мораль, исторические личности, глобализация, прогресс, технологии, социальное сознание, права человека, психология, духовность.

## THE WISDOM OF SACRIFICE AND ITS IMPACT ON THE DEVELOPMENT OF SOCIETY

**Annotation:** The article analyzes the philosophy of self-sacrifice and its impact on the development of patriotism and sociology. Self-sacrifice is considered as a moral and practical concept that motivates individuals to serve the common good and the state. The article discusses the philosophical aspects of self-sacrifice in modern society, recalling historical examples of selfless actions and their influence on the formation of politics and social processes. The main topics examined in the article relate to the concept of self-sacrifice and historical memory. A philosophical analysis of self-sacrifice and its impact on society and patriotism is provided, emphasizing it as a fundamental value in the development of a nation and society.

**Key words:** self-sacrifice, patriotism, society, philosophy, history, independence, resistance, morality, historical figures, globalization, progress, technology, social consciousness, human rights, psychology, spirituality.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:**

**Бойзода Ҷамшед Ҷумабой** – дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия, e-mail: 935082145@mail.ru Телефон: (+992) 93 922 50 86.

**Комилов Далер Рустамович** – мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, номзади илмҳои фалсафа, дотсент. e-mail: www.daler.komilzoda@gmail.com, Телефон: (+992) 30 4 40 40 40.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:**
**Бойзода Джамшед Джумабой** – доцент кафедры общественных дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, полковник милиции, e-mail: 935082145@mail.ru, Тел. (+992) 93 922 50 86.
**Комилов Далер Рустамович** – заведующий кафедрой истории и межкультурной коммуникации Таджикского международного университет инностранных языков имени С. Улугзаде, кандидат философских наук, доцент. e-mail: www.daler.komilzoda@gmail.com, Тел: +(992) 304 40 40 40.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**
**Boyzoda Jamshed Jumaboy** – associate Professor of the Department of Social Sciences at the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Police Colonel. **E-mail:** 935082145@mail.ru **Phone:** (+992) 93 922 50 86
**Komilov Daler Rustamovich** –Head of the Department of History and Intercultural Relations of the International University of Foreign Languages of Tajikistan named after S. Ulughzoda, candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor, e-mail: www.daler.komilzoda@gmail.com, tel.: +(992) 304 40 40 40.

Ҳикмати фидокорӣ дар асоси садоқат ва масъулият ташкил мeёбад, ки инсонро ба қурбонӣ, ҳатто барои манфиати умумии ҳифзи ватандорӣ, омода мекунад.

Фидокорӣ, ҳамчун арзиши асосии инсонии на танҳо як амал ё омили марбут ба қурбонӣ мебошад, балки як ҷузъи амиқ ва фарогири ҷаҳонбинӣ аст, ки мардуми фидокорро ба хидмат ба ҷамъият ва давлат раҳнамоӣ мекунад. Ҷаҳонбинӣ, ки ба таври мафҳумӣ шакли фалсафии дидгоҳҳои инсонӣ аст, дар фидокорӣ ба ҳадафи олӣ, ки бевосита бо ахлоқ, масъулият ва иҷтимоият робита дорад, пайванди амиқ дорад.

Фидокорӣ барои Ватан яке аз арзишҳои волои инсонӣ ба шумор меравад, ки таърихи башарро ҳамроҳӣ мекунад. Дар фарҳангҳои мухталиф ин мафҳум бо ҷасорат, садоқат ва масъулият алоқаманд мебошад. Аз нигоҳи фалсафӣ, фидокорӣ на танҳо як амал, балки як афкор ва ҷаҳонбиниест, ки шахсро ба хизмат, ҷомеа ва давлат ҳидоят мекунад.

Ҳикмати фидокорӣ мафҳуме мебошад, ки иродаи комил ва фидокорӣ барои ҳадафи олӣ инъикос мекунад. Ин бештар бо ҷасорат, истодагарӣ ва омодагӣ барои қурбонӣ дар роҳи ҳақиқат, адолат ва некӣ алоқаманд мебошад.

Дар таърих ва фарҳангҳои гуногун, шахсони фидокор ҳамеша рамзи садоқат ва ҷасорат будаанд. Масалан, дар таърихи тоҷикон, шахсиятҳое мисли Спитамен, Темурмалик ва дигарон барои озодӣ ва истиқлолият мубориза бурда, ҷони худро фидо кардаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон замоне зимоми қудрати сиёсии кишварро ба даст гирифт, ки Тоҷикистон дар гирдоби ҷанг ва фитнаҳои бузург афтода, хатари аз байн рафтани миллату давлат, забону таърих ва тамомияти арзӣ пеш омада буд. Мардум ба гурӯҳ ва созмонҳои мухталиф ҷудо гашта, ба якдигар бо забони тиру теғ сухан мегуфтанд. Ҷанги таҳмилӣ сарзаминро фаро гирифта буд. Ғубори тарс, қатлу куштор, ваҳшат, нафрат ва кинаву адоват ҷомеаро дар оғӯши худ гирифта, дар раҳраву тангкӯчаҳо ҷасади шахсони фавтида пушти ҳам хобида буданд.

Дар чунин вазъияти хатарнок ва тақдирсоз барои ҳастӣ ва бақои миллату давлат Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фидокорӣ парчам-

бардори Сулҳ, Ваҳдат, ҳуввияти миллӣ ва Пешвои сиёсии Тоҷикистон гардид.

Ҳикмати фидокорӣ натанҳо як арзиши ахлоқӣ, балки рукни бунёдии ташаккули мақсадҳои олии миллӣ мебошад. Фидокорӣ на танҳо ба воситаи эҳсосот, балки бо такя ба ақл ва хирад шакл мегирад. Он тақозои масъулият ва нигаҳбонии арзишҳои мадании миллатро ифода мекунад.

Фидокорӣ дар низоми давлатдорӣ ҳамчун ҷузъи муҳими омили таърихӣ ва фалсафии рушд маҳсуб мешавад. Ин мафҳум танҳо як ҷузъи иродавии шахсият нест, балки он як тарзи зиндагӣ ва муносибат ба воқеият мебошад. Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббус ва иқдомоти худ исбот намуд, ки фидокорӣ на танҳо садоқат ба миллат, балки шинохти умқи таърихӣ ва фалсафии давлатдорӣ мебошад. Ин усули раҳбарӣ на танҳо ба хотири суботи сиёсӣ, балки барои пойдории ҳастии миллӣ ва худшиносии таърихӣ равона гардидааст.

Ҳикмати фидокорӣ дар сиёсати Эмомалӣ Раҳмон на танҳо ба хотири ҳифзи якпорчагии миллат, балки барои таҳкими ҳуввияти миллӣ ва ваҳдати умумӣ татбиқ гардид. Вай бо шуури таърихӣ ва раванди миллии худ нишон дод, ки роҳбарии давлат на танҳо як вазифаи маъмурӣ, балки масъулияти таърихӣ ва рисолати инсонӣ мебошад.

Дар доираи фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, фидокорӣ ҳамчун рукни асосии раҳбарии хирадмандона амал мекунад. Ин мафҳум на танҳо барои таъмини суботи давлатӣ муҳим аст, балки барои ташаккули ҷомеаи дорои шуури сиёсӣ ва миллӣ нақши сарнавиштсоз дорад. Эмомалӣ Раҳмон бо маърифати таърихӣ ва арзишҳои миллӣ, тавонист халқи парокандаро ба сӯи ваҳдат ва рушд раҳнамоӣ мекунад.

Фидоӣ будан маънои онро надорад, ки инсон танҳо қурбонӣ кунад, балки ин як ҷаҳонбинии махсусест, ки шахсро ба ҳадафҳои бузург раҳнамоӣ мекунад. Инсон метавонад бо фидокорӣ дар илм, фарҳанг, сиёсат ва дигар самтҳо низ хизмат кунад.

Фидокорӣ ба Ватан маънои онро дорад, ки шахс барои ҳифзи истиқлолият, якпорчагӣ ва пешрафти кишвари худ аз тамоми имкониятҳо ва ҳатто аз ҷони худ мегузарад. Аз назари фалсафӣ, ин амали иродаи озод ва ихтиёрии шахс буда, ки бо арзишҳои ахлоқӣ, ватандӯстӣ ва ҳисси масъулият асос меёбад.

Аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ, фидокорӣ барои Ватан ҳамзамон амали худогоҳӣ ва ҳуввиятсозӣ мебошад. Ба андешаи мутафаккирони Ғарб аз ҷумла, Иммануил Кант, фидокорӣ бояд бо арзишҳои ахлоқии умумӣ ҳамоҳанг бошад, то ки ба ҳақиқат ва адолат мувофиқат мекунад [1].

Аз назари Гегел, фидокорӣ ҷузъи шуури миллӣ ва таҳкими давлатдорӣ мебошад [2].

Дар баробари ин, Жан-Жак Руссо низ таъкид менамояд, ки фидокорӣ бояд аз ҳисси худшиносӣ ва садоқати беғаразона ба миллат бархоста бошад [3].

Аз диди Чарлз Пирс ва Ҷон Дюи фидокорӣ бояд дар асоси натиҷаҳои амалӣ арзёбӣ шавад. Агар фидокорӣ ба таҳкими ҷомеа ва пешрафти воқеии давлат мусоидат мекунад, пас он боиси рушди ҷомеа мегардад. Баръакс, фидокории бемаърифатона ва бесамар метавонад ба фоҷиа ва нобудии арзишҳои инсонӣ оварда расонад [4].

Дар таълимоти Жан-Пол Сартр, фидокорӣ ҳамчун як қарор ва масъулияти шахсӣ арзёбӣ мешавад [5].

Ин маънои онро дорад, ки шахс дар асоси озодии ирода ва масъулияти инфиродӣ метавонад фидокорӣ кунад ё накунад. Инчунин, таъкид мекунад, ки фидокорӣ бояд на бо маҷбурият, балки аз ҳисси амиқи дарунӣ ва ҳадафи маънодор сурат бигирад.

Аз диди равоншиносон, фидокорӣ натанҳо як раванди иҷтимоӣ, балки зуҳуроти равонӣ мебошад. Омӯзишҳои равоншиносӣ нишон медиҳанд, ки шахсони дорои ҳисси баланди ҳамдардӣ, ба фидокорӣ бештар омодаанд.

Дар ҷомеашиносӣ, фидокорӣ ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ баррасӣ мешавад, ки дар натиҷаи муоширот ва таъсири муҳити фарҳангӣ ташаккул меёбад. Ҷомеаҳое, ки дар онҳо рӯҳияи ватандӯстӣ бештар рушд ёфтааст, ба таҳкими ҳамбастагӣ мусоидат мекунанд.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, фидокорӣ метавонад на танҳо бо ҷони шахс, балки бо сармоя ва қувваи зеҳнӣ низ зоҳир шавад. Интиқоли захираҳо ва талош барои беҳбуди ҷомеа ҷузъи муҳимми рушди иқтисодӣ мебошад.

Дар омӯзиши таърих, фидокорӣ ҳамчун омили муҳимми таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ шинохта мешавад. Таърих нишон медиҳад, ки миллатҳое, ки фидокорӣ ва ҳамбастагии миллӣ доштанд, ба истиқлолият ва рушди устувор ноил гардидаанд.

Таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки фидокорӣ барои Ватан дар муҳити иҷтимоӣ ва таълимӣ ташаккул меёбад. Омилҳои аслии рушди ин эҳсос иборатанд аз:

– ҳодисаҳои таърихӣ, ба мисли ҷангҳо ва инқилобҳо, дар ташаккули рӯҳияи ватандӯстӣ ва фидокорӣ таъсир мегузоранд. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки миллатҳо тавассути мубориза ва фидокорӣ ба истиқлолияти воқеӣ мерасанд;

– фарҳанг ва анъанаҳо ба воситаи адабиёт, санъат ва маориф ҳисси масъулияти шаҳрвандиро инкишоф медиҳанд. Дар ин росто, нақши шеъру сурудҳои ватандӯстона ва асарҳои бадеӣ хеле муҳим мебошад.

Равоншиносӣ нишон медиҳад, ки ҳисси ҳамбастагӣ ва ҳамдардӣ бо ҷомеа шахсро ба амалҳои фидокорона водор месозад. Инчунин, омӯзишҳои равоншиносӣ нишон додаанд, ки муҳити оилавӣ ва иҷтимоӣ дар ташаккули шахсияти фидокор нақши калидӣ мебозад.

Дар баробари арзиши баланди фидокорӣ, бояд масъалаҳои ахлоқии он низ мавриди баррасӣ қарор гиранд. Оё ҳама гуна фидокорӣ асоснок аст? Оё шахс бояд ҳатман ҷони худро барои Ватан фидо кунад? Дар замони муосир масъалаи мутаносибии манфиати шахсӣ ва манфиати ҷомеа баҳсбарангез мебошад. Ба андешаи файласуфони муосир, шахс бояд ҳангоми фидокорӣ ҳамеша аз арзишҳои инсондӯстӣ ва адолат пайравӣ намояд.

Фидокорӣ барои Ватан метавонад ба таҳкими давлатдорӣ ва устувории ҷомеа мусоидат кунад. Фидокороне, ки барои рушди иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии кишвар талош мекунанд, нақши барҷаста доранд. Таърих нишон додааст, ки миллатҳое, ки дорои ҳисси баланди фидокорӣ мебошанд, ба пешрафт ноил гаштаанд.

Ҳикмати фидокорӣ на танҳо як ҷузъи ватандӯстӣ, балки унсури муҳимми рушди ҷомеа ва давлат мебошад. Аз нигоҳи фалсафӣ, он бо арзишҳои ахлоқӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ алоқаманд буда, дар рушди шуури миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ нақши муҳим мебозад. Омӯзиши минбаъдаи ин мавзуъ метавонад ба рушди тафаккури ватандӯстӣ ва устувории ҷомеа мусоидат кунад. Ҳамчунин, фидокорӣ бояд дар доираи адолат ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон сурат мегирад, то ки ба ояндаи устувори ҷомеа замина гузорад.

Аз ҷиҳати фалсафӣ, фидокорӣ як ҷаҳонбиниест, ки шахсро на танҳо барои амал кардан барои манфиати иҷтимоии умумӣ, балки барои таҳкими арзишҳо, мизони ахлоқии инсонӣ илҳом мебахшад. Ҷаҳонбинӣ дар ин маврид ба инсон ҳидоят мекунад, ки фаъолиятҳои ӯ на танҳо дар доираи манфиатҳои шахсӣ, балки дар пайвастагӣ бо манфиатҳои иҷтимоӣ ва таърихӣ бояд ба амал оянд.

Ҳамин тавр, фидокорӣ ҳамчун як ҷаҳонбинӣ дар маънӣ ва фалсафаи худ одамро водор мекунад, ки ҷон, вақт ва маънавиётро дар роҳи беҳбудии ҷомеа, истиқлолият ва адолат фидо мекунад. Шахс танҳо барои қурбонӣ омода бошад, балки ба ҳадафи олии иҷтимоии ҷамъият - рушд ва эҳёи арзишҳои дуруст ва ахлоқии ҳамагон — хидмат мекунад. Бинобар ин, фидокорӣ дар ҷаҳони муосир на танҳо як амал дар ёрии мамлакат ва ҷомеа, балки як диди фалсафӣ ва амали амиқи инсонӣ мебошад, ки метавонад таърих, фарҳанг ва ояндаи ҷамъиятро шакл диҳад.

Ин ҷаҳонбинӣ дар назар меравад, ки шахс на танҳо ба манфиатҳои иҷтимоӣ хизмат мекунад, балки таърихи миллат ва арзишҳои миллии худро низ ҳамчун асоси фидокорӣ ва амали ҷасоратмандона эҳтиром менамояд. Аз ин рӯ, фидокорӣ бояд ба арзишҳои бузург ва умумимарзии инсонӣ, монанди озодӣ,

адолат ва мусоидат барои рушд ва пешрафт, мувофиқат мекунад.

Фидокорӣ, ки ба инсоният хизмат мекунад, як ҷаҳонбинӣ мебошад, ки на танҳо ба озодии шахс, балки ба ҳуқуқи инсон ва арзишҳои иҷтимоии умумӣ мутобиқ мебошад.

Фалсафаи фидокорӣ на танҳо як баёни амал ё иҷрои амалест, ки шахс барои манфиати ҷамъият ё давлат қурбонӣ мекунад, балки як ҷаҳонбинӣ ва рамзи ахлоқиест, ки инсонро ба паҳлӯҳои гуногуни хидмат ба ҷомеа водор мекунад. Ин фалсафаи шахсиро дарк мекунад, ки фидокорӣ аз амалҳои оддӣ ва муваққатӣ ҷудо буда, як раванди ахлоқӣ ва маънавиест, ки ба асли арзишҳои баланд таъсир мерасонад.

Дар таҳлили фалсафӣ фидокорӣ ҷузъи аслии ҷаҳонбиниест, ки на танҳо як равиши ахлоқӣ, балки як фалсафаи зиндагии маънавӣ мебошад. Вақте, ки шахс фидокорӣ мекунад, ӯ на танҳо барои манфиат ё иҷрои мақсади фардӣ ҳаракат мекунад, балки ба оянда ва рушду равнақ дар соҳаҳои мухталиф – ҷамъият, сиёсати давлатӣ, илм, фарҳанг — хидмат мекунад.

Фидокорӣ як нишонаи таҳаввул ва фалсафаи ҳаёти инсонӣ мебошад, ки баояндаи ҷомеа ва давлат таъсир дорад.

Барои фалсафаи фидокорӣ, таърих ва фарҳанг нақши муҳимро мебозанд. Шахсиятҳои таърихӣ, ки ҷони худро барои ҳифзи манфиатҳои бузурги ҷамъиятӣ, давлат ва миллат фидо кардаанд, на танҳо рамзи ҷасорат ва садоқатанд, балки ифодаи фалсафаи амалӣ ва ахлоқии бузургтарини ин амал мебошанд. Аз ин рӯ, фидокорӣ як амали фалсафиест, ки инсониятро ба ҳаракати одамон ва мардум дар замони муосир мутобиқ мекунад, ба ҳисси масъулият ва ҳуввият мустаҳкам месозад, ва дар натиҷа барои рушд ваояндаи устувори ҷомеа замина мегузорад.

Дар таҳлили равоншиносии фидокорӣ, муҳим, он аст, ки бояд омилҳои рӯҳии шахсро дарк кунем. Фидокорӣ марбут ба эҳсоси масъулият, ҳамдардӣ ва зарурати кӯмак ба дигарон мебошад. Шахсоне, ки фидокорона амал мекунанд, аксар вақт ҳисси баланди ҳамдардӣ мувофиқат бо эҳсосот ва вазъи дигарон доранд. Муҳити оилавӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ метавонанд ба шаклгирии чунин эҳсосоти ахлоқӣ таъсир расонанд.

Пас, фидокорӣ метавонад як масъалаи равонӣ бошад, ки таъсироти муҳити оилавӣ, таълимот ва таҷрибаи шахсӣ ба он васеъ таъсир мерасонад. Вагарна, шахсони ки дар муҳити иҷтимоие, ки дар он ҳасоси ҳамдардӣ ва маърифат дар пояи иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст, бештар омодаанд ки амалҳои фидокорона анҷом диҳанд. Тадқиқоти равоншиносӣ нишон медиҳанд, ки муҳити оилавӣ ва таълимӣ, ки дар он шахс эҳсоси муҳити ҳимояшуда ва ҳамоҳангиро эҳсос мекунад, метавонад ба ташаккули хислатҳои фидокории шахс таъсир гузорад.

Илова ба ин, шаклҳои гуногуни фидокорӣ метавонанд дар раванди рушди шахсият ба назар меоянд. Барои мисол, фидокорӣ дар оила ва ҷамъият метавонад ҳамчун як амал барои нигоҳ доштани мавқеи иҷтимоӣ ва ҳисси хештанишиносӣ дар байни инсонҳо мебошад.

**Фидокорӣ дар Истиқлолият:** Дар таърихи миллатҳои гуногун, фидокорӣ барои истиқлол ва озодӣ дарк карда мешавад. Барои мисол, дар таърихи тоҷикон, шахсиятҳое, ки ҷони худро барои ҳифзи ватан ва истиқлолият фидо карданд, намунаи амиқи фидокорӣ маҳсуб мешаванд. Спитамен ва Темурмалик, ки ба муқобили истилогарони араб ва Темуриён мубориза бурданд, на танҳо ба сифати раҳбарони сиёсӣ, балки ҳамчун рамзи ҷасорат ва муҳаббат ба Ватан фидокорӣ намуданд. Истиқлолият ва озодӣ як меҳвари асосии фидокориест, ки ба инсон раҳнамоӣ мекунад, ки барои ҳифзи арзишҳо ва обрӯи миллат дар шартҳои душвор омода ба қурбонӣ бошад.

Дар натиҷа, фидокорӣ на танҳо як ҷузъи фалсафии ахлоқӣ ё амал барои наҷоти давлат мебошад, балки як ҳаракати таърихии таҳаввулӣ ва мувозинати иҷтимоии мебошад, ки метавонад ҷомеаро ба як марҳалаи нави рушд бардорад. Аз нуқтаи назари таърихӣ, фидокорӣ

ҳамчун омили муҳим ва мансуби барои бунёди давлат ва ҳаёти баробар тавассути шароити мураккаб ва душвор мебошад.

Дар замони муосир, вақте ки технологияи иттилоотии рақамӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо ба ҷойи марказӣ расидааст, фидокорӣ дар баъзе ҳолатҳо бо мусоидат ба рушди технологӣ ва навовариҳои илмӣ мантиқан алоқаманд аст. Олимон ва муҳаққиқон, ки бо иштиёқи зиёд барои кашфи ҳақиқатҳои нав ва идоракунии оянда  кор мекунанд, дар манфиати инсоният хидмат мекунанд ва омода ба қурбонӣ барои пешрафти технология мебошанд. Дар чунин ҳолатҳо, фидокорӣ на танҳо дар шакли ҷасорат ва ё тасвири муборизаҳо дар мубориза барои озодӣ, балки ҳамчун хидмат дар соҳаҳои илмӣ ва технологӣ барои ташаккули ҷаҳон бо потенсиали бузургтари инсонӣ ва иҷтимоӣ ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, фидокорӣ дар замони муосир як раванди пурвосита ва фарогирест, ки бо таҳаввулоти, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба шаклҳои гуногун пеш меравад. Он ба як ҷузъи муҳим дар рушди одамият табдил ёфтааст, ки омодагӣ ба ҳар амал дар роҳи адолат, равшании ҷомеа ва фарҳанг мебошад. Бо назардошти тағйироти ҷаҳонӣ ва хатарҳое, ки имрӯз дар муҳити иҷтимоии ҷаҳон ба назар мерасанд, фидокорӣ дар замони муосир яке аз унсурҳои асосии рушд ва нигоҳдории вазъияти мусоиди ҷаҳонӣ бо ҳифзи инсонӣ мебошад.

Фидокорӣ, ки дар фарҳангҳои гуногун ва таърих дар як контексти муҳими миллӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ қарор дорад, дар замони муосир ба як раванди дарҳам омехта ва мутамаддин табдил ёфтааст. Имрӯз, фидокорӣ танҳо ҳамчун амал барои манфиат ва устувории як миллат ва ё давлати миллӣ намебошад, балки як унсури мураккаб ва бисёрҷониба аст, ки дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсат ва иқтисодии ҷаҳонӣ мавқеи хосро ишғол мекунад.

Хулоса, таҳлили фалсафии фидокорӣ нишон медиҳад, ки фидокорӣ на танҳо амалҳои ҷасурона ё қурбонӣ мебошад, балки як марҳалаи тағйирот ва ислоҳот дар рушд ва раванди сохтори давлатдорӣ дар замони муосир мебошад.

**Адабиёти истифодашуда:**

1. Кан, И. Маъмулоти ахлоқӣ ва фидокорӣ // Дар фалсафаи ахлоқӣ: таърихи ҷасорат ва садоқат. - Принстон: Princeton University Press. 2004. - С. 90.
2. Гегел, Г. Шуури миллӣ ва фидокорӣ // Мақолоти фалсафӣ, 134. - Берлин: Akademie Verlag. 2015. - С. 134.
3. Руссо, Ж.Ж. Ҳуқуқ ва фидокорӣ // Сиёсат ва ахлоқ, 32(1), 18. - Париж: Presses Universitaires de France, 2007. - С. 18.
4. Дюӣ, Ҷ. Прагматизм ва амалгароии фидокорӣ // Маҷалла оид ба таҳқиқи фалсафа, 27(3), 45. - Чикаго: University of Chicago Press. – 2010. - № 27(3). - С. 45.
5. Сартр, Ж.П.  Фидокорӣ ва озодӣ // Ҷаҳони фалсафӣ. 12(4), 23. - Париж: Gallimard, 1965. - С. 23.

**ТДУ 316.334:351.7**

## ПЕДАГОГИКАИ ОМОДАСОЗИИ КАДРҲОИ ИДОРАКУНИИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУКУҚ

**Аннотатсия:** Дар мақола сухан дар бораи педагогикаи омодасозии кадрҳои идоракунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ рафта, шаклу усулҳои муосири омодасозии кадрҳо бо талаботи замон таҳқиқ гардидааст. Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмии дохил ва хориҷи кишвар тағйиротҳои куллии омодасозии кадрҳои идоракунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқро нишон дода, афзалияти намунаи нави роҳбариро дар мақомоти ҳифзи хуқуқ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос намудааст, ки ба дараҷа ва сифати омодасозии кадрҳо таъсири мусбӣ мерасонд.

**Вожаҳои калидӣ:** педагогикаи роҳбарӣ, кадрҳои идоркунӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, модели фаъолият, стратегияи роҳбарӣ, сифатҳои мутахассис, услуби роҳбарӣ,таҳқиқоти сотсиологӣ.

## ПЕДАГОГИКА ПОДГОТОВКИ УПРАВЛЕНЧЕСКИХ КАДРОВ ПРАВООХРАНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНОВ

**Аннотация:** В статье речь идет о педагогике подготовке управленческих кадров правоохранительных органов в годы государственной независимости и исследуются современные формы и методы подготовки кадров в соответствии с требованиями времени. На основе отечественных и зарубежных научных источников автор указал на кардинальные изменения в подготовке управленческих кадров правоохранительных органов и отразил преимущества новой модели руководства в правоохранительных органах на примере Республики Таджикистан, что положительно сказалось на уровне и качестве подготовки кадров.

**Ключевые слова:** управленческая педагогика, управленческие кадры, правоохранительные органы, модель деятельности, стратегия руководства, качества специалиста, стиль руководства, социологические исследования.

## PEDAGOGY OF TRAINING MANAGERIAL PERSONNEL OF LAW ENFORCEMENT AGENCIES

**Abstract:** The article deals with the pedagogy of training managerial personnel of law enforcement agencies during the years of state independence and examines modern forms and methods of training personnel in accordance with the requirements of the time. Based on domestic and foreign scientific sources, the author pointed out fundamental changes in the training of law enforcement management personnel and reflected the advantages of the new model of leadership in law enforcement agencies using the example of the Republic of Tajikistan, which had a positive impact on the level and quality of personnel training.

**Keywords:** managerial pedagogy, managerial personnel, law enforcement agencies, business model, management strategy, specialist qualities, leadership style, sociological research.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:**

**Баротзода Оростамо Худойбердӣ** – муовини сардори факултети № 1-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:**

**Баротзода Оростамо Худойберди** - заместитель начальника факультета № 1 Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**
**Barotzoda Orostamo Khudoibkrdi** - Deputy Head of Faculty No. 1 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Police Lieutenant Colonel.

Пешрафти давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба донишҳои мукаммали ҷамъиятӣ, алалхусус донистани асосҳои илми педагогикаи идоракунӣ вобастагии зич дорад. Дар тамоми ҷомеаи мутамаддин ба омӯзиш ва донишҳои педагогӣ таваҷҷуҳи хос дода мешавад. Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар асоси таҷрибаҳои педагогӣ ва пурсишҳои сотсиологӣ густариш меёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ барои пешрафт ва рушди идоракунӣ мактаби идоракунии Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикситон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолона амал менамояд.

Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти омода намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ роҳи нав кушод. Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хусус соҳаи маориф ва илм таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Соҳаи маориф ва илм самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ буда, дар рушд ва нумуи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши муассир дорад. Аз ҷумла, омода намудани кадрҳо барои талаботи Вазорати корҳои дохилӣ самти муҳимми пешбурди фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2024, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъали омодасозии кадрҳои роҳбарикунандаи ҳифзи ҳуқуқ иброз намуданд: «Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, суботи сиёсӣ ва оромиву осудагии мардуми Тоҷикистон аз таъмини амнияти миллӣ вобаста мебошад. Яъне, таъмин намудани амнияти давлат ва ҷомеа дар шароити имрӯза зарурат ва аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти марбута дар ин самт тамоми чораҳоро меандешанд. Аз ҷумла, ба масъалаҳои омода кардани мутахассисони ба талаботи шароити муосир ҷавобгӯй барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, баланд бардоштани сатҳи касбият ва маҳорату малакаи онҳо, инчунин, таҳкиму тақвияти пояҳои моддиву техникии ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ минбаъд низ эътибори аввалиндараҷа дода мешавад. Дар ин ҷода, мубориза бо терроризм ва экстремизм самти афзалиятнок ба шумор меравад, зеро ин зуҳурот ҳоло ба хатари глобалӣ мубаддал гардида, тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст» [4].

Бояд тазаккур дод, ки самти тайёр намудани кадрҳо барои талаботи ВКД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шароитҳои ба худ хос ташаккул ёфтааст. То имрӯз дар шакли алоҳида монографияи илмӣ тадқиқ нагаштааст. Паҳлӯҳои гуногуни он дар асарҳои олимони ватанӣ аз қабили: Раҳимзода Р.Ҳ., Розиқзода А.Ш., Шарифзода Ф.Р., Назарзода Н.Ч., Насуриён П.А., Ҳусейнзода А.Қ, Пирумшоев.Ҳ., Бониёзов И.Х., Солиев К.Х., Раҷабзода Р.М, Имомёрбеков А., Буриев Э., Ҳотамов Н.Б., Пирумшоев Х., Қосимов Ф.М., Давлатшозода А.Ш., Азимӣ У.А., Саймуддинов Ш.С., Абдулов А.М., Ҳайдарзода Ш.Ҳ., Назаршоев Н.М. ва дигарон тадқиқ гардидаанд.

«Омӯзиш ва таҳлили равандҳои ҷаҳони муосир собит месозад,ки рақботпазирии давлатҳо бештар аз рӯи имкониятхои онҳо дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, тавлиди донишҳои нав ва истифодаи самараноки он муқаррар мегардад» - менависад, Қурбонов А.Ш. [3, с. 5]

Педагогикаи роҳбарӣ фаъолият дар як қатор шароитҳо, аз ҷумла, мақомот, марказҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳоро дар бар мегирад. Дар баробари ин педагогикаи роҳбарӣ метавонанд дар шароити душвор кор кунанд, махсусан ҳангоми кор бо табақаҳои гуногуни ҷомеа ва ҳуқуқвайронкунандагон, ки осеби равонӣ ё дигар мушкилотро аз сар гузаронидаанд. Педагогикаи идоракунӣ инчунин, бо дигар мутахассисон ҳамкории зич доранд. Онҳо бояд тавонанд муошрати муассир дошта бошанд робита барқарор кунанд ва ҳамзамон бо дигар мутахассисон ҳамкорӣ кунанд, то онҳо беҳтарин дастгирӣ ва нигоҳубинро таъмин кунанд. «Модели фаъолияти мутахассис бояд дар асоси принсипи муносиби ҳолати реалӣ, фаъолнокӣ, азхудкунии дониш равона гардида, таваҷҷуҳи асосӣ ба сифатҳои эҷодии мутахассис дода мешавад» [5, с. 36].

Пешрафтҳои технологӣ ба педагогикаи роҳбарӣ таъсир дошта, зеро он як касби асосан амалӣ ва ба одамон нигаронидашуда боқӣ мемонад. Бо вуҷуди ин, технологияи идоркуниро барои дастгирии кори педагогикаи роҳбарӣ метавон истифода бурд, масалан тавассути истифодаи платформаҳои таълимии онлайн барои таъмини захираҳои таълимӣ ва дастгирӣ истифода мешавад. Педагогикаи роҳбарӣ метавонанд вобаста ба шароит ва ниёзҳои кӯдакону наврасоне, ки бо онҳо кор мекунанд, пурра ё нопурра кор кунанд. Соатҳои кории онҳо метавонанд фарқ кунанд ва шомҳо ва рӯзҳои истироҳатиро дар бар гиранд.

“Таълим ва тайёр намудани кадрҳо дар мақомоти корҳои доҳилӣ яке аз рукнҳои асосии тайёр намудани мутахассисон барои низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба шумор меравад. Мақсадҳои стратегии маориф ва илм дар тайёр намудани кадрҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои доҳилӣ, Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ пешниҳод карда шуданд, ки ба масъалаҳои зерини инкишофи ҷомеа вобастагии зич дорад:

– аз сар гузаронидани буҳрони иҷтимоӣ - иқтисодӣ, таъмини сифати баланди зиндагӣ ва амнияти миллӣ;

– барқарор намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари соҳиби фарҳанг ва тамаддуни бойи таърихӣ, ҳамқадами ҷомеаи пешқадами ҷаҳонӣ;

– бунёди асосҳои инкишофи иҷтимоӣ -иқтисодӣ ва маънавӣ.

Вазифаҳои асосии тайёр намудани кадрҳо дар низоми ВКД аз инҳо иборат аст:

– тарбияи ватандӯстонаи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ширкати онҳо дар бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро эҳтиром гузошта, соҳиби одоби баланд бошад;

– инкишофи ҳаматарафаи курсантону шунавандагон, ташаккули малакаи худомӯзӣ ва худфаъолиятии шахс;

– ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ ва ҷаҳонбинии илмии курсантон ва шунавандагон, инкишофи фарҳанги таҳамулпазирӣ бо дигар халқҳо;

– таҷдиди бонизоми паҳлӯҳои маориф, инъикоскунандаи тағйиротҳо дар доираи фарҳанг, иқтисодиёт, илм, техника ва технология;

– мудом будани маълумот (таҳсилоти олии касбии баъди мактаби олӣ);

– намудҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ (Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази таълимии ВКД, Маркази таълимии Раёсати оташнишонии ВКД, Маркази таълимии Раёсати Қушунҳои дохилии ВКД, Маркази таълимии ВКД, Коллеҷи милитсия, Коллеҷи оташнишонии ВКД, Марказҳои таълимӣ - методӣ, Курсҳои Олии Академӣ ва Такмили ихтисоси кормандони МКД (дар такягоҳи Академияи ВКД), таҳсил ва бозомӯзӣ дар кишварҳои ИДМ ва хориҷи кишвар);

– инкишофи анъанаҳои МКД дар таълим ва тайёр намудани кадрҳо, ҷалб ба корҳои илмӣ - тадқикотӣ;

– тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои самтҳои фаъолияти МКД» [2, с. 7-8 ] .

Тамоюли соҳавӣ дар педагогикаи роҳбарӣ дар замони Истиқлолият ба муносибати ҳамаҷониба ба таълим ва нигоҳубин, бо таваҷҷуҳ ба ташаккули худбоварӣ ва мусоидат ба фарогирии иҷтимоӣ мегузарад. Ин дар истифодаи афзояндаи дастаҳои бисёрсоҳавӣ, ки мутахассисони гуногунро барои дастгирии ҳамаҷониба ва нигоҳубин муттаҳид мекунанд, инъикос меёбад. Дурнамои шуғли педагогикаи роҳбарӣ мусбат аст, зеро, талабот ба мутахассисоне, ки метавонанд ба наврасону ҷавонон нигоҳубин, дастгирӣ ва таҳсилот расонанд, афзоиш меёбад. Ин ба афзоиши огаҳӣ дар бораи аҳаммияти дахолати барвақтӣ ва дастгирии ҷавонон, инчунин, эътирофи афзояндаи арзиши педагогикаи иҷтимоӣ вобаста аст. Рӯйхати зерини педагогии роҳбарӣ афзалиятҳо ва камбудиҳо таҳлили равшани мутобиқати мақсадҳои гуногуни касбиро пешниҳод мекунанд. Онҳо равшанӣ медиҳанд дар бораи манфиатҳо ва мушкилоти эҳтимолӣ, ки ба қабули қарорҳои огоҳона мутобиқ ба орзуҳои касбӣ тавассути пешбинӣ кардани монеаҳо кӯмак мекунанд.

Стратегияи роҳбарӣ дар таҳқиқоти профессор Хуршед Зиёӣ баръало инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, вай менависад, ки «Бояд таъкид намуд,ки механизми амалӣ гаштани ҳар як стратегия истифода аз фаъолияти навъҳои гуногунро тақозо менамояд . Ин фаъолиятҳоро асосан ба чунин навъҳо ҷудо мекунанд: идоракунии таваккалҳо (рискҳо), ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳо (вазифаҳо); таҳияи нақшаи дастёбӣ ба ҳадафҳои гузошташуда; таҳияи мехнизмҳои назорат ва татбиқи стратегия бо назардошти фарҳанги ташкилӣ; таҳияи низоми нишондодҳои калидии самаранокӣ; таҳияи модели иқтисодии расидан ба ҳадафхои стратегӣ» [6, с. 5].

Аз рӯйи таҳқиқоти илми сотсиологӣ яке аз шаклҳои афзалиятнок ин омӯзиши ҳавасмандии фаъолияти гурӯҳҳои меҳнатӣ ба шумор меравад, ки ба инкишофи демократияи сотсиалистӣ ва амалигардонии принсипи адолати иҷтимоӣ фаъолнокии меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ равона гаштааст.

Хусусиятҳои педагогикаи роҳбарӣ аз инҳо иборат мебошад:

– кӯмак ба шахсони алоҳида ва ҷомеа;
– пешбурди фарогирии иҷтимоӣ;
– кор бо аҳолии гуногун;
– таъсири мусбат ба ҳаёти одамон;
– мусоидат ба рушди шахсӣ ва иҷтимоӣ;
– таъмини дастгирӣ ва роҳнамоӣ.

Роҳбарони макомоти ҳифзи ҳуқуқ қобилияти мутобиқ кардани услуби педагокикаи роҳбарии худро дар асоси вазъият ва шахсоне, ки бо онҳо кор мекунанд, доранд. Роҳбарон метавонанд услубҳои гуногуни педагогиро дар роҳбарӣ истифода баранд, то сатҳи мувофиқи дастгирӣ ва мушкилотро дар асоси ниёзҳои рушди дастаи худ таъмин кунанд.

Асосан, 6 - услуби маъмултарини педагогии роҳбарӣ инҳо мебошанд:

1. **Услуби демократии педагогии роҳбарӣ**. Ин як равиши мушорикатест, ки дар он роҳбарон аъзои дастаро дар қабули қарорҳо, гузоштани ҳадафҳо ва равандҳои ҳалли мушкилот ҷалб мекунанд. Он ба ҳамкорӣ, муоширати кушод ва моликияти муштараки натиҷаҳо таъкид мекунад. Масалан, Стив Керр, ки бо роҳбарии пуштибонии худ машҳур аст, сиёсати дарҳои кушод, истиқболи пешниҳодҳо, фикру мулоҳизаҳо ва иртиботи доимии дастаро нигоҳ медорад.

2. **Услуби роҳбари автократии роҳбарӣ**. Роҳбарон вақте мехоҳанд, ки назорати пурраро нигоҳ доранд ва бидуни машварат ё ба назар гирифтани андешаҳои онҳо ба аъзоёни даста вазифаҳо ва масъулиятҳо диҳанд, ба услуби дастурӣ ва бонуфуз муроҷиат мекунанд. Онҳо дар асоси қарорҳо ва таҷрибаи худ, бидуни ҷустуҷӯи саҳм ё фикру мулоҳиза аз гурӯҳ қарор қабул мекунанд. Намунаи хуб ин аст, ки ҳангоми вохӯриҳои даста, роҳбар майл ба бартарии мубоҳисаҳо дорад ва сӯҳбатро барои мувофиқ кардани ғояҳо ва афзалиятҳои худ равона мекунад.

3. **Услуби ягонаи педагогикаи роҳбарӣ**. Ин услуб ба некӯаҳволии умумӣ ва рушди фардҳо, бо назардошти

ҷанбаҳои шахсӣ, касбӣ ва эмотсионалии онҳо тамаркуз мекунад. Афзалияти онҳо таъкид кардани тавозуни кор ва зиндагӣ, иҷрои шахсӣ ва эҷоди фарҳанги мусбӣ ва фарогир мебошад.

Мисол: як роҳбар кӯшиш мекунад, ки ҳадафҳои касбии аъзоёни дастаи худро дастгирӣ кунад ва ҳамзамон ташаббусҳои солимии равониро пеш барад ва таҷрибаҳои нигоҳубини худиро ҳавасманд кунад.

4. **Услуби педагогии оқилонаи роҳбарӣ**. Агар роҳбар ин хислатҳоро таъкид кунад: худшиносӣ, ҳузур ва дилсӯзӣ дар муошират роҳбарӣ, онҳо эҳтимолан ба роҳбарии мураббии боэҳтиёт пайравӣ мекунанд.Масалан, вақте ки дар дохили даста низоъҳо ба миён меоянд, роҳбар оромиро нигоҳ медорад ва муколамаи кушодро ташвиқ мекунад ва фазои бехатарро барои изҳори нигарониҳои худ барои аъзоёни даста фароҳам меорад.

5. **Услуби педагогии гурӯҳӣ**. Он дар атрофи идеяи он сохта шудааст, ки диван ҳамзамон барои як гурӯҳи одамон масъул аст ва ба рушди дастаҷамъӣ, ҳамкорӣ ва дастгирии мутақобила тамаркуз мекунад. Онҳо муҳити омӯзишро пешбарӣ мекунанд, ки дар он одамон аз дурнамо ва мушкилоти ҳамдигар меомӯзанд. Шумо метавонед намунаи хуби роҳбари тренерии гурӯҳро дар агентии маркетинг пайдо кунед. Эҳтимол, роҳбар ҷаласаҳои мунтазами гурӯҳӣ баргузор кунад, ки дар он аъзоёни даста барои муҳокимаи тамоюлҳои соҳа, мубодилаи стратегияҳои муваффақ ва ҳалли мушкилоти умумӣ ҷамъ меоянд.

6. **Услуби педагогии табдилдиҳандаи роҳбарӣ**. Ин услуб ба илҳомбахшӣ ва тавонмандсозии аъзоёни даста барои расидан ба неруи худ равона шудааст. Роҳбароне, ки аз услуби неруи трансформатсионӣ истифода мебаранд, дастаи худро тавассути биниш, рӯҳбаландӣ ва эҷоди ҳисси ҳадаф ҳавасманд мекунанд. Онҳо фарҳанги рушд ва ташаккулро тарбия намуда, кормандонро ташвиқ мекунанд, ки аз ҳудуди даркшудаи худ берун раванд.

Масалан, услуби роҳбарии Тед Лассо бо услуби устувор ва устувори роҳбарияти мусбат, хонагӣ ва ба инсон нигаронидашуда мувофиқат мекунад.

Намунаҳои бомуваффақияти педагогикаи роҳбарияти табдилдиҳанда инҳо мебшанд:

1) **Бо дастаи худ вохӯред**. Аввалин чизе, ки ҳар як роҳбар бояд ба он диққати ҷиддӣ диҳад, рафтор, кор ва муносибатҳои ҳар як аъзои даста мебошад. Кӯшиш кунед, ки ҷиҳатҳои қавӣ, самтҳои такмилдиҳӣ ва ҳама гуна намунаҳо ё масъалаҳоеро, ки дар ҷаласаҳои аввалини кормандон ё ҳангоми кори гурӯҳӣ пайдо мешаванд, мушоҳида кунед. Ин қадам ҷамъоварии маълумот ва иттилооти объективӣ барои огоҳ кардани раванди тренериро дар бар мегирад.

2) **Гузаронидани таҳлил**. Ба қадами дуюм гузаштан ин амали таҳлили ҳама маълумоти дахлдор аз қадами қаблӣ мебошад. Ин қадам арзёбии фаъолияти инфиродӣ ва даста, муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва самтҳои беҳбуд ва дарки ҳама гуна мушкилот ё монеаҳои мавҷударо дар бар мегирад.

3) **Таъмини фикру мулоҳиза**. Барои услуби самараноки педагоикаи роҳбарӣ муҳим аст, ки мунтазам ба аъзоёни даста бар асоси мушоҳидаҳои анҷомдодашуда фикру мулоҳизаҳои созанда ва мушаххас пешниҳод кунанд. Маслиҳати хуб тамаркуз ба ҷанбаҳои мусбӣ ва самтҳои беҳбуд, расонидани фикру мулоҳизаҳо дар сари вақт ва эҳтиром аст. Маҳорати шунавоии фаъолро истифода баред, то боварӣ ҳосил кунед, ки аъзоёни даста худро шунида ва фаҳманд.

4) **Ба пурсиш машгул шудан**. Роҳбар ба пурсишҳои кушод ва гӯш кардани фаъол машғул аст, то шахсро ташвиқ кунад, ки дар бораи таҷрибаҳо, фикрҳо ва эҳсосоти худ андеша кунад. Ин пурсиш ба шахс кӯмак мекунад, ки худшиносӣ пайдо кунад, имкониятҳоро кашф кунад ва роҳҳои ҳалли худро пайдо кунад.

5) **Ҳадафҳо гузоштан**. Дар ҳамкорӣ бо шахс, роҳбари тренер барои муайян кардани ҳадафҳои равшан ва пурмазмун кӯмак мекунад. Ин ҳадафҳо бояд

мушаххас, андозашаванда, дастнорас, мувофиқ ва вобаста ба вақт (SMART) бошанд. Муайян кардани ҳадафҳо самти равшан ва таваҷҷӯҳро барои раванди тренерӣ таъмин мекунад.

6) 6.**Банақшагирии қадамҳои амал**. Пас аз гузоштани ҳадафҳо, роҳбар ба шахс дар таҳияи накшаи амал кӯмак мекунад. Ин нақша қадамҳо ва стратегияҳои мушаххасеро, ки шахс барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ анҷом медиҳад, муайян мекунад. Он метавонад фаъолиятҳои баланд бардоштани маҳорат, имкониятҳои омӯзиш ё тағиротти рафторро дар бар гирад.

7) **Такмили мукофот**. Дар тамоми услуби мураббии раванди роҳбарӣ, роҳбар пешрафт ва дастовардҳои шахсро эътироф ва ҷашн мегирад. Эътироф кардани беҳбудиҳо ҳавасмандиро афзоиш медиҳад, эътимодро ба вуҷуд меорад ва рафтори мусбиро тақвият медиҳад.

Ҳамин тариқ, педагогикаи омодасозии кадрҳои идоракунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳолати рушду такомул буда, дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои нави омодасозии кадрҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пайдо гаштанд, ки дар шаклу усулҳои омодасозии кадрҳо тағйиротҳои куллиро ба вуҷуд оварда, ба сатҳу сифати омодасозии кадрҳо таъсири амиқи худро расониданд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Асламов, Б.С., Ташрифзода, Ф.Қ. Роҳ ба сӯи Истиқлолияти давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон: назари таърихӣ: дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе: Матбааи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Точикистон, 2022. - С. 15.

2. Асламов, Б.С., Ташрифзода, Ф.Қ. Омодасозии кадрҳо барои мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастури таълимӣ-илмӣ. – Душанбе: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С. 7-8.

3. Илму маориф-бунёди маърифати зеҳнӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ. – Душанбе: Баҳманруд, 2019. - С. 5.

4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2024 // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат 03.05.2025).

5. Роша, А.Н. Основы социологических знаний. Часть 3.Социология организации. Орган внутренних дел как социальная органиазция. - М.: Академия МВД СССР, 1990. - С.

6. Хуршед Зиёӣ. Моҳияти стратегия стратагема // Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: http:// mts.tj (санаи муроҷиат 17.03.2020).

ТДУ 323.212

# СУЛҲ ВА СУБОТИ МИЛЛӢ ДАР АФКОРИ СИЁСӢ: ТАҶАССУМ ВА РОҲБАРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**Аннотатсия:** Мақола таҳлили фалсафии нақши Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ташаккули сулҳ, суботи сиёсӣ, худшиносии миллӣ ва давлатдории муосири тоҷикон пешниҳод мекунад. Муаллифон бо такя ба таърихи фалсафа, фалсафаи сиёсӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ-ахлоқӣ, шахсиятро на танҳо ҳамчун унсури сиёсӣ, балки ҳамчун ҷавоб ба ниёзи маънавии замон арзёбӣ менамояд. Дар партави андешаҳои Афлотун, Арасту, Гегел, Кант, Левинас, Макс Вебер ва фаҳмишҳои герменевтикаи иҷтимоӣ, мақола Пешвои миллатро ҳамчун падидаи виҷдонӣ ва маънавии ҷомеа таҳлил мекунад. Мафҳуми пешвоии каризматик[1], фалсафаи сулҳ ва худшиносии миллӣ дар заминаи амал ва шахсияти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мавриди баррасӣ қарор мегирад. Таъкиди мақола бар он аст, ки сиёсати Пешвои миллат намунаи нодири раҳбарии маънавӣ ва фалсафии асри XXI буда, таҷрибаи Тоҷикистонро ба унвони ҷомеасозии ахлоқӣ ва фарҳангӣ пешниҳод мекунад.

**Вожаҳои калидӣ:** Пешвои миллат, фалсафаи сиёсӣ, сулҳ, виҷдон, худшиносии миллӣ, пешвоии каризматик, таърихсозӣ, герменевтикаи иҷтимоӣ, фалсафаи ахлоқӣ, хирад, давлатдорӣ, Мандела.

# МИР И НАЦИОНАЛЬНАЯ СТАБИЛЬНОСТЬ В ПОЛИТИЧЕСКОЙ МЫСЛИ: ВОПЛОЩЕНИЕ И РУКОВОСТВО ЛИДЕРА НАЦИИ

**Аннотация:** Статья представляет собой философский анализ роли Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона в становлении мира, политической стабильности, национальном самосознании и современной государственности таджикского народа. Авторы, опираясь на философию истории, политики и общества, рассматривает личность как ответ на вызовы времени и как воплощение моральной воли общества. Подчеркивается, что лидерство Эмомали Рахмона - это проявление философского феномена личности в кризисный период, реализующее через разум, совесть и этическую ответственность гуманистическую и культуроцентричную политику.

**Ключевые слова:** Лидер нации, философия политики, личность и история, мир, национальное самосознание, совесть, харизматическое лидерство, социальная герменевтика.

# PEACE AND NATIONAL STABILITY IN POLITICAL THOUGHT: EMBODIMENT AND LEADERSHIP OF THE NATIONAL LEADER

**Abstract:** This article offers a philosophical analysis of the role of the Leader of the Nation, H.E. Emomali Rahmon, in shaping peace, political stability, national self-consciousness, and modern statehood in Tajikistan. Drawing on the philosophy of history, politics, and social theory, the author interprets leadership as a response to the existential demands of the time and as a manifestation of society's moral will. The article emphasizes that Rahmon's leadership exemplifies a philosophical phenomenon of charismatic and responsible leadership during a crisis, grounded in wisdom, conscience, and cultural integrity.

**Keywords:** Leader of the Nation, political philosophy, personality and history, peace, national self-consciousness, conscience, charismatic leadership, social hermeneutics.

[1] Вожаи **каризматик** (аз юн. "χάρισμα" – неъмат, мафтуният, илҳом) дар фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба шахсиятҳое ишора мекунад, ки дорои ҷозибаи шахсӣ ҳастанд ва метавонанд дигаронро бе маҷбурият ба худ ҷалб ва мутеъ созанд. Макс Вебер, файласуфи маъруфи олмонӣ, каризма (каризматик)–ро ҳамчун як навъи қонуният ва манбаи қудрати роҳбарӣ тавсиф кардааст, ки бар асоси шахсият ва таъсири фавқулодаи инсон асос ёфта, на бар қоида ё суннат. Пешвоии каризматик одатан дар замонҳои буҳронӣ зуҳур мекунад.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:**

**Саидзода Зикрулло Алӣ** – сардори факултети № 1-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, полковники милитсия, ш. Душанбе, к. М. Мастогнулов, 3, sza-68@mail.ru, Тел.: +(992) 93 922 51 58

**Комилов Далер Рустамович** – мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.улуғзода, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳамадиев, 170/6. www.daler.komilzoda@gmail.com, Тел.: +(992) 304 40 40 40

**ИНФОРМАЦИЯ О АВТОРАХ:**

**Саидзода Зикрулло Али** – начальник факультета № 1 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции, г. Душанбе, ул. М. Мастонгулова, 3, sza-68@mail.ru, Тел.: +(992) 93 922 51 58

**Комилов Далер Рустамович** – заведующий кафедрой истории международных коммуникаций Таджикского международного университет инностранных языков имени С. Улугзаде, кандидат философских наук, доцент, г. Душанбе, ул. Мухамадиева Ф. 170/6. www.daler.komilzoda@gmail.com, Тел: +(992) 304 40 40 40

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**

**Saidzoda Zikrullo Ali** – Head of the First Faculty of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, Police Colonel, Dushanbe. sza-68@mail.ru, Tel: +(992) 93 922 51 58

**Komilov Daler Rustamovich** – Head of the Department of History and Intercultural Relations of the International University of Foreign Languages of Tajikistan named after S. Ulughzoda, Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor, Dushanbe, street. F. Muhamadiev 170/6. www.daler.komilzoda@gmail.com, Tel: +(992) 304 40 40 40

Нақши шахсият дар таърих, бахусус дар шароити буҳрони сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ҳамеша аз мавзӯъҳои марказии таърихи фалсафа ва фалсафаи сиёсӣ ба шумор меравад. Тоҷикистон дар оғози солҳои 1990-ум ба як марҳилаи ҳассоси таърихӣ рӯ ба рӯ шуда буд, ки миллат ва давлат дар остонаи парокандагӣ қарор доштанд. Дар чунин шароит, зоҳир гардидани шахсияти Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун пешвои сиёсӣ ва раҳнамои миллӣ, падидаи камназири таърихиву фалсафӣ мебошад.

Мафҳуми пешво дар доираи фалсафаи таърих ва сиёсат, яке аз меҳварҳои асосии тафаккури инсонӣ дар бораи раҳбарӣ ва масъулияти шахсият аст. Пешво на танҳо як унсури идоракунандаи сохтори сиёсӣ, балки падидаи ҳастишинохтӣ ва ахлоқии ҷомеа мебошад. Дар таълимоти Афлотун, пешво «шоҳи-файласуф» аст, ки бо хирад ва маърифат ҷомеаро раҳнамоӣ мекунад; дар назаряи Арасту, сиёсатмадори комил онест, ки бо иродаи ахлоқӣ ва таҷрибаи амалӣ, манфиати умумро таъмин мекунад; ва дар фалсафаи Гегел, шахсиятҳои таърихсоз бо иродаи умумиҷаҳонӣ ҳамнаво шуда, самти таърихро муайян месозанд.

Дар ин равшанӣ, Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои миллат дар замони буҳрони шадиди солҳои навадум, маҳз бо хирад, тааммул ва ҷавҳари маънавии худ тавонист нақши шахсияти таърихсозро ифо кунад. Дар шароите ки Тоҷикистон дар вартаи нобудӣ қарор дошт, ӯ масъулияти сиёсию маънавии роҳбариро пазируфта, ҷомеаро аз парокандагӣ ва низоъ ба сӯи ваҳдату субот раҳнамоӣ кард.

Фалсафаи амалияи Пешвои миллат бар пояи воқеиятгароӣ, виҷдон ва хидмати умумибашарӣ устувор аст. Тавре ки дар афкори муосир таъкид мешавад, пешво касест, ки «ифодакунандаи ормонҳои умумӣ» буда, бо амал ва сухани худ тавони ташаккули маърифат ва ахлоқи ҷамъиятиро дорад. Эмомалӣ Раҳмон дар фаъолияти худ на танҳо бо барномаи сиёсӣ, балки бо нерӯи маъна-

вии худ ҳамчун шахсият, низоми маънидодии навини давлатдории миллиро ба миён гузошт.

Аз ин рӯ, пешвоии Эмомалӣ Раҳмонро метавон ба ҳайси зуҳуроти фалсафӣ ва таърихии як шахсият дар фазои таърихӣ ва фарҳангии Тоҷикистон арзёбӣ намуд, ки тавонист дар лаҳзаи тақдирсоз иродаи умумии миллатро мураттаб ва мустаҳкам созад.

Пешво дар фалсафаи сиёсӣ ва таърих ҳамчун падидаи шаклдиҳандаи муҳит ва танзимкунандаи иродаи умуми шинохта мешавад. Дар андешаҳои файласуфон, аз қабили Афлотун, ки пешворо «шоҳи-файласуф» мешуморад, Арасту, ки сиёсатмадори идеалиро дар пайванди ахлоқ ва амал мебинад, ва Гегел, ки шахсиятҳои таърихиро ҳамчун абзори ифодаи рӯҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунад, пешво на як мансаби расмӣ, балки нақши маънавӣ ва маърифатист.

Пешвои ҳақиқӣ тибқи ин назариёт, шахсияти бохирад ва дорои виҷдони иҷтимоист, ки тавони ташаккули маъно, низом ва иродаи умумро дорад. Эмомалӣ Раҳмон дар шароити фоҷиавии пасошӯравии Тоҷикистон на танҳо ба ҳайси раҳбари сиёсӣ, балки ҳамчун таҷассуми иродаи маънавии миллат зуҳур кард. Ӯ бо як дарки хирадгароёнаи воқеият, ки реша дар маърифати фалсафӣ ва масъулияти ахлоқӣ дошт, роҳкори ваҳдат, сулҳ ва эҳёи миллӣ тарҳрезӣ намуд.

Дар ин замина, роҳбарии Эмомалӣ Раҳмонро метавон ҳамчун намунаи зиндаи пешвои фалсафӣ арзёбӣ кард, ки бо иродаи мустақим, дарки мавқеияти таърихӣ ва ҳамгироии арзишҳои ахлоқӣ тавонист самти таърихии миллатро тағйир диҳад ва заминаи давлатдории муосири тоҷиконро гузорад.

**Фалсафаи сулҳ ва амнияти ҷамъиятӣ.** Сулҳ дар фалсафаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ на танҳо ҳамчун набуди муноқиша, балки ҳамчун як ҳолати бунёдии онтологии зиндагии инсон дар ҷомеа арзёбӣ мегардад. Дар тафаккури фалсафии муосир ҳам дар Шарқ ва ҳам дар Ғарб, сулҳ ҳамчун омили ҳастии маънӣ, ахлоқӣ ва ҳамзистии маънавӣ шинохта мешавад. Тибқи афкори Иммануил Кант, сулҳи пойдор танҳо дар асоси арзишҳои ҳуқуқи умумии инсонӣ ва иродаи ахлоқии озод метавон мустаҳкам гардад. Дар фалсафаи Левинас бошад, сулҳ аз рӯ ба рӯ шудан бо дигаре, яъне, бо инсон ва эҳтиром ба арзишҳои ӯ, оғоз мешавад.

Ин назарияҳоро метавон ба таври возеҳ дар сиёсат ва амалкардҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушоҳида кард. Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997, ки дар зоҳир ҳамчун як муноқишаи сиёсӣ ҷилва мекард, дар асл бӯҳрони ҳамаҷонибаи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ҳуввиятии ҷомеаи тоҷик буд. Дар ин шароити фавқулодда, Эмомалӣ Раҳмон худро на танҳо ҳамчун як шахси сиёсӣ, балки ҳамчун файласуфе муаррифӣ намуд, ки аз фалсафаи бахшиш, гуфтугӯ ва эҳёи маънавиёт ҳамчун усули таҳкими ваҳдат ва оромии миллӣ истифода бурд. Дар амали ӯ хислатҳои фалсафаи амалгароёна, хирадмеҳварӣ ва виҷдони ҷамъиятӣ таҷассум ёфтанд, ки нишондиҳандаи тавонмандии шахсияти сиёсӣ дар барқарории низоми арзишҳои инсонӣ дар пасманзари ҷанги шаҳрвандӣ мебошад.

Фалсафаи сулҳе, ки ӯ пайгирӣ кард, дар баробари таҳкими оромии дохилӣ ва суботи давлат, шабоҳат ба таҷрибаи шахсиятҳои бузурги таърихӣ, монанди Нелсон Мандела дар Африқои Ҷанубӣ дошт. Ҳарду, дар шароити ҷанги дохилӣ ва низоъи иҷтимоӣ, бо такя ба фалсафаи бахшиш, рӯ ба сӯйи оштӣ ва эҳёи маънавӣ оварданд. Мандела бо эҳёи ҳуқуқ ва ҳамзистии нажодӣ, ва Эмомалӣ Раҳмон бо эҳёи ҳуввият ва якпорчагии миллӣ ҳар кадом намунаи фалсафаи роҳбарии маънавианд, ки арзишҳои сулҳ, инсондӯстӣ ва виҷдони иҷтимоиро ба амал табдил доданд, танҳо бо анҷоми ҷанг маҳдуд нашуд. Он бо таъсиси заминаҳои ҳамзистии фарҳангӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ, эҳёи рамзҳои миллии муштарак ва фароҳам сохтани фазои гуфтугӯи доимии миллӣ такмил ёфт. Маҳз ҳамин равиши ахлоқӣ ва маънавии ҳалли муноқишаҳо буд, ки боиси шикасти лоиҳаҳои ҷанги мазҳабӣ ва қавмӣ дар Тоҷикистон гардид.

Дар доираи фалсафаи амнияти ҷамъиятӣ, Пешвои миллат на амниятро танҳо ҳамчун ҳифзи марзҳо ва мубориза бо ҷиноят мебинад, балки ҳамчун суботи равонӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии ҷомеа. Чунин дидгоҳ бо фаҳмиши фаротари амнияти инсонӣ ҳамоҳанг аст, ки онро Созмони Милали Муттаҳид дар солҳои охир тарғиб мекунад. Амнияти ҳақиқӣ, тибқи ин равиш, вақте муяссар мешавад, ки инсон худро на танҳо дар маънои физикӣ, балки дар маънои ҳувиятӣ ва ахлоқӣ низ амн эҳсос кунад.

Аз ин рӯ, сиёсат ва шахсияти Эмомалӣ Раҳмон дар масири таъмини сулҳ ва амнияти ҷамъиятӣ на танҳо амалкарди як сиёсатмадор, балки таҷассуми равиши фалсафии ҷомеасозӣ ва инсонмеҳварӣ мебошад. Дар заминаи фаҳмиши фалсафии муносибати инсон ва ҷомеа, сулҳ ҳамчун як арзиши онтологӣ (ҳастишиносӣ) ва экзистенсиалӣ (вуҷудгароӣ) шинохта мешавад, ки дар он шахсият имкони таҷаллии виҷдон, маърифат ва иродаи озодро пайдо мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон бо эҳёи фалсафаи ҳамзистии миллӣ ва баҳамоии арзишҳои гуногун, сулҳро ба як қудрати маънавии ташаккули худогоҳии миллӣ табдил дод. Ӯ нишон дод, ки фалсафаи раҳбарӣ дар замони буҳрон, бояд бо тамаркуз ба муҳтавои ахлоқӣ ва маънавии ҳамзистӣ тарҳрезӣ шавад, на танҳо бар стратегияҳои амниятӣ ва сиёсати иқдомотӣ. Ҳамин тавр имконият дод, ки сулҳ дар Тоҷикистон на як созиши муваққатӣ, балки як пояи тамаддунсоз гардад.

**Пешвои миллат ва шаклгирии худшиносии миллӣ.** Худшиносии миллӣ, аз дидгоҳи фалсафии ҳуввиятшиносӣ, як падидаи бисёрқабатаи маърифати инсонӣ ва иҷтимоӣ маҳсуб мешавад, ки реша дар табиати онтологии шуури фард дорад. Ин раванд на танҳо таҷрибаи шинохтани худ ҳамчун узви як ҷомеаи мушаххас аст, балки таъйини мақоми маънавӣ, таърихӣ ва ахлоқии шахс дар заминаи худогоҳии фарҳангӣ мебошад. Шаклгирии худшиносӣ марҳилаи муҳим дар ташаккули виҷдони миллӣ ва таърихи зиндаи як миллатро ташкил медиҳад.

Бо истинод ба назарияҳои муосири фалсафаи ҳуввият (Чарлз Тейлор, Энтони Смит), худшиносӣ на танҳо як амали фикрӣ, балки як равандест, ки дар он инсон тавассути забон, анъана, хотира ва арзишҳои муштарак ба худ маъно мебахшад. Дар шароити ҷаҳонишавии шадид, ки бо таҳдидҳои фарҳангӣ ва беҳуввиятӣ рӯ ба рӯст, худшиносии миллӣ шарти бебаҳси бақои маънавии миллат ва устувории низоми давлатдорӣ мебошад.

Аз ин дидгоҳ, худшиносӣ на танҳо як ҷавоб ба «кистӣ»-и фард, балки ҷавоб ба «куҷо будан», «барои чӣ будан» ва «ба куҷо рафтан»-и ҷомеа мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки фалсафии зарурати худшиносии миллӣ, онро ҳамчун заминаи маънавӣ ва фалсафии истиқлолият ва давлатдории муосири тоҷикон эҳё ва таҳким бахшид. Аз нигоҳи фалсафаи сиёсии ӯ, миллат на танҳо маҷмӯи аҳолӣ, балки як падидаи маърифатӣ ва ахлоқӣ аст, ки ҳастии худро тавассути забон, хотираи таърихӣ, рамзҳои фарҳангӣ ва тафаккури арзишманд нигоҳ медорад. Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз таълимоти милливу динии муттаҳидкунанда, шароити сиёсиву маънавиро барои рушди худшиносии муосир фароҳам сохт, ки дар он миллат худро ҳамчун дорои рисолати фарҳангии мушаххас шиносоӣ мекунад.

Бо эҳёи арзишҳои миллӣ, гузаронидани бузургдошти шахсиятҳои таърихӣ ба мисли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Пешвои миллат рамзҳои муттаҳидкунандаи миллатро дубора зинда намуд. Ин амр, тибқи назарияи Бенедикт Андерсон дар бораи «ҷомеаи тасаввуршуда», ба таҳкими зерсохторҳои маънавии миллат кумак кард.

Ғайр аз он, Пешвои миллат бо эҳёи рамзҳо, анъанаҳо ва арзишҳои фарҳангии миллӣ, даст ба бунёди як фарҳанги миллии мутамаддину замонавӣ зад, ки қобилияти муқовимат бо ҷараёнҳои фаромиллиро доро мебошад. Ин раванд, ки дар маркази он ҳифзи ҳуввият ва ху-

догоҳии маънавии миллат қарор дорад, фарҳангро на ҳамчун зоҳират, балки ҳамчун пояи маърифат ва шинохти худ таъриф мекунад.

Худшиносии миллӣ дар ин замина, ба дарки фалсафӣ табдил ёфтааст, яъне ба ҳолате ки шахсияти инсон ҳамчун дорандаи виҷдони таърихӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва рисолати ахлоқӣ шинохта мешавад. Ин раванд на танҳо истиқлолияти фикрӣ ва ҳуввиятиро мустаҳкам мекунад, балки шаҳрвандро ба унвони шахсияти маърифатӣ ва масъули ҷомеа тарбия менамояд. Пешвои миллат ин равишро бо шинохти иҷтимоӣ ва фалсафии зарурати худогоҳии миллӣ роҳандозӣ намуд, ки дар натиҷа фарҳанг ҳамчун сипари маънавии миллат дар баробари таҳдидҳои ҷаҳонӣ зуҳур кард.

Аз ин рӯ, нақши Пешвои миллат дар шаклгирии худшиносии миллӣ на танҳо сиёсӣ, балки решаманд дар фалсафаи ҳуввият, ахлоқ ва маърифати таърихӣ мебошад. Ин раванд на танҳо худогоҳии як насл, балки тамаддуни худбаҳошиносро ба вуҷуд овард.

**Мубориза бо ифротгароӣ: пуштибонӣ аз дини хирадгаро.** Яке аз дастовардҳои муҳимми Пешвои миллат, муборизаи фарҳангӣ, маърифатӣ ва идеологӣ бо ифротгароӣ ва тафаккури тундгароёна мебошад. Пешвои миллат ин муборизаро бо истифода аз нерӯи ақлонии дини Ислом, ки бар адолат, ахлоқ, таҳаммулпазирӣ ва хирад асос ёфтааст, роҳандозӣ намуд. Вай дар баробари таъсири манфии таблиғоти гурӯҳҳои ифротӣ, ба тарғиби Ислом ҳамчун дини ахлоқ, илму маърифат, ва ҳамзистии осоишта таваҷҷуҳ кард.

Дар ин замина, Пешвои миллат бо таъсиси ниҳодҳои омӯзишии динӣ, воридсозии илмҳои дунявӣ ба барномаҳои таҳсили исломӣ, ва танзими фаъолияти иттиҳодияҳои мазҳабӣ, тавонист низоми мутавозини ҳамзистии арзишҳои динӣ ва дунявиро таҳким бахшад. Ин иқдомҳо заминаи ташаккули маърифати динӣ дар заминаи фарҳанги таҳаммул ва тафаккури интиқодӣ фароҳам овард.

Ба илова, Пешвои миллат бо пайгирии ислоҳоти мазмуну муҳтавои маориф, таълими фанҳои диншиносӣ, фалсафаи дин, фарҳанги таҳаммул, ҷаҳонбинии инсонгароёна ва омӯзиши муколамаи тамаддунҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ, на танҳо шабакаи таълимии замонавиро густариш дод, балки заминаи худогоҳии динӣ, ахлоқӣ ва фалсафии насли навро гузошт.

Мақсади ин раванд ба воя расонидани шаҳрвандоне буд, ки дорои виҷдони ахлоқӣ, тафаккури миллӣ ва шуури байналмилалӣ мебошанд, шахсиятҳое, ки Исломро ҳамчун дини маърифат ва сулҳ мефаҳманд ва тавоноии муқовимат бо ифротгароиро дар заминаи маърифати динӣ ва иҷтимоӣ доро мебошанд.

Ин ҳама тадбирҳо дар маҷмӯъ на танҳо ба паст намудани хатари ифротгароӣ, балки ба ташаккули ҳуввияти мазҳабии маърифатмеҳвар ва эҳёи фалсафаи аслии Ислом ҳамчун дини маърифат, адолат ва ҳамзистии осоишта мусоидат намуданд.

Ин сиёсат, ки бо таълимоти файласуфону орифон ба мисли Ибни Сино, Имом Ғаззолӣ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мутобиқат дорад, дар заминаи фалсафаи динӣ ва ахлоқии исломӣ шакл гирифтааст. Ин таълимот, ки Исломро ҳамчун манбаи виҷдони ботинӣ, хирадгароии ахлоқӣ ва маърифатпазирии равонӣ мефаҳманд, ба ҷойи шаклгароӣ ва тақлиди кӯр, ба равиши маърифатӣ ва танбеҳи виҷдони инсон даъват мекунанд.

Аз ин ҷиҳат, сиёсати Пешвои миллат ҳамчун амали фалсафии муқовимат бо таассуб ва ҷаҳолат, на танҳо бар барқарории амнияти берунӣ, балки бар эҳёи маънии инсонӣ ва рисолати иҷтимоии Ислом асос ёфтааст. Бо шикастани қолабҳои мазҳабии тангназар ва эҳёи асли маънавии дин, ин равиш ба ҳимояи ислом ҳамчун ҷаҳони маърифат, адолат ва таҳаммул мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, ин ҳамсозии сиёсати миллӣ ва фалсафаи исломии маърифатгаро, заминаи ташаккули ҳувияти мазҳабии созанда ва ҷаҳонибинии инсонгароёнаи ҷомеаи муосирро фароҳам сохт, ки ҷавобгӯи талаботи асри XXI ва муқовимат бо таҳдидҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Аз дидгоҳи илми ахлоқ, ин равиш на танҳо роҳи ҳалли як буҳрони амниятӣ, балки фалсафаи ҷомеасозӣ ва тамаддунгароиро низ фароҳам меорад, ки бар пояи худогоҳии виҷдонӣ, таҳаммулгароӣ ва маърифатпазирӣ устувор аст. Дар ин замина, ҳимояи арзишҳои аслии дин ва тамаддуни миллӣ ҳамчун нерӯи муттаҳидсоз ва хирадмеҳвари ҷомеаи муосир зуҳур мекунад. Пешвои миллат бо ин амалкарди худ нишон медиҳад, ки фалсафаи роҳбарӣ бояд на фақат бар таҳаммул ва оромӣ, балки бар эҳёи маънии зиндагии маънавӣ ва иҷтимоии инсон асос меёбад.

Эътирофи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбари миллӣ, на танҳо аз таҷрибаи амалӣ ва воқеияти сиёсӣ бармеояд, балки аз равандҳои ташаккули виҷдони иҷтимоии ҷомеа маншаъ мегирад.

Аз дидгоҳи герменевтикаи* иҷтимоӣ, ки аз ҷониби файласуфоне чун Ҳанс-Георг Гадамер ва Юрген Ҳабермас рушд ёфтааст, маърифати шахсияти пешво дар зеҳни ҷомеа тавассути «ҳамафаҳмии таърихӣ» ва таҷрибаи муштарак шакл мегирад. Яъне, ҷомеа шахсиятеро ҳамчун Пешво қабул мекунад, ки арзишҳои таърихӣ, ахлоқӣ ва тамаддунӣ дар вуҷудаш таҷассум ёфта бошанд. Пешво дар ин замина як падидаи таърихии фаҳмиш ва қабул аст, ки ба виҷдони ҷамъиятӣ пайванд дорад. Эмомалӣ Раҳмон дар ин раванд на танҳо фаъолият кард, балки ҳамчун маркази маънии иҷтимоӣ ва қудрати ҳамгароии виҷдонӣ ташаккул ёфт.

Дар тафсири фалсафии пешво, шахсияти таърихсоз чун оинаи рӯҳи замон амал мекунад ӯ ҳам ифодаи ормонҳои умумӣ ва ҳам созандаи маънавии ҷомеа мебошад. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон маҳз дар ҳамин ҷабҳа ҳамчун таҷассумгари виҷдони таърихӣ ва меҳвари иродаи миллӣ зуҳур намуд. Ӯ натанҳо ба идора кардани давлат, балки ба маънӣ бахшидани давлатдорӣ тавассути шинохти хирадмандона бо ниёзҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ ва тамаддунӣ машғул буд.

Фарқияти пешвоии Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки ӯ мантиқи наҷотбахшии миллатро бо муҳтавои маънавии худ пайванд кардаанд. Ӯ нишон дод, ки пешвоӣ на як рукни ташкилии сиёсат, балки падидаи вуҷудии роҳбарии маънавӣ аст. Ба ибораи дигари фалсафаи сиёсӣ, чунин пешвоӣ на бар мабнои таблиғ, балки бар асоси «ҳузури виҷдонӣ дар фазои таърих» устувор аст.

Дар заминаи ин фаҳмиш, Пешвои миллат ҳамчун падидаи фалсафии воқеӣ зуҳур кард. Аз дидгоҳи фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, бахусус дар чорчӯбаи назарияи пешвоии каризматик, ки аз ҷониби Макс Вебер баён шудааст, шахсиятҳое ҳамчун пешво шинохта мешаванд, ки дорои нерӯи махсуси шахсӣ ва қобилияти таъсиррасонӣ ба ҷомеа дар шароити буҳрон мебошанд. Вебер таъкид мекунад, ки пешвои каризматик он шахсияти фавқулодда аст, ки дар лаҳзаҳои таърихии сарнавиштсоз бо амалиёти фавқулода, иродаи беназир ва ҷаҳонбинии равшан метавонад дид ва роҳнамоии навро ба ҷомеа пешниҳод намояд.

---

* **Герменевтика**, як шохаи муҳимми фалсафа мебошад, ки бо масъалаи фаҳмиш ва тафсири маънӣ дар забон, матн ва амалҳои фарҳангӣ сару кор дорад. Ин мафҳум аз калимаи юнонии *hermēneuein* (ҳерменевейн) гирифта шуда, маънои “тафсир кардан” ва “фаҳмондан”-ро дорад. Дар замони муосир герменевтика ба воситаи осори файласуфоне чун Фридрих Шлейермахер, Вилҳелм Дилтей, Ҳанс-Георг Гадамер ва Юрген Ҳабермас ба як равиши фалсафии ҳамаҷониба табдил ёфтааст. Гадамер дар асари маъруфи худ *«Ҳақиқат ва усул»* (*Wahrheit und Methode*) герменевтикаро ҳамчун раванди мутақобилаи фаҳмиши таърихӣ ва забонӣ тавсиф мекунад, ки ҳар фаҳмиш зери таъсири уфуқи таҷриба ва интизориҳои фаҳмидаистода сурат мегирад. Ба андешаи ӯ, фаҳмиш ҳамеша як муколама байни замонҳо аст. Ҳабермас бошад, герменевтикаро бо назарияи амалҳои муошират пайванд медиҳад ва таъкид мекунад, ки маъно дар муколамаи иҷтимоӣ ва хоси муҳити таърихӣ ташаккул меёбад. Ин равиш дар таҳлили матнҳои сиёсӣ, идеологӣ ва фарҳангӣ истифода мешавад, то нишон диҳад, ки чӣ гуна маъноҳо дар таърих ва муошират сохта мешаванд. Дар заминаи таҳлили шахсият ва пешвоӣ, герменевтика имкон медиҳад, ки Пешвои миллат на танҳо аз ҷиҳати воқеияти сиёсат, балки ҳамчун падидаи маънавӣ, ки маънояш дар муҳити таърихии мушаххас шакл гирифтааст, арзёбӣ шавад

Пешвоии Эмомалӣ Раҳмон низ ба ин тафсир мувофиқ аст: ӯ дар шароити нобасомонии иҷтимоӣ ва бӯҳрони сиёсӣ тавонист бо ирода ва маърифат, ҷомеаро муттаҳид созад ва ормони миллӣ бубахшад. Аз ин рӯ, нақши ӯро метавон дар доираи пешвоии каризматик низ арзёбӣ кард, ки бо ҳузури маънавӣ ва ахлоқии худ иродаи таърихиро амалӣ намудааст на бо амри муқарраротии расмӣ, балки бо иродаи таърих, эҳсоси ахлоқии ҷомеа ва ниёзи он ба раҳнамои маънавӣ. Пешво дар ин маъно, ҷавоб ба даъвати вуҷудгароии миллат дар лаҳзаи бӯҳрони вуҷудист, ки шахсиятро на бо унвони сиёсӣ, балки бо тавоноии маънавии ӯ муайян мекунад.

Эътирофи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон на аз тариқи таблиғоти сунъӣ, балки дар натиҷаи эҳсоси виҷдонии мардум ва амали воқеии ӯ дар шароити бӯҳрон ба вуҷуд омад.

Тибқи фаҳмиши фалсафаи иҷтимоӣ ва таърихӣ, шахсият танҳо вақте соҳиби мақоми таърихсоз мегардад, ки амалкарди ӯ на танҳо ба ниёзи лаҳзаии ҷомеа, балки ба ормони маънавии он ҷавобгӯ бошад. Пешвоии Эмомалӣ Раҳмон маҳз ҳамин ҳамоҳангии маънавӣ ва иродаи таърихиро таҷассум мекунад.

Дар шароити фурӯпошии иҷтимоӣ ва таҳдиди нестшавии миллӣ, ӯ ҳамчун нерӯи тамаддунсоз ва маънавиятбахш зуҳур намуда, рӯҳи миллӣ ва рисолати таърихиро ба шуури амал табдил дод. Дар ин замина, ӯ намунаи шахсиятест, ки фалсафаи масъулият ва маънипазирии таърихро дар амал таҷассум намуда, ҳамчун падидаи ҳастишинохтӣ ва ахлоқӣ муаррифӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи муосири Тоҷикистонро метавон дар доираи се равияи асосии фалсафӣ арзёбӣ намуд: таърихи фалсафа, фалсафаи сиёсӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ-ахлоқӣ. Дар заминаи фаҳмиши фалсафии таърих, шахсиятҳои бузург ҳамчун ҷавоб ба даъвати замон ва иродаи умумӣ зуҳур мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон дар як лаҳзаи бӯҳронӣ ва ҳассоси таърихӣ ба ҳайси шахсияти таърихсоз зуҳур намуда, ҷараёни пошхӯрии миллӣ ва нобудшавии давлатдории тоҷиконро ба равиши таҳкими субот ва ваҳдати миллӣ табдил дод.

Аз дидгоҳи фалсафаи сиёсӣ, сиёсат ҳамчун амали маърифатӣ ва ахлоқӣ баррасӣ мешавад. Пешвои миллат сиёсати давлатсозии хешро на бар асоси идеологияи маъмулӣ, балки бар пояи маърифат, виҷдон, таҳаммулгароӣ ва хирадмандии ахлоқӣ роҳандозӣ намуд. Ин равиш ба шаклгирии низоми сиёсие овард, ки дар он арзишҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва инсонгароёна ҳамчун қувваи муттаҳидсоз амал мекунанд.

Дар фалсафаи иҷтимоӣ ва ахлоқӣ, шахсиятҳои раҳбарӣ бояд манбаи масъулият, маъно ва худогоҳии мардум бошанд. Эмомалӣ Раҳмон бо эҳёи арзишҳои миллӣ, фалсафаи таҳаммул, пуштибонӣ аз дин бо шинохти маънавӣ ва зиддияти ошкор бо ифротгароӣ, нақши як роҳбари маънавӣ ва ахлоқиро иҷро намуд. Ӯ тавонист, ки фалсафаи инсонмеҳвариро ба сиёсат ворид намуда, маънии зиндагии ҷомеа ва ҳуввияти фарҳангиро дар замони бӯҳрон эҳё кунад.

Пешвои миллат на танҳо роҳбари сиёсӣ, балки шахсияти фалсафии замони мо мебошанд, ки бо хирад, виҷдон ва масъулияти таърихии худ тавонист ҷомеаро аз вартаи нобудӣ ба сӯйи субот, ваҳдат ва худшиносии миллӣ роҳнамоӣ мекунад.

Ин таҷриба метавонад барои дигар кишварҳои дар ҳоли рушд, як намунаи фалсафии пешво ва ҷомеасозии маънавӣ бошад. муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун падидаи таърихи фалсаф ва сиёсати муосир, дар ташаккули давлатдории миллӣ, сулҳи устувор ва худшиносии фарҳангии ҷомеа нақши беназир ва сарнавиштсоз бозидааст. Аз назари фалсафӣ, сулҳсозии ӯ танҳо як иқдоми сиёсӣ нест, балки таҷассуми хирад, виҷдон, масъулияти таърихӣ ва маърифат дар амал мебошад. Пешвои миллат шахсияти таърихсоз ва маънавиёти миллӣ мебошад, ки дар замони бӯҳрон, бо ирода ва ахлоқи баланд, роҳи ҳастиро ба сӯи саодат ва субот нишон дод.

**Адабиёти истифодашуда**


1. Афлотун. Ҷумҳурият. Тарҷ. М. Мамедов. - Душанбе: Ирфон, 1986.
2. Абӯалӣ Ибни Сино. Китоб-уш-шифо, бахши ахлоқ. Нусхаҳои аслии форсӣ ва таҳрирҳои муосир.
3. Anderson, B. Imagined Communities: Reflections on the Origin and Spread of Nationalism. - London: Verso, 1983.
4. Гегел, Г.Ф.В. Фалсафаи таърих. - М., 1993.
5. Ғаззолӣ Абу Ҳомид. Эҳёи улуми дин. Қоҳира, 1985.
6. Дюи, Ҷ. Democracy and Education. - New York: Macmillan, 1916.
7. Левинас, Э. Totality and Infinity // Pittsburgh: Duquesne University Press, 1969.
8. Саидмуродов, А. Фалсафаи давлат ва ҷомеа. - Душанбе: ДДФСТ, 2020.
9. Ҳамадонӣ Мир Сайид Алии. Захираи Мулукии Самонӣ. - Душанбе: Ирфон, 2001.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Ҷ. 1–4. - Душанбе: Ирфон, 2011–2021.

ТДУ 323.2:342.9

# ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ҲАМЧУН ЗИНАИ НАВИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

**Анотатсия:** Дар мақола ба масъалаи «Ҳукумати электронӣ» ҳамчун консепсияи нави идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шудааст. Дар мақола ҳукумати электронӣ ҳамчун зинаи нави идоракунии давлатӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ҳукумати электронӣ ба маънои маҳдуд ин истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ё воситаҳои алоқа мебошад. Ба маънои васеъ ин равандест, ки ба тағйир додани муносибатҳои мутақобила дар системаи идоракунии давлатӣ равона гардидааст. Дар мақола нишондиҳандаҳои СММ, ки сатҳи рушди ҳукумати электронӣ, демократияи рақамӣ ва ҷомеаи иттилоотиро дар бар мегирад, таҳлил карда шудаанд.

**Вожаҳои калидӣ:** ҳукумати электронӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, технологияҳои иттилоотӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, идоракунии давлатӣ, демократияи электронӣ.

# ЭЛЕКТРОННОЕ ПРАВИТЕЛЬСТВО КАК НОВЫЙ ЭТАП ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ

**Аннотация:** Особое внимание в статье уделено вопросу «Электронного правительства» как новой концепции государственного управления. В статье анализируется электронное правительство как новый уровень государственного управления. Электронное правительство в узком смысле представляет собой использование информационно-коммуникационных технологий в деятельности государственных органов или средств связи. В широком смысле - это процесс, направленный на изменение отношений в системе государственного управления. В статье анализируются показатели ООН, включающие уровень развития электронного правительства, цифровой демократии и информационного общества.

**Ключевые слова:** электронное правительство, информационно-коммуникационные технологии, информационные технологии, информационное общество, государственное управление, электронная демократия.

# E-GOVERNMENT AS A NEW STAGE OF PUBLIC ADMINISTRATION

**Annotation:** The article pays special attention to the issue of «Electronic Government» as a new concept of public administration. The article analyzes e-government as a new level of public administration. E-government in a narrow sense is the use of information and communication technologies in the activities of government agencies or communications. In a broad sense, it is a process aimed at changing relations in the public administration system. The article analyzes UN indicators, including the level of development of e-government, digital democracy and information society.

**Key words:** e-government, information and communication technologies, information technology, information society, public administration, e-democracy.

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:

**Самиев Бобо Ҷураевич** – мудири шуъбаи фалсафаи фарҳанги Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор

**Расулзод Лоик Холиқ** – ходими калони илмии шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия, E-mail: rasulzod@inbox.ru, Тел.: +(992) 935 67 10 15

**Одиназода Самеъҷон Раҳматуло** – омӯзгори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтинанти калони милитсия, E-mail: samejonodinaev@gmail.com, Телефон: +(992) 988 33 37 72

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:**

**Самиев Бобо Джураевич** – заведующий отделом философии культуры Института философии, политологии и права имени А. Баховаддиннова Национальной академии наук Таджикистана, доктор философских наук, профессор

**Расулзод Лоик Холик** – старший научный сотрудник организационно-научного и редакционно-издательского отдела Академии МВД Республики Таджикистан, E-mail: rasulzod@inbox.ru, Тел.: +(992) 935 67 10 15

**Одиназода Самеджон Рахматуло** – преподаватель кафедры общественных дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, E-mail: Samejonodinaev@gmail.com, Тел.: +(992) 988 33 37 72

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**

**Samiev Bobo Dzhuraevich** – head of the Department of Philosophy of Culture at the A. Bahovaddinov Institute of Philosophy, Political Science, and Law of the National Academy of Sciences, Doctor of Philosophy, Professor

**Rasulzod Loik Kholik** – senior Researcher, Organizational, Scientific and Publishing Department, Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, E-mail: rasulzod@inbox.ru Phone: +(992) 935 67 10 15

**Odinazoda Samejon Rakhmatulo** – lecturer, Department of Social Sciences, Faculty No. 2, Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, E-mail: Samejonodinaev@gmail.com Phone: +(992) 988 33 37 72

Дар ҷомеаи муосир рушди технологияҳои иттилоотӣ қариб ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, идоракунии давлатиро, куллан тағйир дод. Махсусан, рақамикунонии босуръат ва истифодаи самараноки ТИК барои баланд бардоштани шаффофият, масъулиятнокӣ, иҷрои саривақтии кор, сифати хидматрасониҳои давлатӣ таъсири муассир расонид. Консепсияи «Ҳукумати электронӣ» (e-government) яке аз самтҳои калидии модернизатсияи идоракунии давлатӣ қарор гирифт, ки равишҳои наверо барои ҳамкориҳои байни давлат, шаҳрвандон ва бахши хусусӣ пешниҳод менамояд.

Воқеан, ҳукумати электронӣ як низоми мураккабест, ки дар асоси татбиқи технологияҳои рақамӣ барои оптимизатсияи равандҳои давлатӣ, автоматикунонии расмиёти маъмурӣ ва ташкили шабакаҳои нави ҳамкорӣ бо шаҳрвандон таъсис ёфтааст. Бар хилофи моделҳои анъанавии идоракунӣ, ҳукумати электронӣ ба кам кардани монеаҳои бюрократӣ, коҳиши хароҷоти вақтӣ ва молиявӣ, инчунин, таъмини иштироки васеи шаҳрвандон дар раванди қабули қарорҳо мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, он на танҳо муносибатҳои байни ҳукумат ва ҷомеаро дигаргун месозад, балки барои амалӣ шудани ҳадафҳои «идоракунии босифат» (good governance), дар асоси принсипҳои ҳисоботдиҳӣ, шаффофият ва ба натиҷа нигаронидашуда, мусоидат мекунад.

Фаҳмиш ва шарҳу тавзеҳи ҳукумати электронӣ дар адабиёти илмӣ ҳамчун марҳилаи муҳим дар рушди ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ мегардад, ки дар он технологияҳои рақамӣ ҳамчун муҳаррики калидии тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ хизмат мекунад. Ин падида аҳаммияти стратегӣ барои рушди давлатдории миллӣ дорад, зеро татбиқи ҳалли самараноки рақамӣ метавонад рақобатпазирии кишварро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардорад, ба рушди инноватсионӣ мусоидат намуда, эътимоди шаҳрвандонро ба институтҳои давлатӣ таҳким бахшад.

Аммо раванди татбиқи ҳукумати электронӣ бо як қатор мушкилот, аз қабили зарурати навсозии инфрасохтор, ҳалли масъалаҳои амнияти иттилоотӣ,

бартараф кардани нобаробарии рақамӣ ва баланд бардоштани саводи рақамии аҳолӣ, алоқаманд аст. Ғайр аз ин, барои ҳамгироии муваффақонаи ҳукумати электронӣ равиши мураккаб лозим аст, ки на танҳо ҷанбаҳои техникӣ, балки такмили заминаҳои ҳуқуқӣ, тағйири фарҳанги ташкилӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассуси хизматчиёни давлатиро низ дар бар гирад.

Раванди гузариш ба «ҷомеаи пасосаноатӣ» бо назардошти талаботи «ҷомеаи иттилоотӣ» дигаргунсозии институтҳои сиёсӣ ва идоракунии давлатиро тақозо менамояд. Технологияҳои интернетӣ, ки ҳамкории иттилоотии мақомоти давлатӣ, шаҳрвандон ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин мекунанд, дар адабиёти муосир бо истилоҳи «ҳукумати электронӣ» мавриди истифода қарор мегирад. Ин модели идоракунӣ ҳамчун низоми иҷтимоан масъул ва иттилоотан шаффоф, ки аз фикру мулоҳизаҳои доимӣ баҳра мегирад, арзёбӣ мешавад [4, с. 162-173].

Ҳақиқатан ҷорӣ намудани консепсияи ҳукумати электронӣ боислоҳоти идоракунии давлатӣ иртиботи зич дорад. Ин гузариш таҷдиди сохтори низоми маъмуриро талаб мекунад, ки он дар навбати худ, ба баланд гардидани самаранокии қарорҳои идоракунӣ, коҳиши хароҷоти нигоҳдории дастгоҳи давлатӣ, болоравии сатҳи масъулияти хизматчиёни давлатӣ ва кам кардани мизони коррупсия мусоидат менамояд.

Дар доираи консепсияи ҳукумати электронӣ, мақомоти иҷроия ҳамчун сохтори ягонаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ амал мекунанд. Таваҷҷуҳи махсус ба шаффофият, дастрасӣ ва сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон равона гардидааст, ки ин тавассути истифодаи васеи системаҳои мутамаркази интернетӣ имконпазир мегардад. Ё худ ин муносибат ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва сифати хизматрасониҳо мусоидат мекунад. «Ҳукумати электронӣ» як низоми ҳамгирошудаи ҳамкории мақомоти давлатӣ, шаҳрвандон, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва соҳибкорон тавассути Интернет мебошад.

Бартариҳои асосии ҳукумати электронӣ дар соддагардонии расмиёти бюрократӣ, коҳиши вақти коркарди ҳуҷҷатҳо, баланд бардоштани саҳеҳии баҳисобгирии андоз, афзоиши даромади буҷет, паст кардани сатҳи коррупсия ва таҳкими эътимоди шаҳрвандон дар ниҳодҳои гуногуни давлатӣ бозтобӣ меёбанд.

Аз ин таъкидҳо бармеояд, ки ҳукумати электронӣ гузариш аз идоранамоии бюрократӣ ва қоидаҳои ҳатмӣ ба «идорнамоии муътадили шабакавӣ» мебошад, ки бо алоқаи уфуқии байни сохторҳои давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ғайримутлаққунонии марказӣ қабули қарор ва механизми коркарди якҷояи мавқеъҳои мухталиф асос ёфтааст. «Усули самараноки аз байнбарии бегонагии байни давлату шаҳрванд ва гузариш ба демократияи либералӣ мебошад.

Он дар анъанаи демократияи ғарбӣ бо эътирофи он ки «ҳокимият офаридаи халқ, офаридашуда аз халқ ва аз они халқ» аст, рушди воқеиро пайдо мекунад. Агар ҷомеаи иттилоотӣ норасоиҳои системаи иҷтимоии мавҷударо аз байн барад, пас «ҳукумати электронӣ» ҳукуматест, ки маҳдудиятҳои иҷтимоиро дар идоракунии демократӣ аз лаҳзаи бавуҷудоии он аз байн мебарад» - зикр менамояд донишманди рус Дякова Е.Г. [3, с. 317-332].

Ҳукумати электронӣ ин истифодаи дастгоҳҳои технологӣ барои иртиботот, ба монанди компютерҳо ва Интернет барои расонидани хидматҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ва шахсони дигар дар кишвар ё минтақа мебошад. Ҳукумати электронӣ имкониятҳои навро барои дастрасии мустақим ва қулайи шаҳрвандон ба ҳукумат ва пешниҳоди хидматҳои мустақим ба шаҳрвандон фароҳам меорад [1, p. 180].

Ҳангоми ҷорӣ намудани ТИК дар идоракунии давлатӣ, ҷанбаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва равонӣ, инчунин одоби соҳибкорӣ, анъанаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ ба инобат гирифта мешаванд. Маҷаллаи байналмилалии идоракунии давлатӣ ба аҳамияти ҳуқуқҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, даст-

расии захираҳо, дастгирии роҳбарият, банақшагирии стратегӣ ва ҳамкорӣ барои рушди бомуваффақияти ҳукумати электронӣ таъкид менамояд [5, с. 16-25].

Омӯзиш ва таҳлили мавод маълум мегардонанд, ки технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ба тағйироти амиқи идораи давлатӣ таъсири назаррас мерасонанд. Аз ҷумла, яке аз самтҳои асосии ин тағйирот татбиқи ҳукумати электронӣ дар низоми давлатдорӣ мебошад. Чунки ҳукумати электронӣ маҷмуи системаҳо ва технологияҳоеро дар бар мегирад, ки ҳамкории байни мақомоти давлатӣ, шаҳрвандон, бахши тиҷорат ва дигар субъектҳои ҳаёти ҷамъиятиро тавассути платформаҳои рақамӣ таъмин мекунанд. Аммо бартариҳои муҳимми ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ коҳиши хароҷот барои нигоҳдории дастгоҳи давлатӣ мебошад.

Махсусан, гузариш ба коркарди рақамии маълумот ва ҳуҷҷатгузорӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти марбут ба ҳуҷҷатҳои коғазӣ, логистика ва нигоҳдории ҳайати васеи кормандони маъмурӣ назаррас коҳиш дода шаванд. Ин тағйирот на танҳо самаранокии иқтисодиро баланд мебардоранд, балки истифодаи оқилонаи даромадҳои андозро таъмин менамоянд, ки ба таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ мусоидат мекунад.

Дар пурсиши СММ дар соли 2010 таъкид шудааст, ҳукумати электронӣ на танҳо як навоварии технологӣ, балки як сохтори идоракунии шаҳрвандгаро мебошад. Ин сохтор шаҳрвандонро барои фаъолона иштирок кардан дар беҳтар намудани сифати ҳаёт ва таъсир ба қарорҳое, киояндаи онҳоро ташаккул медиҳанд, имконият медиҳад. [6].

Илова бар ин, ҳукумати электронӣ ба баланд бардоштани шаффофияти идораи давлатӣ саҳми назаррас мегузорад. Рақамисозии равандҳо имкон медиҳад, ки хавфҳои коррупсионӣ тавассути автоматикунонии расмиёт ва дастрасии маълумот барои ҷомеа коҳиш дода шаванд. Шаҳрвандон метавонанд фаъолияти мақомоти давлатиро назорат кунанд, ки ин эътимоди онҳоро ба сохторҳои идоракунӣ зиёд менамояд.

Ҳалли масъалаи соддагардонии равандҳои маъмурӣ дар доираи ҳукумати электронӣ низ аҳаммияти махсус дорад. Ҷорӣ намудани коркарди электронии ҳуҷҷатҳо ва хизматрасониҳои рақамӣ монеаҳои бюрократиро коҳиш медиҳад, ки дар натиҷа қабул кардани қарорҳои идорӣ сурат мегирад. Ин махсусан дар шароити тағйироти босуръати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ муҳим аст, ки дар он зудкорӣ нақши калидӣ мебозад.

Ҳукумати электронӣ, инчунин ба таҳкими алоқаи дуҷонибаи байни давлат ва шаҳрвандон мусоидат мекунад. Баробари ҷорӣ намудани технологияҳои интернетӣ, шаҳрвандон на танҳо маълумот ва хизматрасониҳоро дастрас мекунанд, балки метавонанд дар муҳокима ва қабули қарорҳо фаъолона ширкат варзанд, пешниҳодҳо ворид кунанд ва фикри худро баён намоянд. Ин имкониятҳои нав барои демократикунонии идоракунӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии шаҳрвандон фароҳам меорад. Дар ин хусус муҳаққиқи рус Виноградова Н.С. барҳақ менависад, ки «Ҳукумати электронӣ на танҳо автоматикунонии равандҳои мавҷуда ё такрори электронии функсияҳои мақомоти давлатӣ нест, балки сохтани равандҳо ва муносибатҳои сифатан нав байни ҳокимият ва ҷомеа мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ равона шудаанд» [2, с. 2].

Ҳадафи ҳукумати электронӣ ин аст, ки системаи идоракунии давлатиро ба манфиатҳои шаҳрвандон, ташкилотҳо ва бизнес ҳассостар гардонад, иштироки васеътари аҳолиро дар таҳияи сиёсати давлатӣ таъмин намояд ва муносибати шаҳрвандонро бо ҳокимият соддатар кунад. Раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ (масалан, гирифтани сертификат ё (иҷозатнома) литсензия соддатар гардида, сатҳи бюрократия ва коррупсия паст мешавад.

Бо дарназардошти манфиатҳо ва талаботи аҳолӣ, баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳукумати электронӣ ба шакли нави идоракунӣ табдил ме-

ёбад, ки ба ҳамкории зич бо ҷомеа, асосан тавассути интернет, равона шудааст. Ин равиш шаклҳои гуногуни ҳамкориро дар бар мегирад: байни шаҳрвандон ва ҳукумат (C2G), байни муассисаҳои давлатӣ (G2G), байни ҳукумат ва шаҳрвандон (G2C), байни ҳукумат ва кормандони он (G2E), инчунин, байни ҳукумат ва бизнес (G2B).

Илова бар ин, ҳукумати электронӣ, ки дар аксари кишварҳо дар марҳилаи ибтидоии рушд қарор дорад, бо душвориҳои мутобиқшавӣ ба шаклҳои устувори институтсионалии идоракунӣ дучор мешавад. Интиқоли усулҳои бюрократии анъанавии кор ба муҳити рақамӣ метавонад боиси нофаҳмӣ ва пастшавии самаранокии кори мақомоти давлатӣ гардад.

Ҳадафи ниҳоии ҳукумати электронӣ ин аст, ки имкони пешниҳоди доираи муайян ва дар навбати худ афзояндаи хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ба таври муассир камхарҷ сурат гирад. Ҳукумати электронӣ шаффофияти ҳукуматро фароҳам меорад. Шаффофияти ҳукумат муҳим аст, зеро он ба ҷомеа имкон медиҳад, ки дар бораи ҳукумат, инчунин, дар бораи стратегия ва дурнамои сиёсие, ки ҳукумат барои татбиқи онҳо кӯшиш мекунанд, огоҳӣ пайдо намоянд.

Ҳамин тариқ, идоракунии давлатӣ дар ҷомеаи муосир бо равандҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои байни ҷонибҳои манфиатдор амиқ алоқаманд аст. Вазифаи аввалиндараҷаи он муттаҳид кардан ва мутобиқ кардани фаъолияти дастаҷамъона дар дохили ҷомеа, нигоҳ доштани нақши ташкилӣ мебошад. Ҳукумати электронӣ имкон медиҳад, ки робитаи мустақим ва ошкорои байни шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ оид ба хизматрасониҳои гуногуни иҷтимоӣ ташаккул ёбад. Он шароит фароҳам меорад, ки ҳар як роҳбари мақомоти давлатӣ, сарфи назар аз мартаба, тавассути платформаҳои электронӣ бо шаҳрвандон муколамаи пайваста дошта бошад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Caves, R. W. (2004). Encyclopedia of the City [Text] / R. W. Caves // Routledge. – 180 p.

2. Виноградова, Н.С. Открытое правительство и электронное правительство в мире / Н.С. Виноградова, О.А. Моисеева // Технологии 21 века в пищевой, перерабатывающей и легкой промышленности. – 2014. – №8–2. – С. 2.

3. Дьякова, Е.Г. Дьякова, Е. Г. «Электронное правительство» как элемент этатистского дискурса информационного общества / Е.Г. Дьякова // Научный ежегодник Института философии и права Уральского отделения Российской академии наук. – 2009. – № 9. – С. 317–332.

4. Ирхин, Ю.В. «Электронное правительство»: теория и практика / Ю.В. Ирхин // власть и общество. – 2008. – №4. – С. 162–173.

5. Ковалев, М., Аль-Сараирех Шади. Создание электронного правительства с учетом международного опыта / М. Ковалев, Аль-Сараирех Шади // Банковский вестник. - 2006. – С.16–25.

6. Отчет ООН «UN Global E-Government Survey 2010» // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.unpan.org/ egovkb/global_reports/08report.htm (санаи муроҷиат: 3.04.2025).

**ТДУ 316.34:323.2**

# ҶАНБАҲОИ ИРФОНӢ-АДАБИИ МУҚОВИМАТ БА ТААССУБОТИ ДИНӢ ВА ИДЕОЛОГИЯИ ЭКСТРЕМИСТӢ

**Аннотатсия:** Дар мақола андешаҳо дар самти муқовимат ба таассуботи динӣ ва идеологияи экстремистӣ дар асоси осори ирфонӣ-адабии донишмандону мутафаккирони миллати тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар он зикр шудааст, ки шахс танҳо дар он ҳолат аз хавфу хатари гурӯҳҳои экстремистӣ эмин ва ба муқобили ин гуна идеология муқовимат карда метавонад, ки аз адабиёти пурғановати миллати тоҷику форс бархӯрдор бошад.

**Вожаҳои калидӣ:** таассуботи динӣ, экстремизм, идеологияи экстремистӣ, муқовимат, ирфон, адабиёт, тасаввуф.

# МИСТИКО-ЛИТЕРАТУРНЫЕ АСПЕКТЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ РЕЛИГИОЗНОМУ ФАНАТИЗМУ И ЭКСТРЕМИСТСКОЙ ИДЕОЛОГИИ

**Аннотация:** В статье рассматриваются идеи противодействия религиозному фанатизму и экстремистской идеологии, основанные на мистических и литературных трудах таджикских ученых и мыслителей. Утверждается, что человек может быть в безопасности от опасностей экстремистских группировок и противостоять такой идеологии только в том случае, если он знаком с богатой литературой таджикского и персидского народов.

**Ключевые слова:** религиозный фанатизм, экстремизм, экстремистская идеология, сопротивление, мистицизм, литература, суфизм.

# MYSTICAL-LITERATURE ASPECTS OF RESISTANCE TO RELIGIOUS FANATICISM AND EXTREMIST IDEOLOGY

**Abstract:** This article examines ideas for countering religious fanaticism and extremist ideology, based on the mystical and literary works of Tajik scholars and thinkers. It argues that individuals can be protected from the dangers of extremist groups and resist such ideology only if they are familiar with the rich literature of the Tajik and Persian peoples.

**Key words:** religious fanaticism, extremism, extremist ideology, resistance, mysticism, literature, Sufism.

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:

**Сафарзода Ҳ.С.** – профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети № 6-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия, h.safarov@mail.ru

**Аҳёзода Ш.Т.** – дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия, aheev89@mail.ru

## СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:

**Сафарзода Х.С.** – профессор кафедры профилактики террористических преступлений и обеспечения общественной безопасности факультета № 6 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции, h.safarov@mail.ru

**Ахёзода Ш.Т.** – доцент кафедры уголовного права, криминологии и психологии факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, канидат юридических наук, подполковник милиции, aheev89@mail.ru

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**

**Safarzoda H.S.** – Professor of the Department of Prevention of Terrorist Crimes and Ensuring Public Safety, Faculty No. 6, Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, Police Colonel, h.safarov@mail.ru

**Ahyozoda Sh.T.** – Associate Professor of the Department of Criminal Law, Criminology and Psychology, Faculty No. 2, Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Police Lieutenant Colonel, aheev89@mail.ru

Миллати тамаддунсозу тамаддунофари тоҷик басо чеҳраҳои ба мисли ситора рахшандаву афкори монанди дарёи пуртуғён хурӯшкунанда ва тасхиркунандаи оламро дорад, ки панду ҳикмати беназири онҳо барои зиндагии арзандаи инсонӣ бунёдгузор мебошанд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш дар мулоқот бо фаъолон, намояндагон ҷомеа ва ходимони дини кишвар зикр намуда буданд, ки «тамоми донишмандону бузургони миллати мо, аз қабили устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакиву Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрави Қубодиёниву Абӯалӣ ибни Сино, Мавлоно Ҷалолиддини Балхиву Шайх Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозиву Камоли Хуҷандӣ, Мирзо Абдулқодири Бедилу Аҳмади Дониш ва устод Садриддин Айнӣ тавассути маърифату худшиносӣ дарк кардани муаммои дунёву охиратро талқин мекарданд.

Бинобар ин, мардуми Тоҷикистон, хусусан, ҷавонону наврасон, ки худро мусулмон ва пайрави мазҳаби ақлгарои ҳанафӣ меҳисобанд, ҳуқуқи маънавӣ доранд, ки аз меросбари шахсиятҳои оламшумули илмию ахлоқӣ будани хеш ифтихор кунанд» [1].

Афкори муқтадири мутафаккирони оламшумули тоҷику форс моро ба гирдоби андеша водор месозанд, ки ба самти саодату озодӣ, амнияту субот ва фидокориву созандагӣ ҳаракат намоем. Мутаассифона, на ҳама аз ин хазинаи бузурги саршори панду ҳикмат хешро мусаллаҳ мегардонанд.

Ин гуна рамузу рафтор боиси харобии афкору андеша ва гомгузорӣ ба сӯйи пайраҳаи каҷу килеби зиндагӣ гардида, барои гаравидан ба сӯи гурӯҳҳои ифротӣ заминагузор мебошад. Имрӯз низ ин гуна ашхос кам нестанд. Онҳо бо афкори нодурусташон андешаи дигаронро тағйир дода, мехоҳанд ваҳдату оромиро халалдор месозанд. Вале ҳеҷ гоҳ ба ин нияти нопокашон муваффақ нахоҳанд гашт, зеро, ин миллати тамаддунсозу тамаддунофари тоҷик ба хубӣ эҳсос кардааст, ки гурӯҳҳои ифротии дар хориҷи кишвар мақом гирифта, танҳо манфиати хеш ва хоҷагонашонро дастгир ҳастанду халос. Гурӯҳҳои ифротгарову тундгаро, хусуматдору ҳарзагӯй бо ҳар роҳу равиши бемаънӣ худро ба омма наздик гардондан хоста, дар ҷомеаи мо тухми низоъ ва ҷудоӣ коштаниaнд, ки онҳо бо ин ғаразҳои нопоку носози худ нахоҳанд расид.

Таърих гувоҳ аст, ки бадхоҳон ва мутаассибони динӣ дар тӯли беш аз ҳазор сол бар дӯши мутафаккирони варзидаи тоҷик ҳамчун анбӯҳи маломат боранд. Аз ҷумла, дар абёти шоир ва олими оламшумули миллати тоҷик Абӯалӣ ибни Сино гиламандиаш аз чунин ҷаҳолатпешагон хеле равшан ифода ёфтааст:

Куфри чу мане газофу осон набувад,
Маҳкамтар аз имони ман имон набувад.
Дар даҳр чу ман якеву он ҳам кофир,
Пас дар ҳама даҳр як мусулмон набувад.

Ва ё:

Бо ин ду се нодон, ки чунон медонанд,
Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон эшонанд.
Хар бош аз ин ҷамоа аз фарти ҳарӣ,
Ҳар к-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ибодат, ба тавре ки Саъдии бузургвор фармудааст, бо дастору саҷҷодаву далқ нест. Ибодат ба ҷуз хизмати халқ нест:

Ибодат ба ҷуз хизмати халқ нест,
Ба дастору саҷҷодаву далқ нест.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳанӯз дар асри Х чунин ҳикмати баландмазмуне пешниҳод намуда, мутаассибон ва экстремистон, ки воқан сифлаааанд, ба мор монанд карда, таъкид намудаанд, ки то метавонед ба рӯйи ашхоси сифла назар наандозед:

Морро ҳарчанд беҳтар парварӣ,
Чун яке хашм оварад, кайфар барӣ.
Сифла табъи мор дорад, бехилоф,
Ҷаҳд кун, то рӯйи сифла нангарӣ.

Оё ифротиён аз ин гуна ҳикмати бузургон огаҳ ҳастанд?

Агар даъвои огаҳ будан дошта бошанд, пас чаро онҳо шӯру валвалаи беасос мекунанд?!

Замон пур аз фитнаву фуҷур, дурӯғу ранҷ, ноосудагӣ, фиребу зиштхуйӣ, ифротгароиву талвосаи марг ҷавононро пайваста ба доми бешарафӣ, моҷарҷӯйӣ, зӯроварӣ ва бефаросатӣ мекашад. Вақте ки ба таззодҳои ҷаҳони муосир назар меафканем, замони пурошӯби зиндагии Мавлоно Ҷомӣ пеши назар меоянд, ки аз он ситамкориҳои иқтисодӣ, динӣ-мазҳабӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ зиёда аз шашсад сол сипарӣ гашта бошад ҳам, имрӯз он каҷравиҳои пурошуб рӯз то рӯз домони нопоку ғаразолуди хешро паҳн карда истодаанд. Барои мисол Димишқро пеши назар меорем.

Димишқ ҳазор сол пеш аз Рими қадим тараққӣ карда, машҳури олам гашта буд. Имрӯз ба чӣ ҳоли табоҳе рӯ ба рӯ шуду чӣ балоҳоеро аз сар гузаронд… Ямани Ироқу Шом ба бадбахтиҳои марговаре рафта расиданд… Дар Афғонистон солҳо боз рӯ ба рӯйи даҳшат, оворагӣ, парешониву ошуфтагӣ ва рӯ ба рӯ бо марг зиндагӣ доранд. Вале ифротиёни дохилӣ ва берун аз кишвари мо хулосаи мусбӣ баровараданӣ нестанд ва васвасаи онро доранд, ки кишвари оромму осудаи моро низ ба пойгоҳи хунин мубаддал созанд. Аммо Ваҳдати миллии мо – тоҷикон ҳеҷ гоҳ ба ин бефаросатӣ роҳ нахоҳад дод!

Миллати тамаддунофари тоҷик аз чандин имтиҳони талхи таърих гузашта, таҷрибаи ғанӣ ҳосил кардааст ва аз бузургони гузаштаи хеш панду ҳикмати зиёде омӯхтааст ва имрӯз ҳам аз он панду ҳикмат ба хубӣ истифода мебарад.

Ба ин маънӣ Ҳофизи Шерозӣ фармудааст:

Некномӣ хоҳӣ, эй дил, бо бадон
суҳбат мадор,
Худписандӣ, ҷони ман, бурҳони
нодонӣ бувад.

Ва ё:

Зи сеҳри ғамзаи фаттони хеш
ғарра мабош,
Ки озмудему суде надошт мағрурӣ.

Ва ё

Ҷанги ҳафтоду ду миллат ҳамаро
узр бинеҳ,
Чун надиданд ҳақиқат, раҳи
афсона заданд.

Қайд кардан зарур аст, ки ба ин ишораи пешгирифтаи мо бештар он ҷавононе номақбулу ҷонкоҳанд, ки бо истиснои чанд сураи тӯтивор азёд карданашон аз навовариву инкишофи ҷамъияти имрӯза, аз пешравиҳои давлати ҷавону рӯ ба инкишофи тоҷикон, тинҷиву осудагӣ дар кишвар чашм пӯшида, ҳарзагӯйии бемаъниву пуҷро ихтиёр кардаанду тавассути шабакаҳои интернетӣ майнаи халқи одамдӯсту меҳнатдӯсти моро гиҷ карданӣ мешаванд, ки ҳеҷ гоҳ ба мақсад нахоҳанд расид. Зеро мо бо тамоми рамузи кори Пешвои муаззами миллат иктифо карда, худро хушбахту саодатманд меҳисобем ва хеле хушбахтем, ки дар чунин давлати ҷавону шукуфо хотирҷамъонаву ором зиндагӣ дорем.

Вале ҳасудону худситоиёни фирории дур аз Ватан такаббурона тавассути шабакаҳои Интернет дӯстиву ваҳдати ягона, осоиштагиву оромӣ ва муттаҳидии халқи тоҷикро рахна карданианд, ки ҳеҷ гоҳ ба ин мақсади нопоки худ нахоҳанд расид.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар муқовимат ба идеологияи экстремистии «салафия» мо бояд, бо таври возеҳу равшан мақому манзалати забону адабиётро талқин кунем, зеро онҳо ба забони арабӣ авлавият дода, ҳатто кодиранд, ки аз забони модарии худ даст кашанд.

Яке аз хусусиятҳои асосии ақида ва таълимоти гуруҳҳои навпайдои ифротии динӣ дар он аст, ки онҳо ба фарҳангу маърифат ва хусусан, ба тасаввуфу ирфон назари шадидан манфӣ дошта, онро умуман эътироф намекунанд. Хусусан, пешвоён ва назариясозони равияи салафияи такфирӣ ҳамеша тасаввуфи ирфонии исломӣ ва адабиёту осори ирфониро маҳкум намуда, дар бораи он ҳукмҳои қатъии худро эълон намудаанд. Аз назари онҳо пайравӣ аз тасаввуф як навъи «бидъат» буда, изҳори ишқу муҳаббат ба Худо ва пайравӣ аз пирони тариқат, ки аз сутунҳои асосии назарияи тасаввуф мебошад, як навъ «ширк» дар ақидаю ибодат мусулмон ба ҳисоб меоянд [7, с. 16].

Мақсади ба ин мавзуъ даст задани мо аз он иборат аст, ки дар сурати хунукназарӣ нисбати забон, беэҳтиромӣ ба модар, ватан ва миллат хоҳад шуд. Маҳз аз ин рӯ, дар ҳама ҳолат қадри ин забони ширину гуворро пос доштан вазифаи ҷонӣ ва дилсӯзонаи мо соҳибзабонон мебошад.

Забони тоҷикӣ саргузашти хунину шадидеро паси сар кардаасту борҳо таҳдиди аз байн рафтан доштааст, бахусус дар замони истилои араб ин ишора хеле доман паҳн карда буд, вале забон нуфузи худро нигоҳ дошта омад.

Таърихи пайдоиши забони тоҷикӣ на аз давраи истилои араб, балки ба асри VI-и пеш аз милод, ки қарнҳо то истилои арабҳо пеш аст, рост меояд.

Ин забон, – қайд менамояд аллома Б. Ғафуров, – дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомадааст ва ба вуҷуд омада ҳам наметавонист. Таърихи он, на ин ки аз давраи истилои араб, балки аз асри VI-и пеш аз милод шурӯъ мегардад, ки ин иддаоро ёдгориҳои таърихӣ тасдиқ менамоянд [3, с. 511].

Бояд гуфт, ки то истилои араб ин забон хеле такомул ёфта, решаашро паҳну устувор карда буд.

Мутафаккир ва орифи замон Ғафуров Б. дар хусуси пайдоишу инкишофи забони тоҷикӣ (дарӣ) бо далелҳои мушаххас исбот менамоянд, ки то замони истилои араб ин забони овозадор хеле нуфузи воло доштааст. Аз ҷумла, «Аваст» «Худойнома», «Таърихи мулки аҷам» ва дигар чунин осори арзишманд бо ин забон навишта шудаанд.

«Матнҳои «Авесто», ки қадимтарин қисматҳои онҳо асрҳои аввалини ҳазораи I пеш аз милод дар Осиёи Миёна ба вуҷуд омадаанд, хеле барвақттар аз асрҳои VII-VI пеш аз милод дар Осиёи Миёна иқомат доштани тоифаҳои эрониро тасдиқ менамоянд» [3, с. 51].

Пас маълум мешавад, ки забон низ хеле пештар аз асрҳои VII-VI пеш аз милод арзи вуҷуд дошта, барои мубодилаи афкори тоифаҳои эронӣ қарор доштааст. Вале таҳдиди аз байн рафтани забони тоҷикӣ (дарӣ) аз ҷониби арабҳо дар сарчашмаҳои таърихӣ бештар аён гаштааст. Ва арабҳо бо таҳдиду ситеза дигар халқҳое, ки забони арабиро намедонистанд, маҷбур мекарданд, ки забони арабиро аз бар намоянд. Касе, ки забони арабиро намедонист, онҳоро «аҷамӣ», яъне гунг мехонданд, ки дар ин хусус олими афғон Мирғулом Муҳаммад Ғубор чунин овардааст:

«Арабҳо ҳар касеро, ки ба забони арабӣ гуфтугӯ намекард, «аҷамӣ», яъне гунг мехонданд ва гуфтори ӯро лоиқи омӯзишу таҳқиқ намедонистанд. Ба ривояте баъд аз юриши тозиён ба Хуросон наздик ба сад сол «сукути сиёҳ» дар ин марзу бум ҳукумрон буд» [6, с. 200].

Вале, ҳамаи он кашмакашиву ситеза, таассуби қавмиву мазҳабӣ имконият пайдо карда натавонист, ки ин забони нобу ширини моро аз байн барад ва ин забон то тавонист, баръакси он гуна зӯровариву таҳдиду заҷр таркиби луғавиашро ғанӣ гардонда, боз ҳам шевотару дилкаштар, сайқалёфтаву омезишдида гардад.

«Дар тӯли ҳазорсолаҳо беҳтарин фарзандони миллати мо – бунёдгузорони адабиёти тоҷику форс Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Фирдавсии Тӯсӣ, Абуалӣ Сино, Абурайҳони Берунӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Умари Хайём, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Носири Хисраву Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Айнӣ, Турсунзода, Б. Ғафуров ва садҳо нафари дигар бо ин забон осори гаронбаҳои илмиву адабӣ эҷод карда, ганҷинаи тамаддуни башариро ғанӣ гардондаанд ва бо ин

васила моро бо ҷаҳон ва ҷаҳонро бо мо пайванд додаанд» [2].

Ишора сохтан бамаврид аст, ки забони тоҷикӣ санади раднопазири Истиқлолияти миллии мо мебошад ва онҳо бе якдигар арзи ҳастӣ карда наметавонанд, агар гӯем, хато нахоҳем кард. Пешвои муаззами миллат қайд менамоянд, ки шоҳаншоҳии бузурги Ҳахоманишиён дар арсаи таърих бо фарҳангу тамаддуни беназири худ машҳур аст. Онҳо забони тоҷикиро дар баробари дигар забонҳои тавонои замон ба ҳайси забонҳои расмӣ ва давлатии худ истифода мекарданд. Онҳо номи хат ва забони худро ориёӣ хондаанд. Инчунин, дудмони Кӯшониёни Кабир ҳам оҳиста-оҳиста аз истифодаи забони юнонӣ даст кашида, забони ориёии худро забони ягонаи давлатӣ ва расмии ягонаи хеш қарор доданд [8, с. 64].

Президенти мамлакат солҳои 90-уми асри сипаригашта, ки шӯру валвала, ноороմиву вазъи муаккаби сиёсиву ҳарбӣ, таҳкими иқтисодиёти мамлакат, устувору пойдор сохтани давлатдорӣ, муносибати ҷиддиву оқилона бо давлатҳои гуногун аз назари волои худшиносӣ ва худогоҳии милливу дигар ҷабҳаҳои гуногуни кишвардорӣ, инчунин дар иртибот ба масоили устувордорӣ, густариш ва рушди забон лаҳзае фориғу ором набудааст:

Мо агар қадру манзалати Ватан, миллат ва забони худро ба таври амиқ дарк насозем, зарурати густариши худшиносиву худогоҳӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти Тоҷикистонро пайваста таъкид накунем, амнияти миллӣ ва рушди иқтисодиёту фарҳангро таъмин карда наметавонем.

Таърих гувоҳ аст, ки баъди гум кардани забони модарӣ миллат низ дер ё зуд тафаккур, ифтихор ва ҳатто давлату давлатдории миллии худро аз даст дода, забон ва унсурҳои фарҳанги бегонаро мепазирад, - таъкид менамоянд Президенти мамлакат.

Бо истифода аз ин забони ноб, гузаштагони миллати тамаддунофари мо тоҷикон андозае шуҳрат пайдо кардаанд, ки аҳли сайёра онҳоро чун пешвои илмҳои ҳайату расад, тиббу кимиё, малоҳату ҳандаса, лисону ҳикмат, сарфу наҳв, фалсафаву нуҷум ва ғайра, ки саросар ифодагари панду ҳикмат, хулқу атвори баланди инсонӣ, пок аз зиштиву ифротӣ, ҷудо аз таассуботи нопоки диниву майл ба фасодӣ мебошанд, мешиносанд. Онҳо бо офаридаҳои худ таваҷҷуҳи хосу омро ба худ ҷалб намуда, аҳли оммаи заҳматкашро узви ба якдигар алоқаманд мешуморанд.

Саъдии Шерозӣ оид ба ишораи боло чунин фармудааст:

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

Вале баъзе нохалафони аз илму фарҳангу хираду фаросату нафосати инсонӣ бехабар ин миллати тамаддунофари бостониро доғдор кардани шуда, ба ифротгароиву зиштиву фасоду фуҷур роҳ пеша месозанд, ки ҷони худ ва дигаронро зери хатар мегузоранд. Чунин ашхос набояд фаромӯш кунанд, ки ба Ватану миллат хиёнат кардан ин хиёнат ба падару модар ва фарзанду бародару хоҳар аст. Афсӯс ба он кӯтоҳандешии ин гуна ифротиёни фазои кишвари хешро ғуборолудкунанда, ки гузаштагони ӯ солҳо зиста, аз ҳавои беғубораш нафас кашида, оби софи поки онро хӯрда, аз хоки ҷонбахшаш истифода бурда, солҳо зиндагӣ кардаанд, ба қадри он гузаштагони бофаросату нектинат ва тамаддунофару нексиришт намерасанд.

Дар ин ҷода яке аз ҳамасрони Ҳофизи Шерозӣ, Ҳумои Исфаҳонӣ чунин фармудааст:

*Май бинӯш, мазҳаб бисӯз, оташ андар Каъба зан,*
*Сокини бутхона бошу мардумозорӣ макун.*

Агар тундравони ифротӣ заррае фаҳму инсоф медоштанд, ки май хӯрдану мазҳаб сӯхтан, Каъбаро оташ задану пайваста гирди бутхона гаштан ҳеҷ гоҳ ба озори мардумон баробар шуда наметавонад, ба нохалафиҳои зишти имрӯзаи ҷаҳониёнро дар ташвишандохта даст намезаданд.

Нависандаи маъруфи Эрон Муҳаммад Ҳиҷозӣ хиёнат ба Ватанро

фурӯхтани зану фарзанди худро ба душман тавъам медонад: «Хиёнат ба Ватан фурӯхтани зану фарзанд ба душман аст» - мегӯяд ӯ [5, с. 48].

Шоири машҳури тоҷик Гулрухсор хиёнатро гуноҳи нобахшиданӣ маънидод намуда, барҳақ қайд менамояд, ки хиёнат ва хиёнаткорро ҳеҷ ойин ва дине намебахшад, ба ҷуз худи хиёнаткор, ки аз баҳри гуноҳи хоин мегузарад:

Хиёнатро кадом ойин бубахшад,
Кадом ойин, кадомин дин бубахшад?
*Хиёнат дар дунё бе ҷазо нест,*
*Хиёнатро фақат хоин бубахшад* [4, с. 61].

Мақсад аз овардани чунин мисолҳо аз он иборат аст, ки мо бояд ҳамеша дорои ҳушёрии баланди сиёсӣ бошем ва ҳеҷ гоҳ роҳ надиҳем, ки нохалафе сулҳу салоҳи кишвари азизи моро халалдор созаду фазои беғубори онро тира гардонад.

Вале душманони миллат имрӯз низ ҳамаи чораҳоро андешида истодаанд, то дар байни мардуми шарифи мо бо роҳу усулҳои гуногун низоъ андозанд, ки яке аз он усулҳо ин ташкил кардани ҷараёнҳои гуногуни динӣ (Салафия, Ҳизб-ут-таҳрир, Ҳаракати исломии Ӯзбекистон, Ансоруллоҳ, Ташкилоти террористӣ-ифротагароии Ҳизби Наҳзати Ислом, Ҷамоати исломии Покистон, Ҷабҳаи Аннусра, Ҳаракати Толибон, Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ, Алқоида, Давлати исломӣ (ДИИШ), Ҷамоати таблиғ ва ғ.) мебошанд. Аммо тири чунин нобакорон хок хоҳад хӯрд. Зеро имрӯз халқи шарифу тамаддунофари мо ба чунин афкори зишти ифротгаро ҳамроҳ нахоҳанд гашт. Дар ин маврид пандномаҳои сосонӣ, ки бо пандномаҳои юнониву ҳинду араб омезиш ёфтаанд, ҷавонони мо то андозае аз ин панду ҳикмати арзишманд огаҳанду дар ҷодаи дур сохтани онҳо (ҷавонон) аз ҷараёнҳои гуногуни ифротӣ нақши сазоворе доранд. Порчаҳои боқимондаи «Калила ва Димна», «Синдбоднома»-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, «Офариннома»-и Абӯшакури Балхӣ, «Зафарнома»-и Абӯалӣ ибни Сино, «Пандномаи Анӯшервон»-у «Пандномаи Бузургмеҳр» аз «Шоҳнома» -и Абулқосими Фирдавсӣ ва дигарон як зумра асарҳое мебошанд, ки моро ба роҳи хираду тавоноӣ, бофаросативу зирakиву ботамкиниву заковатмандӣ даъват намуда, аз ифроту ифротгароӣ дур месозанд. «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Насиҳатулмулук»-и Муҳаммад Ғаззолӣ, «Пандгома»-и Шайх Аттор ва ғ. аз қабили он асарҳоеанд, ки аз оғоз то анҷом моро ба роҳи рост ҳидоят мекунанд.

Нерӯҳои иртиҷоӣ айни ҳол ваҳшонияти дигареро пеша кардаанд. Онҳо тариқи амалиёти ифротиву террористӣ ва бо роҳи фиребу зӯрӣ шомил сохтани кӯдакони хурдсолро ба миён овардаанд. Чунин рафтори зишти ғайриинсонӣ ҷомеаи ҷаҳонро ба изтироб андохта, нафрати онҳоро нисбати дини мубини Ислом ба мисли алангаи оташ кардааст, ки ҳар кучое расад, он ҷоро сӯзонда хокистар мегардонад.

Худованд бахшоянда аст, аммо чунин амали разилонаеро, ки кӯдаконро чун сипар истифода бурда, тафаккури нопоку нафси бади хешро ором гардонанд, ҳеҷ гоҳ нахоҳад бахшид ва ҷазои сазовореро ба онҳо раво хоҳад дид.

Нисбати ишораҳои боло намунаҳои панду ахлоқро аз ашъори устод Рӯдакӣ мисол овардан аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд. Вай таҷрибаи зиндагиро хеле хуб омӯхтаву чунин фармуда:

*Чун тег ба даст орӣ, мардум*
*натавон кушт,*
*Наздики Худованд бадӣ нест фаромӯшт.*
*Ин тег на аз баҳри ситамгорон карданд,*
*Ангур на аз баҳри набид аст ба чархушт.*
*Исо ба раҳе дид яке кушта фитода,*
*Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон*
*сари ангушт.*
*Гуфто, ки: «Киро куштӣ, то*
*кушта шавӣ зор?*
*То боз, ки ӯро бикушад, он кӣ*
*туро кушт».*
*Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,*
*То кас накунад ранҷа ба дар*
*кӯфтанат мушт.*

Шоир дар ин қасида водор месозад, ки ҳар кас ба амали содиркардааш ҷавоб хоҳад гуфт ва ҳар амали зишту

нек подоши худро дорад, вале инсон бояд роҳеро ҷустуҷӯ намояд, ки тавассути он ба мардум мафиати бештар расонда тавонад.

Мусаллам аст, ки вақтҳои охир ҷавонони кишвар ба талқини дурусти ақоиди таҳаммулпазири мазҳаби оламшумули «Ҳанафӣ» ва дуруст фаҳмонидани дастуру супоришҳои беназири Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ниёз доранд. Аз дастаҷамъона ва саривақт ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ ояндаи имрӯзу фардои кишвари азизамон вобаста аст, зеро бархе аз ҷавонони кӯтоҳандешу камсаводи мо фирефтаи ақоиди ифротии хоҷагони хориҷӣ гардида, бо дасти худ ба решаи хеш теша мезананд. Онҳо рӯз то рӯз аз фарҳанги оламшумули миллати хеш ва таъриху суннатҳои аҷдодӣ рӯ гардонида, бегонапараст шудаанд. Аз Ватану миллат, ки хуни нофашон дар он ҷо рехта, ширу нони гарми модари тоҷикро хӯрдаанд, дар як лаҳзаи кӯтоҳ домангир шуда, ба сари онҳо мушт ранҷа кардаанд.

Дар ин лаҳзаҳои тақдирсози таърихӣ, Ватан аз ҳар як фарзанди сарсупурдаи худ тақозо менамояд, ки ба хотири имрӯзу фардои миллат, ояндаи фарзандону наберагон ва зиндаву ҷовид нигоҳ доштани рӯҳу арвоҳи ниёгони худ Ватан-модарро ҳамчун гавҳараки чашм ҳимоя намоем, дӯст дорем ва агар лозим шавад ҷони худро баҳри амнияташ нисор созем.

Барои муқовимат кардан ба таассуботи динӣ ва идеологияи экстремистӣ ҷиҳати пешгирӣ намудани шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ чунин пешниҳодҳо манзур карда мешаванд:

1. Романи «Фирдавсӣ»-и Нависандани халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода, асарҳои «Олим ва мутааллим», «Фиқҳи акбар»-и Имом Абуҳанифа ва ашъори Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Бедилу Румӣ, Синову Саноӣ ва дигар мутафаккирони варзидаи миллати форсу тоҷикро, ки ҷавҳари асосии дини мубини Ислом дар онҳо хеле хуб ифода ёфтаанд, бо таври васеъ ба муқобили тафаккури ифротии «салафия-ваҳобия» истифода бурдан мумкин аст;

2. Бо таври пурра аз худ кардани шоҳасари «Тоҷикон»-и Ғафуров Б., «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то сомониён»-и Эмомалӣ Раҳмон ва дигар ашъори олимон ва мутфаккирони тоҷик низ дар баланд бардоштани худшиносии миллӣ, ватанпарварӣ ва муқовимат ба идеологияи экстремистӣ арзиши беназир доранд ва аз ҳар як ҷавони тоҷик, хусусан муҳоҷирон тақозо карда мешавад, ки мутолиа намоянд, то ин ки молилгарони гурухҳои экстремистӣ натавонанд онҳоро ҷалб намоянд.

3. Ба истифодаи васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ дар шакли филмҳои ҳуҷҷатӣ, видеонаворҳо, барномаҳои сиёсӣ-таҳлилӣ, барномаҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ дар асоси фалсафаи таҳаммулпазирӣ, инсондустӣ, ҳамзистии осоиштаи тамоми дину тамаддунҳои ҷаҳонӣ, мазмуну мухтавои адабиёт ва фарҳанги оламшумули миллати форсу тоҷик, аркони пурғановати мазҳаби ҳанафӣ ва маводи таҷрибаи судиву тафтишотӣ бо таври мунтазам ва васеъ пахш карда шаванд;

4. Ягона роҳи наҷоти ҷавонон аз гурӯҳҳои ифротӣ ин рӯ овардан ба адабиёт ва фарҳанги оламшумули миллати тоҷик, содиқ будан ба Ватан, сиёсати пешгирифтаи давлат ва мазҳаби оламшумули Имом Абуҳанифа аст. Ашхосе таърихи гузаштагон ва мазҳаби мову шуморо мунтазам мавриди танқиду мазаммат қарор медиҳанд ва дорои мазмуни хурофотпарастиву таассуботи динӣ мебошанд, танҳо бо андешаҳои солиму созандаи осори мутафиккорони барҷастаи миллат, ки ҳамчун далели раднопазир эътироф мешаванд, метавон зидди онҳо муқовимат намуд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати милӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз 09.03.2024 с. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32921 (санаи муроҷиат: 12.05.2025).

2. Эмомалӣ Раҳмон. Табрикот ба муносибати Рӯзи забон, 22 июни соли 1995 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32921 (санаи муроҷиат: 12.05.2025).

3. Ғафуров, Б. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Муҳаррири масъул А. Мухторов. – Душанбе: Ирфон. 1983. – С. 511.

4. Гулрухсор. Гули ханҷарӣ (Гулчини дубайтӣ). – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклапедияи миллии тоҷик. – 166 с.

5. Ҳиҷозӣ Муҳаммад. Ҳазору як сухан. – Душанбе: Ирфон, 1993. – С. 48.

6. Саидзода, З. Истиқлолияти давлатӣ ва гиромидошти забони модарӣ. – Душанбе, 2013. – С. 200.

7. Холиқназар, А. Раҳнамо. Хатари тафаккури ифротӣ ва гуруҳҳои ифротгарои динӣ дар чист? – Душанбе, «Ирфон», – 2018. – 192 с.

8. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 228 с.

ТДУ 93/94:930.23

# ВАЗЪИ СИЁСӢ ВА МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1924-1931

**Аннотатсия:** Дар мақола вазъи сиёсиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 20-уми асри XX мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуда, раванди тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ дар Осиёи Миёна, таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, мубаддал гардидани он ба Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ, болшевикон, инчунин, ҷой доштани беадолатиҳои таърих дар ин давра ва талошу ҷонбозиҳои абармардони миллат дар ҷодаи таъсиси Тоҷикистон, тибқи сарчашма ва адабиёти илмӣ баён гардидаанд.
**Вожаҳои калидӣ:** тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ, вазъи сиёсӣ ва маъмурӣ, Шуравӣ, ҶМШС Тоҷикистон, ҳаракати босмачигарӣ, манфиатҳои миллӣ.

# ПОЛИТИКО-АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПОЛОЖЕНИЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В 1924–1931 ГОДАХ

**Аннотация:** В статье рассматривается политико-административное положение Республики Таджикистан в 1920-х годах, описывается процесс национально-территориального деления в Средней Азии, образование Таджикской Автономной Советской Социалистической Республики, ее преобразование в Советскую Социалистическую Республику, большевики, а также существование исторической несправедливости в этот период, а ткеж усилия и жертвы выдающихся людей нации для становления Таджикистана, основанные на источниках и научной литературе.
**Ключевые слова:** национально-территориальное деление, политико-административное положение, Советский Союз, Таджикская АССР, басмачество, национальные интересы.

# POLITICAL AND ADMINISTRATIVE SITUATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN 1924-1931

**Annotation:** The article examines the political and administrative situation of the Republic of Tajikistan in the 1920s, describes the process of national-territorial division in Central Asia, the formation of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic, its transformation into the Soviet Socialist Republic, the Bolsheviks, as well as the existence of historical injustice during this period and the efforts and sacrifices of outstanding people of the nation for the formation of Tajikistan based on sources and scientific literature.
**Key words:** national-territorial division, political and administrative situation, Soviet Union, Tajik ASSR, Basmachi, national interests.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:**
**Самиъзода Бахтиёр Салим** – ёрдамчии сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия, тел.: + (992) 93 532 13 70, E-mail: 93532137@mail.ru

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:**
**Самизода Бахтиёр Салим** – помощник начальника Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции, тел.: + (992) 93 532 13 70, E-mail: 935321370 @mail.ru

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**
**Samizoda Bakhtiyor Salim** – assistant to the Head of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Police Lieutenant Colonel, тел.: + (992) 93 532 13 70, E-mail: 935321370@mail.ru

**14-уми** октябри соли 1924 дар натиҷаи гузаронидани тақсимоти ҳудудию миллӣ дар Осиёи Миёна, Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Узбекистон таъсис ёфт. Ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон ноҳияҳои Панҷакент, Фалғар, Ӯротеппа, Мастчоҳ, Ғарм, Ҳисор, Кӯлоб, Қурғонтеппа ва аз 2-юми январи соли 1925 ВМКБ дохил мешуданд. Ноҳияҳои Хуҷанд, Нов, Исфара, Конибодом, Ашт дар округи Хуҷанд муттаҳид шуда, дар ҳайати ҶШС Узбекистон монданд. Ҳарчанд гузаронидани марзбандии ҳудудию миллӣ дар Осиёи Миёна талаботи замон буд, вале дар раванди амалӣ гардонидани он саҳву хатоиҳои ҷиддӣ роҳ ёфтанд, ки нисбати онҳо муаррихони тоҷик дар таълифотҳои хеш бо далелҳои раднопазир ибрози ақида намудаанд.

Бояд хотирнишон намуд, ки Котиби генералии Иттиҳоди Шуравӣ Сталин И.В. марзбандиро асосан ба ихтиёри се нафар вогузор намуда буд, ки яке Зеленский буду ду нафари дигар Абдуллоҳ Раҳимбоев ва Файзуллоҳ Хоҷаев, ин туркпарастони ашаддӣ ва хиёнаткори миллатфурӯши тоҷик буданд. Болшевикон иҷрои кореро, ки як амали муҳимми сиёсӣ ва таърихӣ қаламдод мешуд, ба хоинони миллатфуруши мазкур ҳавола карда буданд. Чаро чунин шуд? Чунки асли нияти болшевикон низ пок набуд ва барои иҷрои он дасти нопоке лозим буд [4].

Мутасаддиёни тақсимоти ҳудудӣ-миллӣ соли 1924 андешаи олимони шарқшиноси Русия, аз ҷумла, Бартолд В.В., Андреев М.С. ва дигаронро ба инобат нагирифтанд. Дар ҳоле ки шарқшиноси машҳури рус Бартолд В.В. ба ҳамон тарзе, ки болшевикон аз рӯи нишонаи миллӣ ташкил намудани ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна пешкаш кардаанд, чандон розӣ набуд. Ин олими дурандеш оқибати чунин марзбандиро тасаввур намуда, онро хилофи анъанаҳои таърихии ин сарзамин, ки форсизабонон пеш аз ҳама тоҷикон, бо туркзабонон дар давлатҳои ягонаи сермиллат мезистанд, ҳисобидааст.

Яке аз арбобони барҷастаи шуравии он давр, комиссари халқии корҳои хориҷӣ Георгий Чичерин ба ақидаи шарқшиносони рус такя намуда, ба муқобили лоиҳаҳои ҳозиргардида, лоиҳаеро пешниҳод намуд, ки дар таърих бо номи «Лоиҳаи Чичерин» маълум аст ва мувофиқи он дар ҳудуди Осиёи Миёна Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии бузургтарин ва дар ҳайати он ҷумҳурии мухтори Узбекистон бунёд мегардид. Вале бо сабаби дар ҳайати мутасаддиёни масъалаи марзбандии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна зиёд будани нуфузи туркпарастон «лоиҳаи Чичерин» қабул нагардид.

Мувофиқи ин лоиҳа Чичерин мехост ҳудуди пештараи давлати Бухоро, яъне марзҳое, ки Бухоро то соли 1867 то тасарруфи Русия дошту дар шимолу шарқ то Ҷиззах (Дизак) ва остонаи Тошканд ва то деҳи Маҳрам (Конибодом) мерасид, дубора барқарор шавад. Ва ин сарзамин Тоҷикистон ном бигираду он бахши Фарғонаву Тошканд, ки аз ин ҳудуд берун аст, Узбекистон номгузорӣ шавад. Чичерин аз ин пешниҳод суди импероттурии шуравиро ба назар дошт. Ӯ медонист, ки агар Тоҷикистон тавонову обрӯманд бошад, бештар имкон хоҳад дошт, ки нуфузи шуравиро ба кишварҳои исломии Шарқи Миёна бигузаронад, аммо ҷумҳуриҳои туркии Осиёи Марказӣ, чунончи Узбекистон, чунин имконро камтар хоҳад дошт [4].

Ҳатто Сталин он гоҳ, ки Комиссари халқии миллатҳо (наркомнац) ва чи он гоҳ ки сардабири ҳизб (Генцек) буд, аз тамоми хабарҳои тақсимот воқиф «лоиҳаи Чичерин» -ро дастгирӣ накард. Ҳарчанд ин лоиҳа ба суди тоҷикон буд. Аммо Сталин лоиҳаеро дастгирӣ кард, ки хилофи манфиатҳои тоҷикон буд. Чаро Сталин ин корро кард?

Ин масъала дар миён буд, ки агар Сталин тоҷиконро дастгирӣ мекарду ба онҳо ҷумҳурии «мустақили» бузурге медод, албатта, эҳтимоле буд, ки тоҷикон қувват бигиранду сар бардоранд ва рӯзе ба сӯйи ҳамхунони худ, ки дар Афғонистону Эрон ҳастанд, майл пайдо бикунанд. Қувват гирифтани тоҷикон метавонист бештар аз пантуркизм хавфе ба

сари импературии болшевикӣ биёварад. Аз ин рӯ, тоҷиконро нотавону саркӯб доштан лозим буд. Як маънои сиёсати палиди Сталин дар ҳаққи тоҷикон ҳангоми табартақсими соли 1924 ҳамин аст. [4]

Афсӯс, ки нақшаи ӯ ҳанӯз дар дастрасии пажӯҳишгарон қарор наёфтааст, мазмуни умумии ин лоиҳа ба мардуми огоҳи он солҳо маълум буду имрӯз ҳам баъзеҳо медонанд. Мувофиқи баъзе маълумотҳо намунаи аслии ин лоиҳа дар бойгонии Президенти Россия маҳфуз аст.

Дар рафти тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ душворӣ ва камбудиҳои ҷиддӣ нисбати тоҷикон сар зад. Дар Осиёи Миёна ба ҷои тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ тақсимоти ҳудудӣ-миллӣ гузаронида шуд. Дар замони Ҳокимияти Шуравӣ ин тақсимот дағалона ва ноҳақ ҳис карда намешуд, зеро робитаҳои зичи иқтисодӣ ва фарҳангӣ байни Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои дигари Осиёи Миёна, ки дар онҳо ҳазорҳо тоҷикон зиндагӣ мекарданд, хуб буд.

Вале бо пош хӯрдани ИҶШС, соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои тобеи он, равобити фарҳангӣ ва иқтисодии Тоҷикистон бо тоҷикони бурунмарзӣ, махсусан давлатҳои ҳамсояи наздик хеле суст гардид, ки дар шароити муосир беҳбудиро мехоҳад.

Ба замми он дар давраи ҳамчун ҷумҳурии мухтор ба ҳайати ҶШС Узбекистон шомил будани Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1929), аз ҷониби ҳукумати ҶШС Узбекистон манфиатҳои тоҷикон умуман ба инобат гирифта намешуд. Бесабаб нест, ки ин ҳолат дар номаи аъзои намояндагии тоҷикон дар шаҳри Москва аз 9-уми июни соли 1927 ба Шурои Комиссарони халқи ҶМШС Тоҷикистон ирсол шуда ошкоро чунин баён ёфтааст:

1. Ҳукумати Узбекистон манфиатҳои ҶМШС Тоҷикистонро дар сохтмони хоҷагии худ муттасил ба инобат намегирад;

2. Ҳукумати Узбекистон маблағеро ки ба ҶМШС Тоҷикистон тааллуқ дорад аз худ мекунад, маблағҳои қарзиро нигоҳ медорад ва бидуни назардошти ниёзмандиҳои ҶМШС Тоҷикистон тақсим мекунад;

3. Ҳукумати Узбекистон ҶМШС Тоҷикистонро аз ҷиҳати иқтисодӣ, ҳамчун қисми харобу қашшоқгардида ба қалам дода (аз ҷумла ҳангоми ҷудо кардани қарз аз буҷаи Иттифоқ, бо ҳамин баҳона зиёдтар қарз талаб мекард) ва аз ҷиҳати сиёсӣ барои дар доираи иттифоқ бардоштани мавқеи худ истифода мебурд, аммо дар лаҳзаи амалӣ намудани чорабиниҳо манфиати ҶМШС Тоҷикистонро сарфи назар мекард [6, с. 129].

Илова ба ин, аз тарафи дигар арбобони намоёни ҳизбию давлатии ҶМШС Тоҷикистон низ нисбати сиёсати зиддитоҷикии роҳбарони ҶШС Ӯзбекистон борҳо эътироз садо додаст.

Таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон ба таъмини фаъолияту амнияти он дар даврае мегузашт, ки амалиёти аксулинқилобии дар таърих чун ҳаракати босмачигӣ унвон гирифта хеле тезутунд буда, саркардагони он ки аз собиқ амалдорони амир, мутаассибони динӣ, мансабу манфиатҷӯёни маҳаллӣ буданд, бо нақшаҳои аз хориҷ таҳризишуда амал мекарданд [8].

Моҳи феврали соли 1929 дар Кобул маҷлиси машваратии саркардагони ҳаракати зиддишӯравӣ даъват карда шуд, ки дар он собиқ амири Бухоро Олимхон, сардорони дастаҳои босмачиён, намояндагони ҳукумати Англия ва доираҳои реаксионии ҳукумати Афғонистон иштирок карданд. Дар маҷлис нақшаи ҳуҷуми дастаҳои Иброҳимбек ва Ҷунайдхон ба ҳудуди ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна муҳокима карда шуд. Мувофиқи қарорҳои машварат ба ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна якбора якчанд дастаҳои хурди босмачиён фиристода мешуд.

Дастаҳои босмачиёни Фузайл Махсум, Давлат Сардор, Утанбек, Кӯри Шермат аз ҷумлаи ҳамин дастаҳо буданд. Онҳо мебоист иқтидори қувваҳои мусаллаҳи Шуравӣ ва рӯҳияи аҳолиро муайян намуда, барои ҳуҷуми қувваҳои асосии босмачиён шароити зарурӣ тайёр мекарданд.

Дастаи Давлат Сардор сарҳадро рахна карда ба Туркманистон гузашт, вале ба зудӣ нест карда шуд. Кӯри Шер-

мат, Утанбек ва дигарон бо дастаашон дар заду хӯрди назди сарҳади Тоҷикистон торумор карда шуданд.

Манфиатхоҳони хориҷӣ ба Фузайл Махсум бештар таваҷҷӯҳ доштанд, зеро ӯ сардори пуртаҷриба ва собиқадорӣ босмачиён буд, аз ин лиҳоз Фузайлро бо яроқ, пул ва варақаҳои зидди Шӯравӣ бештар таъмин мекарданд.

Дар рӯзҳои кори анҷумани дуюми Шуроҳои Тоҷикистон Фузайл Махсум бо дастаи 150 нафар аз ҷумла, 10 нафар афғон, бо сардорӣ Хавал Гул, дар наздики қишлоқи Тоғмаи Дарвоз аз дарёи Панҷ гузашта, маркази ноҳияро ишғол кард. 15-уми апрел Кури Шермат бо дастааш ба Ванҷ ҳуҷум кард. Дар Қалъаи Хум ва Ванҷ босмачиён аксаран хизматчиёни шуравиро куштанд. Қӯрбошиҳо Тӯрақул Қаротӯқсабо, эшон Исохон, Чорӣ Қаюм, ҷамъ 12 нафар ба дастаҳои худ, дар атрофи Даштиҷум, Вахш ва Шаҳритуз ба ҳаёти осоиштаи мардум таҳдид менамуданд [9, с. 86].

Фузайл Махсум одамони худро ба деҳаҳои Дарвозу Қаротегин фиристод, то ки аҳолиро хабар кунанд, ки гӯё аз қафои онҳо «лашкари бузурги ислом» бо яроқу аслиҳаи зиёд омада истодааст ва Иброҳимбек аллакай як қатор ноҳияҳои води Вахшро ишғол намудааст. Фузайл Махсум аз Қалъаи Хум ба воситаи ағбаи Вахё гузашта Тавилдара ва Қалъаи Лабиобро ишғол намуд. Дар роҳ ба ӯ зиёда аз 30 нафар бойҳо, рӯҳониён, собиқ амалдорони амир ва қӯрбошиҳо ҳамроҳ шуданд.

Барои аз мардум қассос гирифтан ва ақсулинқилобиёнро ба дастаи худ ҷалб намудан Фузайл Махсум, бародари худ Саъдод Махсумро ба Қалъаи Хум, Худойназар ва Ҷалолро ба Ҷиргатол, Кӯрисалим ва Абудллобекро ба Қалъаи Лабиоб фиристода худаш, ба Ҳоит рафт. Босмачиён дар вақти ишғол намудани ҳар як қишлоқ коркунони шуравӣ ва фаъолони маҳаллиро ваҳшиёна ҷазо медоданд, молу мулки давлатиро талаву тороҷ намуда, дар байни худ тақсим мекарданд.

Дар майдони Ҳоит рӯзи 19-уми апрели соли 1929 се дор сохтанд ва аввалин касоне, ки ба дор овехта шуданд, се духтари Ҳоитӣ буданд, ки якӯмин шуда фаранҷиро партофта, мехостанд барои хондан ба Ғарм раванд. Инҳо – Сайрам Абдуллоева, Маълумбибӣ Қосимова (муаллимаи мактаб буд), Аъламбибӣ Гадоева аз дасти Фузайл Махсум қурбони ҷаҳолат шуданд [5, с. 95].

Баъд аз фоҷиаи хунини Ҳоит Фузайл аз ҳисоби ақсулинқилобчиён сафҳои худро зиёд карда ба тарафи Ғарм равон шуд.

Дар Ғарм ва наздикиҳои он дастаҳои аскарони сурх набуд. Мудофиаи Ғармро коркунони ҳизбӣ ва Шуравӣ сардорӣ намуда, отрядҳои ихтиёрӣ ташкил карданд. Аввалин шуда ба муқобили Фузайл Махсум муаллимон бо роҳбарии мудири маорифи округ Каримҷон Ҳусейнзода, муаллимони Ҳоит Рустам, Сайфулло Роғибзода, Ҷӯра Носирзода, Ҳикмат Ғанизода, Кабуд, Алиакбар ва дигарон ба ҷанги хунини нобаробар сар карданд. Каримҷон Ҳусейнзода асир афтод ва баъди 7 рӯз паронда шуд.

Таҳти роҳбарии Гутовский Ф.Ф. – мудири агенти банки давлатӣ отряд ба ҷанг даромад. Азбаски қувваҳои босмачиён зиёд буд, отряд талафоти калон дода, ҳамроҳи роҳбари худ ҳалок гашт. [2, с. 56] Барои ёрӣ расонидан ба мардуми Ғарм отряди Мокритский Ф. омад. Ба ёрии ин отряди ҷасур аз ш. Душанбе комбриг Шапкин Т. ва комиссар Федин А. раҳсипор шуданд. Отрядҳо дар баландии ҷанубу ғарби қишлоқи Ғарм ба босмачиён зарбаи сахт заданд. Фузайл Махсум бо боқимондаи дастааш ба Қалъаи Лаби об ақибнишинӣ карда, ба Тавилдара гузашт. Қисмҳои артиши Шуравӣ дастаи ӯро таъқиб мекард. 3-юми майи соли 1929 Фузайл бо як чанд босмачии зинда монда аз мавзеи 25 километр шарқтари Қалъаи Хум аз дарёи Панҷ гузашта ба Афғонистон гурехт [3].

Бо ҳамин моҷарои Фузайл Махсум ба охир расид ва худи Фузайл Махсум якумра ҷилои Ватан шуд.

22-юми апрели соли 1929 дар Душанбе анҷумани 2-юми Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон кушода шуд. Кори муҳимтарини анҷуман қабули Сарқонуни ҷумҳурӣ буд. Дар анҷуман инчунин

масъалаи ба ҶМШС Тоҷикистон баргардонидани округи Хуҷанд муҳокима карда шуд. 10-уми май анҷумани 3-юми Шӯроҳои ҶШС Узбекистон дар бораи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон додани округи Хуҷанд қарор қабул кард.

Моҳи сентябри соли 1929 округи Хуҷанд ба ҶМШС Тоҷикистон ҳамроҳ карда шуд. Дар округи Хуҷанд 250,8 ҳазор нафар зиндагӣ мекард. Округи Хуҷанд нисбат ба дигар ноҳияҳои Тоҷикистон аз нигоҳи ҳам иқтисодӣ ва ҳам фарҳангӣ басо пешрафта буд. То ҳамроҳ шудани округи Хуҷанд қаламравӣ ҶМШС Тоҷикистон 142,5 ҳазор километри мураббаъро ташкил медод [10].

Ҳамроҳ кардани округи Хуҷанд заминаи мӯътамаде шуд, дар роҳи ҳалли масъалаи таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон.

Чи тавре дар боло зикр гардид, дар солҳои ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Узбекистон буд, сиёсати маҳдудкунӣ нисбати тоҷикон пешгирифтаи роҳбарияти ҶШС Узбекистон боиси норозигҳо ва арзу шикоятҳои зиёди масъулони ҶМШС Тоҷикистон гардидааст. Бо ҳамин сабабҳо ташкилотҳои ҳизбию Шуравии ҶМШС Тоҷикистон дар назди ташкилотҳои иттифоқӣ масъалаи ба Ҷумҳурии иттифоқи табдил додани ҶМШС Тоҷикистонро гузоштанд.

6-уми июни соли 1929 Бюрои сиёсии Кумитаи Марказӣ Ҳизби Коммунистии болшевики умумииттифоқ ба ҷумҳурии иттифоқи табдил додани ҶМШС Тоҷикистонро маъқул донист.

12-уми июни соли 1929 Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказии ИҶШС ин ташаббусро дастгирӣ карда муваффақиятҳои бузурги ба даст овардаи ҶМШС Тоҷикистонро дар соҳаи иқтисод ва фарҳанг ба инобат гирифта қарор кард:

«Аз ҷиҳати иқтисодӣ, миллӣ ва ҷуғрофӣ аз ҶШС Узбекистон тамоман фарқ доштани ҷумҳурии мухтори Тоҷикистонро ба назар гирифта, барои боз ҳам бо муваффақият тараққӣ кардани иқтисодиёт ва фарҳангӣ Тоҷикистон масъалаи ба миёнгузошташудаи аз ҳайати ҶШС Узбекистон баромада, ба ҳайати ИҶШС дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сари вақт дониста шавад» [7].

Ҷумҳурии нави иттифоқи бо ташаббуси халқи тоҷик ва дастгирии Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳукумати иттифоқи барпо шуда буд. «ташаббускорӣ ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил додани Тоҷикистон худи халқи тоҷик мебошад, – гуфта буд, муншии Раёсати Кумитаи Иҷроияи ИҶШС Енукидзе А. ва ин масъаларо дар Анҷумани сейуми фавқулодаи Шуроҳои Тоҷикистон бо талаби халқи тоҷик ба миён гузошта шудааст».

16-уми октябри соли 1929 Анҷумани сеюми фавқулоддаи Шуроҳои Тоҷикистон дар бораи ташкил кардани ҶШС Тоҷикистон ва ихтиёран ба ИҶШС дохил шудани он қарор ва эломия қабул намуд, ки ин қадами ҳалкунандае буд, дар эҳёи давлатдории тоҷикон.

5-уми декабри соли 1929 ҷаласаи Кумитаи Иҷроияи Марказии ИҶШС қарор кард, ки шартнома дар бораи таъсиси ИҶШС дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон низ паҳн карда шавад. Ин қарорро Анҷумани Шуроҳои ИҶШС моҳи марти соли 1931 маъқул шуморид.

Ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон воқеаи бузурги таърихӣ буда, барои пешрафти ҳамаҷонибаи халқи тоҷик мавқеъ ва мақоми хоса дошт. Бояд таъкид кард, ки таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон ин натиҷаи ҷонбозиҳои бемисли фарзандони бонангу номуси миллати тоҷик мебошад.

Комёбиҳои беназири Тоҷикистон дар сохтмони сотсиалистӣ қаҳру ғазаби душманони шуравиро зиёд мекард ва онҳо бар зидди ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна вахшиёна мубориза мебурданд.

Собиқ амири Бухоро Саид Олимхон ба кӯмаки ҳомиёнаш умед баста, барои аз нав барқарор намудани тахти вожгуншудаи худ мубориза мебурд. Ҳамин буд, ки бо дархости ӯ баҳори соли 1931 Иброҳимбек ба Тоҷикистони ҷанубию марказӣ аз нав ҳамла овард.

Мувофиқи нақшаи пешакӣ таҳрезишуда босмачиён, дастаи дуҳазорнафараи онҳо ба се гурӯҳи калон тақсим шуд (дастаҳои Мирзо Назар, Мулло Одина, Ғафурбек) ва онҳо мебоист аз Даштиҷум

то Шаҳритус дар як вақт ба ҳудуди Тоҷикистон ҳуҷум мекарданд, дар ҳамин асно гурӯҳи калони оилаҳои босмачиён аз сарҳад гузаронида мешуд.

Тавре, Абдулло Валиев ёдоварӣ мекунад «гузаштани гурӯҳи калони оилаҳои босмачиён аз сарҳад, ин ғайричашмдошт буд, баъдтар маълум шуд, ки босмачиён бо ҳамин восита нақшаи нопоки ҳуҷуми худро амалӣ кардани шуда, гӯё гурезаҳоро қисмҳои ҳарбии афғонҳо таъкиб мекард» [1].

Шояд саволе пайдо шавад, ки чаро ба дастаҳои босмачиён имконият дода шуд, ки аз сарҳад гузашта ба дарунтари хоки Тоҷикистон зада даромада бедодгариҳо, куштору харобиҳо ба амал оранд? Иштирокчӣ ва дастгиркунандаи Иброҳимбек А.Валишев мегӯяд: «Ду ҳафта пеш аз ҳуҷуми Иброҳимбек ГПУ – и Тоҷикистон аз ин огаҳи ёфта, дар Кӯлоб, Лақай (зодгоҳи Иброҳимбек), Ҳисор, Ваҳдат, Комиссияи фавқулоддаи ҳукумати оид ба огоҳкунии ҳуҷуми босмачиён ташкил карда шуд.

Дар ноҳияҳое, ки ҳамчун ҷойҳои такягоҳи босмачиён дар давраи ҷанг граждании солҳои (1921-1924) хизмат мекарданд, гурӯҳҳои ташвиқотӣ барои фош намудани нақшаи босма-чиҳо ва сафарбаркунии меҳнаткашон фиристода шуд».

Дар кори нест намудани босмачиён фаъолона иштирок кардани аҳолӣ аҳамияти хеле калон дошт, дар андак муддат бар зидди босмачиён 50 ҳазор коргарону деҳқонон ба отрядҳои калтакдорони сурх, 3 ҳазор ба отрядҳои ихтиёриён дохил шуданд. Ҳудуди ҷумҳурӣ ба участкаҳо ва секторҳои ҷангӣ тақсим шуда буд. Ба бисёр отрядҳои ихтиёриён собиқадорони муборизаи зидди босмачиён: Абдулло Ёрмуҳаммедов, Муқим Султонов, Мирзоназар Гулов, Хушвақт Шоимов, Абдураҳмон Одинаев ва дигарон сардори мекарданд.

Зарбаи аввалини ҳалокатовар ба муқобили Иброҳимбек, 8-уми апрели соли 1931 дар деҳаи Найзабулоқи Данғара зада шуд. Дар ин ҷо 600 нафар босмачиён бар зидди 50 нафар аскарони шуравӣ ҳуҷум карда шикаст хӯрд. Дар ин заду хӯрд Сенчуков каҳрамонӣ нишон дода бо пулемёти худ 30 нафар босмачиёнро нест карда, худаш низ ҳалок шуд. Баъдтар дар қишлоқи Сангтуда командири взвод Қурбон Алиев ҳамроҳи 7 нафар ҷанговар ба муқобили дастаи 250 нафараи босмачиён ҷангида, 20 нафар босмачиро маҳв кард.

Баъд аз шикаст хурданаш дар Найзабулоқ, Иброҳимбек бо умеди ёрӣ гирифтан ва сафҳои дастаи худро аз ҳисоби ҳамфикрони дар водии Ҳисор будааш пурра намудан, 19-уми апрел ба соҳили рости дарёи Вахш гузашта ба зодгоҳаш Лақай омад.

Иброҳимбекро мардум дстгирӣ накарданд, аз тарафи аскарони Шуравӣ ва отрядҳои халқӣ якчанд зарба хӯрда, ба соҳили чапи дарё гузашт, то ки дар кӯҳҳои Чолтов ва Сарсарак пинҳон шавад. Ӯро қисмҳои аскарони шӯравӣ мутазам таъқиб мекарданд. Иброҳимбек аз қувваҳои асосии худ ҷудо шуда буд ва дастаҳои ӯ аз Кӯлоб то Қурғонтеппа гурӯҳ-гурӯҳ пароканда мешуданд.

Иброҳимбек баъди талафот доданаш моҳи май ба Боботоғ рафт, ӯ ҳамаи пайраҳаҳо, пастию баландии инҷоро медонист ва бо осонӣ пинҳон шуда метавонист. Бо вуҷуди дар ҷангҳои то нимаи якуми моҳи май соли 1931 талафи зиёд доданаш, ҳоло ҳам бо сарварии Иброҳимбек қариб ду ҳазор босмачиён амал мекарданд [10].

Дар натиҷаи пай дар пай шикаст хурдан ва пурзӯр намудани корҳои ташвиқотӣ, паҳн намудани варақаҳо ва мурочиатномаи Ҳукумати Тоҷикистон, вайроншавии сафҳои босмачиён қувват гирифт. Барои торумор намудани босмачиён муҳим он буд, ки ба гузаштани дастаҳои боқимондаи босмачиён аз сарҳад ва ҳамроҳшавии онҳо ба дастаҳои Иброҳимбек роҳ дода нашавад. Ин масъаларо сарҳадбонон сарбаландона иҷро карданд. Дар ҷангҳои зидди босмачиён сардори сарҳадбонон Самохвалов Г.И, ҷанговарони сарҳадбон Плескач М.И., Крикун Н.И., Кулик И.З. ва дигарон қаҳрамонӣ нишон доданд.

Аз нимаи дуюми моҳи май сар карда босмачиёни қаторӣ ва сардорони онҳо ба таври оммавӣ таслим шудан гирифтанд.

Дар бораи паст шудани рӯҳияи босмачиён, ба ғалабаи худ боварӣ надоштанд ба воҳима афтодани онҳо далелҳои зерин шаҳодат медиҳанд.

«Аз дастаи Эшон Исохон 20 босмачӣ таслимшуда, яроқашонро супурданд ва 79 нафарашон ба қишлоқҳои худ баргаштанд….. ҳатто наздикони Иброҳимбек, тағои ӯ Пошоқул, курбошии «номдор» бо ҳамроҳии 6 нафар босмачиён таслим шуд. Ҳамаи таслим шудагон мегӯянд: мо фаҳмидем, ки Ҳукумати шӯравиро мағлуб кардан мумкин нест, зеро аҳолӣ тарафи Ҳукумати шуравиро мегирад». Чунин мисолҳо зиёданд.

Моҳи майи соли 1931 қисмҳои аскарони шуравӣ якҷоя бо отрядҳои ихтиёриён, калтакдорони сурх амалиётҳои бомуваффақияти ҳарбӣ гузаронида Боботоғро аз босмачиён тоза карданд. Иброҳимбек ба ҳамроҳии 100 нафар босмачиҳо ба Деҳнав рафт. Дар заду хӯрдҳои минбаъда ӯ аксарияти қувваҳои худро талафдода, бо нияти ба воситаи Калиф ба Афғонистон гурехтан, ба ноҳияи Бойсун омад. Аммо вақте ки чунин имконият нашуд, Иброҳимбек боз ба Боботоғ баргашт ва 23-юми июни соли 1931 ҳангоми убур кардан аз дарёи Кофарниҳон дар деҳаи Булбулони ноҳияи ҳозираи Рӯдакӣ ба дастаҳои ихтиёрии Муқим Султон ва Абдулло Валиев таслим шуд.

Шикаст хӯрдани Иброҳимбек дар Тоҷикистон ва Ҷунайдхон дар Туркманистон ба хӯҷаинони хориҷии босмачиён зарбаи қатъӣ зад ва ба онҳо дигар муяссар нашуд, ки Анвар, Салим, Ҷунайдхон ва Иброҳимбек барин зархаридоронашро бо дастаҳои нави босмачӣ ба ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна фиристонанд: аввалан, империалистони хориҷӣ қариб ҳамаи сарварони босмачиёнро талаф дода буданд, дуюм ин ки муваффақиятҳои сохтмони сотсиалистӣ ба охирин синфи истисморгар дар деҳот - кулакон, ягона такягоҳ ва базаи империалистон буданд, хотима гузошт. Сеюм то 24-уми июни соли 1931 дар ҳудуди Тоҷикистон 989 нафар босмачӣ кушта, 212 нафар асир гирифта шуд, 1683 нафар босмачӣ таслим гардиданд [11].

Ҳамин тавр мансабпарастии бешарафонаи яке аз даъвогари тахту тоҷи амири Бухоро, душмани ашадии ҳокимияти Шуравӣ ва халқи тоҷик завол ёфт.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Валиев, А.А.. Чекистские были. - Душанбе, 1988. - 500 с.
2. Аманов, Р. Конец авантюры Фузайл Махсума и Аъзама. - Душанбе, 1960. - 200 с.
3. Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане. - Душанбе, 1966. - 654 с.
4. Бухороӣ, М.Ш.. Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон. - Душанбе: Адиб, 2012. – 287 с.
5. Муҳиддинов, Э. Қисмате аз таърихи Рашти куҳан (очерки таърихӣ). - Душанбе, 1991. – 95 с.
6. Ҳотамов, А Таъсиси Ҷумҳурии Шуравӣ Сотсиалистии Тоҷикистон. Мероси ниёгон. - Душанбе, 2009. – 567 с.
7. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони Советӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. - 216 с.
8. Пирумшоев, Ҳ. Шириншоҳ Шоҳтемур мубориз матини роҳи озодӣ ва эҳёи давлатдории тоҷикон // Коммунисти Тоҷикистон. 2009. 7-уми октябр.
9. Раҳматуллоев, А., Мухторов, С. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони Советӣ. - Душанбе: Маориф, 1980. – 86 с.
10. Шарҳи таърихи Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон. Ҷ. 1. - Душанбе: Ирфон, 1980. – 678 с.
11. Эркаев, М. Барпо ва мустаҳкам намудани ҳокимияти советӣ дар Тоҷикистон. - Душанбе, 1966. - 422 с.

**ТДУ 37.013.42**

## ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ-МАЪНАВИИ КУРСАНТОНИ АКАДЕМИЯИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ҶАНБАИ ИҶТИМОӢ-ПЕДАГОГӢ

**Аннотатсия:** Дар мақола сухан дар бораи тарбияи ҳуқуқӣ ва маънавии курсантони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рафта, дар асоси ҷанбаи иҷтимоӣ-педагогӣ рафта, шаклу усулҳои тарбияи ҳуқуқӣ ва маънавии курсантон бо талаботҳои оинномавӣ ва қонунгузорӣ таҳлил гардидааст.

**Вожаҳои калидӣ:** маърифати ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, курсант, Академияи ВКД, Оиннома, ҳуқуқ, шуурнокӣ, ватандӯстӣ.

## ПРАВОВОЕ И ДУХОВНОЕ ВОСПИТАНИЕ КУРСАНТОВ АКАДЕМИИ МВД РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: СОЦИАЛЬНО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ АСПЕКТ

**Аннотация**: В статье речь идет о правовом и духовном воспитании курсантов Академии МВД Республики Таджикистан, и на основе социально-педагогического аспекта проанализированы формы и методы правового воспитания курсантов в соответствии с уставными и законодательными требованиями.

**Ключевые слова:** правовое просвещение, правовое воспитание, курсант, Академия МВД, Устав, право, самосознание, патриотизм.

## LEGAL AND SPIRITUAL EDUCATION OF CADETS OF THE ACADEMY OF THE MINISTRY OF INTERNAL AFFAIRS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: SOCIO-PEDAGOGICAL ASPECT

**Abstract:** The article deals with the legal education of cadets of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, and on the basis of the socio-pedagogical aspect, the forms and methods of legal education of cadets are analyzed in accordance with the statutory and legislative requirements.

**Key words:** legal education, legal education, cadet, Academy of the Ministry of Internal Affairs, Charter, law, consciousness, patriotism

### МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:

**Султонзода Вамариҷ Иборҳим** - омӯзгори калони кафедраи фанҳои ҷамъиятии факлтети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3, тел. +(992) 934 62 62 56; 904 42 43 78.

**Одиназода Самеъҷон Раҳматулло** - омузгори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтинанти калони милитсия, E-mail: samejonodinaev@gmail.com Телефон: +(992) 988 33 37 72

### СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:

**Султанзода Вамаридж Иброхим** - старший преподаватель кафедры общественных дисциплин факультета №2 Академии МВД Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мастонгулова 3, тел.: +(992) 934 62 62 56; 904 42 43 78.

**Одиназода Самеджон Рахматулло** - преподаватель кафедры общественных дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мастонгулова, 3. E-mail: Samejonodinaev@gmail.com Телефон: +(992) 988 33 37 72

### INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:

**Sultanzoda Vamarij Ibrahim is** - a senior lecturer at the Department of Social Sciences of the Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mastongulova St. No. 3, tel.: +(992) 934 62 62 56; 904 42 43 78.

**Odinazoda Samejon Rakhmatullo** - lecturer, Department of Social Sciences, Faculty No. 2, Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, E-mail: Samejonodinaev@gmail.com, Phone: +(992) 988 33 37 72

Таълиму тарбия ва ба воя расондани насли ҷомеаи имрӯза масъулияти ҷиддиро аз аҳли ҷомеаи муосири Тоҷикистон талаб менамояд, зеро, таълим ва тарбия насли наврас аз домани модар ибтидо гирифта, то ба мустақилият қадам гузоштан эҳтиёҷ дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқӣ ва маърифати шаҳрвандӣ, инчунин, ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карданд, ки қобили дастгирии аҳли ҷомеа гардидааст.

Соҳаи маорифу муассисаҳои таълимӣ бояд дар иҷрои ин амри муҳим нақши бештаре дошта бошанд, Аз ҷумла Пешвои миллат зикр намуданд: «Бо беҳтарин шароити зиндагиву хизмат таъмин намудани хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, омода кардани кадрҳои баландихтисос, такмил додани дониши тахассусӣ ва сатҳи касбияти ҳайати шахсии ҷузъу томҳо, боз ҳам баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозон аз қабили ин тадбирҳо мебошанд» [1].

Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муассисаҳои олии таълмии касбӣ маҳсуб ёфта, барои омодасозии кадрҳои баландихтисос барои мақомоти корҳои дохилӣ, ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои кудратӣ фаъолият мебарад. Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зодаи даврони Истиқлоли кишвар буда, босамар фаъолият дорад.

Академия ҳамчун муассисаи олии касбӣ, дар давраи фаълияти худ ҳазорон кадрҳои баландихтисос ва ҷасуру далерро омода намудааст, ки онҳо дар лаҳзаҳои вазнину ҳассоси кишварамон, ҳомиёни воқеии Ватан ва ҳимоятгарони манфиатҳои миллӣ будани хешро исбот намудаанд.

Вазъияти ибтидои солҳои аввали соҳибистиқлоли кишвар, сарфи назар аз печидагиву дурнамои номуайян, алалхусус, мавҷудияти буҳрони кадрии он, зарурати омода намудани кадрҳои миллиро барои ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, бахусус барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тақозо менамуд.

Воқеан, Ҳукумати Тоҷикистон, хосатан Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин марҳилаи ташаккулёбии истиқлоли миллӣ ба рушди соҳаи илму маориф ва нерӯҳои ақлонии мамлакат аҳаммияти аввалиндараҷа зоҳир менамоянд. Пешвои муаззами миллат аҳли илму маориф ва қувваҳои солими зеҳниро хазинаи тиллоии мамлакат номида, дар ҳама кору пайкор, ҳолатҳои тақдирсозу душвор ва ҳалли муҳимтарин масоили ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ аз фикру ақида, хулосаҳои илмӣ, донишу таҷриба ва таклифу пешниҳодоти онҳо самаранок истифода менамоянд.

Дар замони Истиқлоли давлатӣ, бахусус баъд аз соли 1992 новобаста ба вазъи душвори ҷамъиятӣ-сиёсӣ Пешвои миллат шахсияти омӯзгорро ҳамчун мураббӣ ва созандаи ҷомеаи мутамаддин арҷгузорӣ намуда, ба шароити зист, таъмини рӯзгор ва маърифатнокии онҳо аҳамияти хоса дода, ба таълиму тармими тамоми сохтори маориф шуруъ намуданд.

Дар заминаи тадбиқи амалии сиёсати маорифпарваронаи давлату Ҳукумат, алалхусус Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, роҳбарияти ВКД, бахусус Вазири корҳои дохилӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ба масъалаи таъсис

ва рушди муассисаҳои таълимии вазорат, муҷаҳҳаз намудан бо муосиртарин шароити таълим, мутобиқсозии онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ, дастгирии пайвастаи омӯзгорон ва умуман мустаҳкам намудани иқтидори кадрии ин муассисаҳо, пайваста чораандешӣ менамоянд.

Далели ин, бо истифода аз маблағҳои буҷавӣ ва суратҳисоби махсус, давра ба давра баланд бардоштани музди маош ва дигар иловапулиҳо мебошанд, ки ба кормандон, омӯзгорон ва курсантони ин муассисаи таълимӣ пардохт карда мешаванд. Чунин дастгириҳои иҷтимоии роҳбарияти олии кишвар ба ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таълимии ВКД имрӯз низ идома дошта, дурнамои он дар "Барномаи рушди Академияи ВКД барои то соли 2043" дарҷ гардидааст.

Дар моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати тақвияти ҳимоя ва ҳифзи Ватан, арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои давлату ҷомеа муқаррарот пешбинӣ гардидааст [2, с. 11]. Яке аз самтҳои асосии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари таълиму тарбия ин дуруст ба роҳ монданаи тарбияи ҳуқуқии курсантон маҳсуб меёбад, ки мухтавои он дар Оинномаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт ёфтааст: «нигоҳ доштан ва афзун намудани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ ва илми ҷомеа, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, донишҳои илмӣ,сатҳи маълумотнокӣ ва маданиятнокии аҳолӣ - яке аз вазифахои муҳими Академияи ВКД Ҷумхрии Тоҷикистон маҳсуб меёбад» [3, с. 7].

Дар боби 7-уми Оинномаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Курсант ҳайати қаторӣ ва хурди роҳбарикунандаи ба ҳисоб меравад, ки бо тартиби муқаррар шуда ба шакли таҳсили рӯзонаи Академия қабул шуда, таҳсилро аз рӯи барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ мегузаранд» [3, с. 41]. Бояд тазаккур дод, аксарияти фанҳои таълимиро дар Академия маҳз фанҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки ба омӯзиши онҳо курсантон пурра фаро гирфта шудаанд.

Дар Академияи ВКД ба тарбияи эҳтироми қонун, маданият, арзишҳои демократия, фаъолияти волои шаҳрвандӣ ва масъулиятҳискунӣ эътибори хоса дода мешавад. Вазифаи тарбиявӣ аз идеали рафтори курсант дар ҷомеаи ҳуқуқбунёди демократӣ аз иҷрои меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии шуурона ва фаъолонагӣ сар мезанад. Дар ҳамин замина ҳамкории илмҳои педагогӣ, психологӣ ва ҳуқуқӣ асос меёбад: педагогика аз тарбияи меъёрҳои ахлоқ ба ҳуқуқ ҳаракат мекунад, ҳуқуқшиносӣ бошад, аз ҳуқуқ ба ахлоқ. Ин ҳар се илм вазифаи ягона – ташаккули маданияти ахлоқию ҳуқуқии курсантонро ҳал мекунад. Вазифаҳои муҳофизатӣ – посбонии ҳуқуқ муҳофизати риояи қонун, ҳуқуқи шаҳрвандро аз вайронкунӣ ва содир кардани ҷиноят нигоҳ медорад. Ин аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ: мақомоти корҳои дохилӣ, суд, прокуратура, нотариат ба ҷо оварда мешавад.

Шуурнокии курсантон барои амиқ аз худ кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ, муносибати ахлоқӣ кардан ба он мувофиқат мекунад. Донишҳои ҳуқуқӣ, ҳис ва тафаккур дар якҷояамалкунӣ дар курсант имкони инкишофи талабот ба рафтори ҳуқуқнигорӣ ва ирода, ки бахри фаъолона риоякунии меъёрҳои ҳуқуқ, мубориза алайҳи вайронкунандагони он равона карда мешавад. Ташаккули шууронаи ҳуқуқ мақсади ба курсантон тарбияи ҳуқуқӣ, маданяти ҳуқуқӣ додан аст, ки он ба худ инҳоро мегирад: донистани ҳуқуқ ба манфиати ташкилот, инсон, шаҳрванд, шахсии худ; талаботи шаҳрвандӣ дар адои ҳуқуқи манфиатӣ ва мубориза алайҳи вайронкуниҳои ҳуқуқро тақозо дорад. Доираи низоми тарбияи ҳуқуқии курсантон мақсади тарбияи ҳуқуқии насли ояндаи милитсия мебошад.

24-уми декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» имзо гузоштанд, ки ин низ қадами бузург дар тарбияи насли наврас маҳсуб меёбад. Қонуни мазкур барои тарбияи шаҳрван-

дон дар роҳи хизмати софдилонаву фидокорона ба Ватан, ифтихор аз ниёгон, арҷгузорӣ ба рамзҳои миллӣ ва ҷаҳду талошҳо баҳри фардои боз ҳам ободу дурахшони кишвар ва некуаҳволии рӯзафзуни халқ таҳия ва қабул шудааст. Дар баробари ин, табиист, ки Тоҷикистон кишвари ҷавонон буда, 70 % аҳолии кишварро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд, қишри мазкур меросбари ин марзу бум ба ҳисоб меравад. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24-уми декабри соли 2022, № 1920 [4] низ дар таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ва маънавии курсантони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзандаи худро гузошт.

Ҳамин тариқ, андешидани тадбирҳои судманд, таҳкими заминаҳои меъёрию тарбияи маънавӣ-ҳуқуқии курсантон дар партави ҳидоятҳои Пешвои миллат, фароҳамсозии шароити хуби иқтисодиву иҷтимоӣ - педагогӣ ва маънавию фарҳангӣ баҳри таҳсилу илмомӯзӣ, касбандӯзӣ, тахассусмандӣ, ташаккули ҳисси баланди ватандорӣ ва соҳибдавлативу фарҳангсолорӣ дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати бақои давлати ҳуқукбунёд ва осоиши мардум ва ваҳдати миллӣ маҳсуб меёбад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 28-уми декабри соли 2023 // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат 28.04.2025).
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: majmilli.tj (санаи муроҷиат: 28.04.2025).
3. Оинномаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон: Фармоиши ВКД ҶТ аз 25.04.2019, № 271б/з. – Душанбе, 2019. – 74 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24-уми декабри соли 2022, № 1920 // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: mmih.adlia.tj (санаи муроҷиат: 28.04.2025).

ТДУ 338.483

# РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ЗАХИРАҲОИ САЙЁҲИЮ РЕКРЕАТСИОНӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН*

**Аннотатсия.** Дар мақола ҷиҳатҳои такмилдиҳии соҳаи сайёҳӣ ва ислоҳот (мониторинг) дар минтақаҳои рекреатсионии вилояти Хатлон матраҳ гардидааст. Инчунин, ҷанбаҳои ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ, дастгирии давлатӣ ва самтҳои афзалиятноки сайёҳӣ дар вилояти Хатлон зикр гардидааст. Ҳамзамон, барои самаранок ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳию рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бахши хусусӣ ҷоннок карда шуда, зеро ки, бахши хусусӣ дар ҳамаи самтҳо, махсусан дар минтақаҳои сайёҳию рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузорад.

**Вожаҳои калидӣ:** соҳаи сайёҳӣ, мониторинг дар соҳаи сайёҳӣ, минтақаҳои рекреатсионӣ, самтҳои афзалиятноки соҳаи сайёҳӣ, ёдгориҳои меъмориву монументалӣ, сайёҳии таърихию фарҳангӣ, сайёҳии шикор-моҳидорӣ, сайёҳии варзишию лижаронии кӯҳӣ.

# РАЗВИТИЕ СЕКТОРА ТУРИЗМА В ПЕРИОД ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ТУРИСТИЧЕСКО-РЕКРЕАЦИОННЫЕ РЕСУРСЫ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

**Аннотация:** В статье рассматриваются вопросы совершенствования туристической сферы и реформирования (мониторинга) в рекреационных зонах Хатлонской области. Также освещаются правовые аспекты туристической сферы, государственная поддержка и приоритетные направления развития туризма в Хатлонской области. В то же время, для эффективного осуществления туристическо-рекреационной деятельности в Республике Таджикистан необходимо активизировать деятельность частного сектора, который вносит значительный вклад во все сферы, особенно в туристическо-рекреационную сферу Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** сфера туризма, мониторинг в сфере туризма, рекреационные зоны, приоритетные направления туризма, архитектурно-монументальные памятники, историко-культурный туризм, охотничье-рыболовный туризм, спортивный и горнолыжный туризм.

# DEVELOPMENT OF THE TOURISM SECTOR IN THE PERIOD OF STATE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: TOURISM AND RECREATIONAL RESOURCES IN KHATLON REGION

**Annotation.** This article examines the improvement of the tourism sector and reforms (monitoring) in recreational areas of the Khatlon region. It also covers legal aspects of the tourism sector, government support, and priority areas for tourism development in the Khatlon region. At the same time, for the effective implementation of tourism and recreational activities in the Republic of Tajikistan, it is necessary to strengthen the activities of the private sector, which makes a significant contribution to all areas, especially tourism and recreation in the Republic of Tajikistan.

**Key words:** tourism sector, monitoring in the tourism sector, recreational areas, priority areas of tourism, architectural and monumental monuments, historical and cultural tourism, hunting and fishing tourism, sports and mountain skiing tourism.

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Ташкили идоракунӣ дар ширкатои сайёҳии рекреатсионӣ: муаммо ва дурнамои он» омода шудааст.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:**
**Ниёззода Беҳруз Зафар** - омӯзгори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия; ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3; Телефон: +(992) 175-94-19-87; +(992) 001-10-87-94; E-mail: behruz.niyozzoda@mail.ru

**ИНФОРМАЦИЯ ОБ АВТОРЕ:**
**Ниёззода Бехруз Зафар** - преподаватель кафедры общественных дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, старший лейтенант милиции; г. Душанбе, улица Мастонгулова, 3; Телефон: +(992) 175 94 19 87; +(992) 001 10 87 94; E-mail: behruz.niyozzoda@mail.ru

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:**
**Niyozzoda Behruz Zafar** - teacher of the department Social Sciences faculty No. 2, Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, senior lieutenant of the police; Dushanbe, Mastongulov street 3; Phone: +(992) 175 94 19 87; +(992) 001 10 87 94; E-mail: behruz.niyozzoda@mail.ru

Масъалаи рушди соҳаи сайёҳӣ аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ масъалаи танзими соҳаи сайёҳӣ ба зиммаи якчанд вазорату кумитаҳо гузошта шуда буд. Бо мақсади такмил ва рушд додани соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат, соли 2017 соҳаи сайёҳии мамлакат ниҳоди мустақил - Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Соҳаи сайёҳӣ дар баъзе аз минтақаҳои рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон суст рушд кардааст. Ниҳоди тозабунёди соҳаи сайёҳӣ, барои таъмини мувозинати манфиатҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, дар байни аҳолии маҳаллӣ бояд ҷузъи муҳимтарини фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ гардад. Аз ҳамин лиҳоз, барои самаранок ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳию рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд бахши хусусӣ ҷоннок карда шуда, зеро ки, бахши хусусӣ дар ҳамаи самтҳо, махсусан дар рушди ҳамаҷонибаи минтақаҳои сайёҳию рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузорад. Таваҷҷӯҳи асосӣ дар рушди соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба минтақаҳои муҳофизатшаванда, ки дорои мавзеъҳои ҷолиби сайёҳӣ ва табобатию фароғатӣ мебошанд, равона карда шавад. Инчунин, сармоягузориҳо барои фароҳам овардани шароити мусоид ва рушди чунин ҳудудҳо (минтақаҳои сайёҳию рекреатсионӣ), аз ҷумла дар асоси хатсайрҳои сайёҳии қаблан таҳияшуда, ташкил намудани боздид ба ёдгориҳои бостонӣ, таърихӣ ва фарҳангии вилоят, ки дар шаҳру ноҳияҳои дурдаст қарор доранд, равона карда шаванд.

Масъалаҳои назария ва амалияи соҳаи сайёҳӣ таваҷҷӯҳи олимони соҳаи иқтисодиёт ва ҳатто муҳаққиқону олимони соҳаи ҳуқуқшиносиро низ ба худ ҷалб намудааст ва ҳар кадоме аз ин мутахассисони соҳаҳои зикргардида, масъалаҳои сайёҳиро ба соҳаҳои худ мансуб медонанд. Ин боиси он мегардад, ки сайёҳӣ таърифи ягона надошта, дар доираи баҳсҳои гуногуни илмӣ қарор дорад. Аз ин бармеояд, ки соҳаи сайёҳӣ падидаи мураккаби иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодии замони муосир маҳсуб ёфта, паҳлӯҳои гуногуни он зери назари илмҳои гуногун қарор дорад.

Мавриди зикр аст, ки дар вилояти Хатлон бо дар назардошти мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ, таърихию фарҳангӣ ва экологӣ, соҳаи сайёҳӣ метавонад яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти минтақа бошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамасола теъдоди

сайёҳони хориҷӣ барои боздид аз мавзеъҳои сайёҳии вилояти Хатлон ба кишвар ворид шуда, меафзоянд. Айни ҳол, дар вилоят 4 ширкати сайёҳӣ фаъолият дошта, шумораи онҳо бамаротиб зиёд хоҳад шуд. Дар ҳудуди вилоят тибқи шумора 753 намуд захираҳои сайёҳӣ, аз он ҷумла: 582 намуд ёдгориҳову мавзеҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, 32 адад осорхона, 32 намуд ёдгории шаҳрсозӣ, меъмориву монументалӣ (мавзеҳое, хотироти таърихиро ифода мекунад), 34 адад мавзеҳои табиии истироњатӣ мавҷуд буда, ба сайёҳони хориҷиву дохилӣ (мизоҷон) дар шаҳру ноҳияҳои вилоят хизматрасониро бо сифати баланд пешниҳод карда истодаанд. Инчунин 60 адад меҳмонхона фаъолият карда, ба сайёҳони хориҷию дохилӣ хизматрасонӣ карда истодаанд. Бояд зикр кард, ки дар ҳудуди вилоят 13 адад истироҳатгоҳҳову осоишгоҳҳои махсус фаъолият намуда истодааст, ки мавриди баҳрабардории сайёҳони дохиливу хориҷӣ қарор гирифта шудааст, ки ин дар такмил додани самти сайёҳии рекреатсионӣ ва рушди иқтисодиёт нақши муҳимро мебозад.

Самтҳои афзалиятноки сайёҳӣ дар вилоят:

– *сайёҳии кӯҳию варзишӣ, экологӣ* - бештар дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Балҷувон, Муъминобод, Норак, Левакант (Сарбанд), Хуросон, Шамсиддин Шоҳин ва Ховалинг созгор буда, дар ин замина роҳи Балҷувон - Сари Хосор, Кӯлоб - Чилдухтарон ва дар шафати роҳҳо хонаҳои типи нав ба мисоли Ҳомстей, Гестҳаус ва Ҳостел бо хизматрасонии обу ташноб бунёд карда мешаванд;

– *сайёҳии варзишию лижаронии кӯҳӣ* асосан дар ҳудуди ноҳияи Шамсиддин Шоҳин шароити мусоид барои ин навъи сайёҳӣ фароҳам буда, дар оянда бунёди базаи лижарониву сайёҳӣ ва аспсаворӣ мақсаднок мебошад;

– *сайёҳии шикор, моҳидорӣ* - бештар дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Дӯстӣ, Балҷувон, Муъминобод ва Шамсиддин Шоҳин афзалият дорад. Имрӯз дар байни сайёҳон ҳавасмандии мустақилона гирифтани моҳӣ дар ҷараёни сафар, бевосита пухтан ё омода намудани он хеле маъмулу машҳур буда, баҳри ҷалби сайёҳон ба ин минтақа ҳам аз нигоҳи сайёҳии дохилӣ ва ҳам байналмилалӣ созгор мебошад;

– *сайёҳии таърихию фарҳангӣ* дар аксари шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияҳои Вахш, Қубодиён, Восеъ, Шамсиддин Шоҳин, Балҷувон, Ховалинг, Муъминобод, Шаҳритуз ва Фархор бештар афзалият дорад. Мавриди зикр аст, ки шаҳри бостонии Кӯлоб зиёда аз 2700 сол таърих дошта, дар масири Шоҳроҳи Абрешим қарор дорад. Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо такя ба таърихи бою рангини шаҳри Кӯлоб онро дар соли 2015 ҳамчун шаҳри фарҳангиву таърихӣ дар байни давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил эълон намудааст. Ҳамзамон, шаҳри қадимаи маркази илмиву фарҳангии Хуталони қадим - Ҳулбук низ то имрӯз аз нигоҳи меъморӣ сохтмон ва масолеҳи он дар ҷаҳон ҳамто надорад;

– *сайёҳии солимгардонӣ - истироҳатӣ, санаторӣ* бештар дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Норак, Восеъ, Муъминобод, Темурмалик афзалият дорад. Боиси ифтихор аст, ки рӯз аз рӯз саноати сайёҳӣ дар ин минтақа рушд ёфта, бо сохтани роҳҳои сатҳи байналмилалӣ, нақбҳо, ба пойтахти мамлакат наздик будани шаҳру ноҳияҳо, аз қабили шаҳри Норак ва ноҳияи Восеъ ба сохтани инфрасохтори сайёҳӣ, таъсиси кемпингҳо ва осоишгоҳҳо сармояи дохилӣ тақозо дорад;

– *сайёҳати динӣ ва зиёратӣ* бештар дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Норак, Дӯстӣ, Шаҳритуз, Кӯлоб, Данғара, Балҷувон, Муъминобод, Шамсиддин Шоҳин ва Ховалинг афзалият дорад. Мавриди зикр аст, ки тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят аз нигоҳи самтҳои афзалиятноки соҳа диққатҷалбкунанда ва тамошобоб мебошанд. Махсусан мавзеъҳои Тахти Сангин, Чилучорчашма, Чилдухтарон, мақбараи Имом Зайналобиддин, олим ва мутафаккири Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ солҳои охир таваҷҷӯҳҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намуда истодаанд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Ёров, Ҷ.Н., Сайфуллоев, Н.Н., Гулмирзоев, Р.Н., Сангинов, Д.Ш. Иқтисоди бозори сайёҳӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. – 276 с.

2. Диловаров, Р.Д., Ёров, Ҷ.Н., Сайфуллоев, Н.Н. Асосҳои туризм: китоби дарсӣ. – Душанбе: ДМТ, 2014. – 194 с.

3. Жукова, М.А. Менеджмент в туристском бизнес: учебное пособие / 3-е изд. перераб. и доп. – М.: КНОРУС, 2015. – 192 с.

4. Исайнов, Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ. - Душанбе: Ирфон, 2018. – 648 с.

5. Сангинов, Д.Ш. Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2012. – 210 с.

6. Комилов, С.Ҷ., Давлатзод, У. Иқтисодиёти корхонаҳо: дастури методӣ. – Душанбе, 2000. – 77 с.

**ТДУ 316.72**

## МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР МАРҲАЛАИ НАВИ РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аннотатсия:** Дар шароити ноустувории стратегӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва тағйири босуръати фазои иттилоотӣ дарки омилҳои фарҳангӣ ҷиҳати таҳияи технологияҳои самарабахши сиёсӣ, ки ба таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлат нигаронида шудаанд, муҳим арзёбӣ мегардад. Бо назардошти ин, давоми солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон, фарҳанг на танҳо як соҳаи ҷудогона, балки ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳамаҷонибаи давлатӣ мебошад, ки ба ноил шудан ба рушди устувору мутаносиби кишвар нигаронида шудааст. Дар заминаи дастовардҳо, дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳое мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, ки дар стратегияи рушди давлатдории миллии кишвар ҳамчун омилҳои фарҳангӣ таъсиргузор мебошанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** тамаддуни умумибашарӣ, фарҳанги миллӣ, ҳамбастагии таърихӣ, бегонапарастӣ, арзишҳои миллӣ, эҳёи миллӣ, низоми арзишҳо, адабиёти рақобатпазири миллӣ, хатти ниёгон, таъсирпазирӣ, идеология.

## АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ НАЦИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЫ НА НОВОМ ЭТАПЕ РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

**Аннотация:** В условиях стратегической нестабильности в системе международных отношений и стремительных изменений в информационном пространстве понимание культурных факторов считается важным для разработки эффективных политических технологий, направленных на обеспечение национальной безопасности и защиту интересов государства. Учитывая это, за годы независимости Таджикистана культура стала не только отдельной сферой, но и неотъемлемой частью комплексной государственной политики, направленной на достижение устойчивого и сбалансированного развития страны. На основе достигнутых успехов в данной статье анализируются и рассматриваются некоторые вопросы, влияющие на стратегию развития национальной государственности страны в качестве культурных факторов.

**Ключевые слова:** общечеловеческая цивилизация, национальная культура, историческая солидарность, ксенофобия, национальные ценности, национальное возрождение, система ценностей, конкурентоспособная национальная литература, персидское письмо, влияние, идеология.

## CURRENT ISSUES OF NATIONAL CULTURE AT THE NEW STAGE OF DEVELOPMENT OF STATEHOOD OF TAJIKISTAN

**Abstract:** In the context of strategic instability in the system of international relations and rapid changes in the information space, understanding cultural factors is considered important for the development of effective political technologies aimed at ensuring national security and protecting the interests of the state. Given this, during the years of independence of Tajikistan, culture has become not only a separate sphere, but also an integral part of a comprehensive state policy aimed at achieving sustainable and balanced development of the country. Based on the achievements, this article analyzes and discusses some issues that are influential in the development strategy of the country's national statehood as cultural factors.

**Key words:** universal civilization, national culture, historical solidarity, xenophobia, national values, national revival, value system, competitive national literature, ancestral writing, influence, ideology.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:**
**Талбаков Саидаҳтам Исроилович -** сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Шоҳтемур 27; тел: +(992) 987 97 59 46; e-mail: talbakov.2018@mail.ru

**ИНФОРМАЦИЯ ОБ АВТОРЕ:**
**Талбаков Саидахтам Исроилович -** начальник Управления анализа и прогнозирования внутренней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, 734025, Таджикистан, Душанбе, улица Шохтемур 27; тел: +(992) 987 97 59 46; e-mail: talbakov.2018@mail.ru

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:**
**Talbakov Saidahtam Isroilovich** - head of the department of analysis and forecasting of internal policy of the Center for strategic research under the President of the Republic of Tajikistan, 734025, Tajikistan, Dushanbe, Shohtemur st 27, tel.: +(992) 987 97 59 46; e-mail: talbakov.2018@mail.ru

Яке аз масъалаҳое, ки таҳаррукдиҳандаи рушди давлатдории миллӣ арзёбӣ мегардад, ин вазъи соҳаи фарҳанг ба шумор меравад. «Фарҳанги ҳар як халқ нодир буда, барои инсоният ва тамаддун арзиши бебаҳое дорад. Вале соҳаҳои барои ин ё он мардум нав ба вуҷуд меоянд, ки онҳоро бояд бо фарҳанги мавҷудаи халқ дарк намуд» [7, с. 5]. Аз ин рӯ, бо назардошти тағйирпазирии ҷомеа ва таҳдиду ҷолишҳои эҳтимолии ҷаҳони муосир, таваҷҷуҳ намудан ба ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ кафолати ҳастии миллат ва рушди давлатдории миллӣ ба шумор меравад.

Тоҷикистони ҷавон ва мардуми шарифи сарбаланди он аз ворисони фарҳангу тамаддуни шукуҳманди бостонӣ ва бахши як миллати мутамаддину некноми дунёи қадим мебошанд, ки ватани онҳо сарзаминҳои паҳновари як хитаи бузурги оламро фаро мегирифт. «Дар ҳазорсолаи охир надоштани истиқлолияти сиёсиву давлатӣ натавонист мардумро аз шоҳроҳи таърихи Осиёи Марказӣ барканор созад» [7, с. 3].

Ҳамин аст, ки дар тули умри дарози таърихӣ ва фарҳангии хеш ин мардум бо васфи сарнавишту саргузашти ноҳамвор ва замонаҳое тираву фоҷеабор ҳамбастагии таърихӣ, ягонагии фарҳангиву маънавӣ ва шукуҳу азамати фарҳангу тамаддуни ҳудро нигоҳ доштаанд. Ба андешаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон: ҳар як ташаккул мубориза аст ва чунин ҳолат дар таърихи тоҷикон дар шакли ниҳоят бераҳмона зоҳир гашт. «Маҷрои инкишофи халқи тоҷик гоҳо аз хуни фарзандонаш, ки ҷони худро барои фарҳанг ва озодӣ қурбон менамуданд, пур мешуд. Вале ин халқе буд, ки ба зарбаҳои бераҳмонаи ҷисмоние, ки мерасонданд, бо фарҳанг ва забони волои худ ҷавоб медод. Фарҳанги халқи азиятдида ғолибонро сархам месохт» [7, с. 4].

Махсусан иқдомоти дар замони соҳибистиқлолӣ амалинамудаи Ҳукумати мамлакат ба рушди фарҳанг, ҳифзи меросу анъана ва суннату арзишҳои миллӣ ва дар натиҷа ба раванди болоравии сатҳи маънавиёти ҷомеа такони бузург бахшиданд. Аз ҷумла, маблағгузории соҳаи фарҳанг ва варзиш дар Тоҷикистон аз оғози аср беш аз 130 баробар афзоиш ёфтааст. «Агар соли 2000-ум аз буҷети давлатӣ барои соҳаи фарҳанг ва варзиш ҳамагӣ 13 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2024-ум ин нишондиҳанда 1 миллиарду 716 миллион сомониро ташкил дод» [6].

Таҷрибаи як қатор кишварҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки арзишҳои бунёдии миллиро аз таърих ва фарҳанги хеш бояд ҷуст. Бо назардошти ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша зимни суханрониҳои хеш фарҳангро «ҳастии миллат» ва «асоси мавҷудияти ҳар давлат» арзёбӣ менамоянд. Аз ин рӯ, бо боварии комил метавон гуфт, ки фарҳанг бо мақсадгузориҳои муайяни инсонӣ ва дар ҳаёт амалӣ гардидани ин ормонҳо алоқамандии зич дорад.

Таҳлили сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳангии баёнгари он аст, ки ин сиёсат ба таҳкими ваҳдат, ягонагӣ, ҳувияти миллӣ ва рушди устувори тамоми соҳаҳо, тавассути оммавӣ гардонидани мероси таърихию фарҳангӣ нигаронида шудааст. Маҳз дар натиҷаи чунин сиёсатгузориҳо имрӯз мероси фарҳангии халқи тоҷик аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчун ганҷинаи беназири тамаддуни башарӣ эътироф гардидааст. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг на танҳо бо эътирофи рамзӣ, балки бо ворид намудани фаъолонаи омилҳои фарҳангӣ дар равандҳои банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ хос аст.

Дар ҳоле, ки дар таърихи миллӣ нахустин маротиба Куруши Кабир ба тамаддун, эътиқод, афкор, мазҳаб ва суннати иҷтимоии миллатҳои мағлуб ба дидаи эҳтиром менигарист, аксари наслҳои имрӯзаи мо, ки бар асари фишору бориши мағзии ифротӣ ҳувияти бегонаро пазируфтаанд, дар масири бегонагӣ ҳаракат карданро авло медонанд [5, с. 106].

Ба андешаи профессор Ятимов С.С. «фосила гирифтан аз арзишҳои миллӣ, саҷда овардан ба хурофот ва фарҳанги бегона ҳамчун натиҷа, раванди босуръати рӯз то рӯз ифротишавии ҷомеа, ҷилвагар шудани номи намояндагони миллат дар ҳар кунҷу канори дунё дар алоқамандӣ бо кирдорҳои террористӣ ва экстремистӣ обрӯ ва манзалати миллатро дар назди оламиён шадидан коста мегардонад» [11, с. 11]. Зеро ин раванд, самтгирии наврасону ҷавононро ҷониби ҷодаи шикасти манзалат ва маънавиёти миллӣ меафзояд.

Ҳамин аст, ки мо тайи солҳои тӯлонӣ аз як навъ падидаи иҷтимоии ифтихороти сатҳӣ ранҷ мебарем ва ҳамеша аз гузаштагони худ бебаркаш ифтихор мекунем, дар ҳоле ки осори онҳоро ҷиддӣ намеомӯзем, афкори пешқадамашонро дар амал татбиқ намекунем. Ҳолати мо ҳолати назариявӣ буда, ба амалгаройӣ кам таваҷҷуҳ дорем ва ё ба он, аслан эътино намекунем.

Равиши муосири идеологӣ ва сиёсию фарҳангӣ ба амалгаройӣ такя мекунад, аз ин рӯ, вазъи имрӯза зарурати аз назария ба амалия гузаштанро тақозо менамояд. Дар шакли шиорпароканӣ аз ифтихороти миллӣ садо баровардан басанда нест. Ин ифтихоротро дар амал татбиқ бояд намуд ва албатта, на бо забон, балки бо кору пайкори самимӣ ва орӣ аз тамаъу ҳирс.

Бо назардошти ҳассосияти масъала ва зарурати омӯзиши таҷрибаҳои муваффақ донишмандони тоҷик таҳқиқотҳои арзишмандро рӯйи кор овардаанд. Таҷрибаҳои нишон медиҳад, ки миллатҳои пешқадам ва ҳушманди олам аз худ намунаи рафторҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангӣ нишон дода, ҷиҳати таъмини устувории сохти давлатдорӣ аз арзишҳои фарҳангӣ ба таври самарабахш истифода намудаанд.

Аз ҷумла, профессор Ятимов С.С. ҳамчун намунаи таърихии эҳёи миллӣ Даврони Эҳёи Авруподро медонад, ки аврупоиён бо ин бузургӣ Даврони Эҳёи худро ҳафтсад сол қабл, дар нимаи дуюми асри XIV оғоз намуданд. Ба андешаи мавсуф, «мақсади аслии ин таҳаввулот ба замон, талабот, ниёзҳои рӯзафзуни иқтисодӣ ва иҷтимоии инсон мувофиқ кунонидани ҷаҳонбинӣ – ҳолати руҳӣ, равонӣ, ахлоқӣ, маданӣ ва маънавии ҷомеа тавассути инқилоб дар соҳаи маориф, илму техника, фарҳанг ва маданият ба ҳисоб мерафт» [11, с. 19].

Даврони Эҳё ба мафҳумҳои воқеӣ ва сиёсии Забон, Миллат, Ватан ва ватандорӣ асос гузошт. Руҳи мардум ба манфиатҳои заминӣ, марзу бум, рушду тараққии сарзамини аҷдодӣ мутаваҷҷеҳ гардид. Юғи бегонапарастӣ, саҷда овардан ба муқаддасоти ғайримиллӣ, космополитикӣ аз гардани мардуми авом бардошта шуд. Акнун ҳар намояндаи миллатҳои аврупоӣ аз кишвари худ, аз миллати худ, аз қаҳрамонҳои миллии худ ифтихор мекард. Маҳз онҳоро тараннум менамуд. Барои наслҳо ҳамчун намунаи рафтор ташвиқу тарғиб мекард.

Дар воқеъ, беҳтарин натиҷаи Даврони Эҳё эҳсос ва тамоюли бузурги омма ҳамчун миллатҳои зери таъсири сиёсат, адабиёт, фарҳанг ва маданияти

миллӣ ташаккулёфта, ба таъсиси давлат ва ҳукуматҳои пурқувват барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ буд.

Маҳз ин ҳиссиёт дар баробари олимон ва ихтироъкорони бузург, ки барои иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии давлатҳои миллӣ кор мекарданд, наслҳои нави давлатмардон ва сиёсатмадоронро рӯйи саҳна овард. Онҳо бо тамоми неру ва бо такя ба илм барои эҳёи ватани воқеӣ, на ормонӣ ва космополитикӣ, бо ҳисси хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ шуруъ карданд.

Ба андешаи Асадзода Н., «дар низоми арзишии мо унсурҳои бисёр муҳими таркибӣ, аз ҷумла шахсиятҳо, улгӯҳо ва қаҳрамонҳои миллӣ то ҳанӯз ҳадафмандона ва ба таври шоиста шакл дода нашудаанд. Аз ин аст, ки дидгоҳи мардуми мо дар бораи шахсиятҳо ва улгӯҳои миллӣ таноқузҳои ҷиддӣ ва бунёдӣ дорад». Дар воқеъ, таноқузи ҷиддии дидгоҳи як миллат дар бораи қаҳрамонҳояш усулан имкон намедиҳад, ки он қаҳрамонҳо ва дар зимн корномаҳои онҳо дар сатҳи умум пазируфта шаванд [1].

Масалан, дидгоҳи мутаноқиз ва аҷиби муаррихони мо дар бораи Куруши Бузург ва корномаҳои таърихии ӯ имкони улгӯсозӣ ва қаҳрамонсозиро аз ин шахсияти барҷастаи таърихӣ хеле мушкил ва ҳатто номумкин месозад. Зеро аз як сӯ, мо вайро асосгузори нахустин абардавлат (империя)-и башарӣ ва муттаҳидкунандаи ақвоми эронитабор медонем, вале аз сӯи дигар, мутобиқи талқини муаррихони системаҳои идеологии дигар ва алалхусус таърихнигорони шӯравӣ то ҳанӯз вайро истилогару ғоратгар ба намоиш гузошта, фарзияи беасоси кушта шуданашро ба воситаи лашкариёни Томирис ҳамчун ҳақиқати бидуни баҳс тасвир ва талқин мекунем, дар ҳоле, ки ҳатто нахустин ироакунандаи ин фарзия-Ҳеродот низ онро на ҳақиқати бидуни баҳс, балки фақат яке аз фарзияҳо, он ҳам аҷибтарин фарзияи марги Куруш донистааст.

Искандар Мақдунӣ яке аз ҳамин гуна чеҳраҳост, ки дар таъриху фарҳанги мо баъд аз ҳуҷуми арабҳо таҳти таъсиру талқини ҳадафмандонаи муфассирону мубаллиғони динӣ ба тадриҷ аз як симои манфӣ ба як симои мусбат табдил ёфтааст. Дар робита ба чунин тамоюл, Муҳаммад А.Н., иброз медорад, ки «ҳамин бегонапарастӣ буд, ки Искандари Мақдуни Эрони бузургро порапора кард, китоби Авасторо сухт ва мо то имрӯз «Хираднномаи Искандарӣ» мехонем» [4, с. 34].

Ба андешаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бойи фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш огоҳӣ надорад, ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди барӯманди замони худ шуда наметавонад» [8, с. 5].

Аз ин рӯ, зарурат дорад, ки барои ҳалли ин масъалаи ҷиддӣ ва таҳияи заминаи ташаккули худшиносии миллӣ ҳатман ҷанбаҳои баҳсбарангези таърихи миллатамон бозбинӣ ва бознависӣ шаванд. Хушбахтона, дар ин росто таърихи миллатамон он қадар саҳнаҳои ифтихорбарангез ва чеҳраҳои барҷаста дорад, ки мо мисли баъзе миллатҳо ҳеҷ ниёзе ба таърихсозии дурӯғин ва чеҳрасозиҳои қалбакӣ надорем. Фақат он лаҳзаҳову саҳнаҳо ва чеҳраҳои барҷастаро бармало ва ба хотири зеҳниятсозиву боло бурдани сатҳи худшиносии миллӣ ва эҳсоси меҳанпарастии мардум истифода бояд кард.

Ҳамзамон вазъи таҳия ва нашри адабиёти рақобатпазири миллӣ дар баробари адабиёти хориҷӣ яке аз масъалаҳои нигаронкунанда буда, дар ин самт пешравиҳо чандон қаноъатбахш нест. Ин ҳолат дар оянда метавонад боиси аз байн рафтани ҳувият ва вижагиҳои фарҳангӣ ва паст шудани сатҳи ҷаззобияти адабиёти миллӣ ҳамчун ҷузъи мероси фарҳангӣ гардад.

Тибқи таҳлилҳо аксари «олимон»-и имрӯзаи кишвар худашон сарчашмаҳои хаттиро наомӯхтаанд, ҳатто бо сабаби надонистани алифбои ниёгон ё забони матн онҳоро таҳқиқ карда наметавонанд. Онҳо маълумоти мухталифро аз таърихнигории шуравӣ ва тоинқилобии русӣ ҷамъоварӣ менамоянд. Чунин

нусхабардориро бо забони русӣ ва ё тоҷикӣ бештар ба охирин хулосаи илмӣ пешниҳод мекунанд [3, с. 82].

Аз ин рӯ, бо мақсади фароҳам овардани дастрасии мардум ба адабиёти ҷаҳон, бахусус, адабиёти илмӣ, инчунин, бо забонҳои хориҷӣ тавассути асарҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва бадеии олимону эҷодкорони кишвар муаррифӣ кардани таъриху фарҳанги миллати куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик зарурати таъсиси маркази алоҳидаи тарҷума ва баргардони асари илмиву бадеӣ ба миён омад [9]. Ҳамин тавр, соли 2025 Муассисаи давлатии «Маркази миллии тарҷума»-и назди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуд, ки як қадами муҳим дар самти ҳифзи арзишҳои фарҳанги ниёгон ба шумор меравад. Аммо масъалаи омӯзиши хатти ниёгон дар миёни ҷомеаи мутамаддини тоҷик то ҳанӯз як масъалаи баҳсбарангез боқӣ мемонад.

Аз як ҷониб, дур шудан аз хатти форсие, ки ба он давоми қарнҳо мероси азими фарҳангию илмии тоҷикиву форсӣ эҷод шудааст, аз бузургтарин иштибоҳ ва фоҷеаи сиёсию фарҳангӣ арзёбӣ мегардад. Аз ҷониби дигар, ҳатто дар миёни субъектҳое, ки ба таҳқиқу омӯзиш ва ҳифзу муаррифии арзишҳои фарҳангӣ сару кор доранд таноқузҳо роҷеъ ба омӯзиши хатти ниёгон мушоҳида мегардад.

Ҳамин тавр, бо мақсади пойдорӣ ва инкишофи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷомеа, зарурат ба миён омадааст, ки масъалаи хатти ниёгон ҳамчун арзиши фарҳангии миллат дар низоми манфиатҳои миллӣ мушаххас карда шавад. Ҳамзамон, муайян намудани ҷойгоҳи хатти ниёгон дар дурнамои рушди давлатдории миллӣ муҳим арзёбӣ мегардад, ки ба низоми таҳсилоти кишвар робитаи ногусастанӣ дорад.

Зеро, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки доираи фаҳмиши аксари ҷомеа роҷеъ ба мафҳуми фарҳанг бисёр ҳам маҳдуд буда, дар низоми арзишҳои фарҳангӣ танҳо унсурҳои рақсу сурудро мефаҳманд. Дар ҳоле, ки доираи фарҳанг хеле васеъ, муҳим, ҷиддӣ ва мағзу идеологияи миллат буда, маҷмуи ниёзмандиҳои ҷомеаро дар худ меғунҷонад ва дастовардҳои моддию маънавии халқро, ки дар тули таърих кашф намудааст ҳифз менамояд.

Албатта, рақсу суруд низ ҷузъҳои таркибии фарҳанг ҳастанд, аммо доираи фарҳанг ба ин маҳдуд набуда, балки "маҷмуи арзишҳои моддию маънавӣ, ки ба рушди маънавӣ, қонеъ гардондани завқу ҳиссиёти зебоипарастии шахс ва ташаккули шахсият равона гардида"-ро дар бар мегирад [2]. Яъне, фарҳанг дарбаргирандаи тамоми паҳлуҳои муҳими ҳаёти ҷомеа ба шумор рафта, дарку фаҳм ва истифодаи мақсадноки он авҷи камолоти инсон арзёбӣ мегардад.

Аз ин рӯ, дар шароити муосир фарҳанг бояд ҳамчун абзори асосӣ баҳри бунёди идеологияи миллӣ ва таъмини амнияти миллӣ ба таври самарнок истифода шавад. «Дар маҷрои тағйиротҳои серҳаракати ҷаҳони имрӯз фарҳанг на танҳо мавриди таъсирпазирии дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа қарор мегирад, балки аз бисёр ҷиҳат худ ба равандҳои ҷомеаҳои муосир таъсиргузор мебошад, самти арзишии ин падидаҳоро дар зеҳни мардум меғунҷонад ва мутаносибан дидгоҳу мавқеъгириҳои субъекту объектҳои онҳоро замина мегузорад» [10, с. 166]. Дар чунин вазъи мураккабу хатарзои сиёсӣ ва фарҳангии минтақа, дар баробари ҳифз ва пойдору устувор нигаҳ доштани истиқлол ва ваҳдати миллӣ, фарҳанг ва забону адабиёти мо низ барои муқовимат бо ин гирдбодҳои нави таърих ниёз ба омӯзиш ва муаррифии бештар дорад.

## Адабиёти истифодашуда

1. Асадзода, Н. Арзишҳо. Арзишҳои миллӣ ва низоми арзишҳо. Нақши таъйинкунандаи онҳо дар ташаккули ҳувийяти миллӣ ва мавқеъгирии давлатӣ / Н. Асадзода // Илм ва Ҷомеа. - 2025. - № 1 (39). - С. 50-67.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг” аз 3-юми январи соли 2024, № 2033.

3. Масов, Р. Актуальные проблемы историографии и истории таджикского народа: монография. - Душанбе, 2005. – 93 с.

4. Муҳаммад, А.Н. Давлатдории Сомониён: азамат ва ғуруби он (таҷрибаи таҳлили сиёсатшиносии этникӣ)/ А. Н. Муҳаммад. – Душанбе : Дониш, 2019. – 52 с.

5. Нуров, Н. Бегонашавӣ ва фарҳанги миллӣ / Н. Нуров // Илм ва ҷомеа. – 2016. - № 1 (1). – С. 16-20.

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 28-уми декабри соли 2024 / Ҷумҳурият. 30.12.2024. №: 251.

7. Раҳмонов, Э. Дирӯз ва имрӯзи тоҷикон. – Душанбе: Шарқи Озод, 1997. - 36 с.

8. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. - Лондон, 2000. – 343 с.

9. Суханронӣ дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. 27-уми августи с. 2022 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event_by_theme/internal_politics/education/26597 (санаи муроҷиат: 17.09.2025).

10. Усмонзода, Х.У. Хусусиятҳои ниҳодишавии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар марҳилаи дигаргуншавии робитаю арзишҳои фарҳангӣ / Х. У. Усмонзода, С. И. Зокиров // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2023. – № 4(8). – С. 163-180.

11. Ятимов, С.С. Эҳёи миллат – баҳои давлат / С.С. Ятимов // Илм ва ҷомеа. – 2023. - № 2-3 (32-33). – С. 14-33.

**ТДУ 32.019.52**

# УНСУРҲОИ АСОСИИ ИДОРА НАМУДАНИ АФКОРИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ШАРОИТИ КУНУНӢ

**Аннотатсия:** Дар мақола муаллифон масъалаи афкори ҷамъиятӣ ва унсурҳои асосии идора намудани онро дар марҳилаи нави давлатдории миллӣ, мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Қобил ба таъкид аст, ки баробари пайдоиши инсон то айни ҳол афкори ҷамъиятӣ нақши амиқро дар тамоми соҳаҳо доро буду ҳаст. Бо дарки ин гуфтаҳо шароити кунунӣ роҳандозӣ намудани унсурҳои нави идора намудани афкори ҷамъиятиро ба миён мегузорад. Афкори ҷамъиятӣ омили муҳимест, ки ба қабули қарорҳо ва фаъолият дар соҳаҳои гуногун таъсир мерасонад. Афкори ҷамъиятӣ дар илмҳои ҷамъиятшиносӣ ба фаҳмидани динамикаи ҷомеа, дар психология нақши таъсири гурӯҳӣ, дар сиёсатшиносӣ ҳамкорӣ бо сохторҳои ҳокимият ва дар маркетинг ба интихоби истеъмолкунандагон мусоидат менамояд. Таъсири афкори ҷамъиятӣ таҳлилу таҳқиқи хосаро талаб мекунад, омӯзиш ва тарҳи механизмҳои идоракунии он барои давлат метавонад воситаи муассирро барои таъмини амалисозии ҳадафу мақсадҳои стратегиро муҳайё намояд, зеро афкори умум метавонад самти рӯйдодҳоро ба таври назаррас дар соҳаҳои мухталиф тағйир диҳад.

**Вожаҳои калидӣ:** афкор, ҷамъият, падида, давлатдории миллӣ, шароити кунунӣ, тайғироти нав, қарор, нақш, таъсир.

# ОСНОВНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ УПРАВЛЕНИЯ ОБЩЕСТВЕННЫМ МНЕНИЕМ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Аннотатсия:** В статье авторы рассматривают проблему общественного мнения и основные элементы управления им на новом этапе. Следует подчеркнуть, что с момента зарождения человечества и до наших дней общественное мнение играет важнейшую роль во всех сферах. В связи с этим текущая ситуация требует внедрения новых элементов управления общественным мнением. Общественное мнение является важным фактором, влияющим на принятие решений и деятельность в различных сферах. В социальных науках общественное мнение способствует пониманию динамики общества, в психологии – роли группового влияния, в политологии – взаимодействия с государственными структурами, а в маркетинге – выбора потребителей. Влияние общественного мнения требует специального анализа и исследования, изучения и разработка механизмов его управления может предоставить государству эффективный инструмент для обеспечения реализации стратегических целей и задач, поскольку общественное мнение может существенно изменить ход событий в различных областях.

**Ключевые слова:** мнение, общество, явление, национальная государственность, современные условия, новые изменения, решение, роль, влияние

# KEY ELEMENTS OF PUBLIC OPINION MANAGEMENT IN MODERN CONDITIONS

**Annotation.** In this article, the authors examine the problem of public opinion and the key elements of its management in a new era. It should be emphasized that from the dawn of humanity to the present day, public oponion has played a crucial role in all spheres. Therefore, the current situation requires the introduction of new elements of public opinion management. Public opinion is an important factor influencing decision-making and actions in various fields. In the social sciences, public opinion contributes to understanding the dynamics of society; in psychology, it contributes to understanding the role of group influence; in political science, it contributes to understanding interactions with government agencies; and in marketing, it contributes to understanding consumer choice. The influence of public opinion requires special analysis and research; the study and development of mechanisms for its management can provide the state with an effective tool for ensuring the implementation of

strategic goals and objectives, since public opinion can significantly change the course of events in various areas.

**Key words:** opinion, society, phenomenon, national statehood, modern conditions, new changes, decision, role, influence

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:**

**Фаттоев Масрур** – омӯзгор-ҳамкори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734012, ш. Душанбе, кӯч. Мастонгулов, 3; тел: +(992) 908 48 51 51

**Шарифхонзода Моҳира Шарифхон** – унвонҷӯйи кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, мутахассиси пешбари Раёсати таҳлил ва ояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89; тел: +(992) 918 36 21 22; e-mail: mohirasharifkhonzoda@gmail.com

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:**

**Фаттоев Масрур** – преподаватель кафедры общественных дисциплин Академии МВД Республики Таджикистан, 734012, Душанбе, ул. Мастонгулова, 3; тел.: +(992) 908 48 51 51.

**Шарифхонзода Мохира Шарифхон** – соискатель кафедры международных отношений Таджикского национального университета, ведущий специалист Отдела анализа и прогнозирования внутренней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 89; тел.: +(992) 918 36 21 22; e-mail: mohirasharifkhonzoda@gmail.com

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**

**Fattoev Masrur -** lecturer, Department of Social Sciences, Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, 734012, Dushanbe, Mastongulova Street, 3; Tel.: +(992) 908 48 51 51.

**Sharifkhonzoda Mokhira Sharifkhon**, - researcher of the Department of International Relations, Tajik National University; Leading Specialist, Department of Domestic Policy Analysis and Forecasting, Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan, 89 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Tel.: +(992) 918 36 21 22; Email: mohirasharifkhonzoda@gmail.com

Афкори ҷамъиятӣ ҳолати мубрами шуури оммавӣ мебошад, ки дар атрофи ҳолатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ ташаккул меёбад. Дар маҷмуъ он муносибати гурӯҳҳои одамонро вобаста ба ҳолатҳои зикргардида ифода менамояд. Афкори ҷамъиятӣ мафҳуми калидӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ мебошад, зеро, он маҷмӯи ақидаҳо, эътиқод ва рӯҳияи дар байни як гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё тамоми ҷомеа паҳншударо инъикос мекунад. Он ҳамчун нишондиҳандаи муҳими фазои иҷтимоӣ, суботи сиёсӣ ва дараҷаи ризоияти ҷамъиятӣ дар масъалаҳои гуногун хизмат мекунад.

Афкори ҷамъиятӣ ҷузъи муҳими раванди иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Дар ҷомеашиносӣ он ҷиҳати фаҳмидани рӯҳияи коллективӣ ва тамоюлҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад, дар ҳоле ки дар сиёсатшиносӣ он ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи дастгирии ҷамъиятӣ хизмат менамояд ва ба амалисозии қарору стратегияҳои сиёсӣ таъсир мерасонад. Дар баробари ин, то ҳол дар муҳити илмӣ бархе аз назарҳо бар ихтилофи тавсифҳои болозикршуда, мафҳуми афкори ҷамъиятиро бо унсурҳои мафҳуми шуури ҷамъиятӣ алоқаманд менамоянд.

Шуури оммавӣ ё ҷамъиятӣ ҳамчун натиҷаи ҷараёнгирии афкори ҷамъиятӣ маҷмуи донишу тасаввурот, авзои умумӣ ва ҳиссиёту таассубҳое ба ҳисоб меравад, ки тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеаро инъикос менамояд. Дар баробари ин, шуур аз рӯйи дараҷаи огоҳӣ ба маъмулӣ, касбӣ ва илмӣ, инчунин аз ҷиҳати субъектҳо ба чор категория таснифбандӣ мегарад:

– инфиродӣ;
– гурӯҳӣ;
– оммавӣ;
– ҷамъиятӣ.

Афкори ҷамъиятӣ дар таносуб ба гуфтаҳои болозикр чун зинаи ниҳоӣ ва олитарин –дараҷаи мубрамнокшудаи шуур, ки фарогири тамоми категорияҳои ҷомеа вобаста ба масъала ё мавзӯи муайян мебошад. Аз ин рӯ, идораи афкори ҷамъиятӣ, ки зери таъсири ҳам таҷрибаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳам фаъолияти мақсадноки таблиғотии давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятию динӣ, гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ ва воситаҳои ахбори омма ба вуҷуд меояд барои таъмини иҷтимоикунонии сиёсӣ муҳим аст.

Афкори ҷамъиятӣ низ чун дигар мафҳумҳои идоракуниро талаб менамояд. Идоракунии самараноки афкори ҷамъиятӣ ва таҳлили он калиди суботи сиёсӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи ҷомеа мебошад. Дар ин маврид, афкори ҷамъиятӣ нисбат ба шуури ҷамъиятӣ хусусияти мубрамнок дошта, ҷиҳати амалисозии равандҳои иҷтимоикунонӣ муҳим мебошад.

Иҷтимоикунонӣ дар навбати худ раванди шомилсозии шахсро ба низоми иҷтимоӣ дар бар мегирад. Тавре Н.Луман шарҳ медиҳад: «Ҳокимияти сиёсӣ ядрои асосии системаҳои сиёсии ҷомеа маҳсуб ёфта, системаи сиёсӣ, дар навбати худ, мавриди амалисозии мақсадҳо дар ҷомеа бо ёрии коммуникатсияҳо амалинамоии ҳокимияти сиёсиро ба роҳ мемонад»[4]. Аз ин ҷиҳат, усули муассири роҳандозӣ намудани коммуникатсияҳо барои идоракунии афкори ҷомеа ҳамчун унсури ҳаётан муҳим дар таҳкими суботи сиёсии ҳокимияти иҷтимоӣ нақши калидӣ дорад. Ҳокимияти иҷтимоӣ бе ирода ва шуури халқ функсияҳои худро амалӣ сохта наметавонад. Зеро, иродаи халқ муҳимтарин унсури ҳама гуна ҳокимияти иҷтимоию сиёсӣ маҳсуб дониста мешавад.

Бо дарназардошти ин, андешидани чораҳои пешгирикунанда дар фазои афкори ҷомеа зарур мебошад. Ба андешаи Ятимов С.С., низоми таъмини амнияти иттилоотӣ дар тавозун бо тахрибкорӣ нисбати шуури миллӣ, бояд бамаротиб болотар бошад, зеро ҳуҷуми иттилоотии душман маҳз шуури муқаррарӣ ва психологияи ҷамъиятии давлатҳои миллиро нишонагирӣ менамояд [11].

Дар баробари ҳама зиёиён, нақши калидиро дар эъмори симои дилхоҳи инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии ояндаи кишвар дар шуури ҷамъиятӣ, ки таваҷҷӯҳи тамоми табақаҳои ҷомеаро фаро гирад, барои рафъи масъалаҳои гуногун ва муттаҳидсозии иқтидори захираҳои инсонӣ барои рушди устувор, чун василаи муассир арзёбӣ мегарданд. Инчунин, арзишҳои анъанавӣ, муносибатҳои мустаҳками оилавӣ ва муқаррароти патриархалиро ба андешаи Э. Хоффер ҳамчун воситаҳои самараноки боздоштани ҳаракатҳои оммавӣ тазаккур менамояд.

Гарчанде арзишу анъанаҳои таърихӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, динӣ ва миллӣ, ки тули асрҳо аз насл ба насл гузаронида мешавад шуури ҷамъиятиро ташаккул диҳанд ҳам, ҷанбаҳои манфии глобализатсионӣ, мураккабшавии вазъи геосиёсӣ, тамоюли рушди илмию технологии воситаҳои иттилоотикоммуникатсионӣ дар асри XXI хусусияти механизмҳои амалисозии равобитро миёни ҳокимияти сиёсӣ ва субъектҳои ҷомеа ба куллӣ тағйир ва такомул дод.

Ҳамин тариқ, марҳилаи кунунӣ бо тағйироти куллӣ дар соҳаҳои мухталифи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ асос меёбад, ки аз давлат бо тарзу усулҳои нав, тавлиди стратегияи мушаххас ва тибқи он роҳандозӣ намудани фаъолиятро дар самти идоракунии афкори ҷамъиятӣ тақозо менамояд.

Равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ тавассути воситаю механизмҳои гуногун дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши калидӣ доранд ва яке аз сарчашмаҳои ташаккулёбии он мебошанд. Дар баробари ин, афзоиши назарраси рушди назарияи иттилоот ва коммуникатсия тайи садсолаи охир (яъне аз асри XX то ин ҷониби асри XXI) тағйироти бебозгаштро дар технологияҳои ташаккули афкори ҷамъиятӣ бо хусусият, суръат, усулҳо ва воситаҳои нави муошират ба вуҷуд овард.

Дар ин замина рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва дар фазои маҷозӣ ба таври мунтаззам сурат гирифтани инъкоси ахбори расонаҳои иттилоотӣ шароитҳои ташаккул, тағйирёбӣ ва идораи афкори ҷамъиятиро ба куллӣ дигаргун сохт.

Таъсири фаъолияти воситаҳои коммуникатсионӣ ва ахбори оммаро аз дидгоҳи манфӣ дар тули давраи Пандемияи Covid-19, ки ба расмият аз 11-уми марти соли 2020 оғоз ва 05-уми майи соли 2023 анҷом гардид, ёдрас гардидан ба маврид аст. Таърихи фазои иттилоотӣ ҳанӯз чунин таҷрибаи фарогирии доимии расонаҳои ҷаҳонро дар бораи рӯйдодҳои ҳаррӯза намедонист, ки таъсири амикро ба афкори ҷамъиятӣ расонида, дар аксар мамлакатҳо оқибатҳои манфиро низ ба бор оварда буд. «Одамон дарк мекарданд, ки онҳо дар воқеияти нав қарор доранд, аммо ин воқеиятро на шароити объективӣ, балки воситаҳои ахбори омма ташаккул медод, ки номуайянӣ, ноумедӣ ва афзоиши изтироби оммавиро ба вуҷуд меовард» [3]. Дар ин ҷо таъсири манфии воситаҳои иттилоотрасон ба афкори ҷамъиятӣ баръало намудор мегардад.

Дар ҳолати ҷорӣ гардидани низоми маҳдудиятҳои муайян барои пешгирии паҳншавиии вируси Covid-19 дар аксар кишварҳои ҷаҳон таъсири расонаҳои хабарӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши бесобиқаро касб намуд. Гарчанде ба вуқуъ пайвастани силсилаи ахборот маҳз аз воқеияти объективӣ яъне тамоюли суратгирии ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодӣ баромада бошад ҳам, аммо дар баробари ин таъсири фазосозии воситаҳои хабарию иттилоотӣ авзои умумро ба изтироб ва ноумедии бештар дучор мегардонид. Маҳз чунин таъсири воситаҳои ахбори омма дар давраи Пандемияи Covid-19 омили қабули қарорҳое гардид, ки вазъи иҷтимоию иқтисодиро бо дасти худи ҷамъият бештар мураккаб намуд. Маълумоти сершумор одамонро ба амалҳои беандеша равона карда, молҳои ниёзи аввал аз дӯконҳо зуд аз байн мерафтанд, ки дар натиҷа ин ба норасоии ҷиддии мол ва маҳсулоти аз ҷиҳати эпидемиологӣ зарурӣ доруҳо, ниқобҳои тиббӣ, воситаҳои дезинфексия ба вуҷуд омад.

Бо дарназардошти нуктаҳои болозикр бояд қайд намуд, ки чунин вазъ на танҳо дар Тоҷикистон балки дар кулли давлатҳои сайёра мушоҳида кардан мумкин буд. Яъне кунун рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва ҷараёни ҷаҳонишавӣ дар маҷмуъ муҳити ягонаи иттилоотиро фароҳам сохт.

Рӯйдодҳои марбутаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ ва илмию технологӣ ба таври бесобиқа фаврӣ тариқи фазои маҷозӣ-иттилоотӣ ва расонаҳои ахборӣ дастрасӣ омма мешавад. Фарогирии таҳавуллоти низоми иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҷаҳон барои нигоҳдории субот ва таъмини амнияти ҷумҳурӣ дар марҳилаи нави давлатдории миллӣ шароитҳои воқеъан дигаргунро ба миён овард.

Дар шароити муосир механизмҳои ташаккули афкори ҷамъиятӣ як раванди мураккаб ва гуногунҷабҳае мебошад, ки унсурҳо ва омилҳои гуногунро дар бар мегирад. Таҳлили васеъи сарчашмаҳои ташаккулдиҳандаи афкори ҷамъиятӣ ба андешаи мо, омилу унсурҳои асосии зеринро дар бар мегирад. Ҳамчунин унсурҳои дар зер оварда шуда, нақши мусбӣ ва манфиро дар идоракунии афкори ҷамъиятӣ доро мебошад:

I. Воситаҳои ахбори омма;
II. Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ;
III. Низоми маориф;
IV. Омили фарҳангӣ.

I. Воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши калидӣ мебозанд, зеро онҳо ҳамчун субъектони тахассусманд манбаи асосии паҳнкунии иттилоот хизмат мекунанд. «Аксар вакт равандҳои ҷомеа ба он вобаста аст, ки воқеа чӣ тавр пешкаш карда мешавад, ВАО аз кадом мавқеъ ҳодисаро инъикос мекунаду, факту воқеаро аз кадом манбаъ баён менамоянд» [15, с. 40].

Инчунин, ба андешаи муттафакирон нақши воситаҳои ахбори омма аз лиҳози таъсиррасонӣ ва мавқеъ дар баробари дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ назаррас буда, онро ҳамчун ҳокимияти чорум меноманд. Дар шароити муосир воситаҳои ахбори омма ба чаҳор

зерсистема таснифбандӣ гардидааст: матбуот, радио, телевизион ва интернет.

Гарчанде аз ҷониби олимони ватанӣ интернет ҳамчун чаҳорум зерсистемаи воситаҳои ахбори омма мансуб дониста мешавад, бо дарназардошти хусусиятӣ мураккабтари маҷозию тафовути функсионалӣ онро дар ҳамбастагӣ бо шабакаҳои иҷтимоӣ дар низоми ташаккул ва таъсирасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ метавон ҳамчун унсури алоҳида баррасӣ намуд.

Дар баробари ин, мутобиқи маълумоти расмӣ соли 2023 дар ҷумҳурӣ 59 рӯзнома, аз инҳо 40 давлатӣ ва 19 мустақил, 46 маҷалла, аз инҳо 41 давлатӣ ва 5 мустақил, 36 матбаа, аз инҳо 5 давлатӣ ва 31 мустақил, 22 нуқтаи фурӯши китоб, аз инҳо 1 давлатӣ ва 21 мустақил, 6 нашриёт, аз инҳо 3 давлатӣ ва 3 мустақил, 3 агентии иттилоотии мустақил ба ҳисоб гирифта шудааст.

Инчунин, «айни замон дар мамлакат 101 шабакаи давлативу хусусии телевизиону радио ва студияҳои истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ, аз ҷумла, 15 телевизиону 10 радиои давлатӣ, 18 телевизиони хусусӣ, 16 телевизиони ноқилӣ, 4 телевизиони IP, 24 радиои хусусӣ ва 14 студияи истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ фаъолият доранд» [12].

Дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди ботадриҷи воситаҳои ахбори анъанавӣ, яъне матбуоти даврӣ, радио ва телевизион мушоҳида мегардад. Бояд тазаккур намуд, ки ҷиҳати роҳандозӣ намудани коммуникатсияҳои стратегии давлату ҷомеа «4 марти соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амрро дар хусуси он, ки роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳар се моҳ бо намояндагони воситаҳои ахбори омма нишасти матбуотӣ гузаронида, дар бораи фаъолияташон маълумот диҳанд, ба имзо расонд» [2]. Дар зимн, ҳамасола тибқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № АП-1729, аз 15.09.2011 ва нақшаи алоҳида нишастҳои матбуотӣ гузаронида мешаванд.

Такмил ва ба роҳ мондани робитаҳои самаранок метавонад аз як тараф ба рушди мусбии афкори ҷамъиятӣ замина гузорад ва аз тарафи дигар метавонад ба идора намудани он шароит фароҳам созад. Барои самаранок намудани робитаҳои ниҳодҳои давлатӣ бо шаҳрвандони кишвар воситаҳои ахбори омма нақши пули пайвасткунандаро доро мебошад.

Ҳамин аст, ки нишастҳои матбуотӣ муоширати бевоситаи рӯзноманигорону субъектҳои ҳокимияти давлатиро фароҳам месозад, ки барои саҳеҳ намудани масъалаҳои дорои хусусияти муҳими ҷамъиятӣ ва дастарас намудани маълумоти муътамад ба доираи васеи омма мусоидат менамояд. Дар баробари ин, равшан гардидани вазъу ҳолати ҷойдошта ва мавқеи расмии давлатӣ роҷеъ ба рӯйдоду масъалаҳои дар ҷомеа мубрамбуда ҷиҳати идоракунии фазои иҷтимоӣ ва афкори ҷамъиятӣ муассир мебошад.

Чунин ҳолат ба фаъолияти низоми идоракунии сиёсӣ хусусияти зинда мебахшад. Дар баробари ба мақомоти болоӣ пешниҳод намудани ҳисоботу маълумоти дахлдор аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо ва дигар ташкилотҳои давлатӣ доир намудани нишастҳои матбуотӣ фаъолият, дастоварду камбудиҳо, вазъи ҷойдошта ва дурнамои инкишофи онро барои ҷомеаи кишвар саҳеҳ менамояд.

Ҳамчунон Ю. Хабермас барои фаъолияти самарабахш ва босуботи демократияи муосир соҳаи сиёсати ҷамъиятиро, ки воситаҳои иттилооти оммавиро дар бар мегирад, унсури ниҳоят муҳим маҳсуб медонад» [1].

Бо мақсади тақвияти ҳамкории масъулини марказҳои матбуотии ниҳодҳои давлатӣ бо хабарнигорон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои роҳандозиву густариши равобит дар соли 2024 дар кишвар Лоиҳаи “Тавонмандсозии марказҳои матбуотӣ ва ҳамкории онҳо бо ВАО” [16] доир мегардад. Аммо лоиҳаи мазкур ҳамчун васила ва ҷойгоҳи таҳкимсозии равобити хадамотҳои матбуотӣ ва воситаҳои ахбори омма дар таносуб ба талаботи мавҷудбуда маҳдуд мебошад, зеро дар он танҳо 30 муассисаҳои давлатӣ, аз ҷумла 12 вазорат, 10 кумита, агентӣ ва хадамоти давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақомоти иҷроияи ҳоки-

мияти давлатӣ, мақомоти интизомӣ, судӣ ва назоратӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва энергетикӣ иштирок мекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки гарчанде дар кишвар, ба истиснои ниҳодҳои расмии бо рӯзноманигорону намояндагони воситаҳои ахбори омма корбарӣ дошта, боз институтҳои ҷамъиятӣ аз ҷумла, Шурои воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон мавҷуд аст. Инчунин, ҳанӯз соли 2012 «котибони матбуотӣ ва роҳбарони хадамотҳои матбуотии вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ташкилоти ҷамъиятии худ – Шурои котибони матбуотии Тоҷикистонро таъсис доданд» [17].

Ниҳодҳои мазкур имкони бозсозии тарҳи самараноки миёнаравиро бо сохторҳои ҳокимият ва аҳолӣ дар зарфияти худ ниҳон гардонидаанд. Фаъолноксозии ҳар кадоме аз ниҳодҳои мазкур дар алоҳидагӣ ва тақвияти ҳамкории онҳо ҷиҳати коркарду тарҳи модели муассири алоқаи давлат, воситаҳои ахбори омма ва ҷомеа мақсаднок мебошад.

Дар робита ба ин, С.В. Володенков таҳлили назарияҳои заминавию илмии олимонро роҷеъ ба масъалаи мазкур бо дарназардошти коҳиши самаранокии моделҳои анъанавӣ баррасӣ намуда, зарурати коркарди усулҳои нави алоқаро миёни давлату ҷомеа ва ду модели зерини коммуникатсиониро дар идоракунии сиёсии муосир – Боваркунонӣ ва Маҷбурсозӣ -ро қайд менамояд [9].

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир, яке аз вазифаҳои асосии фаъолият на аз рӯи маҷбурсозӣ, балки аз рӯи таъсир ба шуури ҷамъиятӣ ва ташаккули рӯҳияву афзалиятҳои сиёсии аҳолӣ, инчунин эҷоди омилҳои ҳавасмандгардонӣ барои аудиторияи оммавӣ, ки аксаран объекти идоракунӣ мебошанд, таъкид мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки шароити зарурии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати таъсирасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ барои намояндагони воситаҳои ахбори омма фароҳам оварда шудааст. Мутобиқи меъёрҳои қонунгузорӣ «Ҳар шахс ҳуқуқ дорад, ки тариқи воситаҳои ахбори омма дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо иттилооти аниқ ба даст орад» ва намояндагони воситаҳои ахбори омма барои иҷрои вазифаи рӯзноманигорӣ ҳуқуқ доранд бо шахсони мансабдор ҳамсӯҳбат шаванд.

Беш аз ин, фаъолияти воситаҳои ахбори омма, ки ба ҳамкории созанда ва самаранок бо намояндагони ҳокимияти давлатӣ оид ба инъикоси ҷараёни дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакат равона гардидааст, тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 622, аз 7-уми феврали соли 2009 мавриди дастгирӣ қарор мегиранд. Инчунин, санади мазкур ба роҳбарони воситаҳои ахбори омма ваколати таъмини воқеият ва таъсирбахшии маводи танқидӣ ва таҳлилиро ҳамчун вазифаи асосии фаъолияти онҳо фароҳам намуда, роҳбарони ниҳодҳои давлатиро ҷиҳати вокуниш ба мулоҳизаҳои танқидӣ ва пешниҳодҳое, ки дар воситаҳои ахбори омма иброз мегарданд уҳдадор менамояд.

Чунин иқдом баҳри таъмини воқеият ва таъсирбахшии маводҳои воситаҳои ахбори анъанавӣ инчунин, имконияти вусъат додани диққати ҷомеаро ба телевизиону радио ва матбуоти даврӣ муҳайё месозад.

Намояндагони воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла, кормандони агентиҳои иттилоотӣ, радио телевизион, матбуоти даврӣ нақши пайвандсозони доираи васеи ҷомеа ва ҳокимияти давлатиро дошта, ҳангоми иҷрои рисолати касбӣ аз мувофиқат ва бараъкс номувофиқатии изҳороту баёнияҳои расмӣ бо вазъу ҳолати ҷойдошта яъне имконияти воқеъиятро инъикос сохтанро доро мебошанд.

Норасоии мутахассисони техникӣ ва набудани ғояҳои ҷолибе, ки ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ мебошанд, мушкилоти воқеии воситаҳои ахбори анъанавӣ мебошад. «Яке аз масъалаи муҳим ва ҳалталаб бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани соҳа мебошад. Ҳарчанд, ки дар Маркази миллии санъатҳои аудиовизуалӣ (радио, телевизион, кино) курсҳои гуногуни такмили ихтисос мавҷуд аст, онҳо талаботи соҳаро қонеъ карда наметавонанд. Кумита (-и телевизион ва радио) барои 5 соли оянда ба 743 нафар мутахассиси маълумоти олидор бо ихтисосҳои 0516 «Киношиносӣ (киношинос, сенариянавис)», 0529 «Ре-

клама», 0614 «Тиҷорат (соҳаи кино, телевизион, радио)», 2206 «Ташкил ва ҳифзи иттилоот» ва ғайра, ки дар муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар тайёр карда мешаванд, эҳтиёҷ дорад. Аз 31 тахассусе, ки ба соҳа зарур аст, ҷумҳурии мо танҳо дар доираи 17 ихтисос кадр тайёр менамояд» [5].

Бояд тазаккур дод, ки услуби муасири пешкаш намудани барномаҳои иттилоотӣ, бахусус телевизионӣ, ба мутахассисони дорои донишу дидгоҳ ва маҳорату малакаи муосири техника ва технологияи рӯзноманигорӣ ҷиҳати тақвият бахшидани ҷолибнокии он ниёз дорад.

Бо дарназардошти мушкилоти кадрии соҳа зимни амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии соҳа дар заминаи Маркази миллии санъатҳои аудиовизуалии (радио, телевизион, кино) Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон таъсис гардид. Доираи вазифаҳои Академияи мазкур ташкили тайёркунӣ ва азнавтайёркунии касбӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандони воситаҳои ахбори омма инчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳои методӣ оид ба такмили барномаҳои соҳаи телевизион, радио ва маводи матбуотро фарогир мебошад.

Васеъ ва бештар намудани иқтидори моддию техникии муассисаи мазкур ҷиҳати фарогирии бештари кормандон ва такмили сифати барномаҳои бозомӯзӣ бо дарназардошти таҷрибаи муосири воситаҳои ахбори оммаи давлатҳои мутараққикарда барои дар сатҳи хушсифат қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба хизматрасонии пахши барномаҳои телевизион ва радио мувофиқи мақсад аст.

Ҳамин гуна, гарчанде заминаҳои институтсионалии фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар мамлакат фароҳам оварда шудааст, самаранокии таъсирасонии он то ба ҳол андешидани як қатор чораҳоро ҷиҳати беҳбудӣ тақозо менамояд.

Дар ин росто масъала бештар перомуни ҷолибнокии матолиб ва барномаҳои ба омма пешниҳодшаванда меравад. Аксар аз мушкилот бо матолиби пешниҳодшавандае марбут мебошанд, ки барои таъсирасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ дорои унсури зарурӣ намебошанд. Инчунин, барои самарабахшгардонии фаъолият ба яке аз хусусиятҳои меҳварии мафҳуми афкори ҷамъиятӣ, яъне мубрамнокӣ назар намудан зарур мебошад.

Маҳз мубрамнокӣ ва саривақтӣ будани маълумоти оид ба масъалаҳои дар ҷомеа ҷараён дошта, метавонад боиси ҷалби бештари таваҷҷуҳ ва фароҳамсозии имконияти таъсирасониву идоракунии афкори ҷамъиятро имконпазир намояд.

Аз шакли умумӣ ба шакли мушаххас гузаронидани барнома ё шабакаҳо, инчунин, риояи самти фаъолияти онҳо метавонад боиси гуногунрагӣ барномаҳои телевизонӣ ва радиоӣ гардида, барои ташаккули аудиторияи мушаххаси бинандагон мусоидат намояд. Ҷалб намудани диққати ҷомеа роҷеъ ба навгониҳо самти муайян бештар имконпазир мебошад.

Дар иртибот ба таҳлилҳои болозикр ҷиҳати рушди воситаҳои ахбори анъанавӣ ва нигоҳ доштани нуфузи он ба афкори ҷамъиятӣ андешидани чораҳои зерин мақсаднок мебошад:

– таъсиси мақомоти ягонаи идораи давлатӣ оид ба танзими фаъолияти матбуот, телевизиону радио, коммуникатсияи омма;

– ҷоннок намудани фаъолияти муштараки шуроҳои ҷамъиятии воситаҳои ахбори омма ва хадамотҳои матбуотии ниҳодҳои давлатӣ;

– воситаҳои ахбори омма фаъолияти ниҳодҳои давлатиро дар пешбурди ислоҳоти иқтисодӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, санаду меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҳаёти ҷамъиятӣ ва хусусии шаҳрвандонро фарогир мебошанд ба таври фаврӣ ва бештар дар шакли таҳлили иттилоотро дастрас намоянд;

– коркарди низоми мониторинги умумҷумҳуриявии омори бинандагон ва шунавандагони барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ;

Ислоҳоти муайян ва азнавсозии улубу воситаҳои пешкаш намудани иттилоот ба ҷомеа ҷиҳати самаранок гар-

дидани он ҳамчун унсури идоракунии афкори ҷамъиятӣ тақозои замона маҳсуб мегардад.

II. **Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ** яке аз унсурҳои дигари таъсирбахш мебошад, ки афкори ҷаъмиятиро дар замони муосир ташаккул ва тағйир медиҳад. Интернет соҳаест, ки дар он раванди муттасили иттилоотӣ ва коммуникатсионии мурочиати иттилоот (маълумот) дар шакли рақамӣ дар фазои номаҳдуд тавассути шабакаҳои алоқаи бо ҳам пайванд ва мубодилаи захираҳои иттилоотии ҳама гуна субъектҳои истифодабаранда (истеъмолкунандагон) бо мақсади ба даст овардан, ҷамъоварии дониш ё амалӣ намудани амалиёти электронии субъектҳо дар соҳаҳои гуногуни манфиатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо мебошад.

Бо дарназардошти ин, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ки дар заминаи он фаъолият менамоянд заминаи иноватсионии коммуникатисияро фароҳам сохтааст.

Бо дарназардошти он ки интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ фазои идоранашаванда мебошанд, чунин ҳол имкон медиҳад, ки хабарҳои таҳрирношуда ба мардум бо далелҳои санҷиданашуда паҳн гардад, ки ин дар афкори ҷамъиятӣ равандҳои манфиро ба вуҷуд меорад.

Бояд тазаккур дод, ки дар «ҳудуди ҷумҳурӣ 13 адад интернет провайдерҳо фаъолият намуда, шумораи умумии муштариёни интернет 3 994 110 нафарро ташкил медиҳад» [7].

Ба андешаи олимони ватанӣ дар замони муосир ҷиҳати таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ аксар вақт аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет истифода мебаранд. Тамоюли истифодаи мақсадноки интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ қудрати азими таъсиррасониро ба афкори ҷомеа ва таъйини самти рафтори сиёсию ҷамъиятии мардумро ба дасти нафарону гурӯҳҳое меоварад, ки минбаъд метавонад, ҳар гуна равандро ба вуҷуд оварад.

Дар баробари ин, гурӯҳҳои тундгаро барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз интернет фаъолияти худро низ роҳандозӣ менамоянд. Дар тақвияти ин гуфтаҳо баланд бардоштани фарҳангу маърифати иттилоотии аҳолӣ роҳи ягонаи пешгирии афзоиши назарфиребӣ, дуруғпароканӣ ва иғвоҳои муосири фазои иттилоотӣ ба масъалаҳои мубрам мубаддал намудааст.

Чунончи, дар нашриётҳои ЮНЕСКО оид ба моҳияти баланд бардоштани маърифати медиа-иттилоотии шахс яъне қобилияти дастарсӣ, арзёбӣ, тавлид ва паҳнсозии иттилоот ва медиаконтент бо истифодаи технологияҳои дахлдор, донистани чаҳорчӯбаи ҳуқуқии кор бо иттилоот ва воситаҳои ахбори омма ва як қатор талаботҳои дигар қайд карда мешавад [10, с. 14].

Теъдоди сершумори маълумоти истеъмолшаванда барои инсони муосир марҳилаи нави услубан қабул ва дарк намудани иттилоотро фароҳам сохт. «Мағзи инсони даврони иттилоотӣ қобилияти хотираи дарозмуддатро тавассути васеъ кардани малакаҳои хотираи оперативӣ аз даст медиҳад, ки ба қобилияти кор дар шароити бисёрҷониба мусоидат мекунад, аммо қобилияти тамаркуз ва таҳлили амиқро вайрон коҳиш медиҳад» [13, с. 452].

Ҳамоҳанг ба андешаи мазкур О.Ш. Назриева қайд менамояд, ки «дар айни замон, агар таваҷҷуҳи ҳикматомезона дошта бошем, мебинем, ки аксари инсонҳо, махсусан табақаи ҷабрдида – наврасон ва ҷавонони ҷомеаи ҷаҳонӣ бо ин нишастанҳо дар назди интернет «бо дасти худ» тафаккури худро «асири клипӣ» намудаанд» [8, с. 31].

**III. Маориф** дар маҷмуъ раванди таълиму тарбия ба манфиати шахс, ҷамъият ва давлат, ки соҳиби дараҷаи таҳсилоти муайян гардидани таълимгирандагонро таъмин мекунад фаҳмида мешавад, ки он бештар ба тарҳрезӣ намудани донишу ҷаҳонбинӣ ва шуурнокӣ нигаронида шудааст.

Дар ин росто, «асри нав ба туфайли рушди интернет ва фазои иттилоотӣ ба асри бузурги ҷанги зеҳнӣ табдил ёфта истодааст, ки иштирокчиёни асосии он мактабачагон ва донишҷӯёни имрӯза мебошанд. Махсусан, интернет фазои иттилоотии идоранашаванда ва роҳи осони назарфиребӣ, мағзшӯӣ, заҳролудгардонии тафаккури ҷавонон, ки

қисми осебпазири ҷомеа мебошанд, гардидааст» [6, с. 288].

Афзоиши тамоюлҳои назарфиребӣ, дуруғпароканӣ, тафриқаандозӣ, вусъатёбии ҷангҳои иттилоотӣ дар фазои иттилоотӣ масоили баланд бардоштани саводи иттилоотӣ ва нақши таълимро дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ аҳамияти хоса мебахшад. Бо ин назардошт, масъалаи омода намудани омӯзгорони типи нав яке аз воситаҳои муҳимтарини муқовимат бо ҷангҳои иттилоотӣ ба шумор меравад. Мувофиқи мақсад аст, ки омӯзгорон қабл аз ҳама дар худ хусусияти таҳлилиро ташаккул дода, баъдан ба ташаккули афкори ҷамъият ва ҳамзамон идора намудани он нақши худро гузоранд.

Аз ин ҷиҳат нақши маориф ҳамчун унсури идоракунии афкори ҷамъиятӣ на танҳо мубрамм балки мазмуну моҳияти навро ба худ касб менамояд. Маориф барои навсозиии динамикии ҷомеа омили муҳимтарин мебошад. Неруи зеҳнӣ яке аз воситаҳои асосии ташаккули ҳувияти миллӣ иҷтимоикунонии сиёсӣ мебошад, ки меҳвари марказии онро низоми маориф ташаккул медиҳад. Маҳз маориф самтҳои асосии арзишҳои шахсро муайян ва афзалиятҳои сиёсӣ-идеологиро ташаккул менамояд.

Ба андешаи мо, дигар нуқтаи муҳим рушди илмият ва ҷоннок намудани истифодаи он дар амалияи педагогӣ мебошад. Дар робита ба ин, «омӯзгор ба ҳайси муҳаққиқ барои дар амалияи таълимӣ татбиқ гардидани коркардҳои назариявӣ ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи худ имкони бештар дорад. Яъне, ӯ метавонад дар радифи донишҳои назариявӣ таваҷҷуҳи шогирдони худро ба дониши амалӣ ҷалб намояд» [14].

Ҳамгироӣ бо ҳадафҳои стратегӣ, дарки аҳамияти онҳо ва ташаккули дидгоҳи равшан ба ояндаи дурахшон аз шартҳои муҳим барои пешгирии иғвоангезӣ, ҳаракатҳои харобиовари оммавӣ ва таъмини суботи ҷомеа ба ҳисоб меравад. Тавзеҳу тафсири масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар маҳз ба аҳли илму маориф таалуқ дорад, зеро нақши онҳо дар таҳияи ҳуҷҷатҳои муҳими банақшагирии стратегӣ бориз мебошад.

Ҳамин тариқ, маориф ҳамчун унсури муҳиму созанда дар марҳилаҳои гуногуну мураккаб чун омили иҷтимоикунонии шуури сиёсӣ иқтидори заминавиро ташаккул дода, ҷиҳати таъмини побарҷойии шуурнокӣ унсури муҳими низоми идоракунии афкори ҷамъиятӣ мебошад.

IV. **Фарҳанг** унсури дигар дар идора намудани афкори ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Дар умум мафҳуми фарҳанг универсалӣ буда, аксар аз илмҳо оид ба инсон ва ҷомеа тафсири хосаи истилоҳи мазкурро доро мебошад.

Фарҳанг маҷмуи арзишҳои моддию маънавӣ, ки ба рушди маънавӣ, қонеъ гардондани завқу ҳиссиёти зебоипарастии шахс ва ташаккули шахсият равона гардидаанд фаҳимда мешавад.

Дар шароити муосир ҷаҳонишавӣ фарҳанг барои халқи тоҷик меҳвари ҳуввияти миллиро дар марҳилаи нави давлатдорӣ ташкил намуда, нақши он дар таносуб ба унсурҳои дигар васеъ ва амиқтар мебошад. Дар даврони истиқлоли давлати як қатор чорабиниҳо аз ҷумла, ҷаҳони гардидани Наврӯз, таҷлили ҷашнҳои «Сада», «Меҳргон», «Тиргон», бузургдошти соли тамаддуни ориёӣ (соли 2006) ва 1100-солагии давлати Сомониён, 2500-солагии Истаравшани бостонӣ, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, 3000-солагии Ҳисор, соли бузургдошти Имоми Аъзам (соли 2009) таҷлил гардид, ки ҷиҳати эҳёи ҳисси баланди тамаддун ва ҳуввияти миллӣ самараи мусбӣ гузошт. Ҳамзамон чорабиниҳои гуногун барои ҳифзи афкори ҷамъиятӣ аз падидаҳои манфии фарҳанги бегона омили муҳим ба ҳисоб меравад

Вале таъсири фарҳанг ба афкори ҷамъиятӣ, ки шуури таърихӣ набуда балки ҳолати мубрамноки он маҳсуб мегардад, чӣ алоқамандӣ метавонад дошт ва нақши он дар идоракунии афкори ҷамъиятӣ чӣ гуна арзёбӣ карда мешавад?

Дар шароити ҷаҳонишавӣ баъзан омилҳои номатлуби он бахусус, падидаи омехта шудани фарҳангҳо (мултикултурализм) мавриди назар қарор мегирад. Дар баробари ин бояд тазаккур дод, ки аксар аз давлатҳои мутарраққикардаи

ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳз ба василаи паҳнсозии фарҳанги худ ва моил сохтани ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мансубияту ҳамгирой бо арзишҳои фарҳангии миллаташон нуфузи худро дар саро сари ҷаҳон афзун намудаанд.

Мусаллам аст, ки шуур ва фарҳанг алоқамандии амиқ дошта, ташаккули шуур бе фарҳанг ва тағйир ёфтани фарҳанг бе таъсир ба шуур ғайриимкон мебошад. Ҳуҷумҳои фарҳангӣ бо тадириҷ боиси ғасби шуури ҷомеа ва аз даст додани механизмҳои анъанавии таъсир ба афкори ҷамъиятӣ мубаддал гашта метавонад, ки дар навбати худ ба тавсеаи таъсири беруна табдил мегардад.

Маҳз бо ин назардошт аксар олимон ба мубрамнок будани таҳқиқотҳои Ҷ. Най тазаккур дода, нақши падидаи "нерӯи нарм"-ро чун механизми муосир ва муассир ки бо василаи он моил сохтани маҳз аҳолии дигар кишварҳо ба манфиатҳои худ амалӣ карда мешавад, қайд мекунанд.

Ҳамин тавр таҳқиқи масъалаи унсурҳои асосии идора намудани афкори ҷамъиятӣ дар шароити кунунӣ нишон медиҳад, ки он ба якчанд унсур аз қабили васоити ахбори омма, фарҳанг ва маориф алоқаи зич дорад. бо пайдо гардидани ҳар гуна равандҳо масъалаи идора намудани афкори ҷамъиятӣ рӯз аз рӯз мубрамияти бештаро касб менамояд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Habermas, J. The structure Transformation of the Public Sphere. Cambridge, 1989
2. Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / [Манбаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/news/10369 (санаи муроҷиат: 25.04.2025).
3. Гареева, И.А. Социальные изменения в условиях пандемии COVID-19 // Власть и управление на Востоке России. - 2021. - № 4 (97). - С. 99-109.
4. Исаева, Б.А. Теория политики: учебное пособие / Б.А. Исаева. – СПб.: Питер, 2008. - 464 с.
5. Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ барои солҳои 2010-2025 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adliya.tj (санаи муроҷиат: 29.08.2024)
6. Қурбонов, А.Ш. Баъзе хусусиятҳои рушди маориф дар замони муосир / А.Ш. Қурбонов, Ф. Амиров // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. – No. 2(78). – С. 282-290.
7. Маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023. – Душанбе, 2023. – 88 с.
8. Назриева, О.Ш. Омилҳои хатарноки тафаккури клипӣ ба маърифати зеҳнӣ / О.Ш. Назриева // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. – No. 2(70). – С. 30-36.
9. Володенков, С.В. Коммуникационные основы современного политического управления / С.В. Володенков // Известия Саратовского университета. Новая серия. Серия: Социология. Политология. – 2011. – Т. 11, № 3. – С. 74-78.
10. Медиа- и информационная грамотность в журналистике / Н. Муратова, Э. Гризл, Д. Мирзахмедова. - Ташкент: Baktria press, 2019. - 112 с.
11. Ятимов, С. Асарҳо. Идеология ва манфиати миллӣ. Ҷилди 7. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 336 с.
12. Нишасти матбуотии Кумита // [Захираи иттилоотӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://tvsayohi.tj/archives/9103 (санаи муроҷиат: 22.07.2024).
13. Сургуладзе, В.Ш. Мировая политик в зеркале современного политологического анализа: политические процессы, политика идентичности, стратегия и технологии: монография / Вахтанг Сургуладзе. – М.: Аналитическая группа «С.Т.К.», 2019. – 652 с.
14. Суханронӣ дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/event/speeches/37699 (санаи муроҷиат: 27.07.2024).
15. Таварова, М.Ш. Нақши ВАО дар мафкурасозии ҷомеа ва таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. Ш. Таварова // Осиё ва Аврупо. – 2024. – No. 2(18). – С. 38-43.
16. Ҳамкорӣ зарур аст! Дар Душанбе лоиҳаи тақвияти ҳамкории марказҳои матбуотӣ бо расонаҳо рӯнамой шуд // [Захираи иттилоотӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/society/20240625/amkor-zarur-ast-dar-dushanbe-loia-oid-ba-taviyati-amkorii-markazoi-matbuot-bo-rasonao-rnamo-shud (санаи муроҷиат: 26.08.2024)
17. Шӯрои котибони матбуотии Тоҷикистон таъсис ёфт // [Захираи иттилоотӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2012/11/sh-1263-roi-kotiboni-matbuotii-to-1207-ikiston-tasis-yoft/

ТДУ 32.019.51:070

# МУНОСИБАТИ ДАВЛАТ ВА ФАРҲАНГ АЗ НИГОҲИ АКАДЕМИК МУҲАММАДҶОН ШАКУРӢ

**Аннотатсия:** Дар мақола дар заминаи ҷустуҷӯйҳои илмӣ ва публитсистии Шакурӣ М. нақши публитсистикаи илмӣ дар таҳқиқ ва таҳлили мушкилоти иҷтимоӣ, муносибати давлату фарҳанг, хосса худшиносии миллӣ ва ҳамгироии илму публитсистика бо таҳлили қиёсӣ нишон дода шудааст. Муаллиф ҷустуҷӯйҳои илмии ин донишмандро намунаи омезиш ва ба ҳам таъсиргузори илм ва публитсистика шинохта, руҳ ва оҳанги публитсистиро ҳамчун унсури такмилбахши сохтори мундариҷавӣ ва шаклии осори ӯ арзёбӣ намудааст. Хусусияти ҳунарии таълифоти Шакурӣ М-ро дамсозии руҳи публитсистӣ бо андешаву орои худшиносии миллӣ мушаххас сохта, дар мақола тарзи таҳқиқи илмию публитсистии муҳаққиқ дар фарогирии дарунмоя ва моҳияти ғоявии муносибати давлат ва фарҳангро, ки худшиносии миллӣ як ҷузъи он аст, ба таври мушаххас баррасӣ гардида, тозагии биниш ва тарзи таҳқиқи ӯ ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Дар мақола оҳанг ва руҳи осори илмии Шакурӣ М. чун унсури сохтории илмию публитсистӣ таҳлил ва дар ин замина ҳадаф ва вазифаҳои илмию публитсистии ҷустуҷӯйҳои ӯ арзёбӣ шудааст. Аз ҷумла собит гардидааст, ки аз як асар то асари дигар Шакурӣ М. бо истифода аз усули дамсозии илмию публитсистӣ бунмоя, обуранг ва руҳи публитсистии масъалаҳои давлату фарҳанг ва худшиносии миллиро таҳқиқ ва арзёбӣ кардааст. Дар заминаи таҷрибаи эҷодии Шакурӣ М. метавон ба ин натиҷа расид, ки аз солҳои шастуми садаи гузашта ба баъд унсури публитсистӣ дар инъикос ва таблиғи муносибати давлат ва фарҳанг махсусан, худшиносии миллӣ ҷузъи таркибии бофти илмию публитсистии осори ин муҳаққиқ буда, ба арзёбии амиқи воқеиятҳои иҷтимоиву адабии давлат ва фарҳангӣ асос ёфтааст ва масъалагузории ҷиддӣ хусусияти мундариҷавӣ ва шаклии онро муайян менамояд.

**Вожаҳои калидӣ:** Муҳаммадҷон Шакурӣ, публитсистика, давлат, масъала, худшиносӣ, миллат, забон, фарҳанг, ҳувият, ахлоқ, дин, адабиёт, ифтихороти миллӣ, истиқлол.

# ВЗАИМОСВЯЗЬ ГОСУДАРСТВА И КУЛЬТУРЫ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АКАДЕМИКА МУХАММАДЖОНА ШАКУРИ

**Аннотация:** В статье на основе научно-публицистических исследований М. Шакури представлена роль научной журналистики в изучении и анализе социальных проблем, взаимосвязи государства и культуры, особенно национального самосознания, а также интеграции науки и журналистики с помощью сравнительного анализа. Автор признал научные исследования этого ученого примером соединения и взаимного влияния науки и журналистики, оценил дух и тон публицистики как улучшающий элемент содержания и формы его произведений. Художественные особенности М. Шакури создали публицистический дух с мыслями и идеями национальной самоидентичности, а также метод научно-публицистического исследования исследователя в освещении внутренних СМИ и идеологической сущности взаимоотношений государства и культуры, из которых национальное самоопределение и идентификация стала частью его видения и метода исследования. В статье специфика научных трудов М. Шакури была проанализирован как научно-публицистический структурный элемент, и в этом контексте оценены цели и научно-публицистические задачи самого исследования. Среди прочего доказано, что во всех своих работах М. Шакури исследовал и оценивал характер, атмосферу и публицистический дух проблем государства, культуры и национального самосознания. На основе творческого опыта М. Шакури можно прийти к выводу, что с шестидесятых годов прошлого века публицистический элемент в отражении и пропаганде взаимоотношений государства и культуры, особенно национального самосознания, является неотъемлемой частью научно-публицистической деятельности общества. Творчество

этого исследователя основано на глубокой оценке социальных и литературных реалий государства и культуры, определяющем его содержание и форму.

**Ключевые слова:** Мухаммаджон Шакури, публицистика, государство, проблема, самопознание, национальность, язык, культура, идентичность, нравственность, религия, литература, национальная гордость, независимость.

## THE RELATIONSHIP OF THE STATE AND CULTURE FROM THE POINT OF VIEW OF ACADEMICIAN MUHAMMADJON SHAKURI

**Abstract:** In an article based on scientific and journalistic research, M. Shakouri showed the role of scientific journalism in the study and analysis of social problems, the relationship between state and culture, especially national identity, as well as the integration of science and journalism through comparative analysis. The author recognized the scientific research of this scientist as an example of the connection and mutual influence of science and journalism, and assessed the spirit and tone of journalism as an improving element in the content and form of his works. Artistic features M. Shakouri created a journalistic spirit with thoughts and ideas of national self-identification, as well as a method of scientific and journalistic research of the researcher in covering internal media and the ideological essence of the relationship between state and culture, of which national self-determination - identification in part was specifically discussed and clarity was specifically indicated his vision and method of research. In the article, the tone and spirit of M. Shakuri's scientific works were analyzed as a scientific and journalistic structural element, and in this context, the goals and scientific and journalistic tasks of his research were assessed. Among other things, it has been proven that from one work to another M. Using the method of scientific and journalistic analysis, Shakuri explored and assessed the nature, atmosphere and journalistic spirit of issues of state, culture and national identity. Based on the creative experience of M. Shakuri, we can conclude that since the sixties of the last century, the journalistic element in reflecting and promoting the relationship between the state and culture, especially national identity, has been an integral part of the scientific and journalistic fabric of society. Creativity of this researcher, and is based on a deep assessment of the social and literary realities of the state and culture and serious problem solving, determines its content and form.

**Key words:** Muhammadjon Shakuri, state, problem, self-knowledge, nationality, language, culture, identity, morality, religion, literature, national pride, independence.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:**
**Каримова Таҳмина** – номзади илмҳои филологияи, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Тел.: (+992) 987-77-59-24.

**СВЕДЕНИЕ ОБ АВТОРЕ:**
**Каримова Тахмина** – кандидат филологических наук, Таджикский национальный университет, Тел.: (+992) 987-77-59-24.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:**
**Karimova Tahmina** - Candidate of Philological Sciences Tajik National University, Phone: (+992) 987-77-59-24.

Дар таҷрибаи илмӣ ва публитсистии Шакурӣ М.таҳқиқ ва баррасии масъалаи давлат ва фарҳанг, ки аз ҷузъҳои муҳими худшиносии миллӣ мебошад, ҷойгоҳи хос дорад. Муҳаққиқ баъд аз баҳсҳо дар атрофи мушкилоти забон ба қавли худаш «бо далелу бурҳони илмӣ ва оҳанги публитсистӣ» мавзуи давлат ва фарҳангро ба муҳокима кашида, хостааст «ба шуури миллӣ таъсир» расонад. Ин иқдоми ӯ идомаи талошҳояш барои «фароҳам овардани заминаи илмии худшиносии миллат» буда, дар роҳи устувор кардани худшиносии иҷтимоии таърихӣ, фарҳангиву

маънавӣ, ахлоқӣ, фалсафиву динии тоҷикон қадами ҷиддӣ буд ва ба ин васила ӯ тавонистааст илмро ба хидмати ҷомеа кашад.

М. Шакурӣ фарҳангро ғизои маънавии миллат дониста таъкид кардааст, ки «Имрӯз мардуми тоҷикро бештар аз ҳама фарҳанг лозим аст, фарҳанги миллӣ, қувват гирифтани он, рушду камоли он зарур аст. Фарҳанги сухан, фарҳанги муомила ва ахлоқу одоб, фарҳанги (фан)-ни кор, фарҳанги сиёсӣ ва ҳоказо дар байни мардуми мо онро мебояд дар сатҳи боло бурд. Анъанаҳои бостонии фарҳанги миллӣ, ки бархе аз онҳоро фаромӯш кардем, бояд ба дастраси наслҳои наврас қарор ёбад, то пайванди имрӯзу фардо бо дирӯзу парирӯз барқарор бошад. Пайванди маънавӣ бо дирӯзу парирӯз шахсро ончунон нерӯи ботинӣ ато мекунад, ки метавонад баробари падидаҳои манфии ғарбгароӣ сахт биистад» [8, с.236]. Дар ин замина ӯ «ҳуқуқи миллат»-ро дар ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ «баробари ҳуқуқи башар» шинохта, таъкид кардааст, ки «Барои он ки санади таърихии СММ «Эъломияи ҳуқуқи башар» иҷро шавад, нахуст ҳуқуқи миллатро устувор бояд кард». Дар ҳифзи ҳуқуқҳо ва асолати фарҳангии миллат давлатро «василае барои расидан ба орзуву омол» дониста, дар ин равиш консепсияи хоси илмию публитсистиашро доир ба шинохти нақш ва ҷойгоҳи фарҳанг дар ҳифз ва рушди худшиносии миллӣ ва мавқеи сиёсию раҳнамоии давлат дар таҳкими ин раванд матраҳ месозад, ки афкор ва андешаи тоза ва таълимоти хоси ӯро доир ба ҳифз, такмил ва пешбурди худшиносии миллӣ дар бар мегирад.

Барои таҳқиқ ва арзёбии ин масъала фаъолияти М. Шакурӣ дар се самт идома ёфтааст:

а) илмию адабӣ (адабиётшиносӣ);

б) илмию таърихӣ;

в) илмию публитсистӣ.

Бояд таъкид кард, ки мақолоту осоре, ки муҳаққиқ дар ин се самт навиштааст, ҷанбаи амиқи таҳқиқии публитсистӣ ва илмии публитисистӣ дошта, новобаста ба замони таълифашон масъалаҳои бунёдии нақш ва рисолати давлат дар ҳифз ва ривоҷи арзишҳои фарҳангии ҷомеаи миллиро ба миён гузошта, роҳҳои ҳалли онро нишон додаанд.

Ҳарчанд М. Шакурӣ бо хоксорӣ дар мусоҳибааш бо Фотеҳ Абдулло ҷустуҷӯйҳояшро доир ба «масъалаҳои муҳимми ҳастии миллат», ки муносибати давлат ба фарҳанг ҷузъе аз он аст, танҳо ба «замони бозсозии Горбачёв» [1, с.299] алоқаманд медонад, вале ӯ ҳанӯз дар солҳои шастуми садаи бист ин мавзӯъро «бо далелу бурҳони илмӣ ва оҳанги публитсистӣ» [8, с.23] ба муҳокима кашидааст. Дар ин гуна навиштаҳо оҳанги иҷтимоӣ тавон дошта, ҳамчун намунаҳои аввалини «илми асили публитсистӣ» (таъбири М. Шакурӣ - шарҳи мо), дар таърихи илми адабиётшиносии тоҷик мавқеъ доранд.

Ба тариқи мисол дар ин замина аз мақолаҳои ӯ «Анъанаҳои ёддоштнависии классикӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ» (1957), «Саҳифаҳои нафрат ва тамасхур» (1959), «Халқият ва маҳорат» (1960) ва «Мавзуъҳои ҳозиразамон ва «заминаи» классикии назм» (1962) метавон ёд кард, ки муаллиф сирфан тобеи «шакли академӣ» (таъбири М. Шакурӣ - шарҳи мо) нашуда, ин осорро «ба очерки публитсистии пурҳиссиёт монанд» [6, с. 8] табдил додааст. Шакли публитсистии ҳиссиётомез арзиши илмии ин гуна осори М. Шакуриро кам накарда, балки нерӯи иҷтимоии онро тақвият бахшидааст. Ин усул ва вижагиҳои асосии публитсистика аст. Зеро, чунончи публитсисти рус М. Колтсов навиштааст: «андешае, ки бидуни эҳсос, шавқ, тасвиру тавсиф ояд, касеро мутаваҷҷеҳ нахоҳад кард» [2, с. 111]. Метавон гуфт, ки асоси мақолаҳои М. Шакуриро масъалагузорӣ ва арзёбии суннатҳои миллии фарҳангӣ ташкил медиҳанд. Ин гуна масъалаҳо маҳз ба эътибори тамоюли иҷтимоиву фарҳангӣ ва андешаи пурэҳсос дошташ ба афкори омма таъсиргузор шудаанд.

Муҳаққиқи публитсист дар мақолаҳои дар боло ёдшуда дар баробари шарҳ ва арзёбии масъалаҳои усулии илмии корбурди суннатҳои миллии ёддоштнависӣ, истифода аз ҳаҷву ис-

теҳзо, ки заминаи суннатӣ дорад, такмили ҳунари миллӣ ва заминаи миллии усули тасвир дар шеър муносибати муосиронро ба ғанои маънавии фарҳангӣ, аз ҷумла фарҳанги сухан ва суханварӣ ба муҳокима мекашад ва рисолати шахсиятҳои фарҳангии миллиро дар мисоли шоиру нависандагон мушаххас месозад, ки ишораҳои ӯ дар он замон ба он тарз низ ба мақомоти роҳбари соҳаи адабу фарҳанг нигаронида шуда буд.

Яке аз мақолаҳои дигари Шакурӣ М., ки «Фаъолияти илмии устод Айнӣ ва худогоҳии меҳнаткашони тоҷик» ном дорад ва масъалаи мавриди назари моро ба тарзи «публитсистии пурҳиссиёт» (таъбири Шакурӣ М.) баррасӣ кардааст, низ пеш аз замони Горбачёв охири солҳои ҳафтодуми садаи гузашта таълиф шуда, муаллиф дар мисоли фаъолияти илмии устод Айнӣ худогоҳии миллии фарҳангиро, ки реша дар таърих, адабиёт ва маънавиёти миллат дорад, бо камоли дақиқназарӣ решаҷӯйӣ ва арзёбӣ намудааст, ки имрӯз низ дар шинохти бунмояи миллии дидгоҳҳои фарҳангӣ ва илмии Айнӣ ҳарфи бодалел ва пурманфиат аст. Аз нигоҳи ӯ асарҳои бадеии Айнӣ на танҳо ифодакунандаи «таърихи тараққиёти ҷамъиятӣ ва шуури иҷтимоиву сиёсии» давранд, балки «таърихи инкишофи маънавии» халқи тоҷик, аз ҷумла фарҳанги зист, муомила, ахлоқу одоб, сиёсиву иҷтимоӣ низ ҳастанд, ки дар маҷмуъ чеҳраи ҷомеаи таърихӣ ва замонии миллатро муайян ва мушаххас менамоянд [6, с. 9].

Аз он чи гуфта шуд натиҷа ин аст, ки Шакурӣ М. ҳанӯз пештар аз он ки, ба қавли худаш «дар масъалаи худшиносии миллӣ», аз ҷумла яке аз унсурҳои бунёдии он фарҳанги миллӣ «андак ҷустуҷӯйи илмӣ» [1, с. 300] анҷом диҳад, сари ин мавзуъ андешидааст ва афкори публитсистиашро дар боби нақш ва ҷойгоҳи фарҳанг дар сарнавишти таърихии миллат баён кардааст. Вале мавзуи мавриди баҳси мо, аз ҷумла «чигунагии давлати миллӣ» ва нақши он дар «созандагии фарҳангӣ» фақат дар замони истиқлол, ки бар асари ҷанг «вазъи мактабу маорифу фарҳанг хеле бад шуд», ба таври ҷиддӣ мавриди таҳқиқ ва арзёбии ин донишманд қарор гирифтааст, ки мақолаҳои публитсистии «Ду силсилаҷунбони маданияти тоҷик» (Омӯзгор.– 1989. – 29 август), «Миллати комил аз давлати миллӣ ба ҳосил меояд» (Ҷунбиш.–1998.–№16), «Давлати миллӣ ва эҳёи маънавӣ» (Ҷунбиш.–1999.–май), «Зани тоҷик бо маданияти баландаш шуҳрат дошт» (Рахшо.–2001.–9 феврал), «Фарҳанг ҳастии миллат аст» (Адабиёт ва санъат. – 2001.–13 июл), «Истиқлоли сиёсӣ ва истиқлоли фарҳангӣ» (Шоҳроҳи ваҳдат. – 2001.–июл (№7 (31), «Давлати Сомониён ва имрӯзи Тоҷикистон» (Фарҳанг.– 2001.–№7-12, с. 3-9), «Баъзе паҳлуҳои масъалаи номгузорӣ» (Љумњурият.-2002.–26 июн), «Фарҳанги миллӣ ва забони модарӣ дар низоми таҳсилот» (Ҷумҳурият.– 2005.–21 июн), «Фарҳанги сухан куҷост?» (мусоҳиба бо Анзурати Маликзод (Адабиёт ва санъат.–2003.–7 март) ва «Маънавият ва эҳёи миллӣ», «Ҳаёт амри маънавият», «Ҳувияти фарҳангӣ ва ҷаҳонгароӣ», «Давлати миллӣ дар қаламрави маънавият» ва ғайра, ки дар китоби «Хуросон аст ин ҷо» ба чоп расидаанд, аз ин ҷумлаанд. Дар мақолаҳои зикршуда, ки намунаи «илми асили публитсистӣ» [9, с.24] мебошанд, консепсияи муаллиф доир ба нақши давлат дар ҳифз ва рушди фарҳанги асили миллӣ, истиқлоли фарҳангӣ таҳкимбахшии истиқлоли сиёсӣ ва ҳувияти миллии фарҳангӣ таҳқиқ ва баррасӣ шудаанд. «Хусусияти хос ва ҷиҳати ҷолибу муассири ин силсиламақолоти М. Шакурӣ он аст, ки воқеаҳои дар онҳо тасвиршуда танҳо натиҷаи бардоштҳои муаллиф аз пажӯҳишҳои илмӣ нестанд, балки музокираҳое мебошанд, ки дар асоси мушоҳидаҳои бевоситаи воқеаҳо, суҳбатҳо бо шоҳидони ҳол, муқоиса бо омилҳои ҷомеаи дирӯзу имрӯз ба вуҷуд омадаанд» [3, с. 499].

Мақолаҳои фавқулзикр, пеш аз ҳама, далели шуҷоат ва тавоноии зеҳнию ормонии М. Шакурӣ дар роҳи дифоъ аз ҳувияти фарҳангии тоҷикон мебошад, ки бо ҷасорати бемисл ба миён гузошта шудааст. Бо гузашти замон ин мақолаҳо чеҳраи ӯро чун фарде менамоянд, ки дар ҳеҷ ҳолат аз гуфтани ҳақиқат

гурез наҷустааст ва он чиро ки барои миллат сарнавиштсоз будааст бар забон оварда ва бо қаламаш собит кардааст. Ин корро ӯ, чунон ки худаш борҳо таъкид кардааст, маҳз ба хотири «фароҳам овардани заминаи илмии худшиносии миллат лозим» донистааст, то роҳнамои фарзандони миллат барои дастёбӣ ба истиқлоли аслӣ бошад. Дар ин замина навишта буд, ки «Истиқлоли фарҳангӣ миллатро ба истиқлоли аслӣ мерасонад. Қувваи ҷисму руҳи ӯро афзуда барои пояндагии ҳастии ӯ шароит ба вуҷуд меоварад» [7, с. 135].

Масъалаи истиқлоли фарҳангиро ӯ замоне ба баҳс кашид ва масъулияти давлатро дар ҳифзи ин унсури худшиносии миллӣ ба миён гузошт, ки «дар Тоҷикистон гоҳ-гоҳе аз зарурати истиқлоли иқтисодӣ, ҳатто аз истиқлоли хӯрокворӣ, аз баъзе навъҳои дигари истиқлол сухан» кунанд ҳам, «аммо мафҳуми истиқлоли фарҳангӣ ҳанӯз ба гӯшаи хотирҳо роҳ» наёфта буд.

Мақолаи «Истиқлоли сиёсӣ ва истиқлоли фарҳангӣ» дар шинохти моҳияти фарҳанг, нақши он дар ҳифзи асолати миллӣ ва устувор сохтани пояҳои маънавияти ҷомеа нақши бунёдӣ дошта, ҳадафи муаллиф ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ва ҷомеадорон (манзур мақомоти давлатӣ) ба масъалаи муҳими барои миллат сарнавиштсоз мебошад. Ба ин мавзуъ рӯ овардани М. Шакурӣ ҳосидаи тасодуфӣ набудааст. Ба ин мазмун А. Сатторзода дуруст навиштааст, ки М. Шакурӣ монанди Аҳмади Дониш, Садри Зиё, Фитрат, Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дигарон «барномаи растагор»-ии миллатро дар боло бурдани маънавият ва фарҳанги он медид. Ба қавли ин донишманд «маҳз ҳамин омилҳо М. Шакуриро фарҳангшинос ва ҷомеашинос карданд» [1, с. 77]. М. Шакурӣ худ низ бо камоли фурӯтанӣ иқрор шудааст, ки «камина мутахассиси илми сиёсат, иҷтимоиёт ва фалсафа нестам, вале азбаски аз таҷрибаи таърихии миллат андак огоҳӣ дорам, хостам чанд андеша ба миён гузорам, ки шояд барои болобурди шуури миллӣ дар ҷомеаи тоҷикон ва худшиносии фалсафию маънавии давлати тозабунёди онҳо фоидаманд ояд» [10, с. 6-7].

Дар мақолаи «Истиқлоли сиёсӣ ва истиқлоли фарҳангӣ», ки дар боло ёд шуд, маҳз масъалаи «худшиносии фалсафию маънавии давлати тозабунёд» мавриди таҳлил қарор гирифта, муаллиф хостааст ба ташаккули ҳувияти фарҳангии давлат ва миллат ёрмандӣ кунад. Воқеаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангие, ки дар замони истиқлол ва ҷанги ҳамватанӣ дар пеши назари М. Шакурӣ ҷараён мегирифт, барои беҳтар ва ба тарзи нав фаҳмидан, таҳқиқ кардан ва арзёбӣ намудани ҳаводиси дирӯза ва онрӯзаи фарҳангӣ замина тайёр карда будааст. Барои М. Шакурӣ, ки маҳз аз роҳи адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ, ки бо фарҳангшиносӣ тавъам буд, ба саҳнаи ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ ворид шудааст, табиист, ки мушкилоти бунёдии давлати миллӣ ва худшиносии фарҳангӣ аҳамияти бузург дошт. Ба ин далел назари публитсистии ӯро дар усули давлатдорӣ ва «созандагии фарҳангӣ» (аз қавли Шакурӣ М. - шарҳи мо), пеш аз ҳама, волоияти маънавият шакл додааст, ки растагории миллиро фароҳам меоварад. Дар ин замина муҳаққиқ фарҳангу маънавиятро асоси ҳастии миллат ва бақои ҷовидонаи он донista, «барномарезӣ ва таъмини истиқлоли фарҳангии миллат»-ро «аз ҷумлаи вазифаҳои умдаи миллӣ» ба шумор меоварад ва таъкид мекунад, ки «Ташаккули давлати миллӣ баробари шаклгирии истиқлоли фарҳангӣ сурат мегирад. Истиқлоли иқтисодӣ фақат як пояи истиқлоли фарҳангӣ, пояи ибтидоии он аст. Онро ба камол расонидан лозим аст. Бо фарорасидани камолоти истиқлоли фарҳангӣ давлати миллӣ низ ба камол мерасад. Он ҷо, ки истиқлоли фарҳангии миллат нест, давлати миллӣ ҳам нест. Давлати миллӣ бо истиқлоли фарҳангӣ вуҷуд дорад» [7, с. 141].

Порчаи иқтибосшуда, дар маҷмуъ тамоми матни мақолаи «Истиқлоли сиёсӣ ва истиқлоли фарҳангӣ», ба қавли худи Шакурӣ М., ки дар як мақолааш нисбати навиштаҳои Айнӣ баён доштааст, «сухани оташбори публитсистӣ» буда, на фақат ҷанбаи амиқи илмию

таҳқиқӣ дорад, балки намунаи публитсистикаи ислоҳотхоҳона мебошад.

Пайдоиши таҳқиқоти илмию публитсистии Шакурӣ М. дар мисоли мақолаи мавриди назар ва дигар таълифоти ӯ, ки дар онҳо масъалаи давлат ва истиқлоли фарҳангӣ ба муҳокима кашида шудааст, ба таҳаввулоти давраи истиқлол алоқаманд буда, на бо мақсади соф илмӣ, балки барои ҳалли масъалаи муҳими сиёсиву фарҳангӣ иншо шудааст. Аз нигоҳи ӯ баррасӣ ва арзёбии ин масъалаҳо ба сарнавишти таърихӣ ва ояндаи миллати тоҷик вобаста буда, онро сарфи назар кардан ба манфиати имрӯзу ояндаи миллат нест. Мубориза ба муқобили нигилизми миллӣ ё афкори созишкорона дар осори қаблии Шакурӣ М. низ ба назар расад ҳам, дар ин мақола хеле ҷиддӣ баён шудааст. Дар ин мақола ва баъзе осори дигари ӯ, ки поёнтар дар бораи онҳо сухан хоҳем кард, байни мубориза иҷтимоиву сиёсӣ ва илми адабиётшиносиву забоншиносӣ ва публитсистӣ фарқе гузошта нашудааст. Таҳқиқоти илмӣ дар дасти Шакурӣ М. ба сифати силоҳи мубориза дар роҳи ҳалли яке аз масъалаҳои асосии таърихи нави миллат – бунёд ва таҳким бахшидани давлат ва ҷараёни созандагии фарҳангӣ хидмат мекард. Ин усули таҳқикро муаллиф бо ҳадафи таъсир расондан ба шуури нави миллӣ-худшиносиву худогоҳӣ ба сифати омили таъсиргузор истифода кардааст, ки ифодагари ҷасорат ва аҳамиятхоҳии ӯ мебошад.

Мақолаҳои Шакурӣ М. дар солҳое интишор шудаанд, ки раванди ташаккули ҷараёни худшиносии миллӣ, созандагии фарҳангӣ ва муайян намудани мазмуни асосии он суръат гирифта будааст. Маҳз дар ҳамин солҳо талошҳои ӯ ва баъзе равшанфикрони дигар имкон додааст, ки мундариҷаи худшиносии миллӣ, амалкарди давлат ва дар ин замина равиши бозсозии фарҳангӣ дуруст муайян шавад ва худшиносии таърихии миллат дар асоси дарки муҳимтарин ҳодисаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии замони гузашта ва ҳозира таҳаввул ёбад.

Дар ин замина ин донишманд истиқлоли сиёсиро омили олии ташаккули давлати миллӣ шинохта, таъкид мекунад, ки «Таъмини истиқлоли фарҳангии миллат ҳамоно афзоиши ҷилои симои одамии вай аст. Ҳама хислатҳои нек, ҳусни одоб тобу тавони ақлонии ӯро ба худсозӣ сафарбар кардан аст. Ин бахт фақат дар сояи истиқлоли сиёсӣ ба ҳадди камол мерасад. Бидуни истиқлоли сиёсӣ низ имконпазир аст, лекин ба дараҷаи олӣ, чунончӣ ба дараҷаи аҳди Сомониён расидани он аз эҳтимол дур аст» [6, с. 135]. Муҳаққиќ дар заминаи таҳқиқи сарнавишти таърихии тоҷикон ба хулоса меояд, ки барои расидан ба истиқлоли комили давлатӣ наметавон аз таҷрибаи таърихии миллат сарфи назар кард. Аз нигоҳи ӯ таҷрибаи таърихии тоҷикон, ба вижа таҷрибаи замони давлатдории Сомониён далели он аст, ки «истиқлоли фарҳангӣ, худрасиву худсозии маънавии миллат, шукуфоии табъи ӯ бештар аз ҳама ба шарофати истиқлоли сиёсӣ даст медиҳад ва тавоноие барои таъмини бақои умри миллат ба даст меорад. Истиқлоли фарҳангӣ эҳтиёҷ ба истиқлоли сиёсӣ дорад ва истиқлоли сиёсӣ бидуни истиқлоли фарҳангӣ вуҷуд нахоҳад дошт» [5, с. 135-136].

Чунон ки ба назар мерасад истиқлоли сиёсӣ барои Шакурӣ М., пеш аз ҳама, мустақилият ва тасмимгириҳои хоси давлат дар бозсозии сохтори миллӣ, аз ҷумла сохтори фарҳангӣ аст, ки умри бардавоми миллатро замонат медиҳад. Дар ин замина ӯ саводомӯзиро омили асосии бозсозии фарҳангӣ таъбир карда, ба таъкид навиштааст: «Моҳиятан давлати миллӣ аз истиқлоли фарҳангӣ ибтидо меёбад, вале чун истиқлоли фарҳангӣ аз савод ва мактаб, аз инсонгароии омӯзишу парвариш нумуъ мекунад, тавон гуфт, ки давлати миллӣ аз ислоҳи таҳсилот, аз инсонгароии мактаб оғоз меёбад». Дар идомаи ин андеша муҳаққиқ дар асоси таҳқиқи илмӣ ва арзёбии дақиқ ҳамбастагӣ миёни ташаккули давлати миллӣ, истиқлоли фарҳангӣ ва инсонгароии омӯзишро исбот менамояд, ки дар такя ба сарнавишти таъри-

хии миллати тоҷик сурат гирифтааст [6, с. 137-138].

Донишманд дар мақола барои нишон додани самтҳои асосии истиқлоли фарҳангӣ, ки бунмояи устувори давлати миллӣ низ мебошад, зарбаҳои сахтеро, ки «пас аз инқилоби 1917-1920» ба сари забони тоҷикӣ-форсӣ омада буд, бармешуморад ва дар ин замина ду ҷараёни қавии харобкориро ҳамчун омили осебпазир барои худшиносии миллӣ зикр мекунад. Ҷараёни якумро ӯ «душевагӣ-диглосия» унвон карда, сиёсати синфияти забонро, ки идеологияи Шуравӣ ба роҳ андохта буд, омили вайронгари ҳувияти фарҳангӣ маънидод менамояд. Ба андешаи ӯ дар мубориза мағлуб шудани забони адабии ҳазорсола ва ҷойи онро гирифтани забони авомона «боиси паст рафтани савияи фарҳангии ҷомеа ва реша давондани камсаводиву бесаводӣ гардид».

Ҷараёни дувумро, ки ба мушоҳидаи Шакурӣ М. зиёда харобкор будааст, «дузабонӣ – билингвизм» меномад ва онро заминагузори мубориза миёни забони форсии тоҷикӣ ва забони русӣ таъбир мекунад. Ӯ ин ҷараёнро аз забони устод Айнӣ «ҷараёни забон вайронкунанда» унвон карда, нақши вайронгари «тарҷумаҳои ҳарф ба ҳарф»-ро ҳамчун омили тахрибкорӣ фарҳангӣ зикр менамояд ва ба ин натиҷа мерасад, ки зери таъсири ин ду ҷараёни «таърихии душевагӣ ва дузабонӣ, ки дар ҳар ду маврид ҳам забони форсии фасеҳи ҳазорсола, ки яке аз сарватмандтарин забонҳои ҷаҳон аст, дар мубориза шикаст хӯрд ва ақиб нишаст. Дурусттар он ки онро шикаст хуронданд, шароити иҷтимоиву сиёсии замон барои нотавониву нобудии он замина омода сохт» [6, с. 139-140]. Ин ҳодисаро ӯ шикасти миллат ва омили паст рафтани сатҳи фарҳангии ҷомеа ва афзоиши бемаънавиятӣ таъбир мекунад, ки ҳам тафаккурро дигар кард, ҳам миллат бисёре аз сифатҳояшро аз даст дод.

Шакурӣ М. аз таҳлилу арзёбиҳое, ки дар мақолаҳои худ оид ба давлат ва фарҳанг анҷом додааст, ба ин натиҷа мерасад, ки аввалан истиқлоли фарҳангии тоҷикон бо иҷрои як силсила барномаҳо имконпазир аст, дувум он ки тарҳрезии чунин барномаҳо зарур ва ҳатмӣ буда, ҳастии миллатро фарҳанг ва маънавият ҳифз хоҳад кард. Савум ин донишманд таъкид мекунад, ки растагорӣ ва пояндагии умри миллат ба дасти давлати миллӣ фароҳам меояд. Дар ин замина вай барномарезӣ ва таъмини истиқлоли фарҳангии миллатро аз ҷумлаи вазифаҳои умдаи давлати миллӣ таъбир карда, ташаккул ва пешрафти ин давлатро ба шаклгирии истиқлоли фарҳангӣ вобаста медонад. Бо зикри омилҳои боло муҳаққиқ пешниҳод мекунад, ки бояд расидан «ба эҳёи маънавӣ мақсади ниҳоии давлати миллии тоҷикон бошад. Дар ин замина, ба андешаи ӯ «эҳёи маънавӣ бояд дарунмояи андешаи миллӣ ва ғояи асосии давлатдории тоҷикон дониста шавад. Давлат созмон додани ҷомеаи хоси миллати тоҷиконро, ки ба зеҳнияту ментелитети миллат ва ба ҷомеаи анъанавӣ (суннатӣ)-и он созгор бошад, яъне ҷомеаи маънавибунёдро вазифаи асосии худ эълон бикунад ва ҳамаи қуввату ғайрати миллатро ба сохтмони чунин ҷомеа, ба бунёд кардани ҷомеае, ки ба анъанаҳои фарҳангии чандин қарни таърихи миллат, ба тамаддуни бостонии Хуросони бузург асос ёфта моҳияти ҳастии тоҷиконро ифода созад ва ҳам ба воқеияти кунунии ҷаҳон мувофиқ бошад, сафарбар намояд» [6, с. 141].

Аз таҳлили мавзуву масъалаҳои ин мақола бар меояд, ки Шакурӣ М. дар баробари дарки амиқи масъулияти худ аз таълифи чунин мақолаи илмӣ «вазифаи асосии публитсистика ва ҳадафи» онро низ асоси фаъолияти эҷодиаш қарор дода, ба ин васила хостааст «ба афкори омма таъсири фаъол» гузорад. Дигар аз афзалияти ҳунари Шакурӣ М. аз таълифи чунин мақолаҳо иборат аз он аст, ки ӯ тавонистааст бо чунин амал «ба соҳаҳои гуногуни зиндагӣ амалан таъсир расонад». Аз ин ҷиҳат, фаъолияти илмӣ ва публитсистии ӯ ба эътибори дорои тамоюл ва моҳияти иҷтимоӣ буданаш аксаран вазифаи иҷтимоӣ дошта, «дар худ фазилати илм ва ҳунарро фароҳам овардаанд, ки ба ин далел чун

намуди эҷодиёт ва инъикоскунандаи воқеият амал мекунад».

Ҳамин хусусият дар мақолаҳои дигари ӯ, ки мавзуи давлат ва фарҳангро матраҳ кардаанд, низ равшан ба назар мерасад. Дар ин замина маќолаи «Ҳувияти фарҳангӣ ва ҷаҳонгароӣ» аз бисёр ҷиҳат ҷолиби диққат буда, ҷанбаи публитсистии он ҳадаф ва вазифаи мушаххаси иҷтимоию маънавӣ дорад. Ин мақола қадами ҷиддӣ дар таблиғ ва ҳифзи худшиносии миллӣ мебошад.

Муҳаққиқ бо як пажӯҳиши фарогир фаҳмиши ғарбии ҷаҳонгароӣ ва шарқии онро бо ҳам муқоиса карда, ҷиҳатҳои манфии ин равандро дар матни воқеияти иҷтимоиву фарҳангии Тоҷикистон ошкор намудааст, ки бадтарини он «аз ҳувияти фарҳангӣ маҳрум кардани мардум аст» [8, с. 210]. Ин ҷараёнро ба мушоҳидаи Шакурӣ М. «назарияи адами фарҳангӣ», ки ба «назарияи ду фарҳанг дар ҳар фарҳанги миллӣ» якест. Назарияи дуюм пешниҳоди В. И. Ленин аст, ки мақсади аслиаш аз ҳувияти фарҳангӣ маҳрум кардани мардум аст, то онҳо зудтар «ягонагии ҷаҳонӣ»-ро таъмин кунанд.

Шакурӣ М. ин равандро бар хилофи хостаҳои башар дониста, менависад, ки «ЮНЕСКО дар баённомаи умумии худ бар хилофи назарияи адами ягонагии миллии фарҳанг таъкид мекунад, ки гуногуниву рангорангӣ ва ҷилои рангомези ҳар фарҳанги миллиро устувор бояд кард. ЮНЕСКО таъкид бар ин дорад, ки фарҳанг аз маҷмуъи хусусиятҳои мушаххаси ҷомеа ва ё гурӯҳи иҷтимоӣ, аз маҷмуи мушаххасоти маънавию моддӣ, фикрӣ ва отифии онҳо иборат аст ва ба ҷуз санъату адабиёт боз «шеваи зиндагӣ», яъне «қобилияти ҳамзистӣ», низоми арзишҳо ва эътиқодҳоро дар бар мегирад. Устувории маҷмуи омилҳои ҳувиятсоз пояҳои ҳастии миллатро пурқувват мекунад».

Дар ин замина ӯ омилҳои бумии анъанавии ҳувиятсозро бавуҷудорандаи бунёди миллии фарҳанг ва таъминкунандаи ягонагии фарҳангии миллат мешуморад. Дар ин равиш бо таҳқиқи бамуддао муаллиф зарареро, ки садаи бист ба бунёди миллии фарҳанги халқҳо расондааст як–як баршумурда, бо далелҳо исбот мекунад, ки назарияи адами фарҳанги ягона ҳисси миллӣ, ифтихори миллӣ, умуман, ҳувияти миллиро камкам нест карда, барои расидан ба якрангии ҷаҳонӣ, дурустар ин ки барои расидан ба ҳамрангӣ бо мардуми ғарб замина омода созад» [6, с. 211].

Дар ин замина Шакурӣ М. раванди ҷаҳонӣ шудан дар Тоҷикистонро ҳамчун ҳодисаи манфӣ арзёбӣ карда, аз он ки ба истилоҳ «унсурҳои қарзии ҳувиятсоз» соҳаи ахлоқу одоб ва забонро фаро гирифта, ба сохтори фарҳанги миллӣ зиён ворид мешаванд, изҳори ташвиш мекунад ва бархе аз онҳоро аз назар мегузаронад, ки якеи он сиёсати маънавиятситезӣ ва миллиятзудоӣ мебошад. Ин равандро таҳлил карда донишманд нуфузи фарҳанги русиро дар замони Шуравӣ омили «зоҳиран тоҷик, ботинан рус» шудани аҳолии қасме аз манотиқи Тоҷикистон, аз ҷумла шаҳри Душанбе медонад.

Шакурӣ М. бегонафарҳангиро омили тахрибкори ҳувияти миллӣ дониста, хулоса мекунад, ки «агар як нафар гирифтори он гардад, чандин насли авлоди ӯ наметавонанд аз он раҳоӣ биёбанд» [6, с. 213]. Ин мулоҳизаи Шакурӣ М. дар заминаи воқеият ба вуҷуд омадааст. Ҳамчунин донишманд ҳодисаҳои дигар, аз ҷумла намуди миллӣ надоштани шаҳри Душанберо дар замони хеш ва лоиҳаҳои нав вуҷуд надоштани унсурҳои меъмории миллии тоҷикӣ, даст кашидан аз услуби анъанавии бобоии тоҷиконро роҳ ба сӯйи маҳрумият аз чеҳраи милллии худ таъбир карда, таваҷҷуҳи мақомдорони давлатиро ба зинда кардани суннатҳои бостонии шаҳрсозӣ, ки ҷузъе аз унсури худшиносии миллӣ ва ҳувияти фарҳангӣ мебошад, ҷалб карданӣ шудааст.

Яъне дар ин мақола рӯйи сухани муаллиф бевосита ба давлати вақт нигаронида шудааст, ба ин умед, ки калиди ҳалли мушкилоти фарҳангӣ дар дасти давлат аст. Хулосаи худро дар ин боб ӯ чунин ҷамъбаст кардааст: «Давлати миллӣ дар ҳама асру замон поя бар андешаи миллӣ дошта, рисолати таърихии он омода сохтани заминаи бақои умри

миллат аст. Ба вежа, дар сарзаминҳое чун Мовароуннаҳру Хуросон, ки аз аҳди бостон қаламрави маънавият буданд, давлати миллӣ бо устувор кардани дарунмояи маънавии ҳастии миллат вазифаҳои таърихиеро, ки як-як пеш меоянд иҷро карда, барои ҳифзи ҳувияти фарҳангии миллат талош меварзад ва миллатро барои тайи роҳҳои ноҳамвори таърих, барои расидан ба сарманзили мақсуди таърихӣ сафарбар мекунад» [6, с. 231].

Дар ин хотима Шакурӣ М. давлатро барои рушду такомули маънавии инсон ва фаъолияти вай масъул ва вазифадор дониста, дар ин замина таъмини фаъолияти маънавии шахс, омода сохтани пойгоҳи моддиву техникӣ, рушди фарҳанги маънавию моддӣ – мактабу маориф, илму санъат, адабиёту забон, касбу ҳунар ва монанди инҳоро аз ҳадафҳои стратегии давлат ба шумор меоварад.

Шакурӣ М. дар бисёре аз мақолаҳояш, ки масъалаи маънавият ва фарҳангро баррасӣ кардааст, табиист, ки дар боби рисолати давлат дар ин замина ба таври мушаххас сухан карда, консепсияи хоси назарӣ ва амалиашро оид ба давлат матраҳ кардааст. Чунонки муҳаққиқ Муродӣ М.Б. дарёфтааст, Шакурӣ М. «ба масъала аз диду назари иҷтимоиву сиёсӣ наздик шуда, дар атрофи чигунагии давлати миллӣ, рисолату вазифаҳои он, заминаҳои ташаккули чунин давлат барои тоҷикон, ба назар гирифтани авомили худӣ ва бегона дар ташкили чунин давлат, муносибати дину давлат, ислоҳи куллии мактаби оливу миёнаи умумӣ ва монанди инҳо изҳори андеша менамояд ва зинаи баланди давлатдорӣ будани давлати миллиро таъкид месозад» [3, с. 499-450].

Ба ин бардошт метавон афзуд, ки аз нигоҳи М. Шакурӣ вазифаи давлат на танҳо ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва кишварро ба ҳадафҳои ниҳоии миллӣ расондан, балки дар ин замина «шартҳои дигаре ҳам дар миён аст». Ин донишманд ин шартҳоро як-як ном мебарад, ки аз созвории давлат ба ҳувияту зеҳнияти миллат, ба хусусиятҳои таърихии инкишофи фарҳангӣ ва иҷтимоиву сиёсии вай, ба муҳимтарин анъанаҳои миллӣ иборат мебошад.

Хулосаи ӯ дар ин замина ин аст, ки «Давлате, ки моҳиятан аз ҳувияти миллӣ нумӯ гирифтааст ва мувофиқи зеҳнияту менталитети миллист, давлати миллӣ хоҳад буд ва дар ҳамин сурат вазифаҳои миллии худроончунонки бояд ва шояд, иҷро хоҳад кард. Агар давлат ба вежагиҳои ҳастии маънавии миллат созгорӣ надошта бошад, наметавонад рисолати таърихии худро он тавре ки лозим аст адо намояд. Моҳияти миллӣ лозими зоти давлат аст» [9, с. 344].

Чунонки ба назар мерасад, бунёди давлати миллӣ яке аз масъалаҳои муҳимест, ки дар осори илмию публитсистии Шакурӣ М. бо ҷиддият ба миён гузошта шуда, консепсияи хоси диди назарӣ ва амалии ӯро ташкил медиҳад. Мавсуф бо назардошти истиқлоли давлатии Тоҷикистон ин масъаларо барои имрӯзу ояндаи кишвар тақдирсоз ҳисобида, дар ин замина ҳифз ва эҳёи зеҳнияти таърихии фарҳангӣ ва ташаккули шуури миллиро яке аз омилҳои таъсиргузори рушди худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ ба қалам медиҳад ва мустақилияти фарҳангиро василае барои шаклгирӣ ва равнақи давлати миллӣ медонад. Сабаби дар шинохти давлати миллӣ ва рисолати он чунин мавқеъ гирифтани муаллиф дар он аст, ки Тоҷикистон истиқлолияти мусбатро соҳиб шудааст. Аммо мутаассифона, бархе аз мо пурра ба қадри ин имкониятҳои замони истиқлол намерасему он шароитҳои муҳайёгаштаро дуруст истифода намебарем, ки ин худ бар зарари мо хоҳад буд. Сабаби инро Шакурӣ М. дар он дидааст, ки техника хуб аст, аммо ҷавонони мо насли наврас онро моҳирона ва ба манфиати худ истифода бурда наметавонанд. Ин донишманд ҷанги шаҳрвандиро омили дигари ақиб партофтани раванди ташаккули давлати миллӣ дониста, ба ин далел ташкили давлати миллии маънавибунёдро дар Тоҷикистон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба шумор меоварад ва таъкид мекунад, ки «тоҷикон дар остонаи қарни 21 бештар аз баъзе миллатҳои дигари собиқи Шуравӣ эҳтиёҷ ба давлати мил-

лӣ доранд», зеро ба андешаи ӯ «ташаккули мукаммали давлат бо устувор шудани давлати миллӣ имконпазир хоҳад буд ва миллатеро, ки ҳанӯз давлати хоси худро соҳиб нест, миллати комил наметавон ҳисобид.

Ин аст, ки таъсиси давлати миллӣ яке аз умдатарин шартҳои мавҷудият ва рушди камоли миллат аст ва миллате, ки барои худ давлати иқтидорманде барпо наовардааст, ҳастии миллии ӯ нимҳастӣ мебошад» [9, с. 339]. Дар ин радиф метавон зикр кард, ки воқеан ҳам Тоҷикистон байни дигар давлатҳои Иттиҳоди Шуравӣ худро дубора эҳё кард ва соҳиби истиқлоли давлатии миллии хеш гардид, ки ин ифтихори миллати тоҷик аст, минҷумла ба қадри ин бояд воқеан расид!

Ҳамчунон ки ин донишманд муносибат ба фарҳанги миллиро дар таносуб ва созгорӣ бо суннатҳои фарҳангӣ баррасӣ карда, дар ин замина фарқи дидгоҳҳои миллиро аз фарҳангпазирӣ ё фарангситезии ғарб нишон медиҳад, тафовути усулии давлати тоҷиконро низ аз кишварҳои ғарб ба муҳокима мекашад. Дар заминаи таҳқиқоти муқоисавӣ ӯ хавфи аз байн рафтани миллатҳоро дар ғарб ёдрас карда, давлати миллиро масъули пешгирии ин хатар медонад. Яке аз роҳҳои пешгирии аз байн рафтани миллат ё ҳувияти миллиашро аз даст додан, ба назари ӯ дурӣ ҷустан аз «фарҳанги ҳамагонии» ғарб мебошад. Ин фарҳанг ба мушоҳидаи ӯ «фарҳанги фанниюю фановарист, на маънавӣ». Ҳол он ки ба андешаи ӯ барои ҷомеа ин кам аст. Барои инсон ва ҷомеа, пеш аз ҳама, зарур будани фарҳанги маънавиро омили ҳифзи ҳастии маънавӣ ва фарҳангии миллат ва шахс медонад, зеро асли ҳастии инсон маънавият ва фарҳанг аст. Хулосаи ӯ дар ин боб ин аст, ки «мо, ки имрӯз ҷомеаи нави тоҷиконро поягузорӣ мекунем, бояд дар ёд дошта бошем, ки аз «фарҳанги ҳамагонии» ғарб набояд намуна бигирем. Ғарб фарҳанги олии маънавиасос низ дорад, ки онро бояд биомӯзем. Давлати тозатаъсиси тоҷикон бояд хусусиятҳои миллӣ дошта, яъне маънавибунёд буда, ҷомиаро ба сӯйи маънавияти олӣ барад ва миллатро аз тамоюлоти маънавияткуши ҷаҳони имрӯз ҳифз намояд» [9, с. 353].

Ин донишманд ҳифзи фарҳангу забони миллиро аз таҳоҷуми фарҳанги бегона фарз донисга, онро яке аз манфиатҳои миллӣ ба шумор меоварад ва аз давлат тақозо мекунад, ки ин равандро ҳангоми танзими сиёсати худ ба эътибор гирад.

Ба назари ӯ сиёсати фарҳангии давлат бояд пешрафти маънавии миллатро ба роҳи муайян дароварад, меросбарии таърихӣ ва инкишофи табиии онро таъмин намояд. Низоми давлатдории миллӣ бар маънавият асос ёфта, сиёсат дар ҳамаи риштахо моҳияти маънавӣ пайдо кунад. Ин тамоюл раванди пешрафти пойгоҳи моддиву фанни (базаи моддиву техникӣ)-ро то ҳадди имкон ба хосту ниёзи маънавии шахс тобеъ месозад, ки яке аз сабабҳои бақо ва инкишофи давлати миллӣ мебошад.

Дар солҳое, ки Шакурӣ М. чунин андешаҳоро доир ба нақши давлат дар ҳифзи ҳувияти фарҳангии миллат дар мақолаҳояш баён кардааст, публитсистикаи тоҷик ҳанӯз аз доираи қолабгароӣ берун наомада буд. Ин донишманд чунин қолабҳоро бо андешаҳои назариаш хеле барвақт шикаста, ҳанӯз дар ибтидои солҳои ҳаштодуми садаи гузашта аз вазъи публитсистика изҳори норозигӣ карда, навиштааст: «Публитсистика аз жанрҳои фаврӣ ва ҷанговарона буда, ба талаботи нав ба нави зиндагӣ зуд ҷавоб бояд диҳад. Аз ин рӯ, одатан доираи мавзуоту проблематикаи он нисбат ба дигар жанрҳо зудтар нав мешавад, такмил меёбад, лоақал баъзе аз навтарин ҳодисаҳои асосии воқеиятро дар бар мегирад. Аммо инро аз баъзе ҷиҳатҳо дар публитсистикаи тоҷик кам мебинем. Вай дар ҳалли баъзе аз масъалаҳои наве, ки дар зиндагонии республикаи мо аз онҳо муҳимтар масъала нест, ҳанӯз иштирок надорад ё ғайриқаноатбахш иштирок мекунад. Инро аз камбудиҳои ҷиддии публитсистика бояд донист» [5, с. 12-13]. Бо вуҷуди он, ки публитсистика на жанр, балки «мисли илм ва адабиёт соҳаи алоҳидаи эҷод аст ва ҳадафаш ба таври дуруст ва воқеӣ инъикос намудани фактҳо ва ҳодисаҳост» [4, с. 144] ин ан-

дешаҳои Шакурӣ М.-ро дар он замон метавон як навъ назари таҳаввулпазир арзёбӣ кард.

Ҳамин гуна шинохти воқеъбинона ва касбӣ аз публитсистика ба ӯ имкон фароҳам овард, ки ҳам дар солҳои шасту ҳафтод ва ҳам солҳои ҳаштоду навади асри гузашта ва давраи истиқлол бо публитсистикаи навҷӯйёна ба майдон ояд ва дар ҷараёни фарогирии мавзуи масъалаҳои худшиносии миллӣ ҳарфи аввал ва тозаро рӯйи қоғаз оварад. Ӯ на фақат паҳлӯҳои гуногуни мавзуи худшиносии миллиро таҳқиқ ва баррасӣ кардааст, балки дар осори илмиаш, аз ҷумла мақолаҳои танқидиаш, агар аз қавли худи ӯ гӯем, «муҳокимаю мулоҳиза ва хулосаҳо»-и илмиро «на бо худдории академӣ, балки ба тарзи публитсистӣ баён» [5, с. 14] кардааст, ки дар публитсистикаи тоҷик усул ва ҳарфи тоза буда, ҳадафи аслиаш бедор кардани андешаи хонанда ва таъсиргузорӣ ба муҳити иҷтимоиву фарҳангӣ ва доираҳои расмӣ мебошад.

Бинобар ин ба ин тартиб, андешаҳои публитсистии Шакурӣ М.-ро дар атрофи масъалаҳои худшиносии миллӣ – давлат ва фарҳанг ҷамъбаст карда, чанд нуқтаро ба алоҳидагӣ метавон зикр кард:

а) давлати миллӣ ва истиқлоли фарҳангӣ дар консепсияи илмию публитсистии М. Шакурӣ асоси ҳастии миллатро ташкил дода, таъмини истиқлоли фарҳангӣ аз ҷумлаи вазифаҳои умдаи давлати миллӣ мебошад;

б) дар шинохти Шакурӣ М. масъалаи фарҳанг, ҷузъи асосии мавзуи худшиносии миллӣ, растагории миллӣ ва таъмини пояндагии ҳастии таърихии халқи тоҷик буда, дар шаклгирӣ ва ҳалли мушкилоти ин соҳа давлат нақши калидӣ дорад;

в) Шакурӣ М. дар мақолаҳои публитсистиаш бо таҳлили амиқи илмӣ исбот кардааст, ки фақат давлати миллӣ бо созандагии фарҳангӣ метавонад ҳастии миллатро мустаҳкам карда, ҳувияти азалии онро бегазанд нигоҳ дорад;

г) хулосаи ин донишманд ин аст, ки фақат истиқлоли фарҳангӣ давлат ва миллатро ба истиқлоли аслӣ расонда, ҳувияти милливу инсонии онро дар фарсӯи таърих ва замонҳо ҳифз хоҳад кард.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Абармарди илму фарҳанг // Маҷмӯаи мақолаҳо, ёддоштҳо ва меҳрномаҳо бахшида ба 80-солагии академик М. Шакурӣ. –Душанбе: Дониш, 2006. – 368 с.
2. Кольцов, М. Писатель в газете / М. Кольцов. – М.: Советский писатель, 1961. – 138 с.
3. Муродӣ, М.Б. Публитсистикаи тоҷик (аз оғоз то имрӯз). – Душанбе: Аржанг, 2021. – 576 с.
4. Усмонов, И.К. Журналистика. Қисми 3 / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2008. – 448 с.
5. Шукуров, М. Бо дили шуълавару сухани бурро / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1980. – № 11. – С. 8-17.
6. Шукуров, М. Пайванди замонҳо ва халқҳо (Маҷмӯаи мақолаҳо) / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
7. Бухороӣ, М. Ш. Қонуни забон ва давлати миллӣ / М. Ш. Бухороӣ. Инсонгароии омӯзиш ва ҷанбаи миллӣ. – Душанбе, 2002. – С. 108-122.
8. Бухороӣ, М. Ш. Садри Бухоро / М.Ш. Бухороӣ. – Душанбе, Деваштич, 2005. – 330 с.
9. Бухороӣ, М. Ш. Хуросон аст ин ҷо: маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон / М. Ш. Бухороӣ. – Душанбе, 2009. – 578 с.
10. Об агар садпора гардад боз бо ҳам ошност. Гуфтугӯ бо устод Муҳаммадҷон Шукуров / Килк. – Обон ва озари 1371, шумораи 32-33. – С. 132-140.

ТДУ 327.7:323.1

## «ИДМ плюс»: ҶОЙГОҲ ВА РИСОЛАТИ ОН ДАР ДУНЁИ БИСЁРҚУТБӢ

**Аннотатсия:** Дар мақола муаллиф доир ба «ИДМ плюс» масъалагузорӣ намуда, ҷойгоҳи созмони мазкурро дар шаклгирии муносибатҳои нави байналхалқии оянда баҳогузорӣ менамояд. Ба вуҷуд омадани тарҳи муносибатҳои ИДМ бо Созмони ҳамкориҳои Шанхай боиси он мегардад, ки иттиҳоди мазкур дар қаламрави собиқ «ИҶШС» маҳдуд нагардида, рушди минбаъдаро касб намояд. Солҳои охир фаъолияти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои кишварҳои узв қонеъкунанда набуд ва ҳолати мазкур боиси бавуҷудоии васеънамоии ҳайати ИДМ гардид. Бо бавуҷуд омадани формати муносибатҳои байнисозмонӣ миёни ИДМ ва СҲШ боис мегардад, то иттиҳоди мазкур ба равандҳои минтақавӣ таъсиргузор гардад. Муаллиф шаклгирии чунин формати ҳамкориро ба ривоҷу равнақи «ҷаҳони бисёрқутбӣ» рабт дода, бо фаъолияти муассири СҲШ ва пайвастани он бо ИДМ дар Авруосиё муносибатҳо мустаҳкам мегарданд. Бисёрқутбӣ бо шарофати институтсионалишави фаъолияти давлатҳо воқеият пайдо мекунад. Дар ҳамин росто низоми нави ҷаҳонии алтернативӣ ташаккул меёбад.

**Вожаҳои калидӣ:** «ИДМ плюс», Созмони ҳамкориҳои Шанхай, бисёрқутбӣ, низоми нави ҷаҳонӣ, гегемонияи амрикоӣ, антигегемония, «Ҷануби Глобалӣ», БРИКС, постсоветӣ пас аз шуравӣ.

## «СНГ плюс»: ЕГО СТАТУС И МИССИЯ В МНОГОПОЛЯРНОМ МИРЕ

**Аннотация:** В статье автор рассматривает проблему «СНГ плюс» и оценивает место этой организации в формировании новых международных отношений будущего. Появление проекта отношений СНГ-ШОС позволит этому союзу развиваться дальше, не ограничиваясь территорией бывшего СССР. В последние годы деятельность Содружества Независимых Государств не удовлетворяла государства-участники, что привело к расширению состава СНГ. Формирование формата межорганизационных отношений СНГ и ШОС позволит этому союзу влиять на региональные процессы. Автор связывает формирование такого формата сотрудничества с развитием «многополярного мира», а с современной деятельностью ШОС и её интеграцией с СНГ на евразийском пространстве происходит укрепление отношений. Многополярность становится реальностью благодаря институционализации деятельности государств. В этой связи формируется новый альтернативный миропорядок.

**Ключевые слова:** «СНГ плюс», Шанхайская организация сотрудничество, многополярность, новый мировой порядок, американская гегемония, антигегемония, «Глобальный Юг», БРИКС, постсоветское пространство.

## «CIS Plus»: ITS STATUS AND MISSION IN A MULTIPOLAR WORLD

**Abstract:** In this article, the author examines the issue of «CIS Plus» and assesses this organization's place in shaping new international relations of the future. The emergence of the CIS-SCO relations project will allow this alliance to develop further, not limited to the territory of the former USSR. In recent years, the activities of the Commonwealth of Independent States have not satisfied member states, leading to the expansion of the CIS. The formation of a format for interorganizational relations between the CIS and the SCO will allow this alliance to influence regional processes. The author links the formation of this format of cooperation with the development of a «multipolar world,» and the strengthening of relations is taking place with the current activities of the SCO and its integration with the CIS in the Eurasian space. Multipolarity is becoming a reality thanks to the institutionalization of state activity. In this context, a new alternative world order is emerging.

**Key words:** «CIS Plus,» Shanghai Cooperation Organization, multipolarity, new world order, American hegemony, anti-hegemony, «Global South,» BRICS, post-Soviet space.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:**
**Назриев Карим** – муовини сардори Раёсати таҳлил ва ояндanигарии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89. Тел.: + (992) 988 01 53 11; E-mail: nar.norov.79@mail.ru

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:**
**Назриев Карим** – заместитель начальника Управления анализа и прогнозирования внутренней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 89. Тел.: + (992) 988 01 53 11; E-mail: nar.norov.79@mail.ru

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**
**Nazriev Karim** - Deputy Head of the Department for Analysis and Forecasting of Domestic Policy of the Center for Strategic Studies under the President of the Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 89. Tel.: + (992) 988 01 53 11; E-mail: nar.norov.79@mail.ru

Шаклгирии низоми нави муносибатҳои байналхалқӣ ва ташаккули тартиботи нави ҷаҳонӣ аз икдом, ташаббус ва тасмимҳои сиёсӣ маншаъ мегирад. Дар воқеъ тасмимҳои сиёсӣ дар сиёсатҳои бузург нақши асосӣ доранд. Шинохти амиқи муносибатҳои муосири байналхалқӣ бо дидабароии аҳроми сиёсати ҷаҳонӣ таҳаққуқ пайдо карда метавонад. Ҳар кадом амал, иқдоми акторҳои байналхалқӣ ба татбиқшавии сиёсати махсусе равона гардидааст.

Дар даҳсолаи охири асри XXI дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ як қатор тағйироти қудратӣ ба амал омад. Шароити баъдиковидии ҷаҳон, фаъолгардии маъмурияти Ҷ. Байден, густариши NATO (САШ) ҷониби Чин ва Россияро муттаҳарик намуд. Ҳолати мазкур боиси шаклгирии системаи антигегемония гардид, ки дар ин росто мақоми Созмони ҳамкориҳои Шанхай ва БРИКС, ки дар он Русия ва Чин мақоми асосӣ доранд, дар солҳои охир бесобиқа афзуд.

Нишасти кишварҳои Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар сентябри соли 2025 дар Чин ва ахиран ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар октябри соли 2025 бо ироа шудани қолаби ҳамкориҳои нави «ИДМ плюс» равзанаи наверо дар бозбинӣ ва баррасии низоми байналмилалӣ боз мекунад.

Президенти Россия Путин В.В. дар ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (10-уми октябри соли 2025) доир ба шаклгирии формати нави ҳамкориҳои байнидавлатию байнисозмонӣ ва густариши минбаъдаи ИДМ бо роҳи пайвастан бо созмонҳои минтақавӣ масъала ба миён овард. Дар ин раванд афзалияти бештар ба Созмони ҳамкориҳои Шанхай дода шуд. Ҷониби Русия махсус таъкид кард: «мо ҷонибдори амиқтар шудани робитаҳо миёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Созмони ҳамкориҳои Шанхай ҳастем. Ҳадафи лоиҳаи қатънома дар бораи додани мақоми нозири СҲШ дар доираи ИДМ ҳамин аст. Воқеан, истифодаи пурраи иқтидори ҳамкории ду созмон барои таъмини рушди амн ва устувори кишварҳои мо ва тамоми минтақаи Авруосиё муфид хоҳад буд» [1]. Дар тақвияти масъалаи мазкур афзуд: «... ташкили формати нави корӣ – «ИДМ плюс»-ро ҷонибдорӣ мекунем. Ин имкон медиҳад, ки дигар давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ бо ташкилоти мо фаъолонатар ҳамкорӣ кунанд» [1].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳаммияти қабули қарорҳо оид ба ташаббуси «ИДМ плюс» ва додани мақоми нозир ба Созмони ҳамкории Шанхай дар назди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро таъкид карда, ин иқдомро ҳамчун қадами муҳим дар густариши робитаҳои

байналмилалии Созмон арзёбӣ намуданд [2].

Созмони ҳамкориҳои Шанхай ба ҳамкорӣ дар самтҳои дар Ёддошти тафоҳум байни Котиботи СҲШ ва Кумитаи иҷроияи ИДМ, ки 12-уми апрели соли 2005 ба имзо расид, барои кори минбаъдаи муштарак заминаи мустаҳкам гузоштааст, таваҷҷӯҳи хоса дорад. Аз ҷумла, мубориза бо терроризм, сепаратизм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа, ҷиноятҳои муташаккил ва фаромиллӣ, густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад.

Додани мақоми нозир ба СҲШ дар доираи ИДМ шабоҳати ҳадафу принсипҳои ҳарду созмон, инчунин мавқеъҳои муштараки онҳоро оид ба масъалаҳои муҳимми байналмилалӣ нишон медиҳад. Ҳар ду ташкилот тарафдори баробар ва пурра риоя кардани принсипҳо ва меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналхалқӣ мебошанд.

Зарур ба таъкид аст, ки пайвастани Созмони ҳамкориҳои Шанхай ба Иттиҳоди Далатҳои Мустақил якчанд пайоми хос ба минтақа ва ҷаҳон дорад. Аввалан, шаклгирии чунин формати ҳамкории байнисозмонӣ ба ИДМ неруи нав бахшида, амалкарди онро муассир мекунад. Сонияи, кишварҳои узви ИДМ (бо истисно) дар навбати худ аъзои СҲШ низ мебошанд, ки ҳолати мазкур ҳамкории чандҷонибаро дар ҳар ду созмон таҳким мебахшад. Сеюм, дар раванди шаклгирии ҷаҳони бисёрқутбӣ ва узвияти Россия ва Чин дар ҳар ду созмон Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро вориди фазои нави муносибатҳои геополитикӣ мегардонад. Аз ин лиҳоз дар таҳқиқоти зерин талош ба ин мегардад, ки бо парадигмаи зикргардида ба рушди равандҳои сиёсӣ баҳогузорӣ сурат бигирад.

Дар давоми чоряк асри гузашта Созмони ҳамкориҳои Шанхай аз як ташаббуси минтақавӣ ба яке аз платформаҳои асосии байналмилалӣ табдил ёфт, ки мадори дипломатияи Авруосиёро муайян мекунад. Ин созмон бузургтарин кишварҳои Осиё ва Авруосиёро муттаҳид намуда, ҳамчун василаи таъмини амният, рушди робитаҳои иқтисодӣ ва ҳимояи манфиатҳои давлатҳои «Ҷануби Глобалӣ» хидмат мекунад. Дар пасманзари ноороmиҳои ҷаҳонӣ ва гузариш ба ҷаҳони бисёрқутбӣ нақши СҲШ беш аз пеш барҷаста мегардад.

Дар заминаи рақобати афзояндаи қудратҳои ҷаҳонӣ, набудани кишварҳои ғарбӣ, ба созмон хусусияти як платформаи муколамаи мустақилро медиҳад, ки аз блокҳои анъанавӣ фаротар аст. Барои бисёре аз кишварҳои узв, СҲШ василаи ҳифзи истиқлолият, ноил шудан ба ҳадафҳои рушд ва мувозинати Шарқу Ғарб мебошад. Бояд таъкид кард, ки ин як иттиҳоди идеологӣ нест, балки як форуми прагматикӣ буда, дар он доираи васеи фаъолон - аз кишварҳои таҳти таҳримот то кишварҳои ислоҳталаб метавонанд сиёсатҳоро ҳамоҳанг созанд ва баҳсҳоро ҳал кунанд.

«Рӯҳи Шанхай» маънои эътимод, баробарӣ, эҳтироми гуногунрангӣ ва манфиати мутақобиларо дорад. Дипломатияи Чин дар вактҳои охир ба мустаҳкам намудани ин принсипҳо тавассути панҷ банди амиқи ҳамкорӣ фаъолона мусоидат мекунад. Ин тадбирҳои мушаххасро - рушди робитаҳои нақлиётӣ, долонҳои тиҷоратии минтақавӣ ва муколамаҳои амниятӣ такмил дода, ба шарикони таърихӣ имкон медиҳанд, ки ба таври созанда ҳамкорӣ кунанд.

Дар ҷаҳоне, ки низоми байналмилалиро бо тағйирёбии иттифоқҳо, пароканадагии иқтисодӣ ва амиқтар шудани хатҳои шикасти ҷаҳонӣ муайян мекунад, СҲШ нақши устуворкунандаро мебозад. Он даъвои «юриши салибӣ» ба муқобили Ғарб ва ё кӯшиши муқобилвазнии расмӣ ба сохторҳои евроатлантикиро надорад. Вазифаи он танзими мураккабиҳо ва ташаккули тартиботи нави байналмилалӣ бо мантиқи бисёрқутбӣ мебошад.

Нишасти Тянҷин дар сентябри соли 2025 нишон медиҳад, ки СҲШ омодааст дар ташаккули низоми бисёрқутбӣ нақши фаъолтар бозад. Дипломатияи

ором ва прагматикии он, ки ба ҳамкориҳои амниятӣ, робитаи иқтисодӣ ва фаҳмиши фарҳангӣ асос ёфтааст, роҳи алтернативии суботро пешниҳод мекунад.

Шароити бавуҷудомада дар муносибатҳои байнлалхалқӣ ва шаклгирии низоми бисёрқутбии олам, фаъолгардии Чину Россия ва узвияти кишварҳои ба мисли Ҳиндустону Покистон дар созмони мазкур, ки ҷанбаи қудратӣ-ҳастаии онро таъмин мекунанд, зарурати шинохту арзёбии онро тақозо менамояд.

Шарикони муколамаи СҲШ ба тадриҷ васеъ гардида, таваҷҷуҳи кишварҳои «Ҷануби Глобалӣ» барои воридшавӣ ба он бештар мегардад. Дар шароити кунунӣ тақрибан ҳамаи кишварҳои Халиҷи Форс ба ҳайси шарикони муколама дар СҲШ намояндагӣ мекунанд ва ба ин васила эътимоди худро ба лоиҳаи минтақавии ғайриғарбӣ доранд. Дар ҳоли васеъшавии БРИКС ва СҲШ «Ҷануби Глобалӣ» торафт бештар сарҳадҳои институтсионалӣ дар бахшҳои амният ва иқтисодро ба даст меорад. Гузашта аз ин, СҲШ чаҳор бозигари ҳастаиро дар бар мегирад, ки онро воқеан ба кафили амнияти ҳастаӣ дар Авруосиё табдил медиҳад.

Дар шароити муосир низоми нави ҷаҳонӣ ташаккул меёбад. Барои Россияву Чин ва дар маҷмуъ барои Созмони ҳамкориҳои Шанхай муҳимтарин масъала дар ин замина эҷоди чаҳорчӯби амниятӣ баробар ва ҷудонашаванда дар Авруосиё дар заминаи ҳамкории наздики худи кишварҳои Авруосиё бидуни ҳузур ва дахолати беруна аст.

Ҳолати кунунии рушди равандҳои ҷаҳониро ба эътибор гирифта, коршиносон тавонистанд шароити кунунӣ ва ояндаи рушди равандро аз дидгоҳи таҳлилӣ дида бароянд. Сиёсатшинос ва ходими давлатии аврупоӣ Ги Меттана доир ба ҳаводиси охири ҷаҳон чунин менависад: "нишасти сарони кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай ва маросими таҷлил аз 80-умин солгарди поёни Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ дар Чин таъйиди рӯшани он буд, ки «дар низоми ҷаҳонии рушдёбанда ИМА хориҷ мешавад, Аврупо таназзул мекунад ва «Ҷануби Глобалӣ» бо раҳбарии Си Ҷинпин ва Владимир Путин қувват мегирад.». Ба гуфтаи сиёсатмадор, аз замони оғози амалиёти низомии махсус дар Украина, «пушти Чину Россия танҳо мустаҳкамтар шуд, дар ҳоле ки Аврупо ба ҳошия рафта, табдили он ба як вассали ИМА бебозгашт шуд». Ба гуфтаи Г. Меттан, аврупоиҳо ба далели «... нотавонбинии геополитикӣ аҳаммияти таърихии худро аз даст медиҳанд. Онҳо ба хоҷагони амрикоии худ итоат карданд ва ба доме, ки барои онҳо омода карда буданд, афтоданд: аз тарси хафа кардани дӯсти амрикоии худ бо бузургтарин кишвари аврупоӣ, ҳамсояи наздики худ - Россия равобиташонро қатъ карда, худро аз Чин ҷудо карданд ва ҳамзамон тавонистанд мавқеъҳои худро дар Африқо, Ховари Миёна, Осиё ва ҳатто Амрикои Лотиниро аз даст диҳанд» [3].

Дар замони кунунӣ, ки дар ҷаҳон раванди ислоҳи системаи пештараи амнияти байналмилалӣ рафта истодааст ва кишварҳои ҷануби ҷаҳонӣ даъвои мақоми бозингарони баробарҳуқуқи ҷаҳонӣ доранд, иқтидори СҲШ барои ба минбари муттаҳидсозии қувваҳои «Ҷаҳони Глобалӣ» табдил ёфтан ба таври назаррас васеъ мешавад. Рӯйхати кишварҳое, ки ба ин формат таваҷҷӯҳ доранд, пайваста афзоиш меёбад, ки ин бешубҳа мақом ва эътибори созмонро боло мебарад. Россия ва Чин на танҳо ҳамчун қудратҳои ҳастаӣ, балки ҳамчун аъзои доимии Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид низ омилҳои асосӣ аз лиҳози низомиву стратегӣ боқӣ мемонанд.

Президенти Финландия Александр Стубб ба наздикӣ изҳор дошт: «Кишварҳои ғарбӣ метавонанд аз Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) мағлуб шаванд, агар онҳо сиёсати ягонаи берунаро пеш нагиранд» [4].

Воқеан, тарҳҳои классикии иттифоқҳои низомию сиёсии ғарбӣ, ки дар қарни қаблӣ самарабахш буданд, дар асри XXI ба таври қобили мулоҳиза коҳиш ёфтани аҳаммияти худро нишон медиҳанд. Бартарии Ғарб дар тӯли даҳсолаҳо тавассути гегемонияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ки ҳамчун раҳбари

системавӣ хидмат мекард, ҷолибияти идеологӣ ва иқтисодии тарҳи рушди ғарбӣ дар он вақт таъмин карда шуд. Бо вуҷуди ин, дар шароити кунунии заиф шудани ҳам гегемонияи Амрико ва ҳам ҷолибияти умумии лоиҳаи ғарбӣ, зарурати ташаккули тартиботи нави ҷаҳонии ғайриғарбӣ пеш омадааст. Ҳамчунин дар солҳои охир нишастҳои G7 ба намоиши нотавонӣ табдил ёфтаанд. Дар айни замон ягон сохторе вуҷуд надорад, ки дорои салоҳият ва устувории кофӣ барои таъмини чунин сенария бошад.

Дар ин шароит Созмони ҳамкориҳои Шанхай ба ҷаҳониён намунаи як тарҳи алтернативии идоракунии глобалиро пешниҳод мекунад. Барои бисёр мамлакатҳои «Ҷануби Глобалӣ», ки таърихан аз мустамликадории кишварҳои аврупоӣ ва сиёсати навмустамликадорӣ зарар дидаанд, принсипи «дахолат накардан ба корҳои дохилӣ», ки дар Оинномаи СҲШ ифода ёфтааст, ҷозибаи асосӣ мебошад. Ин мухолифи мустақими равиши ҳукмрон аст, ки аксар вақт ҳамкорӣ бо талаботи сиёсӣ мепайвандад.

Созмони Ҳамкориҳои Шанхай ва БРИКС дар ҳоли ҳозир як платформаи муттаҳидкунандаи кишварҳои аксарияти ҷаҳонӣ, кишварҳои ғайриғарбӣ мебошанд, ки дар муқоиса бо ҷаҳони яккутбӣ, ки Амрико бунёд мекунад, низоми нави ҷаҳониро дар асоси меъёрҳо ва принсипҳои куллан фарққунанда ташкил мекунад.

Дар меҳвари сиёсати байналмилалии СҲШ ба консепсияи ҷаҳони бисёрқутбӣ қарор гирифтааст, ки дар он Ғарб ягона маркази қудрат нест. Ин ба кишварҳое, ки мехоҳанд дар арсаи байналмилалӣ мустақилияти бештар пайдо кунанд, СҲШ ҳамчун як қутби муқовимат ба гегемонизми Амрико ва Аврупо дар ҷодаи суверенитет мусоидат хоҳад кард. Набудани чорчубаи қатъии идеологӣ дар кори СҲШ низ ба ҷалби кишварҳои «Ҷануби Глобалӣ» барои шомилшавӣ ба созмон мусоидат мекунад. Масалан, давлатҳои дунявӣ ва динӣ аъзо буда, дар кори Созмони ҳамкориҳои Шанхай фаъолона иштирок мекунанд. Ин шарту шароити созмонро чандир ва барои муколама бо доираи васеи кишварҳо боз мекунад.

Вобаста ба матлабҳои зикршуда гуфтан зарур аст, ки шаклгирии чунин формати ҳамкорӣ боиси дигаргунии ИДМ гардида, дигар он ҳамчун ифодагари «ИҶШС» бо кишварҳои собиқ шуравӣ дар дунёи баъдишуравӣ буда наметавонад. Ҳамин мушкилоти рушди ИДМ-ро ба эътибор гирифта, зарурати густариши онро ба миён оварданд. Албатта, бо шаклгирии формати нави баҳамалоқамандӣ рисолати сиёсии ИДМ дар сиёсати байналмилалӣ дучанд мегрдад.

Тибқи назари В. Путин таъсиси формати «ИДМ плюс» бисёр муҳим аст, зеро он созмонро аз як “ҷамъомади оилавӣ” ба созмони байналмилалӣ табдил медиҳад. Бисёр давлатҳое ҳастанд, ки дар кори мо иштирок кардан мехоҳанд, ба кори якҷоя, дарёфт намудани манфиатҳои умумӣ ва роҳҳои ба даст овардани онҳо, ба ҳалли проблемаҳои умумӣ манфиатдор мебошанд [5].

Ҳамин тавр, тарҳи «ИДМ плюс»-и шаклгирии низоми нави муносибатҳои байналхалқӣ қабл аз ҳама ба тақвият бахшидани «ҷаҳони бисёрқутбӣ», ки дар он кишварҳои узви ИДМ, СҲШ унсури аҳроми низоми навин мебошад, равона гардидааст. Ба сифати нозир баромад намудани СҲШ дар ҷаласаҳои ИДМ ин қабл аз ҳама муассир кардани фаъолияти иттиҳоди мазкур дар шароити нави муносибатҳои байналхалқист. Бо ҳамдигар пайвастани кишварҳои узви ин созмон ва минбаъад бо тақвияти ёфтани муносибати миёни ИДМ бо СҲШ ва БРИКС монолити бузург ба вуҷуд оварда шуда, боиси суботи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мегардад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Заседание Совета глав государств – участников СНГ // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://kremlin.ru/events/president/news/78183 (санаи муроҷиат: 13.10.2025).
2. Ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.president.tj/event/news/53145 (санаи муроҷиат: 13.10.2025).
3. Депутат Женевы: саммит ШОС показал, что глобальный Юг набирает силу // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/24985431 (санаи муроҷиат: 12.10.2025).
4. Стубб выразил опасения, что Запад может проиграть странам ШОС // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://interaffairs.ru/news/show/52775 (санаи муроҷиат: 12.10.2025).
5. Путин: формат “плюс” позволит СНГ перестать быть “семейной организацией” // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://tass.ru/politika/25311821 (санаи муроҷиат: 14.10.2025).

**УДК 32.019.52**

# НАҚШИ АФКОРИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР РАВАНДҲОИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аннотатсия:** Дар мақола муаллиф масъалаи афкори ҷамъиятӣ ва нақши онро дар равандҳои кунунӣ мавриди таҳқиқ қарор додаст. Қобил ба таъкид аст, ки баробари пайдоиши инсон то айни ҳол афкори ҷамъиятӣ нақши амиқро дар тамоми соҳаҳо доро буду ҳаст. Бо дарки ин гуфтаҳо шароити кунунӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи паҳлуҳои гуногуни афкори ҷамъиятиро ба миён мегузорад. Афкори ҷамъиятӣ омили муҳимест, ки ба қабули қарорҳо ва фаъолият дар соҳаҳои гуногун таъсир мерасонад. Дар ҷомеашиносӣ он ба фаҳмидани динамикаи ҷомеа, дар психология нақши таъсири гурӯҳӣ, дар сиёсатшиносӣ ҳамкорӣ бо сохторҳои ҳокимият ва дар маркетинг ба интихоби истеъмолкунандагон мусоидат менамояд. Таъсири афкори ҷамъиятӣ таҳлилу таҳқиқи хосаро талаб мекунад, омӯзиш ва тарҳи механизмҳои идоракунии он барои давлат метавонад воситаи муассирро барои таъмини амалисозии ҳадафу мақсадҳои стратегӣ муҳайё намуда, ҳамчунин метавонад самти рӯйдодҳоро ба таври назаррас дар соҳаҳои мухталиф тағйир диҳад.

**Вожаҳои калидӣ:** афкор, ҷамъият, равандҳои сиёсӣ, падида, давлатдории миллӣ, шароити кунунӣ, тайғироти нав, қарор, нақш, таъсир

# РОЛЬ ОБЩЕСТВЕННОГО МНЕНИЯ В ПОЛИТИЧЕСКИХ ПРОЦЕССАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Аннотация:** В статье автор рассматривает проблему общественного мнения и его роль в современных процессах. Следует подчеркнуть, что с момента появления человека общественное мнение играет важнейшую роль во всех сферах. В связи с этим, современная ситуация требует всестороннего изучения различных аспектов общественного мнения. Общественное мнение является важным фактором, влияющим на принятие решений и действия в различных областях. В социологии оно помогает понять динамику общества, в психологии - роль группового влияния, в политологии - взаимодействие с государственными структурами, а в маркетинге - потребительский выбор. Влияние общественного мнения требует специального анализа и исследования, а изучение и разработка механизмов его управления могут предоставить государству действенный инструмент обеспечения реализации стратегических целей и задач, поскольку общественное мнение может существенно изменить ход событий в различных сферах.

**Ключевые слова**: мнение, общество, политические процессы, явление, национальная государственность, современные условия, новые изменения, решение, роль, влияние.

# THE ROLE OF PUBLIC OPINION IN POLITICAL PROCESSES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Abstract:** In this article, the author examines the problem of public opinion and its role in modern processes. It should be emphasized that since the emergence of man, public opinion has played a vital role in all spheres. Therefore, the current situation requires a comprehensive study of various aspects of public opinion. Public opinion is an important factor influencing decision-making and actions in various fields. In sociology, it helps understand the dynamics of society; in psychology, it helps understand the role of group influence; in political science, it helps understand interactions with government agencies; and in marketing, it helps understand consumer choice. The influence of public opinion requires special analysis and research, and the study and development of mechanisms for its management can provide the state with an effective tool for ensuring the implementation of strategic goals and objectives, since public opinion can significantly change the course of events in various areas.

**Key words:** opinion, society, political processes, phenomenon, national statehood, modern conditions, new changes, decision, role, influence.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:**
**Шарифхонзода Моҳира Шарифхон** – мутахассиси пешбари Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89; тел: +(992) 918 36 21 22; e-mail: mohirasharifkhonzoda@gmail.com

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:**
**Шарифхонзода Мохира Шарифхон** – ведущий специалист Управления по анализу и прогнозированию внутренней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан; 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 89; тел.: +(992) 918 36 21 22; e-mail: mohirasharifkhonzoda@gmail.com

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**
**Sharifkhonzoda Mokhira Sharifkhon** – Leading Specialist, Department for Analysis and Forecasting of Domestic Policy, Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan; 89 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025,; Tel.: +(992) 918 36 21 22; E-mail: mohirasharifkhonzoda@gmail.com

Афкори ҷамъиятӣ падидаи мураккаб ва фарогири заминаи институтсионалии илмҳои иҷтимоишиносӣ, равоншиносию сиёсатшиносӣ буда, ҳамзамон дар илмҳои иқтисодӣ онро бештар ба сифати предмети омӯзишӣ барои маркетинг маҳсуб медонанд. Афкори ҷамъиятӣ омили муҳимест, ки ба қабули қарорҳо ва фаъолият дар соҳаҳои гуногун таъсир мерасонад. Дар ҷомеашиносӣ он ба фаҳмидани динамикаи ҷомеа, дар психология нақши таъсири гурӯҳӣ, дар сиёсатшиносӣ ҳамкорӣ бо сохторҳои ҳокимият ва дар маркетинг ба интихоби истеъмолкунандагон мусоидат менамояд. Таъсири афкори ҷамъиятӣ таҳлилу таҳқиқи хосаро талаб мекунад, омӯзиш ва тарҳи механизмҳои идоракунии он барои давлат метавонад воситаи муассирро барои таъмини амалисозии ҳадафу мақсадҳои стратегиро муҳайё намояд, зеро, афкори умум метавонад самти рӯйдодҳоро ба таври назаррас дар соҳаҳои мухталиф тағйир диҳад.

Афкори ҷамъиятӣ ҳамчун падидаи алоҳида дар тулли тағйирёбии сохт ва шаклҳои идораи ҷамъиятӣ, яъне сароғоз аз сохти ибтидоии ҷомеа то ба замони пасоиндустриалӣ тағйиротҳои ба таври куллӣ ба амал омада, моҳияти онро дигаргунсохтанд. Бояд тазаккур дод, ки афкори ҷамъиятӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ бо дараҷаи моҳият, иқтидору нуфузаш фарқияти назаррасро соҳиб буд. Сарфи назар аз ин ҳама, афкори ҷамъиятӣ дар ҳар марҳилаи таърихӣ нақши боризро дар худ нигоҳ доштааст. Албатта афкори мардум ҳангоми омӯзиши тамоюлҳои гуногунӣ таърихӣ нақши муҳиму таъсирбахшро касб менамояд. Олими файласуф А.Г. Скрипин дар ин маврид иқтидори ҳалкунандаи онро ба натиҷаи зуҳури амалиаш марбут донист таъкид менамояд, ки «Афкори мардум бо ҳукми пурқуввати худ дар ниҳоят ҷараёни рӯйдодҳои таърихиро муайян мекунад» [12, с. 736]. Дар маҷмуъ худи мардум ё халқ, ҳамчун субъекти асосии баёнкунандаи афкори ҷамъиятӣ баромад менамоянд, овози халқ дар ҳар шакле, ки набошад, чун зуҳуроти амалии афкори он буда, дар пайванд бо рафтори ҷомеа дар олами объективӣ тағйироту дигаргуниҳоро муайян месозад.

Инчунин самтҳои рушди минбаъда ё қатъ гардидани муносибатҳои дахлдорро ба вуқуъ мепайвандад. Пайванди мантиқиро ба андешаи болозикр дар китоби Эсхил зимни мубоҳисаи шоҳ Агаменон бо ҳамсараш Клитемнестра дарёфт мегардад, ки дар Иллиадаи Гомер ӯ ҳамчун шоҳи мағрур тавсиф шудааст,

иброз менамояд, «қувваи бузург аст - андешаи халқ» [14, с. 264]. Ҳамин аст, ки ҷанбаҳои атиқии он аз ҷониби шоҳ Агаменон эътироф гардидани иқтидори афкори ҷамъиятӣ ҳамчун омили чашмрас, бори дигар аз моҳияти таърихии ин падида дар фаъолияти сиёсӣ ҳанӯз аз давраҳои антиқӣ дарак медиҳад.

Дар баробари рушди сохт ва шакли идораи ҷамъиятӣ афкори ҷамъиятӣ ба худ нақши бештарро касб намуд. Ба андешаи Ж. Томаш раванди демократӣ ва пайдоиши ҷамъияти оммавӣ дар асри XX нақши афкорро дар сиёсат амиқ намуд [7]. Дар умум, аз ин бармеояд, ки афкори ҷамъиятӣ аз сохт ва шакли идоракунии ҷомеа вобаста буда, тахти низоми муайяншудаи ҷамъиятӣ ва мутобиқ ба хусусиятҳои он ташаккул меёбад. Дар ҳар шаклу сохти таърихӣ ва низоми идоракунии ҷамъиятӣ бо хусусиятҳои фарқкунандаи худ ба шаклгирии афкори ҷамъиятӣ таъсиргузорӣ менамуд ва моҳияту нақши афкори ҷамъиятӣ аз он вобастагии амиқ пайдо мекард.

Равандҳои сиёсӣ, яке аз нишонаҳои асосии ҳокимияти сиёсӣ маҳсуб ёфта, дар худ хусусиятҳои иттилоотию зеҳнии зиёдеро гирд меорад. Дар навбати худ равандҳои сиёсиро ба ду гуруҳ тақсим менамоянд, ки ин равандҳои сиёсии дохила ва равандҳои сиёсии беруна. Тавре, ки назарияҳои сиёсӣ нишон медиҳад, равандҳои сиёсии дохила ба якчанд ҷанба алоқаманд аст, ки яке аз онҳо афкори ҷамъиятӣ мебошад. Равандҳои сиёсӣ дар ҳокимияти давлатӣ бо ҷанбаҳои зерин таҳким мегардад:

– ҳар гуна равандҳои ташкилӣ таъминоти иттилоотиро, мавҷудияти маълумоти пурра ва боэътимодро дар бораи объект ва муҳити дар он ҷойгиршударо тақозо менамояд;

– иттилоот дар навбати худ қобилияти ҳаётӣ ва устувории раванди сиёсиро таъмин мекунад, «ҳар касе, ки иттилоот дорад, қудрат дорад»;

– иттилооти саҳеҳ ва санҷидашуда ҳамчун воситаи самараноки ташаккули иқтидори зеҳнии давлат амал менамояд;.

Дар навбати худ ба андешаи муҳаққиқон тағйирёбӣ ва инкишофи рафтори сиёсии шаҳрвандон аз мазмун ва мундариҷаи иттилооти равонагашта вобастагии ногусастанӣ дошта, шаклгирӣ ва ояндабинии рафтори сиёсӣ маҳз аз иттилоот сарчашма мегирад [6].

Аз ин ҷиҳат ҳадафи стратегии сиёсати иттилоотии кишвар бунёди ҷомеаи демократии иттилоотӣ ва воридшавӣ ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ муайян гардида, «масъалаҳои гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба марҳилаи сифатан нави идоракунӣ тавассути таъмини ҳамаи иштирокчиёни сиёсати иттилоотӣ бо иттилооти саривақтӣ, пурра ва мӯътамад, бо роҳи ислоҳоти пайдарпаи истеҳсолоти иттилоотӣ дар системаи мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ҳал менамояд» [2].

Ҳамин тариқ, моҳият ва дастарсии иттилоот дар ҷомеа бо ташкил, амалисозӣ ва анҷомдиҳии ҷараёнҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ба таври амиқ алоқаманд аст.

Бояд тазаккур дод, ки аксари олимони ғарбӣ шаклгирӣ ва идоракунии афкори ҷамъиятиро бештар бо афзалияти нақши индивид (афзалияти дидгоҳи инфиродӣ) ва назарияи индивидуализми либералӣ дар меҳвари ин мавзуъ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор медиҳанд. Дар баробари ин, ба андешаи А.С. Панарин дискурси муқобили индивидуализм бо назардошти хусусиятҳои халқ дар ташаккули афкори умумӣ бештар мавриди назар қарор гирифтааст [10].

Дар тақвият ба ин афзалият маҳз хусусиятҳои зерини халқро дар ташаккулдиҳии заминаи афкори ҷамъиятӣ бояд тазаккур дод:

– халқ – соҳиб ва нигаҳдорандаи хотираи таърихии дастаҷамъӣ;

– халқ – ҳамчун нигаҳбони шуури ҷамъиятӣ;

Ҳамин тариқ, рушди ғояҳои либералӣ ва назарияи индивидуализм дар тарҳи механизми ташаккулдиҳию идоракунии афкори ҷамъиятӣ гарчанде нақши бештарро ба худ касб намуда истода бошад ҳам, бо дарназардошти моҳияти хусусиятҳои болозикри халқ, назарияи коллективизм ва конструктивизми иҷтимоӣ дар суратгирии таҷрибаи амалӣ то ҳол нақши худро нигоҳ доштааст.

Халқ – бунёдгузор ва нигаҳдорандаи арзишҳои фарҳангие дар тули тамоми таърихи ҷомеа эҷодгашта мебошад. Дар баробари ин халқ ҳамеша чун қувваи асосии пешбарандаи ҳама масъалаҳои иҷтимоӣ маҳсуб мегардад. Аммо таҷрибаи таърихӣ низ собит менамояд, ки дар марҳилаҳои муайян халқ сарфи назар аз аксариятро ташкил намуданаш ба гумроҳӣ дучор мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳар марҳилаи таърихӣ бо хусусиятҳои ба худ хоса усулу воситаҳои гуногуни таъсирасонӣ ва идоракунии афкори ҷамъиятиро доро буд. Ба ҷузъ аз сохт ва шакли идоракунии ҷамъиятӣ, омили дигар, ки боиси мураккаб гардидани идоракунии афкори ҷамъиятӣ баромад менамояд, рушд ва ба сатҳи комилан васеъ баромадани технологияҳои коммуникатсионӣ мебошад. Зимни таҳлили воситаи коммуникатсияҳои оммавӣ ва сиёсат ба андешаи олимон қаблан сухани шифоҳӣ ягона ва оддитарин воситаи ҷамъоварӣ, нигоҳдошт ва интиқоли иттилоот буд, пайдоиш қоғаз, мошинаҳои типографӣ, матбуотӣ даврӣ ба он хусусияти бештар оммавиро касб намуда, ташаккулёбии почта, телеграф, телефону компютер инқилоби куллиро дар муомилоти иттилоотӣ ба вуқуъ пайваст [9]. Дар замони муосир, яъне ҷомеаи аз ҷиҳати иттилоотӣ-технологӣ тараққӣ кардаи асри XXI, таҳлилу ояндабиниҳо вобаста ба ин падидаи муҳим тахминҳои мухталифро ба вуҷуд меорад. Сарфи назар аз тахминҳо мухталиф, идоракунии афкори ҷамъиятӣ барои устувории ҳар низоми давлатдорӣ моҳияти бузургро дорад.

Дар охири қарни XX бо назардошти пош хурдани Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ Сотсиалистӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлоли давлатии худро 9-уми сентябри соли 1991 эълон намуда, дар саргаҳи раванди давлатсозии мустаъқил қарор гирифт. Дар миёни 15 давлатӣ пасошӯравӣ Тоҷикистони тозаистиқлол шадидтарин озмоишӣ давлатсозиро дар марҳилаи аввали ташаккули давлат паси сар намуд. Ҷанги шаҳрвандӣ ва «Ба майдони муборизаҳои сиёсӣ ва мансабталошӣ кашидани мардуми одӣ, ки аз умқи ин сиёсатбозиҳо ва қудратталабиҳои пурхатар огоҳии комил надоштанд, яке аз сабабҳои асосии ба вуқуъ пайвастани ҳодисаҳо фоҷиабори он замон ба шумор меравад» [13].

Яъне ёдрас гардидан ба маврид аст, ки афкори носолим метавонад сабаби ҳар гуна ихтилофот дар сатҳҳои гуногун гардад, ки боиси пайдоиши равандҳои манфӣ дар ҷомеа гардад. Ҷолишҳои гуногуҷанба ва хатарҳои паси сар намудаи кишварро, дар саргаҳи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо сабабу омилҳои гуногун асоснок менамоянд. Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми омӯзиши назарияҳои мухталифи олимону сиёсатшиносон ду ҷанбаи муҳимро, ки умумияти омилҳои хатару таҳдидҳоро фаро мегирад, қайд намоем:

– фалаҷшавии ҳокимият;
– парокандагии мардумӣ.

Фалаҷшавии ҳокимиятро ба таназзули нуфузи воқеии он, авҷи пайдоиши гурӯҳои гуногуни тундгароёна маъмулан марбут медиҳанд. Дар баробари ин парокандагии мардум омили боз ҳам мураккаб гардидани вазъ шуда, ноаёнӣ – ба зиёд гардидани гурезагон оварда расонид.

Бояд қайд намуд, ки маҳз афкори сафарбаршудаи мардум, зимни ҷолиш нисбат ба устуворнокии низоми сиёсии мавҷудбуда бо мақсади ба даст овардани қудрат аз ҷониби гурӯҳои мухталиф маншаи ҷабри халқ, сар задани бенизомию ҷанги шаҳрвандӣ, ва парокандагии аҳолӣ мубаддал гардид. Дар ин радиф низ пайванди мантиқӣ вобаста ба имконпазир будани фирефта намудани афкори ҷамъиятӣ мушоҳида мегардад.

Мусаллам аст, ки дар низоми муносибатҳои сиёсӣ қувваи фаъолона амалкунанда ҳамчун субъекти таъсиррасон ба объект – яъне ҷонибе, ки он таъсирасониро қабул мекунад ва бо ин сабаб шакли раванди худро тағйир медиҳад, мебошад. Ба андешаи олимони ватанӣ «Яке аз сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар ниҳояти асри гузашта дар Тоҷикистон ин ҷанги ду идеология – коммунистӣ ва исломи сиёсӣ мебошад» [11]. Афкори ҷомеаи мамлакат зери таъсири ду идеологияи мазкур ҳамчун

объекти муносибатҳои сиёсӣ ба таъсири амалҳои иғвогароёна гирифтор шуда, дар ниҳоят ба предмети арзони бозиҳои сиёсӣ мубаддал гардид.

Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки унвони Иҷлосияи тақдирсозро соҳиб гардид, маншаъи рӯ овардан ба муътадилсозии вазъ маҳсуб мегардад. Маҳз фаъолияти Иҷлосияи зикршуда, аввалин таҷрибаи самараноки амалияи муассири муоширaт бо ҷомеа ва баҳисобгирии афкори ҷамъиятиро дар даврони истиқлоли давлатӣ руйи кор овард. Маҳаки ассосии ин Иҷлосияро афкори дуруст ташкил медиҳад. Бо дарки ин гуфтаҳо таъкид кардан лозим мешавад, ки афкори ҷамъиятии дуруст метавонад, дар равандҳои сиёсӣ нақши созандаро доро аст.

Заминаи аввалини фароҳам овардаи фаъолияти он маҳз таҳия ва қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб дониста мешавад. Дар ин радиф, метавон аз хусусияти халқ ҳамчун сотсиалисти табиӣ ёдовар шуд, зеро афкори ҷамъиятӣ зимни таҳия ва қабули санади олии ҳуқуқии давлат нақши аввалиндараҷа дошт.

Дар заминаи руйдодҳои фоҷеабори солҳои 90-уми асри гузашта маҳз бо дарназардошти таъсири равандҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ афкори ҷамъиятӣ ташаккул дода шуда, ҳамзамон дар инкишофи минбаъдаи ин равандҳо нақши ҳалкунанда дошт. Аз тарафи мардум, ба гурӯҳҳои кории таҳиякунандаи лоиҳаи Конститутсия беш аз ҳаштуним ҳазор таклифу пешниҳодҳо манзур гардид ва 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд, ки дар натиҷа чун Конститутсияи мардумӣ аз ҷониби халқ ва яке аз санадҳои олии ҳуқуқии беҳтарин дар арсаи байналмилалӣ пазируфта шуд [5].

Яъне, зимни таҳияи ҳар гуна санад ва қонуну қарорҳои дахлдор ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ аз як тараф ба пойдории он ва аз тарафи дигар ба дарки афкори ҷамъиятӣ дар робита ба масъалаҳои мухталиф замина мегузорад.

Конститутсияи қабулгардида на танҳо заминаи ҳуқуқиро барои фароҳамсозии шароити муътадилсозии ҳаёти ҷамъиятӣ балки асос ва дурнамои стратегии идоракунии давлатиро бо дарназардошти нақши мардум фароҳам овард. Маҳз ба таври ошкору шафоф ба инобат гирифтани афкори воқеии ҷамъиятӣ зимни таҳияи лоиҳаи Конститутсияи мазкур таҷрибаи муваффақонаи амалисозии коммуникатсияи оммавӣ ҳосил гардид. Дар худи Конститутсия афкори ҷамъиятӣ нақши муҳим мебозад ва муқаррароти он эътирофи аҳамияти халқро ҳамчун манбаи ҳокимияти давлатӣ инъикос мекунанд:

1. *Эътирофи мардум ҳамчун манбаи ҳокимият* – Моддаи 6 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита муқаррар менамояд: «Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад».

2. *Механизмҳои ҳокимияти мустақими халқ* – Раъйпурсӣ шакли ифодаи иродаи халқ, ки тавассути он ҳатто тағйирот ба Конститутсия қабул карда мешавад (моддаи 98). Интихоботи мунтазами ҳама сатҳҳо (президент, парламент, мақомоти маҳаллӣ) шакли баҳисобгирии афкори ҷамъиятӣ мебошад.

3. *Кафолатҳои озодии баён* – Моддаи 30 озодии сухан, матбуот ва ҳуқуқи истифодаи васоити ахбори оммаро кафолат медиҳад, ки ташаккул ва паҳн кардани афкори ҷамъиятиро таъмин мекунад. Ҳамзамон, моддаи 29 ҳуқуқи иштирок дар маҷлисҳо, намоишҳо ва раҳпаймоиҳои осоиштаро кафолат медиҳад.

4. *Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ* – Дар моддаи 28 Конститутсия оварда шудааст: «Ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ мусоидат мекунанд ва дар ҳаёти сиёсӣ иштирок менамоянд. Сохтор ва фаъолияти онҳо бояд ба меъёрҳои демократӣ мувофиқ бошанд». Аз ин бармеояд, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ афкори ҷамъиятиро дар ташаккули низоми идоракунии давлат институтсионалӣ карда, онро дар барномаҳои сиёсӣ ва иштирок

дар идоракунии давлат ба расмият медароранд.

5. *Дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот* – Моддаи 25 Конститутсия муқаррар менамояд: «Мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст». Ҷомеаи огоҳ асоси афкори огоҳонаи ҷамъиятӣ мебошад.

Афкори ҷамъиятӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сарчашмаи ассосии дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мебошад, аҳамияти асосӣ дорад, зеро он ҳамчун манбаи ҳокимият эътироф шуда, механизмҳои институтсионалии ифода (раъйпурсӣ, интихобот, ҳизбҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ) фаро мегирад, инчунин тавассути ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ҳимоя карда мешавад.

Ҳамин тариқ, Конститутсияи Тоҷикистон заминаи ҳуқуқиро ташкил медиҳад, ки дар он афкори ҷамъиятӣ на танҳо унсури муҳим, балки асоси қонунияти тамоми низоми сиёсӣ мебошад.

Сарфи назар аз ин нақши мусбати афкори ҷамъияти дар ташаккулдиҳии низоми сиёсӣ-ҳуқуқӣ, мафҳуми объективии он ҳамчун унсури ҳамарӯзаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва чун падидаи хусусияти динамикӣ дошта, бояд мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шавад.

Мафҳуми афкори ҷамъиятӣ ба куллӣ аз ҷониби аксар олимони ҷаҳон ба васила ва унсурҳои гуногуни муҳити илмию адабӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Бархе аз олимон мавҷудияти чунин падидаро аз рӯйи хусусияти ташаккулёбӣ ва тамоюлҳои ноаёни динамикӣ моҳиятан зери шубҳа мегузоранд. Ба андешаи ҷомеашиносӣ фаронсавӣ Жан Бодрийяр афкори ҷамъиятӣ - «ин моддаи сиёсии ғайривоқеӣ, аст, ки танҳо ба шарофати манипулятсия ва сохтакорӣ дар ҷараёни санҷиш зинда аст»[1]. Мусаллам аст, ки афкори ҷамъиятӣ дар фазои беҷон вуҷуд дошта наметавонад. Вале пайвасти мантиқии таъсири афкори ҷамъиятӣ ба ташаккул, тағйирдиҳӣ ва анҷом ёфтани тамоюлҳои муайян дар шуур ва рафтори субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ мавҷудияти ин падидаи ғайримоддиро дар муҳити илмӣ саҳеҳ ва инкорнопазир менамояд.

Идоракунии афкори ҷамъиятӣ дар марҳилаи нави давлатдории миллӣ бо назардошти маҷмӯи як қатор омилҳо аҳамияти хоса дорад. Бахусус дар эъмори давлатдории навини халқи тоҷик бо дарназардошти унсурҳои консептуалии давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона аҳаммияти хоссаи афкори ҷамъиятиро дар низоми идоракунии давлатӣ муайян намуд.

Ҳамзамон, мутобиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад ва халқ баёнгари соҳибихтиёрию сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад [4].

Дар асоси ин меъёри конститутсионӣ ҳуқуқи шаҳрвандон вобаста ба иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ заминагузорӣ гардида, аз сини 18 солагӣ ҳуқуқи иштирок дар раъйпурсӣ ва интихоб намуданро муқаррар намудааст. Бояд тазаккур дод, ки дар ҷумҳурӣ се зинаи интихоботии зерин мавҷуд аст:

1. *Интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*. Интихоби номзад ба мақоми мазкур дорои аҳамияти умумимиллӣ ва фарогири иродаву райъи тамоми субъектони дорои ҳуқуқи интихоботӣ мебошад, ки нуфузи афкори ҷамъиятиро ба таври мутаммарказонидашуда таҷассум менамояд. Дар таърихи соҳибистиқлолии кишвар ҳамагӣ шаш маротиба интихоби номзад ба мақоми президентӣ баргузор гардид, ки аввалин маротиба соли 1991-ум бо райъи 1 999 650 овоз ва “интихоботи Президенти Тоҷикистон рӯзи 11 октябри соли 2020 бо иштироки 4 миллиону 238 ҳазору 839 интихобкунанда, ки 85,44 % шумораи умумии интихобкунандагони ба рӯйхати интихобкунандагон дохилкардашударо ташкил дода, баргузор-

шуда дониста шуд". Яъне дар тули тақрибан сӣ сол ин нишондиҳанда ба таври назаррас афзудааст. Чунин тамоюл аз он дарак медиҳад, ки нақши афкори ҷамъиятӣ бо зиёд гардидани субъектони дорои ҳуқуқи интихоботӣ дар оянда боз ҳам тадриҷан меафзояд.

2. *Интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.* Мақоми олии қонунгузорӣ дар ин баробар яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва намояндагони матраҳсозӣ меъёрҳои ҳуқуқии кишварро бо 63 вакили Маҷлиси намояндагон ва 33 аъзои Маҷлиси миллиро дар бар мегирад. Дар маҷмӯъ номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ 41 нафар аз ҳавзаи якмандатӣ ва 22 нафар аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ интихоб мегарданд. Яъне 22 мақоми вакили мутаносибан ба шумораи овоздиҳандагони ба ҳизбҳои сиёсӣ муайян мегардад, ки нақшу моҳияти ин ниҳодҳоро дар ҷараёни идоранамоии афкори ҷомеа ва ташаккули низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамояд.

Дар баробари ин, аз 33 аъзои Маҷлиси миллӣ 8 аъзои он аз ҷониби Президенти мамлакат таъин мешаванд ва 25 аъзои дигар бо шумораи баробар – 5 нафар аз Вилояти Мӯхтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ дар асоси намояндагии манфиатҳои ҳудудҳо аз тарафи мақомоти намояндагии маҳалии ҳокимияти давлатӣ интихоб мегарданд. 3. *Интихобот ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ.* Интихоби номзад ба Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ ба шаҳрвандон моҳиятан дар худуди маҳалли истиқоматӣ вобаста ба муайян намудани намояндаи ваколатдори аҳолии сокини ҳудудӣ шароит фароҳам меорад. Зинаи интихоботии мазкур ҷиҳати пешбарии манфиатҳои сокинон дар рушди иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ алоқамандии зич дошта, нуфузи афкори ҷамъиятиро дар сатҳи маҳал низ таҷассум месозад.

Яъне афкори иҷтимоию сиёсии ҳар фарди ба балоғат расидаи ҷомеа дар маҷмуъ унсури низоми интихоботии давлатро ташкил медиҳад. Тамоми таасуроту афкори иҷтимоию сиёсии онҳо дар маҷмуъ афкори ҷамъиятиро ташаккул менамояд, ки дар натиҷа бо дарназардошти шакли иҷтимоию демократии идораи давлатӣ барои пешрафти ҳокимияти сиёсӣ аҳаммияти калидӣ пайдо менамояд.

Ҳамин тавр, афкори ҷамъиятӣ ҳолати мубрами шуури оммавӣ мебошад, ки дар атрофи ҳолатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ ташаккул меёбад. Дар маҷмуъ он муносибати гурӯҳҳои одамонро вобаста ба ҳолатҳои зикргардида ифода менамояд. Афкори ҷамъиятӣ мафҳуми калидӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ мебошад, зеро он маҷмӯи ақидаҳо, эътиқод ва рӯҳияи дар байни як гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё тамоми ҷомеа паҳншударо инъикос мекунад. Он ҳамчун нишондиҳандаи муҳими фазои иҷтимоӣ, суботи сиёсӣ дар масъалаҳои гуногун хизмат мекунад.

Афкори ҷамъиятӣ ҷузъи муҳими раванди иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Дар ҷомеашиносӣ он ҷиҳати фаҳмидани рӯҳияи коллективӣ ва тамоюлҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад, дар ҳоле ки дар сиёсатшиносӣ он ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи дастгирии ҷамъиятӣ хизмат менамояд ва ба амалисозии қарору стратегияҳои сиёсӣ таъсир мерасонад. Идоракунии самараноки афкори ҷамъиятӣ ва таҳлили он калиди суботи сиёсӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи ҷомеа мебошад.

Ҳамин тавр афкори ҷамъиятӣ дар равандҳои сиёсии тамоми кишварҳои ҷаҳон нақши муҳим дошта, омузиши ҳамаҷонибаи он дар тамоми давру замон аз манфиат орӣ нест.

## Адабиёти истифодашуда

1. Бодрийяр, Ж. Символический обмен и смерть / Ж. Бодрийяр; перевод на русский язык и вступительная статья: С. Н. Зенкин. – М.: Добросвят, 2000. – 387 с.

2. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2008, № 451 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adliya.tj (санаи муроҷиат: 15.08.2024).

3. Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ барои солҳои 2010-2025 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adliya.tj (санаи муроҷиат: 29.08.2024).

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 ( ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. – 135 с.

5. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди II. – Душанбе: «Фасл-4», 2021. - 424 с.

6. Муҳаммад, А.Н., Собиров, С.Н. Нақши воситаҳои ахбори омма дар татбиқи рафтори сиёсии шаҳрвандон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. - № 4-1. - С. 271-277.

7. Жиро, Т. Политология / Пер. с польск. – М.: Изд-во Гумманитарный Центр. 2006, - 428 с.

8. Муҳаммад, А.Н. Донишномаи мухтасари сиёсӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 51 с.

9. Сморгунов, Л.В. Политология / Л.В. Сморгунов. – СПб., 1996. – 305 с.

10. Панарин, А.С. Стратегическая нестабильность в XXI веке. - М.: Алгоритм, 2004. – 640 с.

11. Фаттоҳзода, С.С.. Давлат, Сиёсат ва Ҷомеа. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 616 с.

12. Скрипин, А.Г. Философия: учебник / А.Г.Скрипин. - 2 изд. – М.: Гардарики, 2002. – 736 с.

13. Шарифзода, А., Сатторзода, А. Асосгузори давлати навини тоҷикон: дастури таълимӣ-методӣ. –Душанбе: «Ирфон», 2022. - 368 с.

14. Эсхил. Трагедии / пер. А. И. Пиотровского. — М.-Л.: Фабрика книги «Красный пролетарий», 1937. – 411 с.

ТДУ 343:159.9

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ПСИХОЛОГИЯИ ҲУҚУҚӢ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Аннотатсия:** Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ, илм ҷомаи навро ба бар намуда, суръати рушди худро тағйир дод ва рӯ ба беҳбудӣ овард. Гуфтаҳои мазкурро метавон дар доираи илми психология, хусусан дар соҳаи психологияи ҳуқуқӣ мушоҳида намуд. Дар воқеъ, дар даврони соҳибистиқлолӣ психологияи ҳуқуқӣ хуб инкишоф ёфтааст ва таърихи рушди онро метавон шартан ба ду система ҷудо намуд: Яке рушд ва инкишофи психологияи ҳуқуқӣ дар системаи мақомоти қудратӣ ба шумор меравад ва мухтасаран дар мақолаи мазкур ҳамчун меваи соҳибистиқлолӣ ишора гардидаанд. Ҳамзамон, дар мақолаи мазкур таърихи рушди психологияи ҳуқуқӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бо дарназардошти таъсисёбиҳои марказу пажӯҳишҳо дар мақомти ҳифзи ҳуқуқ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** психологияи ҳуқуқӣ, донишҳои илмӣ, методҳои психологияи ҳуқуқӣ, офиятбахшии иҷтимоӣ-психологӣ, коркарди тестҳои психологӣ, рушд, инкишоф, соҳаҳои психология, маркази ташхиси психологӣ, кафедраҳои психологӣ, шуур, мағзшӯии психологии, пажуҳишҳои психологӣ, интихоби касбӣ-психологӣ, психологияи тафтишотӣ, психологияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ.

# ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЮРИДИЧЕСКОЙ ПСИХОЛОГИИ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

**Аннотация:** После обретения политической независимости наука приобрела новый облик, изменила скорость своего развития и стала совершенствоваться. Эти утверждения можно наблюдать в рамках психологической науки, особенно в области юридической психологии. Фактически в эпоху независимости юридическая психология получила широкое развитие, и историю ее развития можно условно разделить на две системы: Одна – это развитие юридической психологии в силовых структурах, кратко упомянутая в эта статья как плод независимости. В то же время в данной статье анализируется история развития юридической психологии в период независимости Таджикистана с учетом создания научных центров в правоохранительной сфере.

**Ключевые слова:** юридическая психология, научное знание, методы юридической психологии, социально-психологическая реабилитация, обработка психологических тестов, развитие, направления психологии, центр психологической диагностики, сознание, психологическое промывание мозгов, психологические исследования, профессионально-психологический отбор, психология следственной деятельности, психология оперативно-розыскной деятельности.

# HISTORICAL PREREQUISITES FOR THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF LEGAL PSYCHOLOGY IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN

**Abstract:** After gaining political independence, science acquired a new look, changed the speed of its development and began to improve. These statements can be observed within the framework of psychological science, especially in the field of legal psychology. In fact, in the era of independence, legal psychology was widely developed, and the history of its development can be conditionally divided into two systems: One is the development of legal psychology in law enforcement agencies, briefly mentioned in this article as a fruit of independence. At the same time, this article analyzes the history of the development of legal psychology in the period of independence of Tajikistan, taking into account the creation of scientific centers in the law enforcement sphere.

**Key words:** legal psychology, scientific knowledge, methods of legal psychology, social and psychological rehabilitation, processing of psychological tests, development, directions of psychology, center of psychological diagnostics, consciousness, psychological brainwashing, psychological research, professional and psychological selection, psychology of investigative activity, psychology of operational-search activity.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:**
**Латифзода Сомон Зариф** – мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар назди ДМТ, доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси психология. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ-17а. Тел: +(992) 880 00 83 84. E-Mail: Latifzoda_01@mail.ru

**ИНФОРМАЦИЯ ОБ АВТОРЕ:**
**Латифзода Сомон Зариф** – заведующий кафедрой гуманитарных и естественно-математических наук Института повышения квалификации при ТНУ, доктор PhD, доктор по специальности психологии. Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки-17а. Тел.: +(992) 880 00 83 84. E-Mail: **Latifzoda_01@mail.ru**

**AUTHOR INFORMATION:**
**Latifzoda Somon Zarif** - Head of the Department of Humanities and Natural and Mathematical Sciences of the Institute for Advanced Studies at TNU, PhD, Doctor in Psychology. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue-17a. Phone: +(992) 880 00 83 84. E-Mail: Latifzoda_01@mail.ru

*Истиқлолияти давлатӣ дастоварди бебаҳост, ки сарнавишти халқамон ва ояндаи давлатдории миллии моро муайян намуд ва ҳамзамон бо ин, имконият фароҳам сохт, ки мо забону фарҳанг, арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои аҷдодиамонро эҳё намоем ва барои рушди минбаъдаи онҳо заминаҳои мустаҳкам гузорем».*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ, илм ҷомаи навро ба бар намуда, суръати рушди худро тағйир дод ва рӯ ба беҳбудӣ овард. Гуфтаҳои мазкурро метавон дар доираи илми психология, хусусан дар соҳаи психологияи ҳуқуқӣ мушоҳида намуд.

Дар воқеъ, дар даврони соҳибистиқлолӣ психологияи ҳуқуқӣ хуб инкишоф ёфтааст ва таърихи рушди онро метавон шартан ба ду система ҷудо намуд: Яке рушд ва инкишофи психологияи ҳуқуқӣ дар системаи мақомоти қудратӣ ба шумор меравад ва мухтасаран онҳоро ҳамчун меваи соҳибистиқлолӣ ишора мекунем.

***Ифтитоҳи бинои нави «Маркази ташхиси психологӣ»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.*** Соли 2012 аз ҷониби *Асосгузори* сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Маркази ташхиси психологӣ»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ расман ба истифода дода шуд. Ногуфта намонад, ки он ягона марказе мебошад, ки фаъолияташ ба интихоби касбӣ-психологии кормандони сохторҳои қудратӣ равона гардидааст, ҳамзамон, «Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни дигар сохторҳои қудратӣ ташаббускори аввалин оид ба истифодаи донишҳои психологӣ дар тамоми миқёси ҷумҳурӣ ба шумор меравад» [7, с. 63]. Дар баробари ин, истифодаи донишҳои психологӣ «дар Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон дар ду санади ҳуқуқӣ инъикос ёфтааст: «Стратегияи ислоҳоти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ва «Барномаи ислоҳоти ми-

литсия (рушд) барои солҳои 2014-2020). Стратегия ва Барнома пешниҳод мекунанд, ки меъёрҳо кабули кормандони мақомоти дохилӣ бояд аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва ба талаботи ҳозира мувофиқ бошад» [4, с. 124-128].

***Кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.*** Кафедраи мазкур соли 1993 таъсис ёфта, он дар заминаи сикли фанҳои ҳуқуқӣ, ки соли 1970 таъсис дода шуда, ба сохтори Мактаби махсуси миёнаи милитсияи Вазорати корҳои дохилии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ дар ш. Душанбе дохил мешуд, ташкил карда шудааст [1].

Дар кафедраи мазкур дар марҳилаҳои гуногун чунин олимон ба монанди Солиев К.Ҳ., Шарипов Т.Ш., Сатторов Ғ., Ализода А.Ш. (Алиев А.Ш.), Сафарзода Ҳ.С. (Сафаров Ҳ.С.), Умари Х.А., (Умаров Х.А.), Насуриён П.А., (Насуров П.А.), Абдурашидзода А.А., (Абдурашидов А.А.), Амридинзода М.А. (Нажбудинов М.А.), Ҳусейнзода С.Ҳ., Латифзода С.З. ва дигарон барои пешбурди фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявӣ саҳми арзандаи худро гузоштаанд.

Дар ин росто, психологияи ҳуқуқӣ, ки яке аз самтҳои онро психологияи пенитенсиарӣ ташкил медиҳад, дар шароити кунунии Тоҷикистон низ он рӯ ба инкишоф овард. Таъсиси воҳиди кории психолог бахри ислоҳнамоии психологии маҳбусон дар муассисаҳои ислоҳии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи гуфтаҳои болост.

Ҳамзамон, дар даврони соҳибистиқлолӣ аллакай психологияи ҳуқуқӣ дар Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон тадрис шуда, кадрҳои соҳаи психологияи ҳарбӣ омода карда мешаванд.

Тағйиру илова ба моддаи 203-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2021 № 1811 ворид карда шуд, ки чунин оварда шудааст: «…Ҳангоми пурсиши шоҳид ё ҷабрдидаи ба синни шонздаҳ нарасида, инчунин шоҳид ё ҷабрдидаи ноболиғе, ки бинобар ҳолати ҷисмонӣ ё рӯҳии худ имконияти мустақилона ҳимоя кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро надорад, иштироки омӯзгор ва (ё) равоншинос ҳатмӣ мебошад (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1811)» [8], ки ин шаҳодати аз ҷониби Ҳукумат бараъло эҳсос гардидани психологияи ҳуқуқӣ дар замони муосир мебошад.

Дар робита ба ин, ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои номатлуб, аз қабили амалҳои террористию экстремистӣ, хурофотпарастию ҷудоихоҳӣ, таассуби динӣ, саривақт кушодани ҷиноятҳо, ҳамзамон бо мақсади баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ҷиҳати иҷрои баланди вазифаҳои хизматӣ-оперативӣ аз ҷониби мутахассисони касбии соҳаи мазкур, дотсентон Латифзода С.З. ва Қосимов Ф.М. китоби дарсии «Психологияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», ки яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқукро ташкил медиҳад, рӯйи нашр оварданд. Китоби дарсии «Психологияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» зери назари Раҳимзода Рамазон Ҳамро – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия омода шудааст. Китоби дарсии мазкур ба хотири пешрафти фаъолияти кории кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, алалхусус ба кормандони оперативӣ омода гардидааст.

Ҳамин тариқ, психологияи ҳуқуқӣ дар сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин самтҳо мавриди амал қарор дорад:

–ташхиси судӣ-психологӣ (ташхиси психологии ҳолатҳои эмотсионалии субъектони ҷиноят, аз ҷумла ҳолати аффект, рағбат, бошиддатии эмотсионалӣ, ҳолатҳои оҷизӣ, худкушӣ ва ғайра);

–интихоби касбӣ-психологӣ (ҳангоми қабули номзадҳо ба кор ва таҳсил дар сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он);

–машварати психологӣ (гузаронидани машварати психологӣ бо кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва аъзои оилаи онҳо);

–офиятбахшии иҷтимоӣ-психологӣ (гузаронидани корҳои офиятбахшӣ бо кор-

мандоне, ки дар рафти амалиётҳои махсуси оперативӣ ва ҷангӣ вайроншавии баъди зарбаи равонӣ бардоштанд).

Дар робита ба ин, бояд зикр намуд, ки истифодаи психологияи ҳуқуқӣ дар самтҳои зерин муҳим арзёбӣ мегардад:

–дар самти тафтишотӣ ва оперативӣ (барои тартиб додани симои психологии ҷинояткорони номаълум, иштирок дар пурсиш, рӯбарӯкунӣ, муайян намудани ҳолатҳои эмотсионалӣ ва дурӯғгӯии субъектони ҷиноят ва ғ.);

–дар ҳар як ҷузъу томҳои ВКД кору фаъолият доштани психолог (дар ин ҷода вазифаи психолог дар омӯхтани фазои психологии коллективи ҳарбӣ-меҳнатӣ, машваратҳои психологии зарурӣ бо мақсади бартараф намудани эмотсияҳои манфии дар раванди кор баамаломада, гузаронидани машваратҳои психологӣ бо аъзоёни оилаи онҳо ва ғ.) асос меёбад;

–дар самти кор бо наврасону ҷавонон (гузаронидани корҳои психологии ислоҳнамоию офиятбахшӣ бо мақсади пешгирии ҳолатҳои номатлуби замони муосир, аз қабили шомилшавии онҳо ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ).

Ишораҳои мазкур на танҳо ба ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба дигар сохторҳои қудратӣ низ дахл доранд. Масалан, дар Вазорати адлия, хусусан дар муассисаҳои ислоҳӣ кор бо маҳбусоне, ки ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ шомил шудаву гумроҳзадаанд, кори ислоҳнамоии психологиро бо мақсади «тоза» намудани шуури онҳо аз таассубҳои динию гумроҳӣ ва сафарбарии шуури онҳо ба дарки дурусти моҳияти дин ва маънои ҳаёт мебошад. «Моҳиятан дин бо терроризм ҳеҷ иртиботе надорад, зеро ҷавҳари таълимоти тамоми адёни ҷаҳонӣ ин гуманизм, раҳму шавқат, таъмини оромию осудагӣ ва ташаккулу инкишофи ҳаёти ҷомеа мебошад» [11, с. 101].

Бо ташаббус ва дастгириҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан мушкилотҳои марбутаи ВКД ҳалли худро ёфта истодаанд, аз ҷумла соли 2019 бори аввал коршиносон-психологони тоҷик, Латифзода Сомон Зариф ба Академияи идоракунии ВКД Русия ё Россия ҷиҳати таҳсил аз рӯйи самти психологияи ҳуқуқӣ сафарбар гардид.

Аз ин лиҳоз, хулоса баровардан мумкин, ки пас аз таҳлили андешаҳо ва омилҳои болозикр метавон чунин ишора намуд, ки номгӯйи соҳаҳои рушди психологияи ҳуқуқӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон боиси он мегарданд, ки муҳаққиқон ва олимону унвонҷӯёни ҷавон аз ин неъмати соҳибистиқлолӣ моҳирона истифода намуда, барои рушди психологияи ватанӣ дар арсаи ҷаҳонӣ кӯшишҳои заруриро ба роҳ мемонанд.

## Адабиёти истифодашуда

1. Кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://avkd.tj/tg/dar-borai-akademiya/kafedraho/201-kafedrai-huquqi-jinoyati-kriminologiya-va-psikhologiyai-akademiyai-vkd-jumhurii-tojikiston.html (санаимуроҷиат: 10.02.2024).

2. Латифзода, С.З. Исторические концепции изучения проблем определения профессионально-психологической пригодности / С.З. Латифзода, З. Салмон // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2017. – № 1(33). – С. 112-117.

3. Латифзода, С.З. Исторический взгляд на использование психологических знаний в области криминалистики / С.З. Латифзода, Ш.Ф. Билолова // Криминалистика в международном измерении: Материалы всероссийской научно-практической конференции с международным участием, Москва, 21 апреля 2023 года. – М.: Московская академия следственного комитета, 2023. – С. 196-201.

4. Латифзода, С.З. Профессионально-психологические пригодности и ее проблемы в силовых структурах Республики Таджикистан / С.З. Латифзода // Вестник Педаго-

гического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2021. – № 1(5). – С. 124-128.

5. Латифзода, С.З. Самоперсонализация и его развитие с точки зрения психологической науки / С.З. Латифзода, Ш.Ф. Билолова // Национальное самосознание в условиях глобализации: Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 03 октября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 358-363.

6. Латифзода, С.З. Сущность и необходимость использования психологических знаний в Министерстве внутренних дел Республики Таджикистана / С.З. Латифзода // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № 3-2. – С. 219-224.

7. Латифзода, С.З. Таърихи мухтасари ташаккул ва рушди психологияи ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон / С.З. Латифзода, М.Р. Искандарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – No.5. -С.62-68

8. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2009, № 564 (бо тағйиру иловаҳо аз 22.06.2023 с., № 1971) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2009, №12, мод. 815, мод. 816.

9. Расулов, С.Х. Рушди психология дар асри 20 ва дурнамои он дар асри 21 (бо назардошти психологияи ватанӣ) // Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2021. - №4(36). -С. 10-15.

10. Солеҳбоев, В.Ҳ., Атохонов, Р. Илми психология дар Тоҷикистон // Мактаби совети. – 1973. - №1. - С. 18-19.

11. Ҳукмишоев, З.Д. Раванди сиёсӣ: воситаи таълимӣ барои мактабҳои олӣ. - Душанбе: «Эр-граф», 2021. – 101 с.

12. Юнусова, Н.М. Краткая история становления и развития психологии в Таджикистане в контексте подготовки профессиональных специалистов в вузе // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. - № 6. – 224 с.

**ТДУ 323.22./28**

## ТАЛОШҲОИ ПАЙГИРОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛИ РАҲМОН ДАР МУВАФФАҚ ГАРДИДАН БА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

**Аннотатсия:** Дар мақола хизматхои арзандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барқарор намудани Ваҳдати миллӣ мавриди барраси қарор гирифтааст. Сарчашмаи ин эътирофи ҷаҳониро метавон дар заминаи шинохти моҳият ва ҳадафҳои сиёсати дохиливу хориҷии Эмомалӣ Раҳмон дарёфт намуд. Зеро, фарҳанги сулҳи Эмомалӣ Раҳмон, ки паёми ваҳдати воқеии тоҷикон, паёми ба орзуву ормонҳои худ расидани халқ буд, ба Президенти Тоҷикистон ва давлати тоза истиқлоли он эътироф, эътибор ва эҳтироми ҷаҳонӣ армуғон овард.

**Вожаҳои калидӣ:** Пешвои миллат, Ваҳдати миллӣ, истиқлолият, сиёсат, Ҷумҳурии Тоҷикистон, сулҳ, эътироф, сарчашма, эътибор.

## ЗАСЛУГИ ЛИДЕРА НАЦИИ ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ВОССТАНОВЛЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА

**Аннотация:** В статье рассматриваются заслуги Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона в восстановлении национального единства. Источник этого мирового признания можно найти в признании сущности и целей внутренней и внешней политики Эмомали Рахмона. Потому что культура мира Эмомали Рахмона, которая была посланием истинного единства таджиков, посланием о достижении народом своих чаяний, принесла президенту Таджикистана и его новому независимому государству признание, престиж и уважение всего мира.

**Ключевые слова:** Лидер нации, национальное единство, независимость, политика, Республика Таджикистан, мир, признание, историография, престиж.

## THE MERITS OF THE LEADER OF THE NATION EMOMALI RAHMON IN THE RESTORATION OF NATIONAL UNITY

**Abstract**: This article examines the achievements of the Leader of the Nation, the esteemed Emomali Rahmon, in restoring national unity. The source of this global recognition can be found in the recognition of the essence and goals of Emomali Rahmon's domestic and foreign policies. Emomali Rahmon's culture of peace, which was a message of true Tajik unity and the people's achievement of their aspirations, brought the President of Tajikistan and his newly independent state recognition, prestige, and respect worldwide..

**Key words:** Leader of the nation, national unity, independence, politics, Republic of Tajikistan, peace, recognition, prestige.

### МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:

**Шарипов Шомахмад Шарифович** – дотсенти кафедраи таърихи халки точики Донишгоҳи миллии Точикистон, номзади илмхои таърих. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 17. Тел.: +(992) 931 90 30 09.

### СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:

**Шарипов Шомахмад Шарипович** – доцент кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета, кандидат исторических наук. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17 . Тел.: +(992) 931 90 30 09.

### INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:

**Sharipov Shomakhmad Sharipovich** – Associate Professor of the Department of History of the Tajik people Tajik National University, Candidate of Historical Sciences,. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 17. Phone +(992) 931 90 30 09.

Сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири дасти дӯстӣ ва оштӣ дароз намудан бо роҳбарони иттиҳоди мухолифин ба Афғонистон сафар намуд. Ин сафар дар ҳолате доир гашта буд, ки Афғонистон дар оташи ҷанг месӯхт ва шаҳри Кобул пайваста мавриди гулӯлаборон қарор мегирифт. Эмомалӣ Раҳмон ошкоро рӯ ба роҳбари иттиҳоди мухолифин оварда, ба ин мазмун гуфт: «Ватани мо Тоҷикистон дар дуроҳаи ҳастӣ ва нестӣ қарор дорад. Агар мо ба мусолиҳаи миллӣ нарасем, агар оташи ҷангро хомӯш насозем, фирориёнро барнагардонем, сулҳу ваҳдатро пойдор накунем, миллату Ватан моро намебахшанд ва ба нафрати наслҳои оянда дучор мегардем». Ин сухани ошкорову ҷасурона мухолифинро ба андеша водор кард ва роҳро барои музокироти оянда боз намуд. Сафари Афғонистон дар густариши ҳамдигарфаҳмӣ ва оштии миллӣ қадами муҳиме гардид.

Сардори давлат инчунин бо суханони басо самимӣ, саршор аз муҳаббат ва эҳсоси башардӯстӣ ба фирориёни иҷбории тоҷик, ки дар хоки Афғонистон ва кишварҳои дигар ба сар мебурданд, муроҷиат намуда, онҳоро барои ҳарчӣ зудтар баргаштан ба Ватан даъват намуд. Бинобар ин, ман аз шумо даъват менамоям, ки тезтар ба ватан баргардед. Шуморо хонаву даратон, боғу бӯстонатон, хешу ақрабоятон интизоранд.

Музокирот ба таври умум зиёда аз 40 моҳ идома ёфт ва дар ин муддати тӯлонӣ 21 маротиба бо иттиҳоди мухолифин мулоқот анҷом гирифт ва 40 санаде ба имзо расид, ки барои миллату Ватан нақши тақдирсоз доштанд .

Созмони Милали Муттаҳид бо ризоятмандӣ таъкид намуд: «Тоҷикон созишномаи сулҳро дар паси сангарҳо тарҳрезӣ кардаанд. Арзиши сулҳи миёни тоҷикон беназир аст. Вай дар роҳи пойдории сулҳи сартосарии ҷаҳон намунаи дурахшони ибрат аст» [7, с. 66].

Соли 1993 бо ҳадафи қатъи ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат, бозгардондани гурезаҳо ва муҳоҷирини иҷборӣ ба макони зист, барқарор сохтани ҳазорҳо манзили хароб гашта, пешгирии раванди таназзули иқтисод ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба хотири рушди Тоҷикистон масъалаи ба ҳамовардани нерӯҳои музокироти сулҳи тоҷикон огоз шуд, ки давраи аввали он дар шаҳри Москва аз 5 то 19-уми апрели соли 1994 ҷараён гирифт.

Барои тавсеа ва суръат бахшидан ба раванди сулҳу оштӣ сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонов баробари баргузории музокирот дар оростани мулоқоту суҳбатҳо бо роҳбари Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик бо иродат эҳтимом варзид. Ин мулоқот дар бештари мавориди дар ҳоле ба вуқӯъ меомад, ки дар сатҳи музокирот ё машварат ҷонибҳо ба тавофуқ намерасиданд. Бо ибтикори роҳбари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ҷонибҳо 17-19-уми майи соли 1995 дар шаҳри Кобул дигар бора мулоқот барпо карданд, то натиҷае аз ин гуфтушунидҳо ба ҳусни тафоҳуми тарафҳо дар дарёфти ризоият ва сулҳи кишвар биафзояд. Пайомади ин мулоқот қабули изҳороти муштарак буд, ки эътимоди тарафҳоро дар ҳосили матлаб тақвият бахшид [4, с. 166].

Воҳӯриҳои баъдина дар сатҳи олӣ 19-уми июли соли 1995 дар Теҳрон, 10-11-уми декабри соли 1996 дар Афғонистон, 19-23-уми декабри соли 1996 дар Москва, 21-22-уми феврал дар Машҳад ва 16-18-уми майи соли 1997 дар шаҳри Бишкек, ки дар маҷмӯъ 8 маротиба доир гардиданд, ниҳоят санади сарнавиштсози миллати тоҷик-истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва ба сурати ниҳоӣ ба имзо расид. 18- уми июли соли 1997 қариб 600 вакилон аз тамоми ҷумҳури дар театри Опера ва балети ба номи С. Айнӣ ҷамъ омада, «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон»- ро таъсис доданд. Вакилон як дилона Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмоновро раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон тайин намуданд [2, с. 60].

Таърих ва миллати тоҷик ҷасорати сарвари давлати худро дар раванди таъмини сулҳ ва ризоияти миллӣ, бахусус дар ҷараёни баргузории гуфтушунид дар қаламрави Афғонистон, дар мулоқоте, ки 11 декабри соли 1996 баргу-

зор гардид, ҳаргиз фаромӯш нахоҳад кард. Ҷараёни ин мулоқот дар китоби рӯзноманигорони рус Владимир Сухомлинов ва Генадий Шалаев «Роҳ ба сӯи созиш» чунин шарҳ ёфтааст: Эҳтимол вохӯрии аз ҳама пуршиддат ва хатарноку бемисл дар Афғонистон 11-уми декабри соли 1996 баргузор шуд. Вақте Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба Эмомалӣ Раҳмонов пешниҳод намуд, ки гуфтушунидро дар рустои Ҳусдеҳи Афғонистон гузаронанд, гӯё иродати Президент Эмомалӣ Раҳмоноврo месанҷид. Аз рӯи маслиҳати пешакӣ чархболи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бояд дар сарҳад пешвоз гирифта, ҳамзамон тарафи пешвозгиранда онҳоро мебоист ба қароргоҳи Президенти онвақтаи Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ мебурданд. Ва он ҷо бояд сарлашкари машҳури он кишвар Ахмадшоҳи Масъуд иштирок мекард.

Вале дар сарҳад чархболи сарвари давлатро касе пешвоз нагирифт. Дастаи посбонони Президент иқрор мекарданд, ки ба Душанбе баргарданд. Дар ҳудуди давлати бегона, ки дар он ҷанги шаҳрвадӣ дар авҷ аст, парвоз кардан хатари бузург дорад [8, с. 121]. Аммо ин воқеа бар хилофи чашмдошт хеле бо муваффақият анҷом ёфт: умеду боварии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов амалан боҷуръатии ӯро пурра собит гардонид. Эмомалӣ Раҳмонов ва С.А. Нурӣ Протокол дар бораи ба танзим даровардани вазъияти ҳарбӣ- сиёсӣ дар минтақаҳои ҷангро имзо карданд. Агар Президент Эмомалӣ Раҳмонов аз сарҳад ба Душанбе бармегашт, маълум набуд, ки дар Тоҷикистон ин ҷанги бемаъни кай анҷом меёфт.

Дигар саҳифаи фаромӯш нопазир пазируфтани пешниҳод дар бораи даъвати иҷлосияи махсуси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати якум) мебошад. Нерӯҳои мухолифин барои иштирок дар ин иҷлосия ба мувофиқа омаданд ва Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов кафолати таъмини амнияти онҳоро ба дӯш гирифт, аммо намояндагони ҷониби мухолифин дар ин Иҷлосия, ки 11-уми марти соли 1996 баргузор гардид, ширкат наварзиданд. Бо вуҷуди ин Иҷлосияи мазкур доир гардид ва дар робита ба ин матлаб Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониаш ба таври махсус таъкид дошт: «Ба иҷлосия даъват шудани роҳбарияти мухолифин танҳо як мақсад дорад: аз баски давраи бе танаффуси гуфтушуниди байни тоҷикон ба кӯчаи сарбаста ворид шуд, қарор додем, ки дар ин иҷлосия бо роҳбарияти мухолифин рӯ ба рӯ гуфтугӯ кунем.

Ман имрӯз гуфта метавонам, ки насли ҳозираи миллати тоҷик ҳарчанд аввал пешпо хӯрд, имрӯз пирӯз аст, зеро ин насл тавонист васвасаи аҳриманиро, ки дар майнаи халқи мо ҷо гирифта буд, аз худ дур андохта, морони заҳҳокиро, ки ҷони ҷавони садҳо фарзандони моро қурбон мекарданд, саркуб созад» [5, с. 231]. Ақли солим ва хиради дурбин пирӯз шуд. Рӯзи фархундае, ки онро дар ҳамаи шаҳру нохияҳо ва деҳоти дурдаст, дар ҳамаи оилаҳо интизор будем, фаро расид.

Таҷрибаи сулҳи миёни тоҷикон яке аз бузургтарин сабақҳои мактаби сиёсатмадорӣ ва давлатдории Эмомалӣ Раҳмонов аст, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифт. Ин таҷрибаи таърихии ба Ватан ва ба макони зист баргардонидани қариб як миллион гуреза ва ташкили ҳамгироии иҷтимоии онҳо аз тарафи ташкилоту созмонҳои бонуфуз, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ҳамчун модели нодири сулҳофаринӣ эътироф гардид.

Оромиву амнияте, ки аз баракати Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон тасаллут ёфт, барои бунёди сохтмонҳои азим, равнақи самтҳои мухталифи иқтисодиёт, тавсеаи ҳамкориҳои бисёрҷониба бо кишварҳои ҷаҳон пояҳои мустаҳам гузошт. Ба расмият шинохта шудани Тоҷикистон аз ҷониби беш аз 130 давлати ҷаҳон, ифтитоҳи сафоратхонаи чандин кишварҳои дунё дар пойтахти Тоҷикистон ва дар мамолики ҷаҳон таъсис ёфтани намояндагиҳои дипломативу тиҷоратии давлати мо раванди ин муносибатҳоро вусъат ва суръати бесобиқа бахшид.

Сулҳи тоҷикон аз ҷониби сиёсатмадорони барҷастаи ҷаҳони муосир баҳои баланд гирифта, сабақи судманди таърихии онро дар амнияти минтақаҳои мухталиф арзишманд гардонид [9, с. 86].

Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин, сиёсати сулҳофаринии сарвари Тоҷикистонро бо таваҷҷӯҳ ба моҳияти фарогиру ояндасози он ба андеша гирифта навиштааст: Эмомалӣ Раҳмонов дар байни сиёсатмадорони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ва ин бесабаб нест. Тамоми кӯшишҳои Эмомалӣ Раҳмонов аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар Тоҷикистон ҷараёни сулҳу осоиш ҳамоно амиқтар реша меронад ва дар қиёс ба нуктаҳое, ки вазъияташон муташанниҷ аст, ин комёбӣ ба худ назир надорад. Он чи дар Тоҷикистон ба амал меояд ва рух медихад, барои бисёр халқҳо ва мамлакатҳо намунаи ибрат аст [8, с. 69].

Фарҳанги сулҳи Эмомалӣ Раҳмон, ки паёми ваҳдати воқеии тоҷикон, паёми ба орзуву ормонҳои худ расидани халқ буд, ба Президенти Тоҷикистон ва давлати тоза истиқлоли он эътироф, эътибор ва эҳтироми ҷаҳонӣ армуғон овард. Сарчашмаи ин эътирофи ҷаҳониро метавон дар заминаи шинохти моҳият ва ҳадафҳои сиёсати дохиливу хориҷии Эмомалӣ Раҳмон дарёфт намуд, зеро тамоми дастовардҳои мардуми тоҷик дар даврони истиқлол, ба вижа таҷрибаи сулҳ самараи ҳамин сиёсати оқилонаи сарвари давлат маҳсуб мешавад. Истиқрори сулҳу созгории миллӣ, тантанаи ваҳдат ва ҳамгироии мардуми точикистон, ки аз ҳидматҳои таърихии Эмомалӣ Раҳмонов дар ҷодаи эҳёи миллат ва давлатдории миллист, талошҳои тоҷиконро дар бунёди ҷомеаи демократӣ аз иқтидори азими маънавӣ бархурдор намуд. Бо ҳидояти Эмомалӣ Раҳмон ва ҳузури мубораки ӯ рӯзҳои ҷашни ваҳдати миллӣ мардуми шарифи тоҷик дар ҳар манотиқи кишвар канори ҳам омада, нишоту шукронаи ваҳдатро ба ҳам қисмат мекунанд. Ин расми наку ба як оини раъиятдории Эмомалӣ Раҳмон табдил ёфта, ки дар миёни мардум пайванду муқоламаи ҳамешагиро дар қаринаи хуштарин орзуву ниятҳо вазъ намуд [7, с. 321].

Мардуми Тоҷикистон қариб сиву чор сол аст мебинанд, ки ин ҳикмат дар мисоли сафарҳои сарвари давлат ба шаҳру навоҳӣ ва вилоятҳо, ташрифи ӯ ба коргоҳҳои тоза, иншооти азими иҷтимоиву иқтисодӣ, мактабу китобхона, маҷмааҳои фарҳангиву фароғатӣ ва ғайра дар ҳаёт татбиқ мешаванд ва ба ҳаққонияти он имон овардаанд. Истиқболи пурмуҳаббати мардуми ҳама маҳалҳои Тоҷикистон аз ҳузури Президенти мамлакат, ки байни худ ва сарвари худ ҳаргиз садде ё фосилаеро эҳсос накардаанд далели барҷастаи халқияти фитрату сиёсати Эмомалӣ Раҳмон аст .

Хуллоса, фаъолияти густурдаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи иттиҳоди тоҷикон, ки яке аз аслҳои умдаи ҳадафҳои олии ӯ буд, шахсияти ӯро аз маснади пешвои ормонии миллӣ то баҳадди Пешвои миллати тоҷикон оварда расонид, ки воқеан арзандааст.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Шарипов, Ш.Р. Заминаҳои эътимоди Пешвои миллат ба ҷавонон дар рушди ҷомеа ва идоракунии давлатӣ // Мароми пойтохатт. - № 46(491), 13.12.2017. - С. 5.

2. Шарипов, Ш.Р. Хусусиятҳои хосси суханронии Пешвои миллат дар созмонҳои байналмилалӣ // Маорифи Тоҷикистон. - Душанбе, 2017, - № 11(155). - С. 7-8.

3. Шарипов, Ш.Р. Таҷассуми симои Пешвои миллат дар эҷодиёти адибони ҷавон // Маорифи Тоҷикистон. - Душанбе, 2017, - № 11 (155). - С. 8-12.

4. Рахмонов, Э. Точикистон: Чахор соли истиклолият ва худшиноси. - Душанбе: 1995.

5. Рахмонов, Э. Точикистон: Дах соли истиклолият, вахдати Миллӣ ва бунёдкорӣ. – Душанбе, 2001. - Ч. 2. - С. 51.

6. Рахмонов, Э. Таджики в зеркале истории: от арийцев до Саманидов. - Душанбе: 2002.

7. Саидов, З.Ш. Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации. - Душанбе: 2004.

8. Саидов, З.Ш. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан. – Душанбе, 2001.

9. Саидов, З.Ш. Таджикистан - надежный партнер в международных отношениях. - Душанбе, 2003.

10. Саидов, З.Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан современном этапе: (1992-2005). – Душанбе, 2006.

# БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

**УДК 81.373.7**

## НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В АНГЛИЙСКОЙ ЛИНГВОКУЛЬТУРЕ

**Аннотация:** В статье рассматриваются фразеологические единицы с концептом на понятие «деньги». Несмотря на отсутствие единого мнения среди исследователей о классификации, фразеология является источником знаний о языке как развивающейся и изменяющейся системе, системе, открытой для заимствований из различных источников. Природа значения фразеологических единиц тесно связана с фоновыми знаниями носителя языка, с практическим опытом личности, с культурно-историческими традициями народа, говорящего на данном языке. Английские фразеологизмы имеют разные источники происхождения, среди которых можно выделить исконно английские и заимствованные. В свою очередь заимствованные фразеологизмы можно разделить на межъязыковые и внутриязыковые. Изучение фразеологизмов помогает больше узнать о культуре народа, его истории, особенностях менталитета, повседневной стороне жизни.

**Ключевые слова:** фразеологических единицы, концепт «деньги», система, заимствования, культура народа, особенности менталитета, английские фразеологизмы.

## БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ФАРҲАНГӢ ЗАБОНШИНОСИИ АНГЛИС

**Аннотатсия:** Дар мақола воҳидҳои фразеологӣ бо мафҳуми “пул” барраси шудааст. Сарфи назар аз тавофуқи муҳаққиқон дар мавриди таснифот, фразеология манбаи дониш дар бораи забон ҳамчун низом дар ҳоли рушд ва тағйирёбанда, системаест, ки барои гирифтани иқтибос аз сарчашмаҳои гуногун истифода бурда аст. Хусусияти маънои воҳидҳои фразеологӣ бо дониши заминавии забони модарӣ, таҷрибаи амалии фард, анъанаҳои фарҳангӣ ва таърихии мардуме, ки бо ин забон ҳарф мезананд зич алоқаманд мебошад. Воҳидҳои фразеологии англисӣ сарчашмаҳои гуногуни пайдоиш доранд, ки дар байни онҳо мо метавонем забони англисии модарӣ ва иқтибосиро фарқ кунем. Дар навбати худ, воҳидҳои фразеологии қабулшударо ба байнизабонӣ ва дохилизабонӣ ҷудо кардан мумкин аст, бояд гуфт, ки воҳидҳои фразеологӣ барои забони модарӣ чунон як ҳодисаи маъмуланд, ки аксар вақт ҳатто онҳоро аҳамият намедиҳанд. Омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ барои бештар омӯхтани фарҳанги халқ, таърих, дар рӯзгори ҳамарӯза ва тафаккури он мусоидат мекунад.

**Вожаҳои калидӣ:** воҳидҳои фразеологӣ, консепсияи пул, система, иқтибосӣ, фарҳангӣ мардумӣ, хусусиятҳои тафаккур, фразеологизмҳои англисӣ.

## SOME FEATURES OF THE USE OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN ENGLISH LINGUISTIC CULTURE.

**Abstract:** The article deals with phraseological units with the concept of “money”. Despite the lack of consensus among researchers on classification, phraseology is a source of knowledge about language as a developing and changing system, a system open to borrowing from various sources. The nature of the meaning of phraseological units is closely connected with the background knowledge of the native speaker, with the practical experience of the individual, with the cultural and historical traditions of the people who speak this language. English phraseological units have different sources of origin, among which we can distinguish native English and borrowed ones. In turn borrowed phraseological units can be divided into inter-language and intra-language. It should be said that for native speakers, phraseological

units are so commonplace that they often do not even notice them. The study of phraseological units helps to learn more about the culture of the people, their history, the peculiarities of the mentality, the everyday side of life.

**Key words:** phraseological units, the concept of money, the system, borrowings, culture of the people, features of the mentality, english phraseological units.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:**

**Бегмуродзода Ю.Э.** – старший преподаватель кафедры иностранных языков Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, begmurodov93@mail.ru; Тел.: +(992) 905 11 01 93.

**Ахмедзода С.А.** – старший преподаватель кафедры языков факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, полковник милиции

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:**

**Бегмуродзода Ю. Э.** – омӯзгори калони кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, begmurodov93@mail.ru; Тел.: +(992) 905 11 01 93.

**Аҳмадзода С.А.** – омӯзгори калони кафедраи забонҳои факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**

**Begmurodzoda Yu.E.** – Senior Lecturer, Department of Foreign Languages, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, begmurodov93@mail.ru, +9992) 905 11 01 93.

**Akhmedzoda S. A.** – Senior Lecturer, Department of Languages, Faculty No. 2, Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Police Colonel

Как самостоятельная лингвистическая дисциплина фразеология возникла сравнительно недавно. Предмет и задачи, объем и методы изучения фразеологии еще не определены четко и не получили полного освещения. Тем не менее, вопросы об основных признаках фразеологизмов в сравнении со свободными сочетаниями слов, классификации фразеологизмов, способах перевода фразеологизмов остаются актуальными.

Этим проблемам посвящены труды таджикских российских и зарубежных ученых. Лингвисты не пришли к единому мнению о фразеологизмах, поэтому в лингвистике нет единства взглядов на состав этих единиц.

Л. П. Смит, В. П. Жуков, В. Н. Телия и др., включают устойчивые сочетания слов во фразеологизмы, в то время как другие исследователи Н. Н. Амосова, А. И. Смирницкий, В. В. Виноградов не считают пословицы и поговорки фразеологизмами, поскольку они отличаются от фразеологизмов своей семантической и синтаксической структурой.

Несмотря на отсутствие единого мнения среди исследователей о классификации, фразеология является источником знаний о языке как развивающейся и изменяющейся системе, системе, открытой для заимствований из различных источников.

Английские фразеологизмы имеют разные источники происхождения, среди которых можно выделить исконно английские и заимствованные. В свою очередь заимствованные фразеологизмы можно разделить на межъязыковые и внутриязыковые.

Таким образом, можно выделить три группы английских фразеологизмов, взяв за основу классификации источник происхождения: первоначально английские фразеологизмы; фразеологизмы, созданные английскими писателями; межъязыковые заимствования, то есть фразеологизмы, заимствованные из иностранных языков тем или иным видом перевода.

А. В. Кунин считает, что фразеологизмы - это устойчивые сочетания лексем с полным или частично переосмыс-

ленным значением [Кунин, 1972: 160]. К особенностям фразеологизма относятся «языковая устойчивость, семантическая целостность и обособленность» [Арнольд, 1973: 160].

1. Фразеологические сращение (идиома) - речевой оборот, значение которого не определяется значением входящих в него слов, где нельзя переставлять слова местами или менять их на какие-либо другие.

Довольно часто грамматическая форма и значение идиом не отражают реалий настоящего времени, тогда идиома архаична устаревшее, сохранившееся как фразеологическая единица слово из прошлого, где оно имело буквальное значение.

2. Фразеологическое единство - устойчивый оборот, в котором сохраняются признаки разделения его компонентов. Фразеологический оборот характеризуется образностью, каждое слово, входящее в его состав, имеет свое значение, но вместе они приобретают образное значение. Часто примерами фразеологизмов являются различные стилистические приемы и выразительные средства, в частности метафоры. Фразеологическое единство как неделимое, замена слова (даже синонимичного ему) приводит к разрушению идиомы или изменению ее значения.

3. Фразеологическое сочетание (словосочетание) - это разновидность идиомы, устойчивое сочетание, которое может быть словом со свободным значением и собственническим (т. е. употребляться только в определенном сочетании). Значение фразеологического сочетания складывается из значений входящих в него слов.

Фразеологические сочетания частично делимы, в отличие от предыдущих типов фразеологизмов: одна часть постоянна, а другая заменяемой (например, из сочетания «гореть от зависти» можно создать другое – «гореть от любви», заменив слово «зависть» словом «любовь»).

4. Последний тип фраземы - фразеологическое выражение - это устойчивая конструкция, которая сегментирована и целиком состоит из слов со свободным значением. Фразеологические выражения воспроизводимы - они используются как готовые единицы речи с постоянным составом, часто это законченные предложения с определенной инструкцией, нравоучением или поучением. Типичными примерами фразеологических выражений являются пословицы и поговорки, афоризмы и крылатые фразы.

Деньги - это такая важная часть повседневной жизни, что в любом языке у них много слов, выражений, много пословиц, поговорок, загадок, денежные темы прочно встроены в идиомы. Но этой теме обычно уделяется мало внимания.

Многое можно сказать о значении денег как явления, существующего в жизни общества, но доказать и поддержать их значение можно, проанализировав языковой материал. В английском языке много фразеологических единиц со значением «деньги», поэтому в картине мира представителей этого этноса деньги являются важнейшим понятием.

Во многих цивилизованных обществах деньги являются двигателем общественных отношений. Каждое государство живет своей самостоятельной жизнью, но деньги есть везде. У них разные имена, разная история, разный вес и т. д.

По мнению Ю.С. Степанова, «деньги» - одно из основных понятий культуры, участвующих в категоризации современного мира. (Степанов 1997: 661).

Это вполне оправданно, поскольку деньги - одно из основных понятий человеческого опыта, неотъемлемый атрибут современной цивилизации. Все это говорит о том, что деньги являются важной составляющей культуры американского общества. Для англичан не имеет значения, как выглядят деньги, откуда они берутся, это просто имеет значение? какие они, она не является частью их культуры, а напротив, они, как правило, стремятся приобрести больше денег. Поэтому очень интересно проследить, какое место занимает такая элементарная вещь, как деньги, в обыден-

ном сознании англичан, как он ее видит, и как выражаются в фразеологических единицах и в языке.

**Look like a million dollars/bucks** - данная фразеологическая единица употребляется, когда кто-то говорит вам, что вы выглядите на миллион долларов, это не обязательно означает, что у вас есть деньги в карманах. Скорее, они хотят сказать вам, что вы выглядите великолепно, превосходно, восхитительно и абсолютно сногсшибательно.

**Look like ten pounds of shit in a five-pound bag** означает, следите за внешним видом, господа! Теперь вы знаете, как вас могут охарактеризовать за спиной.

"Wow, Mary, you look like a million dollars/bucks this evening. I love your dress!"
(Ух ты, Мэри, ты сегодня выглядишь великолепно! Платье просто блеск!)

**To go from rags to riches** - из грязи в князи

Данная идиома означает «из грязи в князи», то есть сделать головокружительную карьеру, «взлететь», «подняться».

"Beauty put on her gladdest rags and went to parties... (U. Sinclair, 'Between Two Worlds', ch. 21)

(Бьюти нарядно оделась и отправилась в гости, предполагая побывать в нескольких местах) [Lingyo Abbey]

**Pay an arm and a leg for something** - Заплатить за что-то очень много денег, переплатить. Также означает, какой то предмета или чего то которое стоит очень дорого «стоит уйму денег» – "costs an arm and a leg" [Lingyo Abbey]

**To pay through the nose** - платить бешеные деньги, платить в три дорога ...that fellow would make his family pay through the nose to keep him out of bankruptcy or even perhaps gaol! (J. Galsworthy, 'In Chancery', part II, ch. IV) (...этот субъект заставит свою семью заплатить какие угодно деньги, чтобы спасти его от банкротства или, может быть, даже от тюрьмы!) [Lingyo Abbey]

**To have sticky fingers** - нечист на руку

Когда мы по-английски говорим, что у кого-то «липкие пальцы», это означает, что оно вор.

**To have sticky fingers** - на руку нечист; stick to smb.'s fingers; [Lingyo Abbey]

Don't leave money in your locker; some of the boys have sticky fingers. (DAI)

(Не оставляйте деньги в шкафчике: у некоторых здешних ребят деньги прямо-таки прилипают к рукам).

**To give a run for one's money,** have a run for one's money - получить удовольствие за свои деньги, труды; не даром стараться [*жаргон* на бегах]...

Иногда о значении идиомы очень трудно догадаться. Данная идиома означает «составить достойную конкуренцию», «быть достойным противником», «заставить попотеть». [Lingyo Abbey]

"Joe really gave me a run for my money in the chess tournament. He almost beat me!"
(Джо здорово погонял меня на шахматном турнире. Он у меня почти выиграл!)

**To pony up** – расплатиться, раскошелиться, отдать долг.

Good, we need this guy to pony up. (Отлично, мы должны расплатиться с ним)

**break even** не приносить ни прибыли, ни убытка; покрывать расходы; достигать уровня безубыточности

You risked everything, and you didn't even break even. (Ты рискнула всем и даже не понесла убытки)

**To be closefisted close-fisted** - нежелание тратить деньги; скупость[Lingyo Abbey]

Данная идиома относится к человеку, который не любит тратить деньги: прижимистый, скупой или скупой.

This is the time to merge his self in a great current, in the rising tide which is approaching to sweep us all, willing or unwilling, into the future.

(Настало время влить своё Я в единый всемогущий поток, в непобедимую приливную волну, которая всех нас, желающих и нежелающих, унесёт в великое будущее).

**Shell out money/to fork over money,** be flush with money (be flush with money, be made of money, have money to burn, wallow in money; stink of или with money; be in the money) - загребать деньги лопатой, купаться в золоте; денег куры не клюют;

Say why don't you get married with all this money to burni? You could get the finest girl in the land (J. London, 'Martin Eden', ch. XLVI)

( Ах, Март, ну какого черта ты не женишься? С такими - то деньгами - да ты можешь жениться на первейшей красавице!)

Выложить кучу денег; раскошелиться, потратиться (на что-то очень дорогое).

**to lose your shirt** — потерять все деньги и сбережения, остаться ни с чем, часто как результат азартных игр (буквально: потерять свою рубашку) [Кунин, 1956, 567]

He lost his shirt when the bank went bankrupt — Он остался ни с чем, когда банк обанкротился.

**Make ends meet** — иметь совсем мало денег (буквально: сводить концы с концами) [Кунин, 1956, 51]

What I got to do to make ends meet, I don't even want to start (Чем я занимаюсь, чтобы свести концы с концами - даже не хочу об этом говорить).

How he disciplined himself to make e nds meet in that difficult time he explained inhis book (О том, как ему удалось дисциплинировать себя, чтобы сводить концы с концами в это сложное время, он рассказал в своей книге).

**Money for old rope -** легко заработанные деньги, непыльная работа (буквально: деньги за старую веревку) [Кунин, 1956, 211].

We need you for money for old rope. ( Ты нужен нам, чтобы получать деньги ни за что).

Также невозможно избежать идиом в английском языке, касающихся материального состояния.

**Born with a silver spoon in one's mouth** - иметь богатых родителей (буквально: родиться с серебряной ложкой во рту) [Кунин, 1956, 381].

Дело в том, что свадьба может стоить целое состояние, не говоря уже о торте, подружках невесты и органисте. I wasn't born with a silver spoon in my mouth.

(Я не был рождён с серебряной ложкой во рту).

Национально-культурная специфика фразеологических единиц может проявляться на уровне их компонентов, которые несут символьную смысловую нагрузку. К числу подобных лексем - символов относится лексема «деньги» которая оказывают наиболее сильное влияние на семантику фразеологических единиц, образно-смысловую основу которых она составляет.

Таким образом, следует сказать, что для носителей языка фразеологизмы являются настолько обыденным явлением, что они часто их даже не замечают. Тем не менее, их роль в нашей речи поистине неоценима. Они делают его ярче, насыщают эмоциями. Именно фразеологизмы делают язык по-настоящему живым. Изучение фразеологизмов помогает больше узнать о культуре народа, его истории, особенностях менталитета, повседневной стороне жизни.

Природа значения фразеологических единиц тесно связана с фоновыми знаниями носителя языка, с практическим опытом личности, с культурно-историческими традициями народа, говорящего на данном языке. В языке закрепляются именно те образные выражения, которые ассоциируются с культурно-национальными эталонами и стереотипами, а также которые при употреблении в речи воспроизводят характерный для той или иной лингвокультурной общности менталитет.

Следовательно, можно сказать, что взаимная связь языка и культуры является очевидной. Каждый язык неотделим от культуры, которая составляет его содержательный аспект. Язык не только отражает современную культуру, но и передает ее ценности от поколения к поколению. Каждый язык имеет особую картину мира и в этом проявляется специфическое восприятие мира, зафиксированное в языке.

## Использованная литература

1. Виноградов, В.В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке / В.В. Виноградов. – М., 1977. – С. 140-161.
2. Краткий русско-английский Фразеологический словарь / В.В. Гуревич, Я.А. Дозорец. – М.: Рус. яз., 1988. - 544 с.
3. Кунин, А.В. Англо-русский фразеологический словарь/ А.В.Кунин.. - М.: Гос. изд. иностр. Словарей, 1956. – 904 с.
4. Пашкус, Ю.В. Деньги: прошлое и современность / Ю.В.Пашкус. - Ленинград, 1990. - 183 с.
5. Петрунина, Е.А. Семантика английских фразеологических единиц с омпонентом - фитонимом / Е.А. Петрунина // Вестник университета Российской академии образования. – 2009. – № 1. – С. 53-58.
6. Сепир, Э. Избранные труды по языкознанию и культурологии. – М.: Прогресс, 1993.
7. Сепир, Э. Статус лингвистики как науки // Избранные труды по языкознанию и культурологии: пер. с англ. / Э. Сепир. - М.: Изд. Группа «Прогресс»: Универс, 1993. - С. 259–265.
8. Слышкин, Г.Г. Лингвокультурные концепты и метаконцепты: дис. … д-ра фил. наук: 10.02.19 / Геннадий Геннадиевич Слышкин. - Волгоград, 2004.
9. Степанов, Ю.С. Основы общего языкознания. - Ханой, 1977. - 518 с.
10. Телия, В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты / В.Н.Телия. - М., 1996. - 288 с.
11. Уфимцева, Н.В. Русские: опыт еще одного самопознания / Н.В.Уфимцева // Этнокультурная специфика языкового сознания. - М., 1996. - С. 139-163.
12. Уфимцева, Н.В. Этнический характер, образ себя и языковое сознание русских / Н.В. Уфимцева // Языковое сознание: формирование и функционирование; Отв. ред. Н.В.Уфимцева. - М., 1998. - С. 135-170.
13. Фрумкина, Р.М. Концепт, категория, прототип / Р.М.Фрумкина // Лингвистическая и экстралингвистическая семантика. - М., 1992. – 95 с.

**УДК 37.02:811.161.1**

## НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ В СФЕРЕ ПРЕПОДАВАНИЯ И ИЗУЧЕНИЯ РУССКОГО ЯЗЫКА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Аннотация:** В статье авторы отмечаются, что в последние годы в современном обществе происходят глобальные общественно-политические и экономические перемены, расширяются международные контакты. Отсюда в современных условиях естественным образом возникает необходимость дальнейшего совершенствования преподавания и изучения русского языка в образовательных учреждениях страны, а также укреплению связей между странами и народами. По мнению авторов, в обучении и изучении русскому языку одно из важных мест занимает устная речь. Также авторы предлагают свои предложения по решению задач овладения устной речью на русском языке.

**Ключевые слова:** международные контакты, социализация, необходимость, образовательное пространство, устная речь, язык, обучение, воспитание, изучение, развитие, современное общество.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ДАР СОҲАИ ТАЪЛИМ ВА ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**Аннотатсия:** Дар мақола муаллифон қайд мекунанд, ки дар солҳои охир дар ҷомеаи муосир тағйиротҳои ҷаҳонии иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ ба амал омада, робитаҳои байналмилалӣ вусъат меёбанд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир зарурати боз ҳам такмил додани таълим ва омӯзиши забони русӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар, таҳкими робитаҳои байникишварҳо ба миён меояд. Ба ақидаи муаллифон дар таълим ва омӯзиши забони русӣ нутқи шифоӣ нақши муҳим мебозад. Инчунин барои ҳалли вазифаҳои азхуд намудани нутқи шифоҳии забони русӣ муаллифон таклифҳои худро пешниҳод мекунанд.

**Вожаҳои калидӣ:** робитаҳои байналмиллалӣ, иҷтимоишавӣ, зарурат, фазои таълимӣ, нутқи шифоҳӣ, забон, таълим, тарбия, омӯзиш, рушд, ҷомеаи муосир.

## SOME PROBLEMS IN THE FIELD OF TEACHING AND LEARNING RUSSIAN IN MODERN CONDITIONS

**Annotation:** The authors of the article notes that in recent years global socio-political and economic changes have been taking place in modern society, and international contacts have been expanding. Hence, in modern conditions, the need naturally arises for further improvement of the teaching and study of the Russian language in educational institutions of the country, as well as for strengthening ties between countries and peoples. According to the author, oral speech occupies one of the important places in teaching and studying the Russian language. The authors also offers his proposals for solving the problems of mastering oral speech in Russian.

**Key words:** International contacts, socialization, necessity, educational space, oral speech, language, training, education, study, development, modern society.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:**

**Максудзода Р.М.** - доцент кафедры языков факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, полковник милиции;

**Буриева М.К.** - старший преподаватель кафедры языков факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:**

**Мақсудзода Р.М.** - дотсенти кафедраи забонҳои факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия;

**Бӯриева М.К.** - омӯзгори калони кафедраи забонҳои факултети № 2юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**
**Maksudzoda R.M.** - Associate Professor, Department of Languages, Faculty No. 2, Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Police Colonel;
**Burieva M.K.** - Senior Lecturer, Department of Languages, Faculty No. 2, Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Police Lieutenant Colonel.

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон уделяет особое внимание изучению русского языка, потому что русский язык на протяжении многих лет выполняет роль межнационального общения. В частности русский язык сегодня в Таджикистане официально является языком межнационального общения, что закреплено в статье 2 Конституции Республики Таджикистан [1:3] .

Также для повышения профессиональных навыков, политического мировоззрения и языкового уровня 18 марта 2024, №79 был издан Указ Президента Республики Таджикистан «Об изучении иностранных языков». [2]. На основании Указа Президента Республики Таджикистан был издан Приказ МВД Республики Таджикистан от 29 марта 2024 года № 213 «Об изучении иностранных языков в органах внутренних дел Республики Таджикистан» [3] .

По словам Л.С. Выготского, психическое развитие человека осуществляется через предметную деятельность, в основном – через язык [4, с. 47]. Именно язык является компонентом социализации и средством ее достижения. Социализация (от лат.socialis – общественный), процесс усвоения человеческим индивидом определенной системы знаний, норм ценностей, позволяющих ему функционировать в качестве полноправного члена общества. Социализация не осуществляется без овладения речью данной социальной среды.

М.С. Каган, Д.А. Леонтьев, В.В. Рыжков, Э.В. Сайко, В.Д. Шадриков в своих исследованиях отметили, что описание языковой личности осуществляется через анализ и соотнесение языкового сознаня, коммуникативных и лингвистических способностей, языковой и коммуникативной компетентности, уровней готовности личности к иноязычному общению.

Гальскова отмечает, что результатом любого языкового образования должна явиться сформированная языковая личность, а результатом образования в области иностранных языков – вторичная языковая личность как показатель способности человека принимать полноценное участие в межкультурной коммуникации [5, с. 65].

В последние годы в современном обществе происходят глобальные общественно-политические и экономические перемены, расширяются межнациональные и международные контакты. Отсюда, в современных условиях естественным образом возникает необходимость дальнейшего совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в образовательных учреждениях страны, а также укреплению связей между странами и народами. В условиях устойчивого международного сотрудничества и интеграции Республики Таджикистан в мировое сообщество растет потребность в специалистах, хорошо владеющих русским и английским языками и способных продуктивно их использовать в реальных ситуациях повседневного и профессионального общения.

С целью обозначения проблем существующих в сфере преподавания русского языка, предусмотрения возможных путей их решения и создания условий способствующих развитию поликультурного и полилингвального образования подрастающего поколения 30 августа 2019 года было принято Постановление Правительства Республики

Таджикистан №438 «О государственной программе совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на период до 2030 года» [6]. В частности отмечается, что в современном мире знание нескольких языков расширяет возможности подрастающего поколения, позволяя эффективно реализовать свой потенциал в самых разных сферах деятельности.

Русский язык в Таджикистане на протяжении многих лет выполняет роль межнационального общения. В качестве официального языка он является стержнем, формирующим полингвальное и поликультурное образовательное пространство в Республике Таджикистан, фактором когнитивного и интеллектуального развития, обеспечивающим возможность школьником и студенческой молодежи самореализации в условиях многонационального поликультурного государства.

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон неоднократно отмечал, что политическое отношение к языку в стране обеспечивает, наряду с таджикским языком, равноправное функционирование других языков и дает возможность овладевать ими.

Обучение русскому языку курсантов Академии МВД Республики Таджикистан, как языку межнационального общения, языку дружбы и сотрудничества, второму родному языку и часто рабочему языку в практической деятельности представляется задачей чрезвычайно сложной и многоаспектной в силу ряда объективных причин.

Контингент курсантов нашего учебного заведения, составляют выпускники школ, изучавшие русский язык в объеме средней национальной школы. Одной из серьезных причин, мешающих организации учебного процесса, снижающих эффективность обучения, является разноуровневая языковая подготовка. Вторая существенная причина – это различие в грамматических системах русского (синтетического) и таджикского (аналитического) языков. Для носителя таджикского языка особую трудность в усвоении языковой системы русского языка, а, следовательно, и в совершенствовании русской речи представляет жесткая иерахия системы связей в русском языке, связь слов на уровне словосочетаний и предикативных центров частей осложненных простых и сложных предложений, связь в контексте.

Третья причина – в неконкретности, как организованных аспектов обучения, так и целей содержания обучения (количественный и качественный состав вводимой лексики, грамматического минимума и т.д.), требования к формированию речевых умений и навыков, поэтапный и итоговый контроль сформированности навыков речи.

В обучении русскому языку одно из важных мест занимает устная речь. Главная задача в области устной речи состоит в том, чтобы научить обучающихся вести беседу на бытовые и общественные темы, используя изученный лексико-грамматический материал. В ходе учебного процесса необходимо добиться того, чтобы курсанты научились делать небольшие устные сообщения и вести беседу. Хотя как показывают результаты экзаменов, уровень владения устной речью очень невысок. В основном, более или менее удовлетворительно удается подготовить сообщения по теме общего характера. Здесь имеется ввиду подготовительная речь.

Курсанты реагируют на конкретно поставленные вопросы. Они делают ошибки разного рода, но реакция во многих случаях достаточно быстрая. Небольшие затруднения, как правило, вызывают ситуативные задания, сформулированные не виде вопроса, а типа «расскажите». В лучшем случае ответ состоит из нескольких фраз, логически малосвязанных между собой.

Что касается языкового оформления речи, то как правило грамматическая основа высказываний бедна, не говоря о том, что в них много ошибок разного характера.

Анализ опыта работы показывает, что устной речи уделяется много внима-

ния, но работа проходит недостаточно целенаправленно. Часто приходится предлагать готовые темы для заучивания. Даются также списки вопросов по теме, которые затем воспроизводятся в аудитории, такая работа не может привести к свободному общению на русском языке даже в пределах ограниченной тематики. Это связано с тем, что уровень языковой подготовки, с которыми поступают курсанты очень низок и не одинаков.

Для того, чтобы строить систему работы по устной речи, следует четко представлять себе конкретные требования к практическому русскому языку. Совершенно очевидно, что курсант должен овладеть монологической и диалогической речью, как ситуативной, так и контекстной. Естественно, что разные виды речи требуют особого подхода, своих специфических упражнений. К сожалению, часто мало используются коммуникативные упражнения.

Основной упор все же делается главным образом монологической речи. Выбор этого вида речи диктуется тем, что обучаемые чаще всего затрудняются в высказывании в ответ на ситуативные задания типа «расскажите». Из плана диалогической речи даётся в основном материал по формированию умения получить информацию.

Мы отдаём себе отчёт в том, что не может быть прямой коммуникацией при ведении беседы, если на задавшие вопросы не могут быть получены ответы, т.е. беседа предлагает наличие двух или нескольких собеседников.

В плане диалогической речи является умение вести беседу, важным компонентом которой является умение задавать вопросы для получения ответа. Что касается умения ставить вопросы, то их количество может состоять от 6 до 10. Это интересно в плане умения получить информацию по теме.

Ситуативная речь - это коммуникация, осуществляемая на базе ситуаций разного характера. Ситуация - это обстоятельства действительности, которые выдвигают речевую реакцию, это те жизненные обстоятельства, в которых совершается коммуникация. Вне ситуации, реальное общение невозможно. Поэтому, формируя у курсантов умение самостоятельного высказывания, мы должны создавать необходимые речевые ситуации, побуждающие их говорению. Стимулам к высказыванию может служить четко сформулированное задание, которое определяет характер речи (монологической, диалогической). Учитывая, что в обучении языку мы должны научить обучающихся применять устную речь в реальных жизненных ситуациях, большой удельный вес созданий обстоятельств для говорения должно занимать реальное, а не воображаемое. Поэтому из трех типов ситуаций главное место должно занимать условно-реальное.

Для того, чтобы в созданных под руководством педагога ситуациях можно было сделать устное сообщений, ситуативное задание должно быть четким и конкретным. Формирование ситуативного задания зависит от многих факторов, главным из которых является вид речи. Следует подчеркнуть, что целенаправленная систематическая работа по линии развития ситуативной речи может привести к формированию умения высказывать свои мысли и тем самым поможет решить задачи овладения устной речью на русском языке.

В заключение необходимо отметить, что при помощи коммуникативной активности, обучающий постепенно развивает свои языковые способности, познает культуру, традиции, обычаи чужого языка, и чужой язык постепенно становится родным. Усваивая русский язык, курсанты учатся смотреть на мир глазами носителей этого языка, поскольку «мир (или различные миры) представляются человеку через призму его культуры и, в частности, языка, являющегося неотъемлемым элементом культуры» [7, с. 96].

## Использованная литература

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года с дополнениями и изменениями от 26 сентября 1999 г.; 22 июня 2003 и 22 мая 2016 г. – Душанбе: Ганч, 2016. – 134 с.

2. Указ Президента Республики Таджикистан «Об изучении иностранных языков» от 18 марта 2024 г., № 79.

3. Приказ МВД Республики Таджикистан «Об изучении иностранных языков в органах внутренних дел Республики Таджикистан» от 29 марта 2024 г., № 213.

4. Выготский, Л.С. Мысль и слово. Собр. соч. - М.: Педагогика, 1996. – 230 с.

5. Гальскова, Н.Д. Основы методики обучения иностранным языкам. –М.: Кнорус, 2017. - 390 с.

6. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О государственной программе совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на период до 2030 года» от 30 августа 2019 г., № 438.

7. Маковский, М.М. Сравнительный словарь мифологической символики в индоевропейских языках: Образ мира и миры образов. - М., 1996.

8. Ожегов, С.И., Шведова, Н.Ю. Толковый словарь русского языка, более 100 000 слов и фразеологизмов. – М., 1998. – 937 с.

ТДУ 491.550

# МУҲИММИЯТИ ВОЖАГОНИ ИФОДАКУНАНДАИ МАКОНИ ПАРВАРИШИ ҲАЙВОНОТ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
## (дар асоси маводи гӯйиши Ғорон)

**Аннотатсия:** Вожасозӣ яке аз роҳу воситаҳои бисёр муҳимми забоншиносӣ буда, ба ин восита захираи луғавии забон ғановатманд мегардад. Тавассути пешванду пасвандҳо дар забон, аз ҷумла, дар гӯйиши Ғорон вожаҳои зиёду гуногунранге ба вуҷуд омадааст. Дар мақола сохтори истилоҳоти соҳаи чорводорӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи гӯйиши тоҷикони Ғорон) мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз таҳлили маводи мазкур бармеояд, ки истилоҳоти соҳаи чорводорӣ чун дигар соҳаҳо аз ҷиҳати таркиб ба гурӯҳҳои сода, сохта ва мураккаб тасниф шуда, қисмати муҳимми таркиби луғавии забони адабӣ ва лаҳҷаҳо, аз ҷумла, гӯйиши Ғоронро ташкил медиҳад. Мақолаи мазкур барои пайдо намудани шиносоӣ ба хонанда ба сохтори вожагони марбут ба чорводорӣ дар забони тоҷикӣ кумак хоҳад намуд.

**Вожаҳои калидӣ:** забони тоҷикӣ, лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, гӯйиши Ғорон, таркиби луғавӣ, истилоҳоти соҳаи чорводорӣ, калимасозӣ, калимаҳои сода, сохта, мураккаб.

# ЗНАЧЕНИЕ СЛОВ, ОБОЗНАЧАЮЩИХ МЕСТА ОБИТАНИЯ ЖИВОТНЫХ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ
## (на материале диалекта Горан)

**Аннотация:** Формирование лексики – один из важнейших способов и средств лингвистики, обогащающий лексический ресурс языка. Благодаря префиксам и суффиксам в языке, в том числе в горанском диалекте, появилось множество разнообразных слов. В статье анализируется структура терминологии животноводства в таджикском языке (на материале диалекта горанских таджиков). Анализ данного материала показывает, что терминология животноводства, как и других отраслей, по составу подразделяется на простые, сложные и сложные группы и составляет важную часть лексического состава литературного языка и диалектов, включая горанский диалект. Настоящая статья поможет читателю ознакомиться со структурой лексики животноводства в таджикском языке.

**Ключевые слова:** таджикский язык, таджикские диалекты, горанский диалект, лексика, животноводческая терминология, словообразование, простые, выдуманные, сложные слова и т. д.

# THE IMPORTANCE OF WORDS INDICATING ANIMAL PLACES IN THE TAJIKI LANGUAGE
## (based on Ghoran dialect material)

**Abstract:** Vocabulary formation is one of the most important ways and means of linguistics, and through this the lexical resource of the language is enriched. Through prefixes and suffixes, many and diverse words have appeared in the language, including in the Ghoran dialect. The article analyzes the structure of terms in the field of livestock breeding in the Tajik language (based on the dialect of the Ghoran Tajiks). The analysis of this material shows that the terms in the field of livestock breeding, like other fields, are classified into simple, constructed and complex groups in terms of composition, and constitute an important part of the lexical composition of the literary language and dialects, including the Ghoran dialect. This article will help the reader to become familiar with the structure of words related to livestock breeding in the Tajik language.

**Key words:** Tajik language, Tajik dialects, Ghoran dialect, vocabulary, livestock terminology, word formation, simple, made-up, complex words, etc.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:**
**Фарҳодова Сарвбону Алидодовна** - ходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ, АМИТ, тел.: +(992) 111 19 11 73; e-mail: fsarvbonu.1973@mail.ru.

**ИНФОРМАЦИЯ ОБ АВТОРЕ:**
**Фарходова Сарвбону Алидодовна** - научний сотрудник Института языка и литературы имени Рудаки НАНТ, соискатель научно-исследовательского Института гуманитарных наук, НАНТ, тел.: +(992) 111 19 11 73; e-mail: fsarvbonu.1973@mail.ru.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:**
**Farhodova Sarvbonu Alidodovna** - researcher at the Rudaki Institute of language end literature of NAST, applicant of the research Institute of human Sciences, NAST tel.: +(992) 111 19 11 73; e-mail: fsarvbonu.1973@mail.ru.

Лексикаи соҳавии забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он аз ҷониби як гурӯҳ муҳаққиқон мавриди баррасӣ қарор гирифта, доир ба соҳаҳои гуногун асару мақолаҳо ва рисолаҳо таълиф намудаанд. Аз ҷумла, дар таҳқиқотҳо ва маводи ба чоп расонидаи муҳаққиқони варзида Ғ. Ҷӯраев [1992; 2017], М. Кабиров [1995], Ш. Исмоилов [2018], С. Мирзоев [1998], Н. Гадоев [2012], С. Хоркашев [2014], М. Каримова [2018], С. Юсупова [2019], С. Раҳматуллозода [2020] паҳлуҳои гуногуни лексикаи соҳавии шеваву лаҳҷаҳои алоҳидаи забони тоҷикӣ баррасӣ гардида, доир ба лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ маълумоти мухтасар дода бошанд ҳам, пажуҳишҳои анҷомдодаи онҳо лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагиро пурра дар бар нагирифтааст.

Лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ дар асоси лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ танҳо дар даҳсолаҳои охир мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифт. Аввалин бор ба масъалаи мазкур муҳаққиқи шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ – Ғ. Ҷӯраев дар доираи фарогири васеъ, дар асоси маводи лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ, дар бахши алоҳида, чанде аз хусусиятҳои маъноию грамматикии ин қабати луғатро баён намудааст [ШҶЗТ, 1980, 166-172]. Инчунин, дар лаҳҷашиносии тоҷик доир ба лексикаи марбут ба чорводорӣ якчанд таҳқиқоти дигар анҷом ёфтааст, ки инҳо рисолаҳои А. Мирбобоев [1991], Ҳ. Бердиқулов [1992], Г. Ниматов [1998], М. Аламшоев [2007], М. Рӯзиев [2022] ва дигарон мебошанд.

Аз пажуҳишҳои баитмомрасида маълум аст, ки доир ба тасниф ва таҳлили мавзуии лексикаи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар лаҳҷашиносӣ таҷрибаи зарурӣ ба вуҷуд омадааст. Як гурӯҳи муҳаққиқони лаҳҷашинос дар рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳои худ маводи мавриди таҳқиқашонро вобаста ба ифодаи маъно ва мафҳуме ба гурӯҳҳо тақсим намуда, гурӯҳи дигар лексикаи лаҳҷаи мавриди таҳқиқ қарордодаашонро вобаста ба мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ ва баъдан дар дохили ҳиссаҳои нутқ ба гурӯҳҳои мавзуӣ ҷудо намудаанд.

Бояд зикр намуд, ки бо такя ба таҷрибаи устувори устодони лаҳҷашинос дар маводи мавриди назар вожагони ифодакунандаи макони парвариши ҳайвонот дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи гӯйиши Ғорон) мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Инсоният аз қадим ба чорводорӣ, яъне ромкунӣ, парвариш ва нигоҳдории ҳайвоноти хонагӣ майли зиёд дошт. Аз тарафи дигар, одамон ба ҳайвоноти хонагӣ барои иҷрои вазифа ва таъиноти гуногун ниёз дошт ва то ба имрӯз ин эҳтиёҷот ба назар мерасад. Ба туфайли мавҷудияти чунин пайванди ногусастанӣ инсоният аз як ҷониб тавонистааст навъҳои гуногуни ҳайвонотро ром карда, барои эҳтиёҷоти худ истифода барад ва барои нигоҳубини онҳо шароити мусоид фароҳам орад. Чунки таъмин намудани ҳайвоноти хонагӣ бо бошишгоҳҳо яке аз масъалаҳои аввалин-

дараҷаи марбут ба парвариш ва нигоҳубини онҳо махсуб меёбад. Барои аз ҳавои номусоид ва аз ҳайвоноти ваҳшӣ эмин нигоҳ доштани ҳайвонот макони мувофиқи нигоҳубини ҳайвонот зарур мебошад. Вобаста ба сохтмон ва корбурди намудҳои мухталифи ҷойи зисти ҳайвонот вожагони гуногуни ифодакунандаи макони парвариши ҳайвонот ба вуҷуд омадаанд. Мафҳуми умумии ҷойи нигоҳубини ҳайвонот дар гӯйиши Ғорон бо вожаи *агел* (оғил) ифода мешавад: *Дари агел-а сахт къънет, ки мол набароя* (Дт.). Вожа мазкур дар бештари лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба ҳамин маъно корбурд шуда, маънои куллро ифода мекунад. Аммо тибқи нишондоди муҳаққион дар бархе аз лаҳҷаҳо тағйироти маъноии вожаи мазкур ба назар мерасад. Масалан, дар шеваҳои тоҷикони Фориш макони зисти тобистонаи чорводоронро дар шакли **оғул** ва дар шакли **оғил** ҳам маънои молхона ва ҳам маънои чарогоҳро ифода карда мешавад [Қосимов, 1966, с. 182, 307].

Бояд зикр намуд, ки вобаста ба намудҳои ҳайвонот хелҳои гуногуни оғил сохта мешавад, ки онҳо ба ибораҳои умумитоҷикии ***огели гово, огели харо, огели мешо, огели бузо, огели гъсола, огели бъчо,*** **оғели** *баро* ва ғайра ифода карда мешаванд. Инчунин, дар дохили оғили калон барои ҷудо кардани барраву бузғола аз чӯбу тахта ҷойи алоҳида месозанд, ки он бо вожаи ***теск*** ифода карда мешавад. *Барора да теск ҷъдо къънет, ки намакан* (Кл.). Албатта, оғили ҳайвони калону хурд ва боркашу саворӣ ба ҳам хеле монанд буда, он қадар фарқияте байни онҳо вуҷуд надорад. Вале аз рӯйи баъзе ҷузъиётҳо тафовут дар дохили онҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар дохили оғил барои хӯрокхӯрии ҳайвон ҷойҳои алоҳида ҷудо карда мешавад, ки онро ***охър*** меноманд. Охурҳо вобаста ба намуди ҳайвон гуногун сохта мешаванд. Чунончи, барои ҳайвоноти хурд охури дарози якҷоя ва барои ҳайвоноти калон бошад, охури алоҳида месозанд, чунки ҳайвоноти калон вақти хурдан рост намеоянд: *Гоsора алоҳида ка бъдозет, ки ҳамдигарро шох мезанан* (Ст.). Бояд зикр намуд, ки вожаи мазкур дар лаҳҷаи Варзоб низ ба ҳамин маъно корбурд шуда, вале дар шеваҳои тоҷикони Фориш маънои **оғалро** ифода мекунад, нисбат ба ҷойи хурокхурии ҳайвон вожаи **охурча** роиҷ аст [Қосимов, 1966, с. 290].

Инчунин, ҷойи зисти ҳайвоноти хонагӣ бо вожагони мураккабсохти умумитоҷикии **оғилхона, молхона**, **говхона**, **хархона**, **аспхона**, **бузхона** ва ғайра ифода карда мешавад.

Дар мавриди оғили ҳайвонот истифода шудани ҷузъи **хона** танҳо хоси гӯйиши Ғорон набуда, дар лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ низ роиҷ аст, аз ҷумла М. Кабиров мавҷудияти чунин тарзи ифодаро дар шакли **оғилхона//оғулхона**, **молхона** дар таркиби лаҳҷаи тоҷикони Чирчиқ қайд намудааст [Кабиров, 1995, с. 33; 52].

Ҷойи нигоҳубини ҳайвоноти хурд ва калон, хосатан, говҳои дӯшоӣ дар саҳро бо вожаи **айлоқ** ифода карда шавад: *Охиройи мойи май гову мола ба айлоқ мебарем* (Анд.). Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” барои ифодаи ҳамин маъно калимаи **айлоқ** «ҷои серобу алаф, ки дар тобистон ва қисман зимистон чорворо он ҷо мечаронанд ва парво мекунанд», **яйлоқ/яйлов** «ҷойи тобистонгузаронии чорво ва чорводорон; ҷои хушобу ҳаво барои истироҳати тобистонӣ» [ФТЗТ, ҷ. 1, 2008, с. 35; 45; ҷ., с. 2, 681] мавҷуданд. Вожаҳои мазкур бо тағйироти овоӣ дар забонҳои шарқии эронӣ ва шеваву лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ, аз ҷумла, дар забони вахонӣ дар шакли **ayloq** [Мирбобоев, 1991, с. 36], дар шеваҳои тоҷикони Андиҷон дар шакли **йайло** [Мурватов, 1968, с. 358], дар лаҳҷаи Ромит дар шакли **айлоқ** [Бердиев, 1979, с. 157], дар лаҳҷаи Конибодом дар шакли **лайлов** [Сангинова, 2012, с. 80] ва дар лаҳҷаҳои забони дарии Афғонистон дар шакли **айлоқ, йайлоқ** [Обидов, 1995, с. 297], маъмул аст.

Бошишгоҳҳои гӯсфанду буз, барраву бузғола дар фасли тобистон ҳам дар хона ва ҳам дар саҳро (айлоқҷойҳо) бо вожаи умумитоҷикии ***шола*** **хел** корбурд мешавад. Ҷойи алоҳидаи нигоҳубини ҳайвоноти хурд (барраву

бузғола)-ро дар дохили оғил дар фасли зимистон ва дар ***шола*** дар фасли тобистон бо вожаи ***теск*** ифода менамояд: *Баройи таръқ-а да теск ҷъдо кънет, ки мешо лагат накнан* (Сб.). Вожаи **шола** дар лаҳҷаҳои дигар забони тоҷикӣ, аз ҷумла, дар лаҳҷаи Тагнов низ ба ҳамин маъно, яъне **шола** «ҷойи шабгузаронии бузу гӯсфанд дар ҳавлӣ дар фасли тобистон» коорбаст мешавад [Гадоев, 2012, с. 88].

Чунин бошишгоҳҳои ҳайвонот дар гӯшаҳои дигари кишвар низ вуҷуд доранд, ки онҳо на бо вожаи **шола**, балки бо вожаҳои дигар, аз ҷумла, дар лаҳҷаи Варзоб бо вожаи **ҳел (Рӯзиев..)**, дар шеваи ҷанубӣ бо тағъироти овоӣ дар шакли **ҳел//ел** маънои «қароргоҳи тобистонаи моли майда (бузу гӯсфанд) дар назди хона»-ро [ШҶЗТ, 1980, с. 169] ифода мекунад. Зикр кардан ба маврид аст, ки дар гӯйиши мазкур лонаи парандагон ва хазандагон бо вожаи ***еча//ечк*** ифода шуда, дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб бошад, ба ҳамин маъно бо тафовути овоӣ вожаи **елча//ҳелча** корбурд мешавад [Неменова, 1956, с. 157]. Дар фасли тобистон ҳайвоноти калонро, аз ҷумла, барзаговҳо ва говҳое, ки шир надоранд ба пушта мебаранд ва ҷойе, ки онҳо ҳам дар айлоқҷо ва ҳам дар пушта шабона меистанд, бо вожаи ***палар*** ифода карда мешавад. *Гов-о-ра хабар гъръфет, ки да паларо хов кардан* (Дх.). Ҷойи истодани бузу гӯсфанд, ки шабона дар пушта истода ба айлоқҷой намеоянд, бо вожаи ***қътан*** ифода карда мешаванд. *Мол қътан задану найомадан; Мол-а ага ба қътан барем як-ду руз мемонем* (Кл.). Калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ, аз ҷумла лаҳҷаҳои тоҷикони Мастчоҳ [Хромов, 1962, с. 198] мавҷуд буда, дар лаҳҷаи Тагнов дар шакли муродифи ин калима, яъне калимаи **қӯш** истифода бурда мешавад [Гадоев, 2012, с. 88], вале дар лаҳҷаи Варзоб калимаи **қӯш** на ҳамчун муродифи калимаи **қӯтан**, балки нисбат ба ҷойи исти чӯпонон ва рамабонон дар саҳро истифода бурда мешавад. Дар лаҳҷаи ҷанубӣ калимаи **қӯш** ба маънои ҷойи исти рама ва чӯпонон мавриди истифода қарор дорад [ШҶЗТ, 1980, с. 170].

Дар фасли зимистон чорвои калонро дар ҷойҳои махсуси зимистонгузаронӣ, ки аз деҳот он қадар дур набошад, нигоҳубин мекунанд, ки он мавзеъҳо бо вожаи ***чула*** ифода карда мешаванд. мекунанд. Вожаи мазкур дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” дар шакли **чӯл ба** маънои «дашт, биёбон, саҳрои беоб» [ФТЗТ, ч. 2, 2008, с. 569] оварда шудааст. Ин вожа дар лаҳҷаи Варзоб низ чун гӯйиши Ғорон мафҳуми бошишгоҳи махсуси зимистонаи ҳайвонотро (Рӯзиев) ифода мекунад: *Моу гов-а ба чула барем, ки ка кам мондаст* (Кл.).

Аз таҳлили маводи бахши мазкур маълум гардид, ки дар гӯйиши Ғорон ҷойҳои нигоҳубин ва бошишгоҳҳои ҳайвоноти хонагӣ бо вожагони **ағел, шола, теск, айлоқ, палар, қӯтан, чӯла** ва ғайра ифода шуда, бо бархе фарқиятҳо ва умумиятҳо аз нигоҳи хусусиятҳои овоӣ ва маъноӣ бо дигар лаҳҷаҳо ва забонҳои гурӯҳи забонҳои эронӣ дар ин қисмат мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Дар умум, вожагони ифодакунандаи макони парвариши ҳайвонот як қисми муҳимми таркиби луғавии лексикаи марбут ба ҳайвонотро дар забони тоҷикӣ, аз ҷумла, дар гӯйиши Ғорон ташкил медиҳад.

## Адабиёти истифодашуда

1. Алиев, С.С. Полусуффиксация в системе словообразования в современном таджикском языке в сопоставлении с персидским: автореф. дис. канд. филол. наук / С.С. Алиев. – Душанбе, 1979. – 55 с.
2. Амлоев, А.Я. Калимасозии исм дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев. / А. Я. Амлоев. – Душанбе, 2016. - 152 с.

3. Амонова, Ф. Именное аффиксальное словообразование в современном персидском и таджикском языках: учебное пособие / Ф. Амонова. – Душанбе: Издателство ТТУ, 1982. – 55 с.
4. Бобомуродов, Ш. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик / Ш. Бобомуродов, А. Мӯминов. – Душанбе: Маориф, 1983. – 116 с.
5. Исмоилов, Ш. Лексикаи лаҳҷаи Рашт / Ш. Исмоилов. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 334 с.
6. Маҳмадҷонов, О.О. Таҳқиқоти таърихӣ ва забоншиносии номвожаҳои ҷуғрофии водии Ҳисор / О. О. Маҳмадҷонов. – Душанбе, 2012. – 216 с.
7. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Пайванд, 2011. – 385 с.
8. Мирбобоев, А. Лексика животноводства ваханского языка: дис. канд. филол. наук / А. Мирбобоев. – Душанбе, 1991. – 205 с.
9. Мирзоев, Г. Именное суффиксальное словообразование в современном таджикском языке: автореф: дис. канд. филол. наук / Г. Мирзоев. – Душанбе, 1987. – 20 с.
10. Мирзоев, С. Лексикаи забони яғнобӣ: рис. … ном. илм. филол / С. Мирзоев. – Душанбе, 1998. – 127 с.
11. Мурватов, У. Шеваҳои тоҷикони маҳалҳои атрофи Андиҷон: рис. ном. илм. филол / У. Мурватов. – Д. , 1968. – 434 с.
12. Раҳматуллозода, С. Р. Калимасозии исм / С. Р. Раҳматуллозода. –Душанбе: Дониш, 2019. – 226 с.
13. Розенфельд, А. З. Ванджские говоры таджикского языка / А. З. Розенфельд. – Л. : ЛГУ, 1964. – 149 с.
14. Розенфельд, А. З. Бадахшанские говоры таджикского языка / А. З. Розенфельд. – Л. : Изд-во Ленингр. ун. та, 1971. –192 с.
15. Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1972. – 78 с.
16. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.
18. Тӯраев, Б. Б. Лексико-семантическое и словообразовательное исследование микротопонимии долины Яғноб: дис. … канд. филол. наук / Б. Б. Тӯраев. – Душанбе, 2010. – 223 с.
19. Хоркашев, С. (Раҳматуллозода С.). Лексико-семантический и морфологический анализ предметной лексики в южных и юго-восточных говорах таджикского языка: дис. д-ра филол. наук / С. Хоркашев. – Душанбе, 2015. – 367 с.
20. Ҷӯраев, Ғ. Системаи лексикаи лаҳҷаи забони тоҷикӣ (дар асоси маводи шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ): рис. док. илм. филол / Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе, 1992. – 333 с.

ТДУ 81.38:355.23:34.08

# МУҲИММИЯТИ ОМУЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР СОХТОРҲОИ ҚУДРАТӢ

**Аннотатсия:** Дар мақола аҳаммияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ шудааст. Муаллифон қайд мекунанд, ки донистани забони хориҷӣ дар фаъолияти милитсия муҳим буда, барои кормандони соҳа бартариҳои муайян фароҳам меорад. Самаранокии ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, табодули босифати иттилоот ва ҳамкории судманд дар тамоми ҷаҳони мутамаддин бештар аз донистани забонҳои хориҷӣ вобастагӣ дорад. Инчунин дар мақола забонҳои кории СММ, мақоми забони давлатӣ ва нақши тарҷума нишон дода шудаанд. Дар баробари ин, зарурати донистани забони давлатӣ барои кормандони соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва нозукиҳои коргузорӣ бо забони хориҷӣ инъикос шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, забони хориҷӣ, фарҳанг, иттилоот, политсия байналмилилӣ (ИНТЕРПОЛ), Вазорати корҳои дохилӣ, тарҷума, СММ, ҷамъоварии ахбор, бисёрфарҳангӣ, мукотиба, ҳамкорӣ.

# ВАЖНОСТЬ ИЗУЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ В СИЛОВЫХ СТРУКТУРАХ

**Аннотация:** В статье рассматривается важность изучения иностранных языков в силовых структурах. Авторы отмечают, что знание иностранного языка имеет важное значение в деятельности милиции и дает определенные преимущества для сотрудников отрасли. Эффективность взаимодействия и координация правоохранительной деятельности, качественный обмен информацией и плодотворное сотрудничество во всем цивилизованном мире в многом зависит от знания иностранных языков. В статье также рассматривается рабочие языки ООН, статус государственного языка и роль перевода. При этом отражается необходимость владения государственным языком для сотрудников правоохранительных органов и нюансы ведения дел на иностранном языке.

**Ключевые слова:** правоохранительные органы, иностранный язык, культура, информация, международная полиция (ИНТЕРПОЛ), Министерство внутренних дел, перевод, ООН, сбор новостей, многокультурный, переписка, сотрудничество.

# THE IMPORTANCE OF LEARNING FOREIGN LANGUAGES IN LAW ENFORCEMENT AGENCIES

**Abstract:** The article discusses the importance of learning foreign languages in law enforcement agencies. The author notes that knowledge of a foreign language is important for conducting police work and provides certain advantages for employees of the industry. The influence of information exchange and cooperation between police authorities of different countries in the course of interaction and coordination of law enforcement activities throughout the civilized world is one of the results of knowledge of foreign languages. The article also indicates the working languages of the United Nations, the status of the official language and the role of translation. This reflects the need for knowledge of the state language for law enforcement officials and the nuances of doing business in a foreign language.

**Key words:** law enforcement agencies, foreign language, culture, information, international police (INTERPOL), Ministry of Internal Affairs, translation, UN, news gathering, multicultural, correspondence, cooperation.

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:

**Шарифзода Ҷовидон Шарифхон** – омӯзгори кафедраи забонҳои факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия; Телефон: (+992) 944 44 45 44; email: jovidon.sharifov@bk.ru

**Маҷонова Н.М.** – омӯзгори кафедраи забонҳои факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:**

**Шарифзода Джовидон Шарифхон** – преподаватель кафедры языков факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, старший лейтенант милиции; Телефон: (+992) 944 44 45 44; email: jovidon.sharifov@bk.ru

**Маджонова Н.М.** – преподаватель кафедры языков факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, старший лейтенант милиции.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**

**Sharifzoda Jovidon Sharifkhon** – teacher at the department of languages of faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, senior police lieutenant; Phone: (+992) 944 44 45 44; email: jovidon.sharifov@bk.ru

**Majonova N.M.** – teacher of the department of languages, faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, senior lieutenant of the police.

Дар даҳсолаҳои охир омӯзиши забонҳои хориҷӣ таваҷҷуҳи зиед ба бор овардааст. Махсусан омӯзиши забон ва фарҳанги миллату халқиятҳои дигар, ки дар шароити феълӣ ба як раванди ногузир табдил ёфтааст, маҳз ба туфайли дар сатҳи зарурӣ донистани забонҳои ин халқияту миллатҳо ё забонҳои сатҳи байналмиллалӣ имконпазир буда, имконпазирии дар сатҳи даркорӣ аз худ намудани забонҳои сатҳи байналмилалӣ бевосита аз донистани забони миллии худ, қонуниятҳои дохилӣ ва меъёрҳои истеъмолии он сарчашма мегирад [6].

Дар Паёми соли 2024, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» таъкид карда шуд, ки дар Тоҷикистон омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз зинаи таҳсилоти томактабӣ оғоз карда шавад. Илова бар ин, барои беҳтар кардани раванди таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои томактабӣ равишҳо ва усулҳои зиеде бояд истифода шаванд. Ин усулҳо ҳамеша барои самаранокӣ ва басомади истифодаи онҳо аз ҷониби омӯзгорон бодиққат омӯхта шуда аз як тараф, ҳар як равиш аз вақти мушаххас вобаста аст ва метавонад мушкилоти таълими забонро дар ин марҳила ба қадри кофӣ ҳал кунад; аз тарафи дигар, камбудиҳои он ошкор карда мешаванд, ки ин барои равиши нав роҳ мекушояд [3]. Зеро ба таъкиди Сарвари давлат, дар шароити рушди босуботи ҳамкории байналмилалӣ ва вусъат ёфтани ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисоне, ки сатҳи касбияти баланд дошта, забонҳои хориҷӣ, махсусан русӣ ва англисиро хуб медонанд, рӯз ба рӯз меафзояд.

Дар ин радиф бояд қайд намуд, ки имруз талабот ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар сохторҳои қудратӣ зиёд шуда, ҳар як корманди ҳифзи ҳуқуқро зарур аст, ки забонҳои хориҷиро аз ҷумла забони русӣ ва англисиро хуб донад.

Нақши забонҳои хориҷӣ дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ барои беҳтар кардани муколама, ҳамкорӣ ва самаранокии амалиетӣ, бахусус дар раванди ҷаҳонишавӣ, ки ҷинояткории байналмилалӣ ва амалиети фаромарзӣ торафт бештар мешаванд, аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар зер баъзе нуктаҳои асосӣ оварда шудаанд, ки аҳамияти забонҳои хориҷиро дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ таъкид мекунанд [7].

Қайд кардан ба маврид аст, ки Тоҷикистон бо бисёр созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамкории зич дошта аз ҷумла дар самти фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ низ бо созмонҳои марбута ҳамкории судмандро бароҳ мондааст. Яке аз чунин созмонҳои байналмилалӣ, ки Тоҷикистон бо он ҳамкорӣ ва узви ин

созмон мебошад, Интерпол (созмони Байналмилалии полиси ҷиноятӣ) мебошад, ки бузургтарин ва бонуфузтарин созмони байналмилалӣ пас аз СММ буда, 194 кишвари ҷаҳонро дар бар мегирад [3]. Ин созмони байналмилаӣ дар соли 1923 таъсис ёфтааст, қароргоҳаш дар Лион (Франсия) ҷойгир аст. Забонҳои Расмии Интерпол: арабӣ, англисӣ, фаронсавӣ ва испанӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 октябри Соли 2004 ба узвити Бюрои Марказии Миллии Интерпол қабул шуд ва 182-умин давлати узви ин Созмон мебошад. Вазифаи ин созмони байналмилалӣ ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар тамоми ҷаҳони мутамаддин буда, як платформаи васеъмиқёс барои мубодилаи иттилоот ва ҳамкорӣ байни мақомоти полиси кишварҳои гуногун мебошад.

Албатта, дар ҳамкорӣ бо чунин созмон ва ташкилоҳои байналмилалӣ дар самти фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ кормандони болаёқат ва донандаи сатҳи хуби забонҳои хориҷӣ лозим мебошад. Чуноне, ки дар боло зикр намудем вазифаи асосии ин созмони бонуфуз мубодилаи иттилоот ва ҳамкорӣ байни мақомоти полиси кишварҳои гуногун мебошад. Албата, ки бе донистани забони хориҷӣ табодули иттилоот ва ҳамкорӣ ғайри имкон мебошад. Аз ин лиҳоз имрӯзҳо бо супоришу роҳнамоиҳои Роҳбари давлат дар тамоми сохторҳои қудрати омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба таври васеъ бароҳ монда шудааст.

Дохил кардани забонҳои хориҷӣ ба барномаи таълимии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонад муоширатро беҳтар кунад, самаранокии амалиетро баланд бардорад ва ҳамкории байналмилалиро дастгирӣ кунад. Бо назардошти ҷаҳонӣ торафт бештар ба ҳам алоқаманд ва хусусияти фаромиллии ҷинояткорӣ, донистани забонҳо воситаи муҳим дар фаъолияти муосири ҳифзи ҳуқуқ мебошад [2].

Дар зер метавон якчанд аҳамият ва манфиати донисйани забонҳои хориҷиро қайд намуд:

1. **Ҳамкорӣ бо ҷамоатҳои гуногун**: шуъбаҳои милитсия аксар вақт ба ҷамоатҳои дорои аҳолии гуногун, аз ҷумла муҳоҷирон ва ғайритабиӣ хидмат мерасонанд. Донистани забонҳои хориҷӣ ба кормандони полис дар муошрати муасир, эҷоди эътимод ва рушди ҳамкорӣ бо ин ҷомеаҳо кӯмак мекунад.

2. **Баланд бардоштани амнияти ҷамъиятӣ**: Донистани забонҳои хориҷӣ ба милитсия имкон медиҳад, ки дар ҷараени тафтишот маълумоти дақиқ ҷамъ оварад ва кафолат диҳад, ки ҳамаи шоҳидон новобаста аз забони гуфтугӯяшон метавонанд тафсилоти дахлдорро мубодила кунанд. Ин ба тафтиши амиқтар ва баланд бардоштани амнияти ҷамъиятиро оварда мерасонад [1].

3. **Дахолат ба ҳолатҳои бӯҳронӣ**: дар ҳолатҳои фавқулодда ё ҳолатҳои ҳассос муоширати возеҳ муҳим аст. Кормандоне, ки бо якчанд забон ҳарф мезананд, метавонанд ба ҷабрдидагон ё шоҳидоне, ки бо забони англисӣ ва русӣ ҳарф мезананд, ёрии фаврӣ расонанд, нофаҳмиҳоро пешгирӣ кунанд ва иттилооти муҳимро зуд интиқол диҳанд [5].

4. **Салоҳияти фарҳангӣ**: фаҳмидани заминаи фарҳангии ҷомеа метавонад кори милитсияро беҳтар кунад. Донистани забон аксар вақт бо донистани меъёрҳо ва арзишҳои фарҳангӣ ҳамроҳ шуда, ба полис кӯмак мекунад, ки бо аъзоёни ҷомеа эҳтиромона ва самараноктар муошират кунанд. Инчунин корманди ҳифзи ҳуқуқ метавонад дар шароити бисёрфарҳангӣ фаъолияти худро пеш барад.

5. **Кам кардани монеаҳои забон**: бисёре аз шӯъбаҳои милитсия кормандони дузабона ё тарҷумонҳоро истифода мебаранд, то монеаҳои забон ба гузориш додани ҷиноятҳо ё ҳамкории қурбониён ва шоҳидон халал нарасонанд.

6. **Ҷамъоварии маълумоти иктишофӣ**: ҳангоми таҳқиқи ҷиноятҳои байналмилалӣ ё фаромиллӣ, донистани забон барои ҷамъоварии маълумоти иктишофӣ ва ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи хориҷӣ муҳим аст.

7. **Омӯзиш ва ҳамкорӣ**: муассисаҳои милитсия, ки ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ диққати махсус медиҳанд, метавонанд қобилияти уму-

мии кормандони худро афзоиш диҳанд ва онҳоро дар ҳолатҳои гуногун фасеҳтар ва муассиртар кунанд. Ҳамкорӣ бо дигар муассисаҳо метавонад барои мубодилаи самараноки иттилоот ва ғояҳо донистани якчанд забонро талаб кунад.

8. **Ҷалби ҷомеа**: донистани забон метавонад ба корҳои таблиғотӣ мусоидат намуда, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кӯмак расонад, ки гурӯҳҳои ақаллиятҳоро ба ташаббусҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ҷалб кунанд ва ба ин васила эътимод ва ҳамкориро тақвият диҳанд.

*9.* **Риояи меъерҳои ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ**: дар бисёр қаламрав, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадоранд, ки ба якчанд забон хидмат расонанд, то дастрасӣ ба адолатро барои ҳама шахсон таъмин кунанд ва донистани забонро шарти зарурии риояи стандартҳои ҳуқуқӣ гардонанд [10].

10. **Тадбирҳои тақвиятёфтаи солимии равонӣ**: дар ҳолатҳои марбут ба бӯҳрони солимии равонӣ, монеаҳои забон метавонанд стресс ва нофаҳмиҳоро бадтар кунанд. Кормандоне, ки метавонанд бо забони афзалиятноки бемор муошират кунанд, метавонанд шиддатро дар ҳолатҳои самараноктар коҳиш диҳанд ва дастгирии мувофиқ расонанд.

Кормандони милитсия тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳанд, то амнияти ҷамъиятиро таъмин кунанд ва дар сурати содир кардани ҷиноятҳо е баҳсҳо эътибори худро нигоҳ доранд ва муҳимтарин манбае, ки онҳо доранд, муошират аст [4]. Муоширати дақиқи байни кормандони полис ва ғайринизомиен барои таъмини амният, пешгирии нофаҳмиҳо ва пешгирии авҷгирии нолозим зарур аст. Бе алоқа кормандони полис дар ҳолати ногувор қарор мегиранд ва қобилияти ҳимояи аҳолӣ ва хидмат ба онҳо зери хатар қарор мегирад [9].

Бояд қайд намуд, ки равандҳои имрӯзаи авзоъи сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии ҷаҳони муосир, авҷ гирифтани муносибату ҳамкориҳо бо кишварҳои хориҷ ва ба як зарурати воқеи табдил ёфтани омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан забонҳои русӣ ва англисиро ба як ҷузъи таркибӣ, ҳасос ва аввалиндараҷаи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат, Эмомалӣ Раҳмон табдил додааст. Дар сиёсати маорифпарваронаи Президенти кишварамон аксаран омузиши забонҳои хориҷӣ натанҳо тарғибу ташвиқ мешавад, балки бо ташаббус ва иштироки бевоситаи худи Президент барои беҳтар кардани сифати омӯзиш ва таълими забонҳои хориҷӣ қарору санадҳои дахлдор низ қабул карда шудаанд, ки дар қарорҳои ҳукумати Ҷумҳурӣ ва дигар санадҳои аз ҷониби вазорати маориф ва илм қабулшуда, ба таври васеъ инъикоси худро ёфтааст. Намунаи чунин ҳуҷҷати расмӣ, ки бевосита барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ қабул карда шудааст. Ин «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2019 таҳти № 438 қабул шудааст [12].

Меъёр ва муқаррароти мавҷудаи ҳуқуқи байналхалқӣ оиди истифодаи забонҳои корӣ дар чаҳорчӯбаи СММ ва дигар созмонҳои байналхалқӣ нақши забони давлатиро дар саҳнаи байналхалқӣ коста намесозад. Баръакс пешбурди музокирот ва мубодилаи иттилоот ба забони давлатӣ бо замимаи ҳатмии тарҷумашуда ҳамчун меъёр эътироф гардидааст. Забонҳои кории СММ бошад, вобаста ба нуфуз ва теъдоди истифодабарандагони он муайян шудаанд [8].

Донистани забонҳои хориҷӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар иҷрои талаботи қонунгузорӣ кӯмак мерасонад, ки одамон ҳуқуқҳои худро, хусусан ҳангоми мурофиаҳои муҳими судӣ, пурра дарк кунанд. Азбаски мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар амалиети байналмилалӣ ва фаромарзӣ бештар иштирок мекунанд, донистани забонҳои хориҷӣ ба кормандон имкон медиҳад, ки бо ҳамкорони тамоми ҷаҳон дар мубориза бо ҷиноятkории фаромиллӣ самаранок ҳамкорӣ кунанд. Дар ниҳояти кор, сармоягузорӣ ба омӯзиши забон ва салоҳияти фарҳангӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи

муосир аҳамияти ҳалкунанда дорад. Ин на танҳо муоширатро тақвият мебахшад, балки ба ҷомеаҳои бехатар ва фарогир мусоидат намуда, адолати дуруст ва беғаразонаро барои ҳама таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ дар маъмуъ, забонҳои хориҷӣ дар беҳтар кардани алоқа, таҳкими робитаҳои ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани самаранокии умумии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши муҳим мебозанд. Полисҳое, ки малакаҳои забонӣ доранд, барои хидмат ба ҷомеаҳои худ ва вокуниш ба мураккабии фаъолияти муосири полис беҳтар омода шудаанд.

Нақши забонҳои хориҷӣ дар кори милитсия дар ҷаҳони бисёрфарҳангӣ ва ҷаҳонишавӣ торафт муҳимтар мегардад [7]. Қобили зикр аст, ки чанд ҷанбаи калидие, ки ба муҳимияти донистани забонҳои хориҷӣ ба самаранокии амалиёти милитсия мусоидат мекунанд пешниҳод намуд:

1. **Ҳамкории байналмилалӣ ва мубодилаи иттилоот.** Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аксар вақт бо ҳамкорони дигар кишварҳо барои мубориза бо таҳдидҳои ҷаҳонӣ, аз қабили терроризм, қочоқи инсон, маводи мухаддир ва киберҷиноятҳо ҳамкорӣ мекунанд.

Донистани забонҳои хориҷӣ ҳамкории байни идораҳои гуногуни миллиро осон мекунад, ки мубодилаи самараноки маълумоти иктишофӣ, ҳамоҳангсозии амалиёти муштарак ва фаҳмиши қонунгузории хориҷиро таъмин мекунад.

2. **Тафтишот ва ҷамъоварии маълумоти иктишофӣ.** Барои муфаттишон ва кормандони хадамоти махсус донистани забони хориҷӣ аҳамияти калон дорад, хусусан вақте ки онҳо бояд паемҳои боздоштшударо тафсир кунанд, ҳуҷҷатҳоро бо забонҳои дигар таҳлил кунанд е гумонбаршудагон е шоҳидони забони хориҷиро бозпурсӣ кунанд.

Дар чунин шароит, ба монанди мубориза бо терроризм ё ҷиноятҳои муташаккил, донистани забонҳои хориҷӣ ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имкон медиҳад, ки мусоҳибаҳо гузаронанд, сабтҳоро аз камераҳои назоратӣ таҳлил кунанд е паемҳои рамзшударо бо забонҳои хориҷӣ рамзкушоӣ кунанд.

3. **Фаъолият дар шароити бисерфарҳангӣ.** Дар бисер кишварҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо аҳолии гуногун, аз ҷумла муҳоҷирон, гурезаҳо ва муҳоҷироне, ки метавонанд бо забонҳои гуногун сӯҳбат кунанд, ҳамкорӣ мекунанд.

Доштани кормандон ё тарҷумонҳое, ки метавонанд бо забонҳои гуногун муошират кунанд, ба ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз омодагии забонашон, дастрасӣ ба адолат ва муносибати одилона кӯмак мекунад.

4. **Баланд бардоштани самаранокии амалиётии миссияҳои бисермиллатӣ.** Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қувваҳои мусаллаҳ, ки дар амалиёти сулҳҷӯена, башардӯстона ё зиддитеррористӣ дар кишварҳои хориҷӣ иштирок мекунанд, барои паймоиш дар шароити душвор ба дониши забон ниёз доранд.

Донистани забони кишвари мизбон ё минтақа барои ҷамъоварии иттилооти амалиётӣ дар маҳалҳо, ташкили иттифоқҳо бо нерӯҳои маҳаллӣ ва фаҳмидани нозукиҳои фарҳангӣ, ки метавонанд ба муваффақияти миссия таъсир расонанд, муҳим аст.

5. **Фаҳмиши заминаи фарҳангӣ.** Донистани забон на танҳо қобилияти тарҷумаи калимаҳо аст; он инчунин ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар фаҳмидани контексти фарҳангӣ ва нозукиҳои муошират кӯмак мекунад. Нофаҳмиҳо аз сабаби монеаҳои забонӣ метавонанд ба тафсири нодурусти фаъолияти ҷиноятӣ оварда расонанд, ки ба гузаронидани тафтишот ва амалиёт монеъ мешаванд.

Фаҳмиши хуби забон ва фарҳанг метавонад ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кӯмак кунад, ки мунокишаҳои нолозимро пешгирӣ кунанд ва самаранокии кори онҳоро дар шароити хориҷӣ баланд бардоранд [8].

Ҳамин тариқ, кормандони донандаи якчанд забон дар баланд бардоштани самаранокии ҳамкории байналмилалии полис нақши бориз доранд.

Қобилияти онҳо барои бартараф кардани камбудиҳои забон ба беҳтар шудани алоқа, мубодилаи иттилооти

оперативӣ, таҳкими муносибатҳои байни идораҳо мусоидат мекунад.

Бо афзоиши ҷинояткории ҷаҳонӣ ва ҳамкории байналмилалӣ, сармоягузорӣ ба бисерзабонӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ омили муҳимтарини таъмини фаъолияти самараноки полиси фаромарзӣ боқӣ мемонад.

**Адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда**

1. Incorporating_Teachers'_Views_on_Different_Techniques_for_Teaching_Foreign_Languages_in_the_Classroom // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://www.researchgate.net/publication/373766403 (санаи муроҷиат: 28.06.2025).
2. Crystal D. English as a Global Language / D. Crystal // - Cambridge: University Press, 1997. – 540 p.
3. Шарипов, А.Н. Асосҳои дипломатия. - Душанбе: ЭР-Граф. –2017. - 324 с.
4. [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://www.researchgate.net/publication/371715737_The_Effect_of_Language_Skills_on_Science_and_Technology_Literacy
5. Najmiddinov, A.F. English for diplomats / A.F. Najmiddinov // - Dushanbe.: Ashurion, 2017. – 368p.
6. [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://www.researchgate.net/publication/371709572_the_effect_of_the_online_learning_process_and_independent_learning_process_on_improving_students'_achievement
7. [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://www.researchgate.net/publication/376307636_A_Review_of_Research_on_the_Effect_of_Digital_Learning_on_Foreign_Language_Learning_Motivation
8. Police Officers Often Face Language Barriers While on Duty – Niki's Int'l Ltd.
9. John Gibbons. Language and the Law» London 2014 – 490p.
10. International Journal of Police Science & Management: Sage Journals
11. Василина, Г. «Сколько языков ты знаешь – столько раз ты человек» Гете // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ:. https://buki.com.ua/ru/blogs/skilky-mov-ty-znayesh-stilky-raziv-ty-lyudynagete/
12. Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 30-юми августи с. 2019, № 438.

**ТДУ 32.001:81**

## ЗАБОН – ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

**Анотатсия:** Дар мақола сухан дар бораи мақому мартабаи забони миллӣ ва таҳким бахшидани ваҳдати миллӣ меравад. Дар мақола асосан масоили риояи баъзе меъёрҳои забони адабӣ, тарзу тариқи дурусти навишти калимаҳо ва ҳифзу ҳафозати асолату тозагии забони адабии тоҷик мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки имрӯз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазъу ҳолати меъёрҳои ҳуқуқии забони давлатиро дақиқу муайян намуда, тарзи амалӣ намудани онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад. Ҳифзи ҳимояи талаботҳои гуфташуда забони тоҷикиро ба забони давлатӣ табдил дода, ба шарофати чунин талаботу меъёрҳо истиқлоли забонӣ амалӣ карда мешавад. Истиқлоли забон дар навбати худ яке аз пояҳои асосии таъмини ваҳдати миллӣ ба ҳисоб меравад.

**Вожаҳои калидӣ:** омил, забон, масоил, меъёр, забони адабӣ, тарз, калима, забони давлатӣ, танзим, забони тоҷикӣ, талабот.

## ЯЗЫК – ОДИН ИЗ ФАКТОРОВ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА

**Аннотация:** В статье речь идёт о статусе национального языка в укреплении национального единства. В статье в основном рассматриваются вопросы соблюдения норм нормативов литературного языка, правил правописания и сохранения чистоты таджикского литературного языка. Автор подчеркивает, что сегодня Закон Республики Таджикистан «О государственном языке Республики Таджикистан» определяет состояние правовых норм государственного языка и регулирует порядок его применения в Республике Таджикистан. Соблюдение вышесказанных требований укрепит таджикский языка как государственный язык, благодаря чему в стране установится языковая независимость. Языковая независимост, в свою очередь, является одним из главных основ обеспечения национального единства.

**Ключевые слова:** фактор, язык, проблема, норма, литературный язык, стиль, слово, государственный язык, регулирование, таджикский язык, требование.

## LANGUAGE IS ONE OF THE FACTORS OF NATIONAL UNITY

**Annotation:** This article is about the status of the national language in strengthening national unity. The article mainly examines the issues of compliance with certain standards of the literary language, spelling rules and preserving the purity of the Tajik literary language. Of the article notes that today the Law of the Republic of Tajikistan «On the State Language of the Republic of Tajikistan» clearly defines the status and legal norms of the state language and regulates the procedure for its implementation in the Republic of Tajikistan. The protection of these requirements makes the Tajik language the state language, and because of such requirements and norms, linguistic independence is realized. Linguistic unity, in turn, is one of the main foundations for ensuring the national unity.

**Key words:** factor, language, problem, criterion, literary language, style, words, state language, standard, Tajik language, requirement.

### МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:

**Ҳамрозода М.Қ.** – омӯзгори калони кафедраи забонҳои факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия, hamroev42@gmail.com

### СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:

**Хамрозода М.К.** – старший преподаватель кафедры языков факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции; hamroev42@gmail.com

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**
**Hamrozoda M.Q.** – senior teacher of the Department of Languages Faculty № 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, major of militia; hamroev42@gmail.com

Таҳлили сарчашмаҳои илмиву назарӣ нишон медиҳанд, ки забон яке аз омилҳои асосии таҳкимбахшандаи ваҳдат ва ягонагии кулли миллатҳои дунё маҳсуб дониста мешавад. Забон ҳамчун унсури асосиву пешбаранда ва таҷассумкунандаи фарҳангу адаби ҳар як миллати бонангу номус буда, дар ташаккулу такомул ва рушду инкишофи давлату давлатдорӣ нақши меҳварӣ дорад. Ба ин маънӣ метавон забонро ҳамчун яке аз нишонаҳои асосии давлатдорӣ номид. Барои мустаҳкам ва пойдор сохтани забони миллӣ бояд онро аз ҳама гуна унсурҳои бегонаву тасодуфӣ ҳифз бояд намуд. Аз сарчашмаҳои илмиву фарҳангӣ ва таърихии гузаштагони мо маълум ва равшан аст, ки тоҷикон дар марҳилаҳои давлатдории хеш дар ҳама давру замон саъю талош менамуданд, ки пояҳои давлату давлатдориро устувору мустаҳкам намуда, барои пойдории ваҳдату ягонагӣ аз унсури забонӣ истифода намуда, барои ташаккулу такомули забони миллии хеш тадбирҳои мушаххас биандешанд.

Сарчашмаҳои таърихиву бостонии мо нишон медиҳанд, ки ниёгони фарҳангпарвари мо дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ барои рушду такомули забони миллии хеш дар муқобили ҳуҷуми барқосои аҷнабиҳо ҷонбозиҳо намуда, дар ҳифзи забони миллӣ ва ба забони расмии давлатӣ табдил додани он ранҷу заҳмоти зиёде кашидаанд [1, с. 1-9].

Алалхусус, дар замони ҷаҳонишавии тамаддунҳо ва рушду такомули бесобиқаи технологияи муосир ва ҳамчунин вазъияти ноороми дунёи муосир кам сарвароне ёфт мешаванд, ки дар баробари ҳамаи мушкилоту душвориҳо доир ба масоили мубрами забону фарҳанги миллӣ низ фикру андеша ва ҳам ғамхории зиёд намоянд. Бо эътиқод ва эътимоди комил гуфта метавонем, ки Президенти муҳтарами мо - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумлаи он сарварони фозилу донишманде ба шумор мераванд, ки тамоми ҳастиашонро барои рушду инкишофи минбаъдаи забон ва фарҳанги миллии тоҷикзабонони тамоми дунё бахшидаанд.

Ҳамин нуктаро низ бояд қайд намоем, ки роҷеъ ба самтҳои мухталифи таҳқиқоти забоншиносии Президенти кишвар аз ҷониби пажуҳишгарони ватаниву хориҷӣ мақолаву рисолаҳои зиёде ба нашр расида бошад ҳам, боз имрӯз ҳам месазад, ки доир ба ин дастовардҳои илмии забоншиносии Пешвои миллат таҳқиқотҳо ба майдони илму фарҳанги тоҷик ба майдон оянд. Бо дарназардошти масъалаи мазкур мо ин ҷо чанд пажуҳише аз олимону донишмандонро дар чанд соли охир ёдовар мешавем, ки аҳаммияти илмиву амалии хосса доранд.

Доир ба масъалаҳои осори забоншиносии Пешвои миллат олимону донишмандон аз қабили Ятимов С. «Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат», забоншиноси тоҷик Ҷӯраев Ғ. «Масъалаҳои рушди забон аз нигоҳи Президент» ва Зафар Шералӣ Саидзода «Суханҳои ҳикматомӯзи Президент Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забон» дар мақолаҳои худ ибрози андеша намудаанд.

Сиёсатшиноси тоҷик Ятимов С. дар мақолаи худ «Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат» осори забоншиносии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро ба таври амиқ мавриди омӯзиш қарор дода, таъкид менамояд, ки дар чанд даҳсолаи охир доир ба забон, мақому мартабаи забон ва сухан он чунон ғамхорие зоҳир намуданд, дар муқоиса бо ҳазор соли охир беназир буд. Дар ҳақиқат чунин иқдомоти сарвари давлат дар масоили мухталифи забон дар арсаи байналмилалӣ аҳаммияти ҷаҳониву сиёсӣ низ дошт. Зеро дар ҷаҳони муосир, ки чандин забонҳо бо сабабҳои мухталиф аз байн рафта исто-

даанд, чунин саъю талошҳои Пешвои миллатро дар бораи забони миллӣ дар партави чунин ҳодисаву воқеаҳо яке аз масъалаҳои муҳимми давлату давлатдорӣ маҳсуб донистан мумкин аст.

Донишманди тоҷик, забоншинос Ҷӯраев Ғ. дар яке аз мақолаҳои хеш таҳти унвони «Масъалаҳои рушди забон аз нигоҳи Президент» паҳлуҳои гуногуни забоншиносии Пешвои миллатро таҳлилу баррасӣ намуда, фикру андешаҳои худро бо далелҳои илмӣ иброз намудааст. Дар мақолаи мазкур таъкид мешавад, ки Президенти кишвар ҳамчун ҳомии забону фарҳанги миллии тоҷикони тамоми ҷаҳон ҳамеша дар пайи ғамхории забону фарҳанг ва дигар ёдгориҳои қадимаи тоҷикон буда, аз дигарон низ даъват ба амал овардаанд, ки забону фарҳанги миллии хешро эҳтиром намоянд [ 13, с. 16 ].

Сиёсатмадори тоҷик Зафар Шералӣ Сайидзода дар мақолаи худ бо номи "Суханҳои ҳикматомӯзи Президент Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забон" баромадҳо ва паёмҳои ҳамасолаи сарвари давлатро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, таъкид бар он дорад, ки забони миллӣ ҳамчун яке аз рукнҳои давлату давлатдорӣ ҳамеша дар мадди назари Пешвои миллат қарор дорад. Зеро, дар тамоми суханрониҳои Президенти кишвар суханҳои пандуандарзӣ, ҳикматомӯз, фикру андешаҳои хирадмандона, ғамхориҳои дилсӯзона доир ба омӯзиши забони миллӣ ва гиромӣ доштани он аз ҷониби соҳибзабонон, ҳифзу ҳимояи забони модарӣ ва таҳким бахшидани забони миллии тоҷикӣ ба мушоҳида мерасад, ки ҳамаи ин далели муҳаббат ва эҳтиром доштани Пешвои миллатро ба забон ва фарҳанги миллӣ нишон медиҳад.

Нуктаи ҷолиби дигар ин аст, ки Президенти кишвар сиёсати забониро на фақат дар дохили давлат, дар қонунгузориҳо ва ҳуҷҷатгузориҳои давлатӣ таъкид менамоянд, балки дар сиёсати байналмилалии кишвар низ бевосита ҷонибдорӣ менамоянд, ки далели ин суханрониҳои худи Президенти кишвар аз минбари Созмонҳои мухталифи байналмилалӣ ва ҳам дар конфронсу симпозиумҳои хориҷӣ бо забони ноби миллии тоҷикӣ мебошад.

Эҳтиром ва арҷгузорӣ ба забони миллии тоҷикии Пешвои миллати мо боз дар он аён гардид, ки маҳз ҳамон меҳру муҳаббати самимона ба забони миллӣ буд, ки Президенти кишвар барои рушди забон ва фарҳанги тоҷик асари дуҷилдаи бузурги хешро бо номи " Забони миллат-ҳастии миллат" таълиф намуда, дар илми забоншиносии тоҷик саҳифаи наве боз намуданд.

Пешвои маҳбуби тоҷикон дар ин асари безаволи хеш ба масъалаҳои муҳимми забон рӯй оварда, мавзуъҳои мухталифро, аз ҷумла дар хусуси давработандии таърихии забони тоҷикӣ, таърих ва сарчашмаи этимологии калимаи «тоҷик», забони тоҷикӣ дар замони истилои арабҳо, дар хусуси сода кардани забон, матбуот ва забони он, услуби калимасозӣ, забон ва истилоҳоти илмӣ, забони илм, калимаҳои иқтибосии арабӣ ва самтҳои дигари он фикру андешаҳои ҷолиберо баён намудаанд, ки месазад муҳаққиқон роҷеъ ба ин масъалаҳои фавқуззикр таҳқиқоти арзишманде анҷом диҳанд.

Воқеан пешниҳодҳои Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба омода намудани як Барномаи мукаммали ташаккул ва густариши забони тоҷикӣ бо дар бар гирифтани ҳамаи самтҳои ташаккул ва такомули забон, ба монанди ба забони илм табдил додани забони тоҷикӣ, ба миён овардани маҷмуи истилоҳоти соҳавӣ, донистани забони тоҷикӣ барои кулли кормандон ва мақомоти олии кишвар, ба вуҷуд овардани адабиёти дарсӣ барои тамоми ихтисосҳо дар тамоми донишкадаву донишгоҳҳо барои рушду минбаъдаи забони миллии тоҷикӣ мусоидат менамояд, ки шоистаи таҳсин аст.

Ҳамин нуктаро низ бояд таъкид намуд, ки дар замони истиқлол барои ташаккул, такомул ва инкишофи бемайлони рушди забон ва истилоҳоти миллии тоҷикӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Бинобар ин, пас аз истиқлоли забонӣ дар амал ҷорӣ намудани сиёсати забонии давлат бо саъю кӯшиш ва талошҳои шабонарӯзии Пе-

швои миллат Эмомалӣ Раҳмон мақому мартабаи забони тоҷикӣ ба ҳайси забони миллии давлатӣ баланд гардид. Зеро осори забоншиносии Президенти кишвар, суханрониҳои манфиатбори ӯ дар тамоми ҷамъомадҳо ва ҳамоишҳои сатҳи байналмилалӣ дар татбиқи сиёсати забонии давлат, дақиқу равшан намудани самтҳои асосии рушду инкишофи забони миллӣ ва илми забоншиносии тоҷик мақоми баланди илмиву амалиро касб намудааст.

Пас аз истиқлоли забонӣ, ки дар миёни ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ ташаббускори бевосита ва аввалини он Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мерафт, забони тоҷикӣ ба забони расмии давлатӣ табдил ёфт. Тибқи қарори бевоситаи Пешвои миллат дар тамоми корхонаву муассисаҳои давлатӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар амал ҷорӣ гардид. Дар ин солҳо дар асоси сиёсати забонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони расмии давлатӣ гузаштани тамоми корхонаҳо, муассисаҳо, вазорату кумитаҳои давлатӣ яке аз муваффақиятҳои бузурги тоҷикон дар даврони истиқлол ба ҳисоб меравад. Умуман, замони пас аз истиқлолро дар таърихи забоншиносии тоҷик як гардиши куллӣ ва ё тағйироти бесобиқае дар сиёсати забонии ҳукумату давлат номидан мумкин аст, ки саҳми Пешвои миллат дар таҳким бахшидани пояҳои забони миллӣ бузург аст. Зеро маҳз дар ҳамин давра шуруъ карда раванди гузариши муассисаву корхонаҳо ва мақомоти қудратӣ ба забони давлатӣ боз ҳам ривоҷу равнақ ёфт, ки заминаҳои пайдоиши забон ва истилоҳоти илмиро ба миён овард [14, с. 83].

Ҳамин масъала қобили зикр аст, ки тасвиби оинномаҳо, аҳдномаҳо, шартномаҳои байнидавлатӣ, амру фармонҳо ва супоришу қарорҳо ба забони тоҷикӣ ва тасдиқ шудани онҳо аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам тавсеа ва густариши забони расмии давлатӣ дар мақомоти мухталиф аҳаммияти хосса доштанд. Бинобар ин, даҳсолаҳои пас аз истиқлолро дар таърихи рушду такомул ва густариши бесобиқаи забони тоҷикӣ даҳсолаҳои самарофарини рушду инкишофи забони тоҷикӣ ба қалам додан мумкин аст. Зеро ин даҳсолаҳо марҳилаҳои таҳким бахшидани пояҳои забони миллии тоҷикӣ дар мақому манзалати забони расмии давлатӣ ба шумор мерафт.

Бо саъю талошҳои зиёде Президенти кишвар дар баробари арҷгузорӣ ба забони расмии давлатӣ дар назди забоншиносон, муҳаққиқони соҳа ва ҳамчунин кулли аҳли илму адаби тоҷик чандин вазифаҳои мушаххасеро гузошт, ки ин аз кулли забоншиносон ва соҳибзабонон масъулияти бештареро тақозо менамуд. Тавре таъкид карда шуд, забоншиносони моро лозим ва зарур аст, ки бо пуштибонӣ аз забони расмии давлатӣ бояд аз захираи луғавии классикони худ истифода намуда, ба ин васила забони адабӣ, забони гуфторӣ, забони нашрияҳо, китобҳои дарсӣ ва забони муоширати худро тозаву покиза нигоҳ дошта, онро аз ҳисоби калимаву ибороти классикӣ ғанитар созем, ки ин муносибат барои ба забони илм табдил додани забони расмии давлатӣ мусоидат менамояд. Ҳамаи ин тадбиру чорабиниҳо ва рушду такомули бемайлони забони миллӣ кору фаъолият ва тағйироти ҷиддиеро ба миён меоварад, ки аз ҳамаи мутахассисони соҳа масъулияти зиёдеро талаб менамуд. Бо дарназардошти масъалаи мазкур сарвари давлат фикру андеша намуда, як силсила масъалаҳои ҷиддиеро пешорӯйи забоншиносон ва соҳибони забон гузоштанд, ки мақсад ва вазифаҳои он бевосита рушди забони тоҷикӣ ба шумор мерафт.

Дар ҳақиқат дар забоншиносии тоҷик масъалаи покизагиву асолати забон, батанзимдарории истилоҳоти соҳаҳои мухталифи ҷомеа, мавриди истифода қарор додани осори хаттии бостонии тоҷикон, ба вуҷуд овардани маҷмуи истилоҳоти илмӣ ва ба ин восита табдил додани забони давлатӣ ба забони илм, таҳия намудани васоити таълимии мухталиф дар донишкадаву донишгоҳҳо масъалаҳои хеле муҳим ва саривақтӣ маҳсуб мешуданд. Аз ҳамин нуктаи назар масоили рушди забони

миллӣ ҳамеша дар зери таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор дошта, бахри омода намудани пайкараи забони адабии тоҷикӣ бо таҳия намудани маҷмуи калимоту истилоҳоти соҳавии мухталиф дар назди мутахассисони фанҳои гуногун, забоншиносон, луғатшиносон, аҳли илму адаб ва фарҳангиёни тоҷик вазифаҳои пурмасъулиятеро гузошт [6, с. 19].

Дар натиҷаи саъю талошҳо ва пешниҳодҳои Президенти кишвар имрӯз дар қонунгузориҳои давлатӣ ва коргузории расмӣ забони тоҷикӣ мақоми баландро касб намуда, фарҳангномаҳо ва луғатномаҳои зиёди соҳавие рӯйи кор омад, ки ба забони илм табдил ёфтани забони тоҷикӣ мусоидат менамояд [14, с. 97].

Мо тоҷикон ҳамчун миллати фарҳангсолор аз дастовардҳои ниёгони худ баҳравар гардида, саъй менамоем, то дар ташаккулу такомул ва рушду инкишофи густариши забони модарии хеш ҳамчун яке аз унсурҳои асосии мустаҳкам намудани ваҳдати миллӣ саҳмгузор бошем. Ба ҳамагон маълум аст, ки гузаштагони аҳли илму адаб ва фарҳанги мо он чи аз гузаштагон ба мо мерос мондааст, онро ҳифз намудаву то ба имрӯзиён расонидаанд ва ин гувоҳ бар он аст, ки масоили густариши забону фарҳанги ниёгон, нигоҳдорӣ ва ҳифзи расму русуми ойини гузаштагон дар маркази таваҷҷуҳи давлатдориву давлатдорони мо будааст. Воқеан забони модарии ҳар миллат сарчашма ва манбаи пойдевории давлат будааст.

Ҳамин нуктаи муҳимро Президенти муҳтарами мо – Эмомалӣ Раҳмон хуб дарк намуда, таъкид менамоянд: забони модарӣ хишти нахустини пойдевори кохи миллат ва яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллӣ мебошад. Таърих гувоҳ аст, ки агар забони миллат аз байн равад, миллат ҳам дер ё зуд тафаккури миллӣ ифтихори ватандӯстӣ ва ҳуввияти давлатдориашро аз даст дода, ба забону тамаддуни халқиятҳои бегона мегаравад ва оқибат завол меёбад [14, с.103].

Дар ҳақиқат забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз қадимтарин забонҳои зиндаи ҷаҳон дар Хуросону Мовароуннаҳри бузург ташаккулу такомул ёфта, ба зиндаву ҷовид гардонии тафаккури миллии кулли форсизабонони ҷаҳон ва дастрас намудани адабиёти пурғановати ниёгони мо ба тамоми оламиён заминаи мусоид гузоштааст. Таҳқиқоти илмӣ, сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ бар он гувоҳанд, ки дар бунёди ваҳдати миллии тоҷикон забон ва илму фарҳанги тоҷикон дар қатори муқаддасоти дигар яке аз омилҳои асосии ваҳдати миллӣ маҳсуб дониста мешавад. Дар робита ба ин масъала забони тоҷикиро ҳамчун санади воқеии истиқлоли милливу забонӣ метавон ном бурд [8, с. 5].

Сарчашмаи истиқлоли забони мо таърихи тулонӣ дошта, аз аҳди Сомониён сарчашма мегирад. Аз сарчашмаҳои таърихӣ низ бар меояд, ки давлатдорони Сомонӣ барои нангу номуси миллӣ ва пойдории сохтори давлатдории худ дар роҳи истиқлоли забонӣ, фарҳангӣ ва илмиву таърихии хеш саъю талошҳо намудаанд. Бо ҳар гуна роҳу воситаҳо мехостанд нуфузи забони арабиро маҳдуд сохта, дар баробари ин кӯшиш менамуданд, ки мақому мартабаи забони тоҷикиро дар байни забонҳои дигар боло бардоранд.

Бо гузашти давру замон пас аз заволи давлатдории Сомониён забони тоҷикӣ низ истиқлоли давлатии хешро тадриҷан аз даст дод. Чунин ҳодиса дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ ба таври гуногун ба миён меояд, ки ҳар кадоме сабабу омилҳои муайяни худро дошт [7; 8; 9; 13].

Дар замони собиқ шуравӣ бо вуҷуди он ки ба мактабу маориф забону фарҳанг таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардид, вале барои рушду такомули забону фарҳангҳои миллӣ шароити мусоид фароҳам нагардида буд. Дар ин марҳилаҳои гуногуни таърихӣ доир ба забони миллии тоҷикӣ корҳои арзишманде анҷом шуда бошад ҳам, вале доираи истифодаи забон хеле маҳдуд буд.

Тавре донишманди тоҷик Назарзода С. дар осори илмии хеш бевосита қайд менамояд, дар доираи ҳамин сиёсати забонӣ тибқи идеологияи ҳамон давру замон барои таҳқиқу омӯзиши забону фарҳанг соли 1935 Кумитаи терминология ва Алифбои нав дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон созмон дода шуд, ки баъд аз қабул шудани “Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ (1936) ҷараёни ворид намудани истилоҳоти мухталиф ба забони русӣ – интернатсионалӣ ба забони тоҷикӣ шуруъ гардид, ки то дер боз идома ёфт [8, с. 12].

Маҳз дар ҳамин давра фикру андешаҳои мухталиф доир ба танзимдарории забон ва истилоҳоти миллӣ аз ҷониби олимону донишмандон ба миён омаданд [10, с. 11].

Ба ақидаи мо ҳамин давраи рушду такомули забони тоҷикӣ таҳлилу баррасиҳои ҳамаҷонибаи илмиву назариявиро тақозо менамояд ва дар натиҷаи чунин таҳқиқоти амиқу доманадор масъалаҳои мухталифи ҳалталаби забон ҳаллу фасли худро хоҳанд дарёфт.

Ҳамин гуна сиёсати забонӣ ва муносибат ба забонҳои миллӣ то солҳои 80-уми асри XX идома ёфт. Донишмандони тоҷик ва дигар ҷумҳуриҳо низ зери ҳамин сиёсат то солҳои минбаъд кору фаъолият менамуданд. Чунин муносибат ба забони миллӣ агар то охири солҳои 50 – 60 хеле бошиддат амалӣ мегардид, пас аз аввали солҳои 70-ум ин гуна сиёсат заифтар гардид. Дар натиҷа олимону донишмандон ва забоншиносон имкони фарохе пайдо намуданд, ки роҷеъ ба масоили мухталифи илми забоншиносӣ ва тарзи дурусти навишти калимаву ибораҳо фикру андешаҳои хешро баён намоянд.

Дар ҳамин марҳилаи рушду инкишофи забон, ки забони тоҷикӣ мавриди натиҷагириву ислоҳталабӣ қарор гирифта буд, ба ҷойи калимаву ибораҳо ва сабку услуби ҷолиби забон калимаву қолабҳои калимасозии бегона вориди забони тоҷикӣ гардид.

Ҳамин тариқ, бо нашри як силсила луғатҳои тахассусиву осори классикӣ, болоравии сатҳу сифати саводнокӣ, робитаҳои илмиву фарҳан-гӣ ва адабӣ миёни давлатҳои машриқзамин ва зери таъсири чандин омилҳои дигар дар забон ва истилоҳоти миллӣ тағйироти куллие ба миён омаданд. Дар робита ба ин масъала бояд бигӯем, ки маҳз дар ҳамин давра дар рушду инкишофи забони тоҷикӣ ва роҳу усулҳои мухталифи истилоҳсозии он як ҳаракати шадиде ба миён омад.

Маҳз дар ҳамин давра буд, ки як идда калимаву истилоҳот аз забонҳои форсиву дарӣ дар забони гуфториву навиштории мо ба ҳайси калимаву ибораҳои иқтибосӣ ба миён омаданд [2; 3; 4].

Забони тоҷикӣ ба сифати яке аз пояҳои асосии давлату давлатдорӣ дар пойдории давлати миллии тоҷикон нақши калидӣ дорад. Ба ҳамагон маълум аст, ки мо тоҷикон дар охири солҳои ҳаштодуми асри гузашта мубориззаи хешро баҳри истиқлолияти комили ҷумҳурӣ маҳз аз саъю кӯшиш барои эълон намудани истиқлоли забонӣ ҳамчун забони расмии давлатӣ оғоз карда будем. Ҳамин нуктаро бояд таъкид намуд, ки Қонун дар бораи забонро маҳз дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ яке аз аввалинҳо шуда дар ҷумҳурии мо ба тасвиб расид.

Чунин фикру андешаҳоро доир ба забон ва истилоҳоти миллӣ Президенти кишвар тақвият дода, дар суханронии хеш дар паёми навбатии худ таъкид бар он доштанд, ки Истиқлоли фарҳангии Тоҷикис-тон дар даҳсолаҳои охир ин аз истиқлолияти забонӣ ва мақоми давлатӣ касб намудани он шуруъ гардид, ки яке аз воқеаҳои бузургтарин дар таърихи миллати куҳанбунёди мо ба шумор меравад [Э. Раҳмон. Паём, с. 1998].

Ба ҳамагони мову шумо маълум аст, ки ҳар як халқу миллатро дар қатори дигар муқаддасоташ бо забону фарҳангаш мешиносанд, зеро забони миллӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии бавуҷудоварандаи ваҳдату ягонагӣ ва ҳамчун шиносномаи миллат дар ҳаёти илмӣ – фарҳангии мо маҳсуб дониста мешавад. Бинобар ин, забони миллиро ҳамчун унсури асосии ҳуввияти миллӣ дар фарҳанги тамаддунҳо ба қалам дода, ҳимояи он на фақат вазифаи ҳар як инсони хештаншинос, балки вазифаи давлату ҳукумат низ ба шумор меравад.

Ҳамин нуктаро Президенти кишвар ба эътибор гирифта беҳуда дар паёми навбатии хеш нагуфтаанд: забон дар паноҳи давлат ва давлат дар паноҳи забон аст [Э. Раҳмон, с. 2021].

Масоили ҳифзи нигоҳдории асолати забони миллӣ, поку беолоиш нигоҳ доштани забони расмии давлатӣ дар баъзе санадҳои меъёрии байналмилалӣ ва қонунҳои амалкунандае, ки дар мамолики гуногуни дунё оид ба забони давлатӣ ба тасвиб расидаанд, дар аксари қонунҳои забони кишварҳои ҷаҳон дар madди аввал қарор дорад [5].

Дар натиҷаи саъю талошҳои ҳукумату давлат ва қабули қонунҳои саривақтӣ умедворем, ки қонуну қоидаҳои имлои забони адабии тоҷикӣ минбаъд ба таври зарурӣ риоя карда мешавад ва пеши роҳи ҳама гуна қонунвайронкуниҳо дар имлои забони тоҷикӣ гирифта хоҳад шуд. Зеро дар фазои истиқлолияти забонӣ дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, илмиву фарҳангӣ ва забонии кишварамон барои рушду инкишофи бемайлони забони адабии тоҷикӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Байзоев, А. Истилоҳот ва калимасозӣ дар “Донишнома”-и Абуалӣ ибни Сино. - Душанбе, 2016. – 196 с.
2. Баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик / Маҷмуаи мақолаҳо. - Душанбе, 1964.
3. Бердиева, Т. Назарияи иқтибос (Калимоти арабӣ дар забони тоҷикӣ). – Душанбе, 1991.
4. Ғаффоров, Р. Маданияти сухан ва муҳимтарин масъалаҳои забоншиносии тоҷик // Маданияти сухан. –Душанбе, 1989. – С. 16-42.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 5-уми октябри с. 2009, № 553 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 9-10, мод. 546.
6. Муҳаммадиев, М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – С. 19-32.
7. Назарзода, С. Забон ва истилоҳот (Андешаҳо дар атрофи забон ва ташаккули истилоҳ). – Душанбе, 2003.
8. Назарзода, С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи XX. – Душанбе, 2004.
9. Саймуддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна. – Душанбе, 2001.
10. Султонов, М.Ҳ. Истиқлол ва мушкилоти забони илм // Авранг. - 2001. - № 1. –С. 41-52.
11. Тӯраҳасанов, Қ.Ш. Нақши истилоҳот дар ташаккули забони тиббӣ // Ахбори Академияи илмҳои ҶТ. Бахши ҷомеашиносӣ. – 2020. - №4 (261). - С. 236-244.
12. Шарофов, Н.А. Баъзе хусусиятҳои калимаҳои интернатсионалистӣ // Баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1964. – С. 42-48.
13. Шукуров, М. Истилоҳот ва забони миллӣ // Садои Шарқ. - 1994. - №2. – С. 16-19.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе, Ирфон, 2006. - 228 с.

## БАХШИ ИЛМҲОИ ТАБИӢ, РИЁЗӢ ВА ДАҚИҚ

ТДУ 504.06:551.583

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ТАШАББУСКОРИ ҒОЯҲОИ ҶАҲОНИИ ОБУ ИҚЛИМ

**Аннотатсия:** Дар мақола оид ба ташаббусҳои олампазири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба тамоми ҷузҳои экосистема ва роҳҳои пешгирии он оварда шудааст. Дар замони муосир хатароти экологӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим, ифлосшавии атмосфера, аз меъёр зиёд партофтани аэрозолҳо, хароб гардидани қабати озонӣ, коҳишёбии пиряхҳо, мушкилоти демографӣ, норасоии оби нӯшокӣ хусусияти глобалӣ касб карда, таъсири манфии онҳо дар ҳамаи кишварҳои сайёра ба назар мерасад ва инчунин, тамоми сокинони кураи арзро ба ташвиш овардааст. Бинобар ин, Тоҷикистон чун кишвари аз ҷиҳати географӣ кӯҳсор, аз нигоҳи ҷойгиршавии захироти глятсиологию гидроэнергетикӣ бой ва аз нуқтаи назари таъсири хатароти экологӣ осебпазир наметавонад аз ин мушкилот дар канор бошад.

**Вожаҳои калидӣ:** ташаббусҳои Пешвои миллат, иқлим, хатароти экологӣ, глятсиология, экосистема, об.

# ЛИДЕР НАЦИИ – ИНИЦИАТИВА ГЛОБАЛЬНЫХ ВОДНЫХ И КЛИМАТИЧЕСКИХ ИДЕЙ

**Аннотация:** В статье рассматриваются глобальные инициативы Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона относительно изменения климата и его влияния на все компоненты экосистемы, а также пути его предотвращения. В современное время такие экологические угрозы, как изменение климата, загрязнение атмосферы, чрезмерный выброс аэрозолей, истощение озонового слоя, таяние ледников, демографические проблемы, нехватка питьевой воды приобрели глобальный характер, их негативное воздействие заметно во всех странах планеты, и они касаются всех жителей земного шара. Поэтому Таджикистан, как географически горная страна, богатая с точки зрения расположения гляциологических и гидроэнергетических ресурсов, уязвимая к воздействию экологических опасностей, не может быть оставлена в стороне от этой проблемы

**Ключевые слова:** инициативы Лидера нации, климат, экологические угрозы, гляциология, экосистема, вода.

# LEADER OF THE NATION – INITIATIVE OF GLOBAL WATER AND CLIMATE IDEAS

**Abstract:** The article deals with the global initiatives of the founder of peace and national unity - the leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon regarding climate change and its impact on all components of the ecosystem, as well as ways to prevent it. In modern times, such environmental threats as climate change, air pollution, excessive aerosol emissions, depletion of the ozone layer, melting of glaciers, demographic problems, shortage of drinking water have become global in nature, their negative effects are felt in all countries of the world and affect all inhabitants of the planet. Therefore, Tajikistan, as a mountainous country, rich in glaciological and hydroelectric resources, vulnerable to the effects of environmental hazards, cannot be left aside from this problem.

**Keywords:** initiatives of the Leader of the Nation, climate, glaciology, ecosystem, water.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:**
**Шарофзода Фируз Алиҷон** – сардори факултети № 5-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, майори милитсия.Тел: +(992) 93 818 00 02; E-mai: Firuz_0492@mail.ru

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:**
**Шарофзода Фируз Алиджон** – начальник факультета № 5 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат технических наук, майор милиции; Тел: +(992) 93 818 00 02; E-mail: Firuz_0492@mail.ru

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**
**Sharofzoda Firuz Alijon** – Head of Faculty No. 5, Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Technical Sciences, Major of the Police; Tel: +992 93 818 00 02; E-mail: Firuz_0492@mail.ru

Боиси тазаккур аст, ки дар Паёми хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз 28-уми декабри соли 2024 масъалаҳои вобаста ба тағйирёбии глобалии иқлим, ҳифзи муҳити зист, истифодаи захираҳои обӣ, бахусус соҳаи гидроэнергетика ва таъсири онҳо ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ чун ҳарвақта мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шуд.

Ҳамзамон дар Паёми мазкур ба олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дастур дода шуд, ки корҳои илмиву таҳқиқотиро дар доираи самтҳое, ки ҳукумати мамлакат муайян кардааст, вусъат бахшида, дар рушди иқтисоди миллии кишвар фаъолона саҳм гузоранд.

Мусаллам аст, ки масъалаҳои вобаста ба экология ва истифодаи сарфакорона ва ҳифзи захираҳои обӣ имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро ба худ мутаваҷҷеҳ намуда, барои ҳалли дастаҷамъонаи он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ саъю кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки вазифаи экологии умумиҷаҳонӣ танҳо ба омӯхтани таъсири фаъолияти инсон ба биосфера ва ҷузъҳои таркибии он - атмосфера, гидросфера, литосфера, тағйирёбии таркиби химиявӣ, хосиятҳои физикӣ ва биологии ин ҷузъиёт маҳдуд намегардад, балки қонунияти таҳаввули биосфера ва ноосфераро низ равшан менамояд. Барои омӯзиши ҳолати биосфера аз маълумоти шабакаҳои метеорологӣ, климатологӣ, океанологӣ, радифони маснӯи Замин, расмгирии фосилавӣ ва инчунин, аз маълумотҳои полеографӣ, геологияи таърихӣ, геофизикӣ, геохимиявӣ, полеонтологӣ, амсилсозӣ (моделсозӣ) ва ғайра низ истифода мебаранд. Мушкилоти экологии умумиҷаҳонӣ хеле зиёд буда, сарфи назар аз ин, ҳадди ақал ҳар сокини соҳибмаълумоти кишвар оид ба масоили экологӣ ва таъсироти он ба шароитҳои иқлимӣ, географӣ, гидрологӣ, ландшафтӣ, геофизикӣ, геохимиявӣ ва захираҳои гидроэнергетикию глятсиологии Тоҷикистон, ҳамчун як ҷузъи сайёраи Замин, андешаи хоси худро дошта бошад. Масъалаҳои мазкурро олимони соҳа асосан ба ду омилҳои ба ҳам алоқаманд: тағйирёбии иқлим ва ифлосшавии муҳити зист тақсим намудаанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки тарғйирёбии иқлим зери таъсири омилҳои табиӣ ва инсонсириштӣ (антропогенӣ) сурат мегирад. Ҳангоми ба ҳадди калон тағйир ёфтани иқлим минтақаҳои иқлимӣ ба самти арзҳои баланд ҷой иваз мекунанд ва инсон фаъолияти худро ба чунин тағйирот мутобиқ менамояд. Ифлосшавии муҳити зист бошад, имрӯз хосияти умумиҷаҳонӣ гирифтааст, зеро барои он сарҳади давлатӣ, динӣ ва миллӣ вуҷуд надорад. Афзоиши ифлосшавии муҳит боиси пайдоиши хавфу хатари раванди муътадили низоми биосфера, аз ҷумла инсоният ме-

гардад. Дар миқёси глобалӣ яке аз соҳаҳои асосии ифлоскунандаи муҳити зист истифодаи комплексии сӯзишворӣ-энергетикӣ буда, ҳоло ба ҳиссаи он қариб 48% партовҳои заҳролуди атмосфера, 36% ифлосшавии захираҳои обӣ ва 30% дигар партовҳои заҳролудкунанда рост меоянд.

Дар замони муосир хатароти экологӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим, ифлосшавии атмосфера, аз меъёр зиёд партофтани аэрозолҳо, хароб гардидани қабати озонӣ, коҳишёбии пиряххо, мушкилоти демографӣ, норасоии оби нӯшокӣ ва ҳоказо хусусияти глобалӣ касб карда, таъсири манфии онҳо дар ҳамаи кишварҳои сайёра ба назар мерасад ва инчунин, тамоми сокинони кураи арзро ба ташвиш овардааст. Ҳарчанд як қатор мамолики рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Тоҷикистон дар ифлос кардани атмосфера ва аз меъёр зиёд партофтани газҳои гармхонаӣ саҳми зиёд надоранд, вале таъсири манфии хатарҳои глобалии экологӣ дар ҳудуди онҳо бармало эҳсос мегардад. Бинобар ин, Тоҷикистон чун кишвари аз ҷиҳати географӣ кӯҳсор, аз нигоҳи ҷойгиршавии захироти глятсиологию гидроэнергетикӣ бой ва аз нуқтаи назари таъсири хатароти экологӣ осебпазир наметавонад аз ин мушкилот дар канор бошад. Зеро марзи Тоҷикистон релефи зинамонанд ва водиҳои тангу чуқурро дарбар гирифта, 93%-и қаламрави онро кӯҳҳо ишғол менамоянд ва 80%-и ҳудудаш дар минтақаҳои осебпазир воқеъ гардидааст.

Агар ба саҳми Тоҷикистон дар ифлоскунии атмосфера ва ихроҷи газҳои гармхонаӣ назар андозем, он гоҳ мебинем, ки аз ин ҷиҳат кишвари мо дар байни мамолики ҷаҳон мақоми 135-умро ишғол менамояд ва ин нисбат ба саҳми аксар давлатҳои олам бағоят кам аст.

Вале, Тоҷикистон аз сабаби дар минтақаи баландкӯҳ ҷойгир будан ба таъсири манфии чунин хатарот бештар дучор мегардад. Масалан, Тоҷикистон аз ҷиҳати осебпазирӣ дар байни кишварҳои ИДМ, соҳили Балтика ва Аврупои Марказию Шарқӣ дар ҷойи аввал меистад (ниг.: Fay and Pater.2008).

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун кишвари дорои сарватҳои зиёди табиӣ дар сар то сари олам мавқеи хосаро ишғол мекунад, ки яке аз ин сарватҳои пурарзиш об ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон аз ҷиҳати мавқеи географӣ дар саргаҳи обҳои Осиёи Марказӣ қарор дошта, нисбат ба ҳамсоягони худ аз ин сарват хеле бой ва доротар аст, зеро ҳар соле аз марзи он ба ҳисоби миёна 80 $км^3$ об ба берун меравад, ки аз он ба кишвар ягон манфиате нест. Ин масъаларо ба инобат гирифта, чун дигар сарватҳои тамомшаванда, обро аз ҳар гуна партовҳои заҳролуд ва сарчашмаҳои ифлоскунандаи дигар ҳифз намудан мумкин аст. Ҳалли масъалаи мазкур ниҳоят муҳим буда, хуб донистани табиат ва сарватҳои табиии кишварро талаб менамояд. Хусусан дар шароите, ки ҷумҳурии мо аксари мол, таҷҳизоти саноатӣ, мошин ва дигар механизмҳоро аз хориҷ меорд ва ҳар як фарди тоҷикистониро зарур аст, аз ин неъмати бебаҳо сарфаю сариштакорона истифода барад. Дар акси ҳол иқтисодиёти меҳанамонро инкишоф дода, масъалаҳои дигари рушди кишварро сари вақт ҳал намудан душвор мегардад.

Оби ҷорие, ки аз системаҳои кӯҳии Помир ва Ҳисору Олой сарчашма мегирад тамоми мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва алалхусус, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон бехарҷу беандеша истифода менамоянд, ки яке аз сабабҳои беҳуда талафёбӣ, паст шудани сифати об ва то ба баҳри Арал нарасидани оби Сирдарё ва гоҳо Амударё мегардад. Хушк шудани баҳри Арал - ин фоҷиаи умумиинсонӣ буда, маҳз аз омилҳои инсонсириштӣ вобастгӣ дорад.

Аз оқибати ин офат на нафақат Ӯзбекистону Қазоқистон зарар мебинанд, балки чангу ғубори намаки он тавассути ҷараёнҳои ҳавоӣ то ба қаторкӯҳҳои ҳудуди Тоҷикистон омада, ба сатҳи болоии пиряххо мешинанд ва боиси аз меъёр зиёд об шудани онҳо мегарданд. Дар натиҷа ҳам масоҳат ва ҳам ғафсии пиряххо коҳиш меёбад ва дар ниҳоят пиряххо об шуда нобуд мегарданд.

Бинобар ин, дар омӯзиши захираҳои обии Тоҷикистон ҳамкории ҷид-

дии ҳамаи мамолики Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои минтақа лозим аст. Барои пайгирии ин масъали мубрам дар ҳар мулоқоту боздидҳои сарони кишварҳои мухталифи олам дар қатори дигар масоили муҳим, захираҳои табиии ин ё он кишвар низ мавриди муҳокимаронихо қарор мегирад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари масоили дохилии кишвар ба мушкилоти минтақавию ҷаҳонӣ диққати махсус дода, онҳоро аз доираҳои мухталифи илмӣ омӯхта, барои ҳаллашон тадбирҳои мушаххас меандешанд. Ду масъалаи ҳалталаб ва мубрами имрӯзаи кураи арз, ки тамоми аҳли сайёраро ба ташвиш овардааст, тағйирёбии глобалии иқлим ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ мебошад.

Ҳар ду масъалаи мазкур ҳамеша дар мадди назари Пешвои миллат қарор дошта, оид ба ҳалли ин масоил муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои бонуфузи дунё иқдомҳои наҷибро ироа доштанд, ки ин ташаббусҳои олимонаи ӯ аз ҷониби тамоми мамолики дигари ҷаҳон дастгирӣ ёфтанд. Чунончӣ, бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ (1-уми октябри с. 1999) дар саросари ҷаҳон соли 2003 - Соли оби тоза эълон карда шуд. Дар асоси ин ташаббус дар пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе аз 29-уми август то 1-уми сентябри соли 2003 Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид.

Ҳар ин замина дар саросари олам тадбирҳои судманди зиёде амалӣ карда шуданд. Сипас, бо ташаббуси дигари Пешвои муаззами тоҷикистониён Маҷмааи Умумии СММ солҳои 2005-2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон дошт.

Санаи 23-юми декабри соли 2003 Маҷмаи Умумии СММ дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2005-2015 - ро Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон кард. Азбаски дар тамоми кураи арзи беш аз 240 дарёи сарҳадгузар мавҷуд асту аз онҳо зиёда аз 170 кишварҳои мухталифи дунё истифода менамоянд, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи мазкурро дарк намуда, 21-уми июни соли 2012 дар шаҳри Рио-де-Жанейро (Бразилия) дар чорабинии якҷояи ЮНЕСКО ва механизми «СММ - об» оид ба масоили самаранок истифодабарии об суханронии пурмуҳтаво намуданд.

Маҳз ҳамин ташббус ва пешниҳодоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гирифта, Маҷмааи Умумии СММ 20-уми декабри 2010 соли 2013-ро Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об эълон кард, ки он аз ҷониби 190 кишвари олам дастгирӣ ва пуштибонӣ ёфт.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми кӯшишу ғайрати хешро баҳри ҳалли на танҳо мушкилоти кишвар, балки проблемаҳои минтақавию ҷаҳонӣ сафарбар намуда, ҳамеша тадбирҳои судманд меандешанд. Иқдоми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 21-уми декабри соли 2016 зимни ҷаласаи пленарии Маҷмааи Умумии СММ бо ҳаммуаллифи 177 кишвари аъзои н созмон таҳти унвони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» қабул гардид, нишонаи бебаҳси ин гуфтаҳост.

Барои чунин пешниҳоди оқилонаю олимона ва барои тамоми кишварҳои сайёра зарурӣ ба унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сарварии онро инсони хирадманду дурандеше, чун Эмомалӣ Раҳмон бар дӯш дорад, аз номи Дабири кулли СММ Пан Ги Мун номаи табрикӣ ирсол гардид ва дар ин нома омадааст: «Бо камоли эҳтиром шарафёбам Шуморо ба муносибати ба иттифоқи оро қабул шудани қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028», ки аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, самимона табрик намоям.

Бовар дорам, ки даҳсолаи нав дар роҳи таҳким ва мусоидат ба татбиқи ҳадафҳои рушди устувори марбут ба захираҳои об саҳми арзишманд хоҳад гузошт. Даҳсолаи мазкур инчунин дар таҳким ва вусъатбахшии дастовардҳои

Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, 2005-2015» мусоидат менамояд».

Ҳамчунин, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси мушоҳидаю омӯзишҳои ҳамаҷонибаи масоили марбут ба иқлим ва захираҳои обии Осиёи Марказӣ 1) таъмини кардани мамолики Осиёи Миёна бо оби тоза тавассути таъсис додани Консортсиуми байналхалқӣ доир ба истифодаи об кӯли Сарез ва 2) Бунёди байналмилалии ҳифзи паряххоро пешниҳод намуданд, ки ташаббусҳои мазкур ба ҳалли мушкилоти минтақавӣ равона шудаанд.

Масъалаи таъсиси Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллати мо буда, 31-уми август – 4-уми сентябри соли 2009 дар Форуми сеюми ҷаҳонӣ оид ба иқлим (ш. Женева) ва 7-8 декабри соли 2009 дар конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи СММ оид ба тағйирёбии иқлим (ш. Копенгаген) пешниҳод гардидааст.

Зеро, Тоҷикистон аз ҷумлаи он кишварҳоест, ки бинобар ифлосшавии атмосфера ва дигаргун гаштани иқлим аз солҳои шастуми асри гузашта ба суръати баланди обшавии пиряхҳо дар ҳудуди худ мувоҷеҳ аст. Албатта ин маънои онро надорад, ки обшавии пиряхҳо танҳо манфиат ё зарари Тоҷикистон аст.

Имрӯз дар ҷаҳон ин раванд суръати бесобиқа дорад ва бетафовутӣ нисбат ба он барои оянда даҳшатбор хоҳад буд. Аз рӯйи ҳисоби мутахассисон агар тамоми пиряхҳои ҷаҳон об шаванд, сатҳи об дар рӯи замин 64 метр баланд мешавад, ки ин фано гаштани ҳаёт дар як қисмати аъзами саёраи мост.

Ҳамин тавр, аз ин навиштаҷоти илман асосноки Сарвари давлат бармеояд, ки масоили асосии экологии ҷаҳони муосир ва таъсири онҳо ба захироти обии кишвар хеле хатари бузург дошта, на танҳо ба захираҳои гидрографӣ, балки ба тамоми сарватҳои табиӣ таъсири манфии худро мерасонанд.

Аз ин рӯ, баҳри баратараф сохтани масъалаҳои ҳалталаби умумибашарӣ чораҳои аввалиндараҷаро андешидан зарур аст, ки яке аз онҳо кам кардани партовҳои саноатӣ (газҳои гармхонаӣ, аэрозолҳо), таъсироти инсонсириштӣ ва истеҳсоли «энергияи сабз» (неруи аз ҷиҳати экологӣ тоза) мебошад. Дар ин радиф, бояд тазаккур дод, ки тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалии молиявӣ Тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» ба қатори шаш мамолики пешсафи сайёра шомил гардида, имрӯз истеҳсоли ин намуди энергия дар меҳани мо 98%-ро ташкил медиҳад.

Ин саҳми Тоҷикистон дар пешгирӣ кардани оқибатҳои харобиовари гармшавии иқлим ва татбиқи чорабиниҳои экологӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзи ба мақоми Сарвари давлат таъин гардидашон, ба таъмини якпорчагии кишвар, бунёдгузорӣ ба ваҳдати комили миллӣ, барқарорсозӣ ва бартарафнамоии харобиҳои баъдазҷангӣ, бунёдкорию созандагӣ ва муаррифии меҳан дар арсаи байналмилалӣ даст зада, муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи судмандро бо тамоми кишварҳои дунё ба роҳ монда, робитаҳои созандаи дӯстонаро бар пояи эҳтироми ҳамдигар ва баробарӣ густариш доданд. Ин иқдомоти наҷиби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ чун кишвари дар аксар масоили байналмилалӣ ташаббускор ва халқи онро мардуми фарҳангию бунёдкор муаррифӣ намуда, аз ҷониби созмонҳои минтақавию байналхалқӣ ва ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ ба хушнудӣ пазируфта шудаанд.

Масалан, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ ба сифати кишвар ва роҳбари ташаббускору пешсафи фаъоли ҳалли масъалаҳои глобалии вобаста ба истифодаи босамари захираҳои об эътироф гардидаанд, ки ин боиси ифтихори ҳар тоҷикистонӣ аст.

Воқеан ҳам, имрӯз кишвари мо таҳти сарварии Пешвои башардӯсту халқпарвари миллат барои дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ амалӣ кардани пешниҳоди Тоҷикистон дар бораи эълон намудани Даҳсолаи ҷадиди байналми-

лалии «Об барои рушди устувор» ҷидду ҷаҳд менамояд.

Дар ин ҷода мусоидат ба татбиқи фарогири Даҳсолаи мазкур, ки бо пешниҳоди Тоҷикистон ва бо иттифоқи оро чанд рӯз қабл аз ҷониби Маҷмааи умумии СММ эълон гардид, яке аз вазифаҳои муҳими давраи наздик ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳар кишвари ҷаҳонро зарур аст, ки барои пешгирии хатароти экологӣ дар миқёси сайёра чора ва тадбирҳои аввалиндараҷаро андешанд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. 28.12.2024. – Душанбе, 2024. – 84 с.

2. Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на параллельном мероприятии «Дорожная карта на 2025 год: Международный год сохранения ледников» // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://khovar.tj/rus/2023/03/vystuplenie-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-emomali-rahmona-na-parallelnom-meropriyatii-dorozhnaya-karta-na-2025-god-mezhdunarodnyj-god-sohraneniya-lednikov/.

3. Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на церемонии закрытия Водной конференции ООН-2023 // [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://www.president.tj/ru/node/30308

**ТДУ 681.327.81:004.056.53**

## РАМЗКУНОНӢ МУҲИМТАРИН ОМИЛ ДАР ТАЪРИХИ ҲИФЗИ ИТТИЛООТ

**Аннотатсия:** Дар мақола усулҳои гуногуни рамзгузорӣ пешниҳод гаштааст, ки тақозои замон мебошанд. Зарурати ҳифзи иттилоот, ки дар замонҳои қадим низ мушоҳида гаштааст, муҳиммияти худро дар замони муосир гум накардааст. Барои ҳифзи иттилоот инсоният дониши замонавии худро истифода бурда, доимо усулҳо ва алгоритмҳои нав ба нави замонавӣ таҳия мекунад. Аз инҷо зарурати масъалаи омӯхтани таърихи инкишоф ва таҳлили рамзшиносӣ дар якҷоягӣ ба миён меояд. Барои ҳифзи иттилооти иқтисодиву ҳарбӣ дар бозори ҷаҳониву ватанӣ таҷҳизотҳои техникӣ ва асбобҳои касбии рамзгузорӣ, ҳифзи рамзии телефонҳо, радиотаҷҳизотҳо пешкаш шудаанд. Воситаи рамзгузорӣ муҳиммтарин омил дар таърихи ҳифзи иттилоот аст.

***Вожаҳои калдиӣ:*** иттилоот, рамзнигорӣ, рамзшиносӣ, рамзкунонӣ, криптография, криптотаҳлил, алгоритм, калид, имзои электронии рақамӣ.

## ШИФРОВАНИЕ — ВАЖНЕЙШИЙ ФАКТОР В ИСТОРИИ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

**Аннотация:** В статье рассматриваются способы шифрования, являющиеся необходимостью современности. Необходимость защиты информации существовала еще в древние времена и ее важность сохраняется и в современном мире. Для защиты информации человечество использует свои знания и постоянно разрабатывает новые современные способы и алгоритмы защиты информации. Для защиты экономической и военной информации на мировом и внутреннем рынках предлагаются технические средства и профессиональные средства шифрования, телефонного шифрования, радиооборудование. Шифрование - важнейший фактор в истории информационной безопасности.

**Ключевые слова**: информация, шифрование, шифроведение, кодирование, криптография, криптоанализ, алгоритм, ключ, цифровая электронная подпись.

## ENCRYPTION IS THE MOST IMPORTANT FACTOR IN THE HISTORY OF INFORMATION SECURITY

**Annotation:** This article discusses the methods of development of encryption methods is a necessity of the time, as we have seen the need to protect information in ancient times and consider its importance necessary in our time. To protect information, humanity uses its modern knowledge and constantly develops new modern methods and algorithms. Hence the need for a joint study of the history of development and analysis of symbolism. To protect economic and military information on the world and domestic markets, technical means and professional encryption tools, telephone encryption, and radio equipment are offered. Encryption is the most important factor in the history of information security.

**Key words**: information, encryption, cryptography, coding, encrypted, cryptanalysis, algorithm, key, digital electronic signature.

### МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:

**Қосимов Абдунабӣ Абдурауфович** – номзади илмҳои техникӣ, дотсент, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, Тел: +(992) 928 43 64 53; E-mail: abdunabi_kbtut@mail.ru

**Нарзуллоев Саидаҳмад Абдусаидович** – номзади илмҳои техникӣ, дотсент, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, Тел: +(992) 900 54 84 84; E-mail: n.said-65@mail.ru

**Холзода Бахтиёр Мулло** –Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тел: +(992) 935 27 21 25; E-mail: bakha1983@mail.ru

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:**

**Косимов Абдунаби Абдурауфович** – кандидат технических наук, доцент, Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, Тел: +(992) 928 43 64 53; E-mail: abdunabi_kbtut@mail.ru

**Нарзуллоев Саидахмад Абдусаидович** – кандидат технических наук, доцент, Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, Тел: +(992) 900 54 84 84; E-mail: n.said-65@mail.ru

**Холзода Бахтиёр Мулло** – Академия МВД Республики Таджикистан, Тел: +(992) 935 27 21 25; E-mail: bakha1983@mail.ru

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:**

**Kosimov Abdunabi Abduraufovich** – candidate of technical sciences, associate professor, Tajik technical university named after academician M.S.Osimi, Тел: +(992) 928 43 64 53; E-mail: abdunabi_kbtut@mail.ru

**Narzulloev Saidahmad Abdusaidovich** – candidate of technical sciences, associate professor, Tajik technical university named after academician M.S.Osimi, Тел: +(992) 900 54 84 84; E-mail: n.said-65@mail.ru

**Kholzoda Bakhtiyor Mullo** – Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Тел: +(992) 935 27 21 25; E-mail: bakha1983@mail.ru

Аз рӯзе, ки инсон пайдо шуд, иттилоот низ пайдо шуд, ки он таърихи ҳазорсолаҳоро доро мебошад. Дар аввал иттилоот махфӣ набуд, вале бо гузашти айём, ки шуури инсон тағйир ёфт ва эҳтиёҷот ба паҳн нашудани баъзе аз иттилооти хосро дарк кард, онгоҳ барои ҳифзи он эҳтиёҷманд гардид. Масъалаи бехатарии иттилоот рӯз аз рӯз афзуда, талабот ба тарзи ҳифзи иттилоот бештар гардид. Дар замони муосир яке аз масъалаҳои рузмарра ин ҳифзи иттилоот мебошад, ки тамоми давлатҳо барои ҳалли он маблағҳо ҷудо намуда, чораҳои гуногун андешида истодаанд.

Аз таҷриба маълум аст, ки на ҳамаи истифодабарандагони компютер чораҳои нигоҳдории маълумотҳояшонро саривақтӣ меандешанд. Аммо баъзеҳо чунин ақида доранд, ки иттилооти дар компютер нигоҳдоштаи онҳо ба дигарон бояд дастрас набошад. Барои чунин ашхос ё гузоштани калидкалима дар нигоҳдорандаҳои иттиллооти онҳо ё рамзонидани иттиллооти онҳо зарур аст.

Рамзнигорӣ (форсӣ: رمزنگاری), криптография (аз юнонӣ: κρυπτός - пӯшида ва γράφω - менависам) – илм дар бораи усулҳои таъминоти махфият (номумкин будани хондани маълумот барои одамони беруна) ва ташхиси зеҳнии маълумот мебошад. Дар аввал криптография усулҳои рамзонидани маълумотро, табдилдиҳии матни кушодаро дар асоси алгоритми махфӣ, ё ки калид дар матни шифронидашуда меомӯхт. Ғайр аз ин криптографияи муосир криптосистемаҳои асимметрӣ, имзои электронии рақамӣ, функсияҳо, идораи калидҳо, гирифтани маълумоти пӯшида, криптографияи квантиро дар бар мегирад. Криптография - яке аз илмҳои қадим мебошад ва он дорои таърихи чандин ҳазорсола аст [1].

Криптография - илм дар бораи таъмини махфияти хабарҳо буда, криптоанализ бошад - ин илмест дар бораи рамзкушоии маълумоти рамзонидашуда мебошад ва маънои онро низ дорад, ки кушодани матн бе донистани калид. Криптография бо ҳамроҳии криптоанализ комплекси илмии криптоантологиро ташкил мекунад. Ҳамзамон, он илм дар бораи ҳифзи ахборот аз он ҳолат мебошад, ки онро бегонагон нахонанд.

Талаботи одамият ба пӯшидани баъзе маълумотҳо аз чашми бегона хело барвақт ба вуҷуд омада буд, аммо аз лаҳзаи пайдоиши алифбои овозӣ инчунин барамздарориҳои дастнависӣ низ пайдо шуданд. Имрӯзҳо аз ҳаргуна усулҳои крифтографӣ барои рамзнокнамоии матнҳои ҳарбӣ, дипломатӣ,

савдоиву молиявӣ ва ғайра истифода бурда мешавад.

Аввалин шуда, ба криптология муҳандиси бузург Леон Баттист Алберти (солҳои 1404 – 1472) асос гузоштааст [2]. Дигар шахсияти машҳур дар таърихи криптология – ин олими голандӣ Огюст Керхрофф (солҳои 1835 – 1903) мебошад. Ӯ «Қоидаи Керхрофф» дошт, ки дар асоси он иқтидори рамз бояд танҳо бо махфӣ будани калид муайян шавад [3]. Яке аз мисолҳои истифодабарии навиштаҷоти махфӣ аз ҷониби таърихшиноси Юнонӣ Геродот чунин тасвир ёфтааст. Ӯ менависад, ки шоҳ Гистай бо домодаш Аристагор пешакӣ маслиҳат намудаанд, ки навиштаҷоти якчанд нуқтадошта маънои “Аристагор бар зидди Форс шӯриш бардоштан”-ро дорад. Вақти равон сохтани ахборот ба Гистай маълум мешавад, ки роҳи равонсозии мактуб аз ҷониби душман ҷиддӣ муҳофизат карда мешавад. Онгоҳ Гистай сари ғуломи бовафотарини худро метарошаду дар он се тукта кашида, каме сабр мекунад, то ки муйҳо каме дароз шаванд. Сипас ғуломро ба назди Аристагор бо хатчае мефиристад, ки дар он гуфта шудааст: «Сари маро тарош» [4].

Дар Россия навиштаҷоти махфӣ дар асри XIII пайдо гаштааст. Дар чунин навиштаҷоти русии онвақта аввал алифбои Юнонӣ ва баътар – лотинӣ истифода бурда мешуд. Аз охирҳои асри XVI сафирҳои рус вазифадор мешаванд, ки рамзҳои дипломатиро «хело пурзур гардонанд». Дар фармони Шоҳ Федор Иванович ба сафир Николай Веркач чунин гуфта шудааст: «Мактубҳо бо алифбои оқилонае навишта шаванд, ки ғайри Ҷаноби Олӣ касе сарфаҳм наравад». Калиди азрамзбарории чунин мактубчаҳо навишта мешуданд, онҳоро мактубрасонон аз ёд карда, сипас навиштаҷоти аслиро нобуд месохтанд. Баъзан суханҳоро бо тартиби баръакс менависанд ё худ ҳарфҳоро то охир наменависанд, ки чунин рамзро «ними калима» мегуфтанд [5].

Акнун якчанд рамзҳои дар даврони қадим истифодашавандаро мебинем. Рамзи Полибий аз ҳама машҳуртарин аст, ки нақшаи он чунин намуд дорад:

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | А | Б | В | Г | Д | Е | А | А | Б | В | Г | Д | Е | Б | Ж | З | И | Й | К | Л | В | М | Н | О | П | Р | С | Г | Т | У | Ф | Х | Ц | Ч | Д | Ш | Ш | Ъ | Ы | Ь | Э | Е | Ю | Я | . | , | - | |

Ҳар як ҳарф бо ҷуфти ҳарф тасвир ёфтааст, ки сатру сутунеро нишон медиҳад, ки дар онҳо ҳарфи мазкур ҷой додаанд. Масалан, тасвири ҳарфҳои ПО мешаванд ВГ, ВВ. Навиштаҷоти рамзи Полибий бошад, чунин мешавад: ДАБВГВВДЕЕВГВВБЕБВАББВЕБ. Ин система қадимтарин бошад ҳам, аммо устувории он ба кушодан хело болотар аст [6].

Рамзи Сезар низ яке аз куҳнатарин рамзҳо мебошад, аммо он як қатор камбудиву норасоиҳо дорад. Месанҷем канӣ, ин усул барои алифбои русӣ чӣ гуна мешавад. Барои ин таблитсаи мувофиқ месозем:

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ю** | **а** | **Б** | **ц** | **д** | **е** | **ф** | **г** | **х** | **й** | **к** | **л** | **м** | **н** | **о** | **п** | **я** | **р** | **с** | **т** | **у** | **ж** | **в** | **ь** | **ы** | **э** | **ш** | **з** | **щ** | **ч** | **ъ** |
| **Ц** | **д** | **Е** | **ф** | **г** | **х** | **й** | **к** | **л** | **м** | **н** | **о** | **п** | **я** | **р** | **с** | **т** | **у** | **ж** | **в** | **ь** | **ы** | **э** | **ш** | **з** | **щ** | **ч** | **ъ** | **ю** | **а** | **б** |

Пас матни «ГАЙ ЮЛИЙ СЕЗАР» баъди тағирдиҳӣ чунин менамояд: «ЖГМ БОММ ЩИЛГУЭ». Яъне барои аз рамзбарории маълумот гузориши баръакс ҳосил мешавад [7].

Рамзи дигар криптосистемаи афинагӣ мебошад, ки зери таснифоти он алгоритми ба рамздарории қариб ҳамаи рамзҳои пешин меафтанд. Криптосистемаи афинагӣ хулосаи системаи Сезар мебошад. Солҳои 30-юми асри XVIII дар Русия системаҳои нави навиштаҷоти махфии аввал алифбоӣ, сипас ғайриалифбоӣ пайдо шуданд. Соли 1735 Вешняков А. чунин системаеро коркард намуд, ки дар он ба ҳар як ифодаи рамзӣ ҳарфи алоҳидаи ин ё он алифбо мувофиқ меомад. Масалан: ҳарфи Д-10, калимаи «Король» – 12, ҳиҷои «ба» –65 ва ғайра.

Ғайр аз ин Вешняков дар системаи мазкур як ҳиллаи дигар дошт, ки он дар набудани ададҳои 3 ва 7 асос дорад. Ҳамин тавр, калимаи «Король»-ро ҳамчун 132, 123, 312 тасвир кардан мумкин

аст. Дар дилхоҳ ҳолат маълум аст, ки гап сари ифодаёбии 12 меравад [8].

Рамзи дигар рамзи Ришелье мебошад. Криптосистемае, ки Ришелье ба даст овардааст, комилан ҳақиқӣ менамояд. Муҳофизии ин алгоритм назар ба дигарон болотар аст. Асосаш «якҷоя кардани матн» аз рӯи қонунҳои муайян мебошад. Матни рамзнокшуда аз аслаш ҳам дарозтар мешавад, ки устувории ин системаро нишон медиҳад. Мақсади ин система чунин аст: панҷарае бо сӯрохиҳо ба ҷойи хатчаҳо ( X ) сохта мешавад.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| X | X | | | | | | X | | X |
| X | X | | | | X | | | X | |
| | | | | | | X | | | |
| X | | X | X | X | | | | | X |
| | | | | | | | X | | X |
| | X | | | X | X | | X | | X |

Баъд дар сӯрохиҳо матн навишта шуда, панҷара бардошта мешавад, ки дар натиҷа фазои боқимонда пур аз «партов» мешавад.

Рамзҳои ҷойивазнамоӣ дар ҳама давру замон ҳамчун криптосистемаҳое истифода мешуданд, ки онҳо аз ҷойивазнамоиҳо истифода мекунанд. Ин усулро низ дар алгоритми хоначаҳо мебинем [9].

Алгоритми рамзи Барон Плейфейр бо чунин тарз асос ёфтааст: аввал чоркунҷаи баробартарафи алифбоӣ сохта мешавад. Барои алифбои русӣ чоркунҷаи 5х6 низ рост мешавад. Калима-калима бе такрори ҳарфҳо дода мешавад [10]. Асосан алгоритмҳо ба он асоснок карда шудаанд, ки ҳам фиристанда ва ҳам қабулкунанда аз як калид истифода мебаранд ва ин калид бояд махфӣ нигоҳ дошта шавад.

Додугирифти иттилоот асосан дар 3 марҳала иҷро мешавад:

– Фиристонанда сараввал ба қабулкунанда калидро медиҳад;

– Фиристонанда калидро истифода бурда, ахборро рамзнок мекунад ва онро ба қабулкунанда мефиристонад.

– Қабулкунанда ахборро ба даст оварда, онро аз рамз мебарорад.

Агар ҳар рӯз барои ҳар як алоқа калиди алоҳида истифода бурда шавад, ин муҳофизии системаро баланд мебардорад.

Криптографияи ҳақиқӣ бояд (strong cryptography) ба Шумо чунин имконияти мустаҳкамиро таъмин намояд, ки Шумо имконияти боvариноки муҳофизат намудан аз рамзкушоиро ҳосил намоед. Дар солҳои пешин криптографияи ҳақиқиро танҳо дар коргузориҳои ҳарбӣ истифода мебурданд. Вале ҳозир ин рамзгузорӣ дар муҳити информатсионӣ ҳамчун асбоби марказӣ барои таъмини махфият истифода бурда мешавад [11].

Инкишофи усулҳои рамзгузорӣ тақозои замон мебошад, ки мо зарурати ҳифзи иттилоотро дар замонҳои қадим мушоҳида намуда, муҳимияти онро дар замони муосир зарур мешуморем.

Барои ҳифзи иттилоот инсоният дониши замонавии худро истифода бурда, доимо усулҳо ва алгоритмҳои нав ба нави замонавӣ таҳия мекунад. Аз инҷо зарурияти масъалаи омӯхтани таърихи инкишоф ва таҳлили рамзшиносӣ дар якҷоягӣ ба миён меояд.

Барои ҳифзи иттилооти иқтисодиву ҳарбӣ дар бозори ҷаҳониву ватанӣ таҷҳизотҳои техникӣ ва асбобҳои касбии рамзгузорӣ, ҳифзи рамзии телефонҳо, радиотаҷҳизотҳо пешкаш шудаанд. Воситаи рамзгузорӣ муҳимтарин омил дар таърихи ҳифзи иттилоот аст.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Рамзнигорӣ // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/ (санаи мурочиат: 28.04.2025).
2. Сочинения итальянских гуманистов эпохи Возрождения (XV в.) / Под ред. Л. М. Брагиной. - М., 1985.
3. Карпов, А.В., Ишмуратов, Р.А. Введение в криптографию: учебное пособие. - Казань: Казанский университет, 2024.
4. Гаспаров, М.Л. Рассказы Геродота о греко-персидских войнах и еще о многом другом. - М. Согласие, 2001.
5. Лихачёв, Д.С. Избранное: Великое наследие. Заметки о русском. - СПб.: Logos, 1998.
6. Бузескул, В.П. Введение в историю Греции: Обзор источников и очерк разработки греческой истории в 19 и в начале 20 в. - СПб., 2005. - С. 234-259.
7. Ященко, В.В. Введение в криптографию. - СПб. Питер, 2001.
8. Левитин, А. Алгоритмы. Введение в разработку и анализ. – М. – СПб - Киев. 2006.
9. Шнайера, Б. Практическая криптография. - М.: Диалектика, 2006.
10. Саломаа, А. Криптография с открытым ключом. - М.: Мир, 1995.

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛАҲО

1. Дар Маҷаллаи илмии «Паёми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд – Маҷалла) натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии профессорону омӯзгорони Академияи ВКД ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешаванд.

2. Муаллифии сохта, бознашри мавод, азхудкунии муаллифӣ (сирқат (асардуздӣ)) ҳамчун рафтори ношоями илмӣ дониста шуда, ҳангоми аз ҷониби муаллиф (-он) роҳ додан ба чунин амал Маҷалла минбаъд ҳамкориро бо чунин шахсон қатъ менамояд.

3. Мақола ба Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар намуди чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад. Дар ҳолати истисноӣ шакли электронии маводде, ки аз хориҷи кишвар ворид гардида, ба талаботи нашр ҷавобгӯ мебошад, қабул карда мешавад.

4. Дар Маҷалла мақолаҳо танҳо вобаста ба риштаи асосии таҳқиқотӣ нашр гашта, дар он мақолаҳо аз рӯйи ихтисосҳое, ки дар банди 1.6. Низомномаи мазкур оварда шудаанд, ҷиҳати нашр қабул карда мешаванд.

5. Мақола бояд дорои аннотатсия, вожаҳои калидӣ ва рӯйхати адабиёт бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бошад.

6. Номи мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бо ҳуруфи сиёҳ ва бо ҳарфҳои калон, бе сархат ва дар мобайни матн ҳуруфчинӣ мешавад.

7. Ба мақола бояд маълумот дар бораи муаллифон ба забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бо ишораи Н.Н.Н.П., ҷойи кор (номи ташкилот), вазифаи ишғолкарда, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ ва суроғаи почта (хизматӣ), ҳамчунин суроғаи электронӣ замима шаванд.

8. Мутобиқи мавзуи мақола муаллиф ТДУ–и онро нишон медиҳад.

9. Шакли электронии мақола дар намуди файли MS Word дар андозаи *. doc бояд мутобиқат кунад.

10. Файл бояд дорои ному насаби муаллиф (–он) бошад, *мисол:* Раҷабзода О.С. doc, Раҷабзода–Собирзода. doc

11. Ба мақола ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд:

– иқтибос аз протоколи ҷаласаи кафедра бо тавсия (дар сурати будани он аз ҷойи кори муаллиф) барои чоп;

– хулосаи экспертӣ дар бораи надоштани маълумоти барои чопи озод манъшуда, бо муҳри нишонии муассиса тасдиқшуда;

– тақриз аз ҷониби мутахассисе, ки дорои дараҷаи илмии доктор ё номзади илм (агар муаллиф (он) номзад, унвонҷӯ, аспирант ё адъюнкт) бошад, имзои муқарриз бояд ки аз ҷониби дастгоҳи кадрии ҷойи кори асосии онҳо (бо муҳри муассиса) тасдиқ шуда бошад;

– маълумотномаи барномаи «Антиплагиат» оид ба ҷой доштани фоизи муайяни матни аслӣ (ҳиссаи матни аслӣ набояд аз 70% кам бошад).

12. Ҳаҷми мақола бояд на кам аз 5 ва на зиёд аз 20 саҳифа (барои докторон ва номзадҳои илм) ва на зиёда аз 12 саҳифа (барои докторантон, унвонҷӯён ва адъюнктон) бошад. Саҳифаҳои маводди ба нашр пешниҳодшаванда рақамгузорӣ карда намешавад.

13. Мақола бояд бо ҳарфҳои муқаррарӣ, дар шакли электронӣ бо гарнитураҳои Times New Roman Tj, Times New Roman бо фосилаи байнисатрии ягона (одинарный) ҳуруфчинӣ шуда бошад. Фосилаи сархат бояд ки якхела ва баробар ба 1,25 см. бошад.

14. Андозаи ҳуруфи асосӣ бояд ба 14 баробар бошад.

15. Рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қавсҳои мураббаъ оварда мешаванд, *масалан:* «Ҳамчунон ки аз ҷониби О.Б. Саидзода ишора гардидааст [2, с. 34–40], чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…».

16. Рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда бояд дар мутобиқат бо стандартҳои давлатии «Иқтибоси библиографӣ» мураттаб гардад.

17. Рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашудае, ки муаллиф ба он такя мекунад бояд на кам аз 10 ва на зиёда аз 20 адад бошад ва дар охири мақола оварда мешавад.

18. Адабиёти истифодашудае, ки муаллиф ба он такя мекунад бояд адабиёти илмӣ бошад ва миқдори зиёди он бояд дар 5 соли охир ба нашр расонида шуда бошад.

19. Истифода намудан ва истинод овардан ба маводди таълимӣ, маълумоти омории куҳна ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз эътибор соқитшуда дар матни мақолаҳо иҷозат дода намешавад.

20. Зиёда аз ду маротиба ба маводди нашрии хеш истинод овардан ва аз сомонаҳои интернетӣ ва дигар махзанҳои интернетии ғайрирасмӣ истифода ва истинод овардан дар мақолаҳо иҷозат дода намешавад.

21. Истифода намудани поварақ (ҳам дар зери ҳар саҳифа ва ҳам дар охири ҳар мақола) иҷозат дода намешавад.

22. Ҳамаи мақолаҳо аз системаи «Антиплагиат» гузаронида мешаванд. Ҳиссаи матни аслӣ набояд аз 70% кам бошад.

23. Барои мазмуни мақолаҳо ва маълумоти саҳеҳ муаллифонашон масъул мебошанд. Ҳангоми пурра ё қисман чоп ё ба ҳар тарз истифода бурдан, истинод ба сарчашма ҳатмист.

24. Мақолаҳо ва маводди чопӣ ба суроғаи 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов, 3, тел: +(992) 935 32 13 70., +(992 37) 226 60 42 ва ё тариқи суроғаҳои интернетии E-mail: 935321370@mail.ru ирсол карда шаванд.

# ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ВКД
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ВЕСНИК АКАДЕМИИ МВД
# РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов, 3,
тел: +(992) 935 32 13 70, +(992 37) 226 60 42
E-mail: 935321370@mail.ru

Ба матбаа 17.03.2026 таҳвил гардид.
Барои чоп 30.03.2026 ба имзо расид.
Коғази офсетӣ. Андозаи 60х84 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 28. Адади нашр 100 нусха.
Супориши №   Нархаш шартномавӣ.

Дар Матбааи РТМТ ва Н–и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, 5.